В октябре 1941 г из Таджикистана в Москву была отправлена 20-ая кавалерийская дивизия, вскоре принявшая участие в боях. Советские войны всех национальностей сражались на подступах к столице с необыкновенным упорством и стойкостью. Тысячи посланцев Таджикистана получили здесь боевое крещение, 20-я горно-кавалерийская дивизия провела ряд успешных боевых операций и освободила от фашистов несколько населенных пунктов. 150 солдат и офицеров дивизии, особо отличившихся в боях под Москвой, были удостоены правительственных наград. В декабре 1941 г Советские войска перешли в наступление и нанесли противнику крупное поражение. Разгром немецко-фашистских войск под Москвой стал главным событием начального периода войны. Летом 1942 гитлеровское командование предприняло наступление на юг с целью отрезать центр страны от Волжского и Уральского тыла, захватить нефтяные районы Кавказа, а затем вновь организовать поход на Москву. Враг сосредоточился на южном участке фронта. Острие удара было направлено на Сталинград. С июля на Волге развернулось грандиозное сражение, продолжавшееся 200 дней. В конце августа Сталинград был объявлен на осадном положении. Фашисты обрушили на него десятки тысяч бомб и снарядов, разрушили промышленные предприятия, школы и жилые дома. Вскоре начались ожесточенные бои в самом городе. Борьба шла за каждую площадь, улицу и дом. Стойкость и мужество проявила горстка советских воинов во главе с сержантом Яковом Павловым, выдержавших почти 2-х месячную осаду в одном из зданий в центре города. В знаменитом теперь доме Павлова сражались представители 8 национальностей, в том числе таджик Ахмад Турдиев. Гитлеровцам так и не удалось выбить наших бойцов из этого укрытия. Под Сталинградом начался боевой путь 61-й кавалерийской дивизии, сформированной в Таджикистане. Бойцы и командиры этой дивизии уничтожили тысячи немецких солдат и офицеров, большое количество военной техники. За боевые заслуги многие из них были награждены орденами и медалями Советского Союза, в их числе П. Абаринов, М. Холматов,Р. Рузиев, А. Каримов, У. Шарипов, Р. Якубов, А. Алиев и ряд других из Гиссарского района . « Мы и дальше будем бить врага беспощадно,до полного его уничтожения», - писали кавалеристы ЦК КП правительству Таджикистана. «Мы верим в победу, мы верим в силу Красной Армии и правоту нашего дела. Не пожалеем сил своих и жизнь в борьбе за нашу Родину!» Впоследствии 61-я дивизия была переформирована в 16-ую гвардейскую кавалерийскую дивизию, продолжавшую успешные боевые операции. Упорной обороной и активными действиями на подступах к Сталинграду и в самом городе враг понес большие потери. 19 ноября 1942 г Красная Армия перешла в наступление. Через несколько дней 330-тысячная группировка немецко-фашистских войск под Сталинградом была окружена. После отказа капитулировать, группировка противника была полностью разгромлена, а ее остатки сдались в плен. Захватив инициативу, Красная Армия развернула мощное наступление от Ленинграда до Владикавказа. В ее частях и подразделениях на различных фронтах сражались посланцы из Таджикистана, в том числе и из Гиссарского района. Гиссарцы участвовали в героической обороне Ленинграда, находились в рядах мужественных защитников Малой Земли, воевали в городах Кавказа. К лету 1943 линия фронта отодвинулась далеко на запад и проходила почти по прямой от Ленинграда до Таганрога. И только в районе Курска и Орла Советские войска продвинулись на 200 км вперед, образовав Курскую дугу. Именно здесь гитлеровское командование решило одновременными ударами с севера и с юга окружить и уничтожить войска Советского Союза, а затем развернуть новое наступление на Москву. Однако советское командование приняло все необходимые меры для успешного отражения вражеских ударов, создав мощные оборонительные сооружения. 5 июня 1943 г началось одно из крупнейших сражений, в котором с обеих сторон участвовало около двух миллионов

человек. Предпринятое немецкое наступление было остановлено. Советские войска нанесли контрудар, заставив противника отступать на исходные позиции. В этом сражении таджики Ходжи Кенджаев, Исмаил Хамзаалиев проявили героизм, за что получили высокое звание Героя Советского Союза. Посланники Таджикистана, в том числе Гиссарцы, тоже проявили мужество и были удостоены Орденами Славы. Эти воины были: Абдулазиз Бобокалонов, Бободжон Гафуров, Рахмон Хамроев и многие другие, которые были награждены "Орденом Славы" третьей степени. Благодаря героизму и стойкости Советских воинов немецкое наступление под Курском провалилось. 12 июля началось мощное наступление Красной Армии, принесшее освобождение многим советским городам и селам. Победа под Курском и выход Красной Армии к Днепру завершили коренной перелом в ходе ВОВ. Немецкое командование рассчитывало остановить дальнейшее наступление войск на заранее подготовленных линиях обороны, особенно на Днепре. Однако советские войска сорвали планы врага и, преодолевая его сопротивление, форсировали Днепр. За участие в этой операции и проявленный героизм 20 посланцев Таджикистана, в том числе Д. Азизов, У. Якибин, А. Гардеев, Х. Касымов и многие другие, были удостоены звания Героя Советского Союза. 20-я горно-кавалерийская дивизия Таджикистана, за успешное форсирование Десны была переименована в 17-ю гвардейскую Краснознаменную Ордена Ленина кавалерийскую дивизию. Длительные и ожесточенные бои на берегах Днепра закончились полной победой Красной Армии. Но в этом сражении погибли много посланцев из Таджикистана, в том числе и гиссарцы Гаюр Салимов, Бобоназар Ниязов, Юсуф Ашуров, Касымбек Олимов, Исматов Холназар. Матерям погибших отправили черные письма.

В октябре 1943 на Волжском фронте повторил бессмертный подвиг Александра Матросова посланник из Таджикистана Туйчи Эргжигитов. В решающую минуту боя он прокрался к врагам и своим телом закрыл амбразуру дзота, который мешал продвижению советских воинов, ему посмертно было присвоено звание Героя Советского Союза.

В 1944 г по плану верховного главнокомандования Красной Армии предстояло окончательно очистить нашу землю от немецко-фашистских захватчиков. Развернулись наступательные действия 10 фронтов общей протяженностью 2.5 тысяч км. На этом этапе войны таджикские воины приняли участие в освобождении Советских республик. 2 кавалерийские дивизии, ушедшие на фронт из Таджикистана, громили врага на Белорусской земле и в Польше. Сержант Файзулло Ахмедов, рядовой командир Кодир Каримов, Абдулхай Арипов, Карим Рашидов. Бури Курбонов, Абдулазиз Бобокалонов и многие другие бесстрашно сражались в боях в польском городе Седлец. За это сержанту Ахмедову было присвоено звание Героя Советского Союза, а других выше названных воинов наградили Орденом Славы. Колхознику Исмату Шарипову за проявленный героизм в освобождении украинского города Ушан присвоено звание Героя Советского Союза. В течение 1944 г Красная Армия нанесла сокрушительные удары по врагу под Ленинградом и Новгородом, на полях Украины и в Крыму, в районе Карелии, в Белоруссии, Молдавии и Прибалтике, на севере, в районе Печенги. Доблесть и геройство при освобождении советских прибалтийских республик от гитлоревцев проявили В. Дмитриев, С. Амиршоев, П. Вернидуб, М. Владимиров, из кишлака Долон гиссаркой долины Чутак Уразов был удостоены высшей награды. Красная армия выполнила главную задачу, изгнала врага с нашей земли. Советские воины освободили также Румынию, Болгарию, значительную часть Польши, Чехословакию и Югославию.

В 1945 г советским войскам предстояло завершить разгром фашистской Германии. В ходе мощного наступления Красная Армия продолжала освобождать от фашистских оккупантов страны восточной и юго-восточной Европы. Во многих воинских частях сражались и таджики. В боях под Варшавой за смелость и решительность при отражении танковой атаки противника, сержант Парманкулов был награжден орденом Славы 1-й степени и стал первым среди таджиков полным кавалером этого ордена. В сражениях на Чехославацкой земле участвовал артиллерийский полк, в котором служил младший лейтенант Эргаш Шарипов. В апреле 1945 г огневой взвод под его командованием уничтожил много вражеских солдат и офицеров, а также подбил несколько танков. В одном из боев, отражая превосходящие силы противника, взвод Шарипова понес большие людские потери. Тогда, встав за орудие, Эргаш уничтожил до 30 немецких солдат и заставил врага отступить. Через несколько дней Шарипов был смертельно ранен, но не захотел покинуть поле боя, пока атака противника была отбита. За проявленное мужество и героизм Э. Шарипову было посмертно присвоено звание Героя Советского Союза. В операциях по преследованию и окончательному разгрому врага на территории Германии умножили свои боевые успехи 16-я и 17-я гвардейская кавалерийская дивизия. Солдаты и офицеры этих дивизий были мужественны и стойки в боях. Они участвовали в боях, на

Сандамирском плацдарме и за взятие Бранденбургских ворот сержант Олимов в составе первого Белорусского фронта воевал за взятие Берлина. Каждая улица , дом, площадь стоили больших усилий и жертв. Фашисты отчаянно сопротивлялись. Участникам Берлинской операции, посланцам из Таджикистана П. Балкину, А. Горелову, Ф. Чепурину за военную доблесть было присвоено звание Героя Советского Союза.

2 мая Берлин пал. 9 мая 1945 г народы Советского Союза праздновали победу над фашистской Германией. Военный разгром фашистской Германии означал конец войны в Европе, но на Дальнем Востоке войнв все еще продолжалась. Советский Союз, верный своим международным обязательствам, 8 августа 1945 г объявил войну Японии. И в этой компании советские воины проявили исключительно высокие морально-боевые качества и массовый героизм. Среди отличившихся были посланцы из Таджикистана: К. Саидов, Ч. Кадыров, П. Отаев и многие другие. В течение короткого времени японские войска в Манчжурии, потерпев сокрушительное поражение, капитулировали. Закончилась 2-я мировая война, 6 лет бушевавшая на планете.

Таджикистан, Гиссар и другие районы в годы ВОВ дал Родине мужественных сыновей, боровшихся за ее свободу и независимость. Свыше 60 тысяч посланцев Таджикистана были награждены орденами и медалями , 54 из них стали героями Советского Союза ,19 кавалерами ордена Славы 3-х степеней. Хлопкоробы Таджикистана смогли дать стране свыше 510 тысяч тонн этого ценного сырья. За 1942-1944г Республика увеличила поставку зерна государству на 1.5 млн пудов. Кроме того колхозники сдали 65 тысяч пудов зерна в фонд Кранной Армии. На протяжении всех военных лет Таджикистан поставлял стране и армии животноводческую продукцию. Колхозы и совхозы республики сдали государству 2.2 млн пудов мяса, из них 316 тыс в фонд Красной Армии. В фонд Красной Армии было сдано свыше 75 млн рублей и 40.7 тысяч пудов зерна. Производства зерна достигло до 700 тысяч тонн.Первый эшелон с подарками из Таджикистана был отправлен к наступлению нового 1942 г, за ним последовали другие эшелоны, всего 151 вагон фруктов, белье, консервы, табак и сладости доставляли бойцам делегации знатных людей Республики и в это огромный вклад внесли также труженики Гиссарского района.1 [11, с.6].

Трудящиеся Республики внесли в фонд постройки танков 84 млн рублей, на строительство авиа эскадрильи « Советский Таджикистан» 35 млн рублей.

Пройдут годы, но героические подвиги доблесных сынов Таджикистана и Гиссара в годы ВОВ навсегда останутся в благородной памяти нашего народа!

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Антоненко Б.А. История Таджикской АССР. Таджикистан в годы ВОВ (июнь 1941-1945 гг.) /Б.А. Антоненко. – Душанбе: Маориф, 1983. - 379 с.
2. Масов Р.М. История таджикского народа. Таджикистан в годы ВОВ (июнь 1941-1945 гг.) /Р.М. Масов. - Душанбе: Империал Групп, 2004. -752 с.
3. Мухторов А. Таърихи Ҳисор /А. Мухторов. -Душанбе: Бухоро, 2015. -446 с.
4. Собирӣ Ш. Таърихи ҷамоати Ҳисор. -Душанбе: Ватанпарвар, 2010.-300с.
5. Собирӣ Ш. Эҳёи маърифат. -Душанбе: Суҳайл, 2004. -406 с.
6. Собирӣ Ш. Саҳифаи ватанпарварӣ //Ҳафтаномаи «Ҳисори шодмон». - 2018, 15 – 22 май. - №23-24 (2840).
7. Собирӣ Ш. Ғалабаи бузург //Ҳафтаномаи «Ҳисори шодмон». - 2015, 19 март. - №21-22(2580).
8. Собирӣ Ш. Самараи 75 соли пуршараф (очерки таърихӣ). -Душанбе: Хайём, 2004.- 304 с.
9. Собирӣ Ш. Раиси аввалин. Очерки таърихӣ. -Душанбе: Эр-Граф, -40 с.
10. Собирӣ Ш. Баракати умр. Очерки таърихӣ. -Душанбе: Графика Сервис, 2007. - 152 с.
11. Азамов С. Ғалаба ба осонӣ ба даст наомадааст / И. Азамов //Ҳафтаномаи «Ҳисори шодмон». - 2015, 9 – 18 март. - №22 (2844).

## ҲИСОР ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (ИЮНИ С 1941- 1945)

Дар мақолаи мазкур бахшида ба 3000 - солагии Ҳисор саҳми зодагони Ҳисор дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар сафарбарнамоии умумӣ ва саҳми меҳнаткашони ин манотиқ дар ақибгоҳ маълумот дода шудааст. Инчунин, муаллиф оиди диловарию мардонагии ҷанговарони шуҷои ҳисорӣ дар муҳорибаҳои Москва, ҷанги шадиди Сталинград, амалиёти камонаки Курск, убури дарёҳои Днепру Одер, мубориза дар назди размгоҳи Сандамиру дарвозаи Брандербург ва аз муҳосира озод намудани шаҳри қаҳрамони Ленинград маълумот додааст. Аз ҷумла, иштироки фаъолонаи фиристодагони Ҳисорро дар қатори дигар ҷанговарони Иттиҳоди Шӯравӣ дар ба даст овардани пойтахти Германияи гитлерӣ хеле ба таври мушаххас инъикос намуда, инчунин оиди кумакҳои меҳнаткашони ҳисорӣ факту рақамҳои ҷолиб овардааст.

**Калидвожаҳо:** фашизм, иттифоқчиён, ғосибон, миёнаравон, таҷовузкор, кумитаи мудофиа, ихтиёриён, митинг.

**ГИССАР В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (ИЮНЬ 1941-1945 ГГ)**

В данной статье автором в честь 3000 - летия Гиссара впервые о подвигах и героизме посланников Гиссара на фронтах Отечественной войнї, при кровавой оборонительной битве за Москву, за Сталинград, на Курской Дуге, при форсировании рек Днепра и Одера на Санд амирском платсдарме и освобождении от захватчиков Бранденбургских ворот, об освобождении от врага Ленинграда собраны очень ценные материалы. Войны - гиссарцы вместе с другими бойцами Советского Союза при взятии столицы гитлеровцев - Берлина мужественно воевали и некоторые из них навечно остались на чужой земле указывает автор в своей статье, также он проводит много примеров помощи гиссарских тружеников фронту.

**Ключевые слова:** фашизм, союзники, захватчики, смертельная опасность, агрессия, комитет обороны, добровольцы, митинг.

**HISSAR IN THE YEARS OF THE GREAT PATRIOTIC WAR**

The author of this article, regarding to the 3000 anniversary of Hissar, for the first time tries to show the part of the Hissar people on the elimination of the Great patriotic war, also the author points to the data and facts about the total mobilization and cooperative labor of the workers of this area to the war, heartbreaking braveness of Hissarian soldiers and fighters in bloodshed defenses of Moscow, the battles of Stalingrad, Kursk arch operation, crossing from the Dnepr and Oder rivers, fighting in the battlefields of Sandamir and Brandenburg gates, and liberation from blockade of Leningrad

Besides the active participation of Hissarian people side by side to other Soviet Union fighters in the occupation of the capital of the Hitler Germany is clearly shown in this article; also it gives very interesting facts about material helps of the Hissarian collective farmers

**Keywords:** fascism, united powers, stallion, inventors, mediators, defense committee, volunteers, mitting.

**Сведения об авторе.** ***Собиров Шодибек*** - Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзаде, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории и межкультурной коммуникации. Адрес: 734019, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, сайт E-mail **Sobirov 47@mail.ru** Телефон: **(99237) 2325005: 919582891 .**

**Information about the authors:** ***Sobirov Shodibek*** - Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of history, the senior lecturer of chair of history and intercultural communications. **Адрес:** 734019, Dushanbe, 17/6 Muhammadiev str., E-mail: **Sobirov47@mail.ru** Pone: **(99237 2325005: 919582891.**

**УДК:94 (100) 05/…: (575.3)**

# РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВОСИТАИ АСОСИИ РУШДУ ТАКОМУЛИ КАСБУ ҲУНАР ДАР ЗАМОНИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

***Самадов С. Б.***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Ҳеҷ як касбу ҳунар дар алоҳидагӣ наметавонист ба таври комил рушд кунад. Аз ин рӯ, дар дунёи қадим ва тӯли асрҳои миёна робитаҳои мустаҳками савдоӣ миёни шаҳру навоҳии мухталифи минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуд буд ва дар навбати худ, он ба Шоҳроҳи бузурги Абрешим пайваст мегардид, ки ба як тиҷорати бузурги байналхалқӣ мубаддал мегашт. Самти асосии ин роҳи ҳаётан муҳимми давр аз ҳудуди ватани таърихии тоҷикон гузашта, ин имкон медод аз пешрафту дастовардҳое, ки ба мардуми манотиқи дигари дунё дар ҳама соҳот муяссар мегардид, гузаштагони мо огаҳӣ ёбанд. Сокинони шаҳрҳои хурду бузурги сарзаминҳои Мовароуннаҳру Хуросон, ки дар сари Шоҳроҳи бузурги Абрешим ҷойгир буданд, бо истифода аз таҷрибаи тамаддунҳои бузурги ҷаҳонӣ бо роҳи такмил ва эҷод намудан санъату ҳунари волову дунёгир меофариданд. Вале, дар натиҷаи ҳодисоти номатлуб махсусан ҳамлаи муғулҳо ба сарзамини Осиёи Марказӣ аксари шаҳрҳои обод ба харобазор табдил ёфта, шумораи зиёди косибону ҳунармандон ба асорат бурда шуданд. Аз ин рӯ, як замон санъату ҳунар дар кишвар рӯ ба таназзул ниҳод.

Имрӯз бо ҳимоя ва дастгирии ҳамаҷонибаи давлату ҳукумати кишвар зери роҳбарии Пешвои миллат мардуми меҳнатдӯст ва бунёдкори тоҷик метавонад аз нав ҳама гуна навъҳои касбу ҳунарҳои мардумиро зинда намуда, бо роҳи созандагию эҷодкорӣ мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ ба даст орад.

Дар асрҳои миёна халқҳои Осиёи Марказӣ ба туфайли Роҳи бузурги Абрешим, аз ҳамаи комёбию дастовардҳои тамаддунҳои пешрафтаи даврони худ огоҳӣ пайдо мекарданд. Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи санъати ҳунармандии Осиёи Марказӣ бо Византия, Эрон, Чин, Ҳиндустон дар ин минтақа касбу пешаҳои гуногун хеле рушд мекарданд. Дар замони ҳукуматҳои Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён, ки ҷараёни

ташаккулёбии халқ ва забони ягонаи адабии тоҷикӣ форсӣ сурат гирифт, ба қавли Масов Р., истилоҳоти марбут ба санъат ва ҳунармандӣ низ маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд меоянд, ки онро дигар халқҳои Осиёи Марказӣ ҳам баъдан қабул карда, то имрӯз мавриди истифода қарор медиҳанд [1, с.5].

Доир ба вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳрҳои Осиёи Марказӣ дар асрҳои IX-XII Масов Р. мегӯяд, ки шаҳрҳо дар ин давра чун марказҳои сиёсӣ нисбат ба ноҳияҳои кишоварзӣ мавқеи ҳукмронро ишғол мекарданд. Онҳо на танҳо марказҳои маъмурӣ, балки иқтисодӣ низ буданд, чунки қисми зиёди заминдорони калон дар шаҳрҳо зиндагӣ карда, бо тиҷорат низ машғул буданд. Афзоиши маснуоти ҳунармандӣ ва тиҷорат боиси дар дасти ашрофони шаҳр ҷамъ шудани сарватҳои зиёд ва пайдо шудани табақаи сершумори ҳунармандон ва табақаи нави иҷтимоӣ - коргарони кироя мегардад. Аз ин рӯ, дар ин давра аҳолии шаҳрҳо хеле афзуда, шумораи одамони ба кори тиҷорат ва ҳунармандӣ машғулбуда боз ҳам меафзояд. Бинобар ин, саҳми косибону ҳунармандон дар истеҳсоли умумии маҳсулот хеле назаррас гардид. Шаҳрҳои асримиёнагӣ аз маҳаллаҳо ва гузарҳо иборат буданд. Дар аксар маврид сокиншавӣ дар гузарҳо аз рӯйи касбу кор сурат мегирифт, ки дар номи онҳо инъикос ёфтааст: заргарон, кулолон, чармгарон ва ғайра [1, с. 6]. Дар шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ имрӯз ҳам гузару маҳаллаҳоеро зиёд вомехӯрем, ки номи аҳли ягон касбу ҳунарро дар худ ҳифз кардаанд. Ҳарчанд дар баъзе аз ин маҳаллаҳо ин замон қариб дигар аз он касбу ҳунар асаре боқӣ намондааст, лекин аз гузаштаи дури он шаҳр хабар медиҳад. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор, Кӯлоб ва дигар ноҳияҳо инро дидан мумкин аст. Хусусан дар шаҳри Кӯлоб мавҷуд будани маҳаллаҳое бо номи Чармгарони боло ва Чармгарони поён аз ба таври васеъ ривоҷ доштани коркарди чарм дар ин шаҳр дар замонҳои пештар хабар медиҳад.

Аммо дар асри XIII дар натиҷаи истилои муғул ҳунармандӣ низ ба монанди тамоми соҳаҳо рӯ ба таназзул ниҳод, ки якчанд сабабҳо дошт.Аввал ин ки, ҳунармандӣ аслан шуғли сокинони шаҳр буд ва дар ин давра шаҳрҳои обод қариб пурра хароб гардиданд. Дигар ин ки, аксари кулли ҳунармандон ё нобуд гардиданд ё ба асорат бурда шуданд. Давлаталӣ Давлатзод таъсири ҳалокатбори истилои муғулро ба раванди тараққиёти ҷаҳони ислом махсус қайд намуда, менигорад, ки тақдири мардуми шаҳрҳои истилошударо таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки баъд аз ишғол намудани ҳар шаҳр муғулҳо аҳолии онро ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекарданд: аввал ҳунармандон, яъне косибон, наҷҷорон, оҳангарон, бофандагон, дӯзандагон, таббохон ва ғайра соҳибони касбу ҳунар, ки ба Муғулистон фиристода мешуданд. Дуюм, рӯҳониёну донишмандон, яъне зиёиён, ки пурра қатл мешуданд. Сеюм, як қисми сарватмандон, ки ба ивази сарваташон ба Муғулистон фиристода мешуданд. Чорум занону духтарони зебо, ки онҳо низ ба Муғулистон фиристода мешуданд. Панҷум, ҷавонон ва мардони боқувват, ки барои ишғол намудани шаҳрҳои нави мусулмонон истифода мешуданд. Боқимонда ҳама пиру барно ҳамчун бори нолозим ба қатл расонида мешуданд.

Ӯ дар мавриди ҳунармандону косибон аз Бухорою Самарқанд ва Марву Урганҷ меорад, ки Чингизхон садҳо нафар аз эшонро ба Муғулистон бурд ва ҳоло ҳам дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, ба навиштаи Жан Пол Ру, халқи мусулмоне ҳаст бо номи дунганҳо, ки ватани аслиашонро Урганҷ меноманд [4, с.300-301].

Аз охири асри XIV сар карда вазъи сиёсӣ дар кишварҳои шарқи мусулмонӣ тадриҷан рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, боиси пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёт гардид. Баъзе амирони темурӣ, аз қабили Шоҳрух Мирзо, Мирзо Улуғбек, Бойсанғур Мирзо, Султон Ҳусайн Бойқаро ва ғайра дар пешрафти илму фарҳанг мусоидат намуданд. Дар китобхонаҳои он замон, ки марказҳои бузурги фарҳангӣ ба шумор мерафтанд, адабиёти илмӣ ва динӣ на танҳо ҷамъоварӣ ва нигаҳдорӣ карда мешуд, балки шумораи зиёди котибон ба китобат кардани асарҳои илмӣ ва саҳҳофон ба ҷилдбандӣ кардани онҳо машғул буданд. Дар кори

муқовабандии китобҳо бошад, дар ин давра асосан аз чарм истифода мебурданд. Дар "Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик" оварда шудааст, ки дар шаҳрҳои Ҳироту Самарқанд китобхонаҳои зиёде бунёд ёфта буданд ва дар онҳо устоҳои моҳиру забардаст машғули кор буданд. Дар ин давра як зумра ҳунармандонро аз Сурия ва Миср ба Самарканд даъват карданд. Ҷилдҳоро бошад, бештар аз пӯсти ҳайвоноти гуногун, аз ҷумла пӯсти ошдодаи гӯсфанд, ки „мешӣ„ меномиданд ва пӯсти буз, ки „сахтиён" мегуфтанд, месохтанд. Инчунин,барои дар рӯйи ҷилдҳо гузоштани нақшҳои барчастаю рушан аз чарми сиёҳранг, аз пӯстҳои аспу хар, ки „сағрӣ„ ё „кемухт„ меномиданд, истифода мебурданд. Аксари ҷилдсозон дар қисмати охири боло ва поини ҷилдҳо аз чарм забончае мегузоштанд, ки онро „лахтак„ мегуфтанд. „Лахтак„ имкон медод, ки шахс китобҳоро аз рафи китобмонӣ ба осонӣ гирад ва ин яке аз тафовутҳои ҷилдсозии саҳҳофони Шарқи исломӣ аз саҳҳофони Ғарб ба шумор мерафт [8, с. 489-490].

Аз оғози асри XVI дар Осиёи Марказӣ ҳокимият ба дасти Шайбониҳо гузашт. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ ин давраи бисёр ҳам тақдирсоз буд. Дар ин аср кишварҳои Аврупо дар соҳаи баҳрнавардӣ пешрафти назаррасе дошт ва робитаҳои тиҷоратии худро бо Ҳиндустону Чин ба воситаи роҳҳои обӣ оғоз намуданд. Аз ин рӯ Мовароуннаҳру Хуросон, ки пас аз забти муғул акнун қомат рост мекард, боз ба мушкилии дигар дучор шуд. Бо сабаби мавҷуд набудани сарҳадҳои баҳрӣ ин сарзамин аз савдои бузурги байналхалқӣ дур монд. Дигар мушкил, ин ба сари ҳокимият омадани Сафавиҳо дар Эрон ва ихтилофи онҳо бо Шайбониён буд. Муносибатҳои душманонаи байни Шайбониён ва Сафавиён баррасӣ намуда, Ҳамза Камол мегӯяд, ки он дар савдои хориҷии миёни ин давлатҳо инъикос ёфт, ки дар охир муносибатҳои савдоӣ ба таври намоён маҳдуд гардиданд. Ва инчунин дар натиҷаи кушодашавии роҳҳои баҳрӣ бо Ҳиндустон роҳҳои ҷаҳонии савдо ба воситаи Мовароуннаҳр иваз гардида, он аз бозидани нақши асосии нуқтаи савдои транзитии байни Шарқу Ғарб маҳрум гашт [**5, с.** 295-296].

Ҳамин тавр, маҷмӯи савдои хориҷии Мовароуннаҳр аз самти ҷануби шарқӣ ва ҷануби ғарбӣ ба таври намоён кам гардид. Ва ин монеаи бузурге шуд барои пешрафти иқтисодиёт ва илму фарҳанг дар ин минтақа, ки аз таъсири ҳодисаи муғул шояд камтар набошад. Вале аз миёнаи асри XVI сар карда, робитаҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ бо давлати Рус наздиктар шудан мегиранд. Оиди мустаҳкам шудани алоқаҳои мунтазами Мовароуннаҳр бо давлати Рус Ҳамза Камол чунин қайд мекунад, ки аз миёнаҳои асри XVI баъди ба Россия ҳамроҳ карда шудани Қазон (1552) ва хонигариҳои Сибир (1582), вақте роҳи савдоии Камск ба самти Сибир ва дашти Қазоқ ташкил карда шуд, сурат гирифтанд. Маркази асосии савдои озод шаҳри Аштархон буд. Аз Аштархон пӯстин аз пӯсти самур ва санҷоб, камонҳои сахт, тирҳо аз чӯби дарахти туси сафед (берёза) ва ғайра дастрас мекарданд [5, с.293-294].

Ҳамин тавр, дар роҳи рушди ҳунарҳои мардумӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ монеаҳои гуногун пеш меомаданд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мардум ҳунару санъати офаридаи худро фаромуш намекард. Дар ҳар гушаву канор, дар ҳар минтақае ёфт мешуданд шахсоне, ки пайи барқарор ва идома додани он кӯшишҳо ба харҷ дода, ҳунари аҷдодиро зинда нигоҳ медоштанд. Илми таърих воситаи муҳимтарини омӯзиши замони зуҳур ва равнақи ҳар як касбу ҳунар дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Имрӯз низ вобаста ба шароити таърихӣзарурат ба эҳёи ҳамаҷонибаи касбу ҳунарҳои мардумӣ пеш омадааст. Зеро касбу ҳунарҳои мардумӣ ифодагари таъриху фарҳанги бою қадимаи халқамон буда, бо як ҷаззобияти хос метавонад диққати сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб созад ва дар роҳи рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат намояду шуғли асосии сокинони деҳот гардад. Ҳамаи инро ҳукумати мамлакат дарк намуда, бо таклифу ҳидоятҳои Сарвари давлат соли 2018 соли "Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 ҳамчун "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардиданд.

## АДАБИЁТ

1. Масов, Р. Санъати мардумии Тоҷикистон / Р.Масов. -Душанбе, 2011. – 318 с.
2. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон / Б.Ғ. Ғафуров. -Душанбе: Ирфон,1998. .-Ҷ.1-2. - 416 с.
3. Ёқубов, Ю. Бостоншиносӣ: сарчашмаи эҳёи ҳунарҳои мардумӣ / Ю. Ёқубов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии “Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”(Бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”). -Душанбе: ДМТ, 2018. - С.38-62.
4. Мусулмонон: таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. –Душанбе: Эр-граф, 2017. – 520 с.
5. Камолов, Х. История вторжения кочевых племён Дашт-и Кипчака в Маверанахр и Хорасан (16 в.) / Х.Камолов. - Душанбе: Дониш, 2012. -408 с.
6. Осимӣ. М.С. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Душанбе: Сарредаксияи илмии энс.сов.тоҷик. -1988. – 592 с.
7. Якубов, Ю. Паргар в 7-8 вв.н.э / Ю. Якубов. - Душанбе: Дониш, 1979. – 220 с.
8. .Энсиклопедияи адабиёт ва санъати точик. -Ҷ. 3. -Душанбе: Ватанпарвар, 2004. -524 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Москва: Советская Энциклопедия, 1969. -Ҷ.2. – 952 с.
10. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. -Душанбе: Эр-граф, 2007. - 480 с.
11. Геродот. История /Перевод и примечания Стратановского Г.А. -Москва: ООО ”Издательство АСТ”, 2006. -414 с.


## РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ ВОСИТАИ АСОСИИ РУШДУ ТАКОМУЛИ КАСБУ ҲУНАР ДАР ЗАМОНИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА


Дар асрҳои миёна халқҳои Осиёи Марказӣ ба туфайли Роҳи бузурги Абрешим, аз ҳамаи комёбию дастовардҳои тамаддунҳои пешрафтаи даврони худ огоҳӣ пайдо мекарданд. Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи санъати ҳунармандии Осиёи Марказӣ бо Византия, Эрон, Чин, Ҳиндустон дар ин минтақа касбу пешаҳои гуногун хеле рушд мекарданд. Дар роҳи рушди ҳунарҳои мардумӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ монеаҳои гуногун пеш меомаданд. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мардум ҳунару санъати офаридаи худро фаромуш намекард. Дар ҳар гушаву канор, дар ҳар минтақае ёфт мешуданд шахсоне, ки пайи барқарор ва идома додани он кӯшишҳо ба харҷ дода, ҳунари аҷдодиро зинда нигоҳ медоштанд. Илми таърих воситаи муҳимтарини омӯзиши замони зуҳур ва равнақи ҳар як касбу ҳунар дар давраҳои гуногуни таърихӣ мебошад. Имрӯз низ вобаста ба шароити таърихӣ зарурат ба эҳёи ҳамаҷонибаи касбу ҳунарҳои мардумӣ пеш омадааст. Зеро касбу ҳунарҳои мардумӣ ифодагари таъриху фарҳанги бою қадимаи халқамон буда, бо як ҷаззобияти хос метавонад диққати сайёҳони дохилӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб созад ва дар роҳи рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат намояду шуғли асосии сокинони деҳот гардад. Ҳамаи инро ҳукумати мамлакат дарк намуда, бо таклифу ҳидоятҳои Сарвари давлат соли 2018 соли “Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардиданд.



**Калидвожаҳо:** Роҳи бузурги Абрешим, дастовардҳои тамаддунҳои пешрафта, санъати ҳунармандии Осиёи Марказӣ, эҳёи ҳамаҷонибаи касбу ҳунарҳои мардумӣ, рушди касбу ҳунар.


## ВЕЛИКИЙ ШЕЛКОВЫЙ ПУТЬ - ОСНОВНОЙ СПОСОБ РАЗВИТИЯ РЕМЕСЕЛ В ДРЕВНИЕ ВРЕМЕНА И СРЕДНИЕ ВЕКА


В средние века народы Центаральной Азии посредством Великого Шелкового пути имели сведения обо всех достижениях передовых цивилизаций своего времени. В результате взаимовлияния ремесленного искусства народов Центаральной Азии с Византией, Ираном, Китаем, Индией в данном регионе получили развитие различные ремесла. На пути развития народных ремесел возникали различные препятствия в определенных исторических периодах. Но, несмотря на это народ не забывал свое искусство и ремесло. Во всех уголках страны, во всех регионах находились люди, которые следовали традициям ремесленничества и не забывали свое искусство.Историческая наука является основным средством изучения периода возрождения и развития искусств и ремесел во всех исторических периодах жизни человечества. Так как народные ремесла являются выразителем богатой древней истории и культуры народа, исвойственной им привлекательности могут привлечь внимание туристов и гостей страны, способствовать развитию сферы туризма и стать основным видом деятельности жителей села. Правительство страны руководствуясь наставлениями Лидера Нации осознала важность развития данного направления и в стране 2018 год был объявлен годом “Развития туризма и народных ремесел” а 2019-2021 годы объявлены “Годами развития села, туризма и народных ремесел”.



**Ключевые слова:** Великий Шелковый путь, достижения передовых цивилизаций**,** ремесленное искусство народов Центарльной Азии, возрождение народных ремесел, развитие ремесел.


## GREAT SILK ROAD - THE MAIN METHOD OF DEVELOPING CRAFTS IN ANCIENT TIMES AND MEDIUM CENTURIES


In the Middle Ages, the peoples of Central Asia through the Great Silk Road had information about all the achievements of the advanced civilizations of their time. As a result of the mutual influence of the handicraft art of the peoples of Central Asia with Byzantium, Iran, China, and India, various crafts were developed in this region. On the way to the development of folk crafts various obstacles arose in certain historical periods. But despite this, the people did not forget their art and craft. In all corners of the country, in all regions there were people who followed the traditions of handicraft and did not forget their art. Historical science is the main means of studying the period of revival and development of arts and crafts in all historical periods of human life. Since folk crafts are the expression of the rich ancient history and culture of the people, their attractive attractiveness can attract the attention of tourists and guests of the country, contribute to the development of the tourism industry and become the main activity of the villagers. The government of the country, guided by the instructions of the Leader of the Nation, realized the importance of developing this area and in the country 2018 was declared the year of “Development of tourism and folk crafts” and 2019-2021 were declared “Years of

rural development, tourism and folk crafts”.

**Key words:** Great Silk Road, achievements of advanced civilizations, handicraft art of the peoples of Central Asia, the revival of folk crafts, the development of crafts.

**Сведения об авторе:** ***Самадов Субхонкул Бобокулович*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры системы государственного управления и общей истории. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3. Телефон: **93-308-83-01**

**Information about the author: Samadov Subhonkul Bobokulovich** - Dangara State University, Assistant of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. Phone: **93-308-83-01**

**УДК:93/94 (575.3)**

## ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХИИ ХАТЛОН ДАР ТАСВИРИ «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»

***Алишери Амирхон***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX тоҷикон давраи парокандагии сиёсӣ ва буҳрони сахти маънавиро пушти сар мекарданд. Зеро ҷангҳои дохилии хонҳои Бухорову Қӯқанд аз як тараф ва истилои сарзамини Осиёи Миёна аз тарафи Россияи подшоҳӣ мушкили халқро дучанд карда, сабабҳои амиқтар гаштани буҳрони сиёсию маънавӣ шуданд. Англисҳо дар он самти дарёи Омӯ ба мустамлика кардани хоки Афғонистон, ки бештари аҳолии онро низ тоҷикон ташкил медоданд, машғул буданд. Ин давраест, ки ҷудоӣ миёни минтақаҳои тоҷикнишин шиддат ёфта, сиёсатҳои истеъмории мустамликадорон бо манфиатҳои мардуми маҳаллӣ дар таноқуз қарор дошт. Аз ин нигоҳ, мо насли ҷавон набояд ҳеҷ намуди истило ва сиёсати мустамликадоронро ҷонибдорӣ карда, дар бораи «аҳамияти прогрессиви»-и он таъкид кунем. Зеро таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки дилхоҳ истеъморгар хоҳ шарқӣ бошад, хоҳ ғарбӣ, ба хоки кишвари савум танҳо бо мақсади ғорат, азхудкунӣ ва кашондани сарвати он лашкар мекашад. Ҳамин тавр, тоҷикон дар шароите ба асри XX ворид шуданд, ки чандпора ва аз доштани давлати миллӣ маҳрум буданд.

Яке аз минтақаҳои муҳимми тоҷикнишин дар давраи зикршуда давлате бо номи Аморати Бухоро буд, ки ҳудудҳои он акнун дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ва бахше аз Туркманистон воқеъ мебошанд. Ин давлат бо вуҷуди қафомондагии иқтисодӣ, вобастагии сиёсӣ ба Россия ва вазъи душвори аҳолии он қисми зиёди тоҷикони Мовароуннаҳрро муттаҳид мекард. Соли 1895 пас аз имзо шудани қарордоди Англия ва Россия барои муайян кардани марзи ду кишвар робитаи тоҷикони ду самти дарё душвортар гашт. Бо вуҷуди ин, забони коргузории Бухоро чун пештара форсии тоҷикӣ буд. Дар кишвари Туркистон, ки сокинони ду вилояти аслии он-Фарғона ва Самарқанд низ тоҷикон буданд, зери таъсири сиёсатҳои истеъморгарони рус нуфузи забони туркии чағатоӣ ё ӯзбекӣ афзоиш меёбад. Дарбори Бухоро пур аз донишмандону олимон буд, гарчанде онҳо наметавонистанд назари худро баён кунанд. Амирони манғит низ ба ашхоси олиму доно ниёз доштанд. Яке аз чунин ашхос Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ ба шумор меравад, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX зиндагӣ кардааст. Дар бораи ин шахсият ҳамзамононаш Садри Зиё ва Садриддин Айнӣ низ маълумот додаанд. Садри Зиё Гулшаниро чунин ёдовар шудааст:

*Яке аз ҳарифони озодагон,*
*Бувад дохили зумраи хоҷагон.*
*Наҷобат бад-ӯ содиқ омад тамом,*
*Варо моми ӯ кард Содиқ ба ном [1, с. 187-188] .*

Гулшанӣ насаби худро ба содоти ҳусайнӣ ва шаҷараашро ба Мирс Сайид Алии Ҳамадонӣ мерасонад ва зимни тасвир кардани мазори ин бузургвор ӯро аз «содоти саҳеҳуннасаб» дониста, ишора мекунад, ки аз ниёгони «ин роқими саводанд» [2, с. 143].

Муҳаммадсодиқхоҷа зодаи шаҳри Бухоро мебошад. Соли дақиқи таваллуди ӯ маълум нест. Метавон тахмин намуд, ки ӯ дар нимаи дувуми асри XIX дар замони ноорому пур аз ҳодисаи истилои Россия ба дунё омадааст. Устод Айнӣ навиштаанд, ки Муҳаммадсодиқхоҷаи Гулшаниро дар манзили Садри Зиё дидаанд. Мувофиқи навиштаи ҳамзамонон Гулшанӣ забони русиро низ медонист. Ба гуфти устод Айнӣ номбурда ба омӯхтани илми ҷуғрофия хеле рағбат доштааст [3, с. 22]. Маълум аст, ки дар ташаккули афкору ҷаҳонбинии зиёиёни охири асри XIX нақши Аҳмад Махдуми Дониш бағоят калон буд.

Гулшанӣ дар замони амир Абдулаҳад (1885-1910) ба дарбор ҷалб мегардад. Вазифаи расмии ӯ надимӣ буд. Аммо дарбори фосиди Бухоро ӯро дар вазифаву шуғлҳои дигар низ истифода мекардааст. Устод Айнӣ навиштааст, ки вайро барои корҳои гуногун ба гӯшаву канори аморат мефиристоданд [3, с. 312-3-314]. Ранҷу ҷафо ва ноадолативу ситами ҳукумати амирӣ ба он овард, ки Гулшанӣ дар авҷи камолоти маънавӣ, ба панҷоҳ нарасида соли 1910 вафот кард. Мероси маънавии Гулшанӣ зиёд нест. Дар китобҳои тазкира дар хусуси ашъори ӯ маълумот дода шудааст. Устод Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», ки солҳо пас аз марги Гулшанӣ таълиф шудааст, номи ӯро дар қатори шоирони соҳибноми тоҷик ҳамроҳ кардааст [4].

Муҳимтарин асари Муҳаммадсодиқи Гулшанӣ китоби таърихивуу ҷуғрофиест, ки бо номи «Таърихи Ҳумоюн» шуҳрат дорад. Муҳаққиқи ин асар, олими тоҷик Ҷӯрабек Назриев менависад, ки ягона нусхаи қаламии китоб ба дасти худи Гулшанӣ китобат шудааст. Ин нусха соли 1959 аз як нафар харидорӣ ва дар ганҷинаи мероси хаттии Академияи Улуми Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад [2, с. 33]. Устод Айнӣ дар асари «Намунаи адабиёти тоҷик» бо афсӯс қайд карда буданд, ки нусхаи ин китоб бар асари воқеаҳои соли 1918 талаф шудааст, «ки дар даст нест» [4, с. 274].

«Таърихи Ҳумоюн» аз нуҳ фасл ё мақола иборат мебошад. Фаслҳо ё мақолаҳои нуҳгонаи асари мазкур ба вилоятҳои давлати Бухоро бахшида шудаанд. Мақолаи аввал дар хусуси шаҳр (иёлат)-и Бухоро, мавқеи ҷуғрофӣ ва ноҳия (тумон)-ҳои он маълумот медиҳад. Мақолаи дувуми асар ба иёлати Миёнкол ва ҳафт қисмати он бахшида шудааст. Мақолаи савум дар бораи иёлати Лаби Об гузориш медиҳад. Мақолаи чоруми асари Гулшанӣ дар хусуси вилояти Қаршӣ ва Хуҳор баҳс кардааст. Мақолаи панҷуми китоб дар боби Шаҳрисабз ва мақолаи шашум ба Ҳисор ихтисос дорад. Мақолаи ҳафтум ба иёлати Хатлон бахшида шудааст. Мақолаи ҳаштум ба Қаротегин ва нуҳум ба Дарвоз таaллуқ дорад. Тавре дида мешавад, муаллиф кӯшиш кардааст, ҷуғрофияи аморати Бухороро тасвир кунад.

Дар китоби «Таърихи Ҳумоюн» ба яке аз муҳимтарин вилоятҳои кунунии Тоҷикистон – Хатлон диққати махсус дода шудааст. Ӯ дар оғози мақола таъкид кардааст, ки ин вилоят дар миёни мардум ба Кӯлоб машҳур аст. Муаллифи китоб, ки бисёр сайру гашт кардааст ва чи тавре ки таъкид кардем, аз илми ҷуғрофия бохабар будааст, ҳудудҳои ин вилояти амoратро низ ба қалам кашидааст. Ӯ менависад, ки Хатлон дар самти шарқии Ҳисор ҷойгир буда, асосан кӯҳистонист [2, с. 141]. Маркази маъмурии вилоятро шаҳри Кӯлоб, бинои онро «қадим» номидааст. Бо Бадахшон ҳаммарз будани Хатлонро низ ишора кардааст.

Дар ибтидои асри XX Хатлон аз шаҳру минтақаҳои Кӯлоб, Балҷувон, Ховалинг, Кангурт ва Қӯрғонтеппа иборат будааст. Ҷойгиршавии Балҷувонро дар қисмати шарқӣ-ҷанубии Кӯлоб донистааст. Обҳои минтақаи Хатлон дар ибтидои асри XX яксон набуда, Кӯлоб сероб, вале Балҷувон камоб дониста мешудааст.

Гулшанӣ машҳуртарин чизеро, ки Хатлонро машҳур кардааст, аспи хутталӣ дониста, таъкид мекунад, ки «ин вилоят маншаи аспҳои тозинажод будааст ва алъон низ аксари аҳолии он галладор аст». Ба андешаи муаллифи китоб, «аспҳои Хатлон дар ин асру замон низ мақбули аном ва марғуби хоссу ом аст» [2, с. 141]. Бештари қаламрави Хатлонро Гулшанӣ кӯҳистонӣ медонад. Муаллифи «Таърихи Ҳумоюн» менависад, ки «зироату

тиҷорату саноати ин вилоят аз тамоми вилоёту амсори кӯҳистон бештару равнақдортар аст». Ба навиштаи муаллиф, дар як сол беш аз даҳ ҳазор ман гандум аз ин вилоят ба вилояти Лаби Об содир мегаштааст. Дар охири асри XIX ва аввали асри XX Дарвоз низ гандуми зарурирo аз Хатлон таҳия мекардааст. Шоликорӣ низ дар Хатлон ривоҷ дошта, аз ин сабаб ҳавои онро гарм меномад. Аз ҳудуди Афғонистон ба Хатлон гӯсфанд оварда мешудааст.

Гулшанӣ аз саноати Хатлон даббоғӣ кардани пӯсти хирсу дигар ҳайвонот ва содир шудани он ба Бухороро қайд кардааст. Тиллошӯӣ дар мавзеи Ёғсуро ҳам дар ривоҷ номидааст. Дар ин китоб омадааст, ки аҳолии Балҷувон «регшӯӣ», яъне коркарди тиллоро пешаи худ меҳисобиданд. «Агар тиллои Вахш набудӣ, аксари фуқарои Балҷувонро фоқа куштӣ» [2, с. 146]. Касбу кори асосии мардуми Кангуртро ҳам тиллошӯӣ гуфтааст.

Бештари сокинони Кӯлобро Гулшанӣ тоҷик ва дар «тирандозиву камонзанӣ» моҳир мешуморад. Тоҷикони Кӯлобро муаллиф зебо ва «ба ҳусну ҷамол машҳур» меномад. Дувумин қавми минтақаи Кӯлоб пас аз тоҷикҳо лақайҳо будаанд. Мардуми Кӯлобро Гулшанӣ дар фазлу адаб низ маъруф ва олимонашро зиёд меномад. Хусусияти дигари аҳолии Кӯлобро «хушмашрабӣ ва аҳли созу тараб» будан донистааст. Асбоби мусиқии маъмули минтақаи Хатлонро рубоб ва созу навои онро бо аҳолии Бадахшон монанд мешуморад. Издивоҷ бо занҳои бадахшонӣ дар байни мардуми Кӯлоб маъмул будааст. Бештари сокинони Балҷувонро Гулшанӣ ӯзбек гуфта, тоҷикони онро фақир донистааст. Бар хилофи аҳолии Кӯлоб илму адабро дар Балҷувон камтар ва аҳолии онро беилм меномад [2, с. 145]. Баръакс, занони балҷувонӣ ва ховалингиро муаллифи китоб «ширинзабон, соҳиби ҳусну ҷамол ва моил ба ғунҷу даллол», яъне карашмаву ноз шумурда, навиштааст, ки сарватмандони Ҳисору Хатлон майли издивоҷ бо занони соҳибҷамоли балҷувониро доштаанд. Саросари аҳолии Ховалингу Кангуртро Гулшанӣ тоҷик гуфтааст.

Дар Хатлон 55 масҷиди панҷвақтаро тазаккур додааст. Аммо, ба назари мо, бояд ин адади масҷидҳои шаҳри Кӯлоб ва атрофи он бошад. Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадониро муаллифи китоб махсусан қайд карда, мавриди зиёрат ва эҳтироми хосси аҳолӣ будани онро низ ёдовар мешавад. Шайху сӯфӣ ва аҳли тариқат дар Хатлон хеле зиёд будааст [2, с. 143-144]. Дар дигар асарҳо низ қайд карда мешавад, ки аҳолии ин минтақа ба дину ойин пойбандӣ доштаанд. Гулшанӣ дар Кӯлоб мадрасаҳоро низ зиёд ва бештари онро чӯбин хондааст. Ҳанӯз дар замони Сомониёну Ғазнавиён мадрасаҳои музофоти Хатлонро Абулфазли Байҳақӣ таъкид карда буд [5, с. 266]. Теъдоди мадрасаҳои Балҷувонро 15 адад номидааст. Ғайр аз маълумоти муфид дар бораи иқлим, зироат, саноат ва аҳолии Хатлонзамин, «Таърихи Ҳумоюн» даҳҳо мавзеъ ва маконҳои вилояти мазкурро овардааст, ки аҳамияти муҳимми илмӣ доранд. Аз ҷумла, номҳои Кийик (ноҳияи Хуросони имрӯза), Даҳана, Сарои Камар, Шохзар (деҳае дар Қӯрғонтеппа), Ҷилликӯл ва ғайра дар ин асар зикр шудаанд, ки ахбори моро дар бораи ҷуғрофияи таърихии минтақаи мазкур ғанӣ мегардонанд.

Хулоса, асари «Таърихи Ҳумоюн» дар замоне навишта шудааст, ки ахбори кофӣ дар бораи ҳузури тоҷикон дар Мовароуннаҳр мавҷуд набуд. Ҳамчунон, ин даврае буд, ки сарнавишти миллати тоҷик дар остонаи набарду мубориза ҳои тӯлонӣ қарор дошт. Маълумоти пешниҳодкардаи Гулшанӣ имкон медиҳад, ки бисёре аз муаммоҳои таърихи гузаштаи минтақаи Хатлон, ки вилояти муҳим, вале камомӯхташудаи Тоҷикистон аст, баррасӣ шаванд. Омӯхтани ин сарчашма аз вазифаҳои илми таърихнигории ватанӣ маҳсуб меёбад.

## АДАБИЁТ


1. Шарифҷон Махдуми Садри Зиё. Тазкори ашъор. –Теҳрон, 1380.
2. Муҳаммадсодиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи Ҳумоюн. Бачопатайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷӯрабек Назриев. –Душанбе, 2006.
3. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. –Душанбе, 1962. -Ҷилди 7.

4. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –Душанбе, 2010.
5. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима ва феҳристҳо С. Муллоҷон. –Душанбе, 2014.

## ҶУҒРОФИЯИ ТАЪРИХИИ ХАТЛОН ДАР ТАСВИРИ «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»

Дар мақола дар хусуси ҷойгоҳи сарчашмаи нодири ибтидои асри XX – «Таърихи Ҳумоюн», ки ба қаламаи Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ таълиф шудааст, маълумот дода мешавад. Ин асар дар бораи яке аз минтақаҳои муҳимми Тоҷикистон – вилояти Хатлон маълумоти нодир медиҳад. Муаллиф шахси донишманду огоҳи замони худ буда, дар замони амир Абдулаҳад ба вазифаи надими даргоҳ таъйин мешавад. Ӯ шахсан ба тамоми мавзеъҳои имрӯзаи вилояти Хатлон сафар карда, аз дидаҳои худ ин асарро ба риштаи таҳрир мекашад. Ин навиштаи худро муаллиф қасд доштааст, ки ба амири Бухоро пешниҳод намояд. Ба ҳамин хотир, вобаста ба тахаллуси амир Абдулаҳад асарро «Таърихи Ҳумоюн» номидааст. «Таърихи Ҳумоюн» аз ҳашт фасл ё мақола иборат мебошад. Ӯ ба тартиб дар хусуси ҳашт музофоти асосии аморати Бухоро – Бухоро, Миёнкол, Лаби Об, Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ҳисор, Хатлон ва Қаротегин маълумот медиҳад. Мақолаи ҳафтуми асар ба тасвири ҷуғрофӣ, таърихӣ ва мардумшиносии Хатлон бахшида шудааст. Муаллиф панҷ ҳукумат ё хонии Хатлон, аз ҷумла, Кӯлоб, Балҷувон, Ховалинг, Кангурт ва Қурғонтеппаро тасвир кардааст. Ахбори пешниҳодкардаи муаллиф дар хусуси вазъи сиёсӣ, миқдори андоз, масҷиду мадрасаҳои Хатлонзамин, урфу одати мардум, таносуби этникии минтақа аҳамияти хеле муҳим дорад. Бештари маълумоти муаллиф бо ахбори сайёҳону донишмандони рус, ки дар ҳамин вақт зистаанд, монандӣ дорад. Дар баъзе мавридҳо ахбори ин олимонро комил месозад. Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ баъзе маълумот дар бораи минтақаи Хатлонро ҳам пешниҳод кардааст, ки дар ягон сарчашмаи дигар дучор намеояд ва аҳамияти асарро бештар мекунад.

**Калидвожаҳо:** Гулшанӣ, «Таърихи Ҳумоюн», тоҷик, Бухоро, Хатлон, Кӯлоб, ҷуғрофия.

## «ИСТОРИЯ ХУМОЮН» КАК ИСТОЧНИК ПО ИЗУЧЕНИЮ ИСТОРИЧЕСКОЙ ГЕОГРАФИИ ХАТЛОНА

Данная статья посвящена раскрытию места и роли уникального произведения начала XX века «Таърих-и Хумоюн» (История Хумоюна), принадлежащей перу Мухаммада Содикходжа Гулшани. Данном произведении приведена ценная информация о Хатлоне, который является одним из самых важных регионов Таджикистана. Автор, будучи знатоком своего времени, во времена правления амира Абдулахада назначается на должность советника. Данное произведение было написано исходя из личных поездок ученого на территории нынешнего Хатлона. Мухаммад Содикходжа Гулшани посвящает свой труд амиру Бухары, поэтому и называет его «Таърихи Хумоюн». Этот труд состоит из восьми глав или статей. Автор в нём по порядку информирует о восьми окрестностях Бухарского эмирата – Бухара, Миёнкол, Лаби об, Карши, Шахрисабз, Гиссар, Хатлон и Каратегин. Седьмая статья посвящена историческому, географическому и демографическому описанию Хатлона. В ней автор описывает пять правлений или ханства Хатлона включая Куляб, Балджуван, Ховалинг, Кангурт и Кургантюбе. Сведения, приведённые автором о политических условиях, о налогообложении, масджидах и медресе, об обычаях, об этническом соотношении Хатлона представляют собой ценный вклад в историю нашего народа. Большинство данных, приведенных автором данного произведения, соответствуют сведениям написанным путешественниками и русскими учеными, проживавшими в это время в данном регионе. В некоторых положениях они даже дополняют их. Уникальность данного труда Мухаммадасодикходжа Гулшани заключается в том, что в нем имеются очень ценные сведения о Хатлоне, которые будучи уникальными, не встречаются ни в одном источнике, что соответственно повышает значимость данного произведения.

**Ключевые слова:** Гулшани, «История Хумоюн», таджики, Бухара, Хатлон, Куляб, география.

## “HUMO HISTORY” AS A SOURCE FOR STUDYING HATLON'S HISTORICAL GEOGRAPHY

This article is devoted to the disclosure of the place and role of the unique work of the beginning of the twentieth century "Ta'rih-i Humoyun" (History of Humoyun), written by Muhammad Sodikhoja Gulshani. This work provides valuable information about Khatlon, which is one of the most important regions of Tajikistan. The author, being a connoisseur of his time, during the reign of Amir Abdulahad, is appointed as an adviser. This work was written on the basis of the personal trips of the scientist in the territory of the current Khatlon. Muhammad Sodikhoja Gulshani dedicates his work to Amir of Bukhara, therefore he calls him “Tarihi Humoyun”. This work consists of eight chapters or articles. The author informs one by one about eight environs of the Bukhara Emirate - Bukhara, Miyenkol, Labi about, Karshi, Shakhrisabz, Gissar, Khatlon and Karategin. The seventh article is devoted to the historical, geographical and demographic description of Khatlon. In it, the author describes the five reigns or khanates of Khatlon, including Kulyab, Baldzhuvan, Khovaling, Kangurt, and Kurgantyube. The information given by the author about political conditions, about taxation, masjids and madrasas, about customs, about the ethnic relationship of Khatlon represent a valuable contribution to the history of our people. Most of the data provided by the author of this work correspond to information written by travelers and Russian scientists who lived in this region at that time. In some positions, they even complement them. The uniqueness of this work of Muhammadasodikhoja Gulshani lies in the fact that it contains very valuable information about Khatlon, which, being unique, is not found in any source, which accordingly increases the significance of this work.

**Keywords:** Gulshani, “Humoyun Story”, Tajiks, Bukhara, Khatlon, Kulyab, geography.

**Сведения об авторе:** ***Алишери Амирхон***–Дангаринский государственный университет**,** ассистент кафедры государственного управления и общей истории. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул.Шарифова, 3.

**Information about the author:** ***Alisher Amirhon*** - Dangara State University, and associate of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova str., 3.

УДК: 94 (316.022)

# К ВОПРОСУ САМООРГАНИЗАЦИИ ТАТАРО-БАШКИРСКОЙ ДИАСПОРЫРЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

*Аюпов Т.М.*
**Алтайский государственный медицинский университет, Россия**

В Таджикистане, по данным официальной статистики, проживают представители 120 национальностей, поэтому республика по-прежнему считается многонациональным государством. Правда, общая численность национальных меньшинств за годы независимости резко сократилось. Следует отметить, что по сравнению с 1989 г., их численность только за первое десятилетие сократилась почти на 700 тыс. человек или в 1,5 раза. Это объясняется более высокими темпами роста таджиков и существенным миграционным оттоком и страны других национальностей.

Согласно данным переписи населения 2010 г., этнический состав Таджикистана по отдельным национальностям выглядит следующим образом: таджики (6373,8 тыс. человек или 84%), узбеки (926,3 тыс. или 12,2%), киргизы (60,7 тыс. – 0,8%), русские (34,8 тыс. – 0,5%), туркмены (15,2 тыс. – 0,2%), татары (6,4 тыс. – 0,08%), казахи (0,5 тыс. – 0,006%), башкиры (0,1 тыс. – 0,001%)[5, с. 7].

Большинство национальных меньшинств в Таджикистане владеют русским языком, который, хотя и не признан вторым государственным, имеет высокий статус, отраженный в Конституции республики, как язык межнационального общения.В связи с этим получать информацию, образование и культурное воспитание представители нацменьшинств, в основном, могут на русском языке.

1. Лаумулин М.Т. Многовекторность внешней политики Казахстана - плюсов больше, чем минусов [электронный ресурс]. centrasia.ru/newsA.php?st=1078126740 (дата обращения 01.12.2018).
2. Назарбаев Н.А. Укреплять международные позиции Казахстана. - //president.kz (дата обращения 01.12.2018)

3. Калишевский М. Казахстан: От «многовекторности» внешней политики к «многополярности» СНГ. Часть I [электронный ресурс]. ferghana.ru /article.php?id=4994 (дата обращения 17.11.2018)
4. Назарбаев Н.А. Эпицентр мира Н.А. Назарбаев. - Астана: Елорда, 2001. -С. 98-99, 284.
5. Князев А.А. Векторы и парадигмы киргизской независимости (очерки постсоветской истории). С. 113.
6. Лаумулин М.Т. Внешнеполитическая стратегия Казахстана в современной геополитической обстановке / М.Т. Лаумулин // Казахстан в глобальных процессах. -№1. - С.88-101.
7. Сатторзода А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии [электронный ресурс]. http://www.easttime.ru. 8.09.2009. (дата обращения 27.11.2018)

## СИЁСАТИ БИСЁРВЕКТОРА ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӣ

Дар мақолаи мазкур қайд шудааст, ки бо дастёбӣ ба истиқлолият давлатҳои Осиёи Марказӣ сиёсати бисёрвектораро пеш гирифтаанд. Сабабҳои асосии ташаккули сиёсати мазкур, нишон дода шудаанд.Бо дарназардошти рӯйдодҳои Шарқи Наздик тавозуни нави қувваҳои мусаллаҳ таҳлил карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки ҳадафи асосии элитаи Осиёи Марказӣ ҳалли масъалаҳои марбут ба амният ва ҳифзи суботи минтақа аст. Ин тақвияти ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказиро тақозо мекунад. Дар назар аст, ки рақобат байни Русия ва Амрико бо роҳи сиёсат дар минтақа афзоиш хоҳад ёфт ва Чин метавонад дар Осиёи Марказӣ тавассути амалҳои фаъол дар иқтисодиёт мақоми худро ба даст орад. Сиёсати бисёрвектора заминаи ташаккули сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказиро фароҳам овард. Давлатҳои минтақа сиёсатҳои фаъолро бо давлатҳои ҷаҳони ислом ва давлатҳои Ғарб ба роҳ мондаанд. Қувваҳои асосии ҷаҳон, аз қабили Русия, ИМА, Иттиҳоди Аврупо ИА ва Чин, ҳадафҳои стратегии худро пайгирӣ намуда, дар Осиёи Марказӣ ба бозингарони асосии соҳаи сиёсӣ табдил ёфтанд. Дар тӯли ин солҳо, Русия кӯшиш кард, ки бо бартарият додан ба густариши ҳамкориҳо дар бахшҳои энергетика ва мудофиа дар минтақа боқӣ монад. Дар Стратегияи амнияти миллӣ то соли 2020 аз ҷумла, оиди чунин равандҳои ноамнӣ, ҳамчун рушди миллатгароӣ, ксенофобия, сепаратизм ва экстремизм, аз ҷумла радикализми динӣ сухан меравад. Аз ин рӯ, таҳкими ҳамкориҳо дар доираи Созмони Аҳдномаи Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва дигар созмонҳо, рушди ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи низомӣ-сиёсӣ муҳим арзёб мегарданд.

**Калидвожаҳо:** бисёрвекторӣ, Осиёи Марказӣ, минтақа, захираҳо, амният, таҳдидҳо, ислом, радикализатсия, манфиатҳо, иқтидор, субот.

## “МНОГОВЕКТОРНОСТЬ” ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ГОСУДАРСТВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье отмечается, что с обретением независимости государства Центральной Азии проводят многовекторную политику, которая поддерживала суверенитет стран и способствовала сохранению баланса сил в регионе. Выделены основные причины, приведшие к формированию многовекторной политики. Анализируется новая расстановка сил с учетом событий на Ближнем Востоке. Подчеркивается, что главной целью элит Центральной Азии является решение проблем, связанных с безопасностью и сохранением стабильности в регионе. Для этого необходима консолидация всех стран Центральной Азии. Предполагается, что усилится конкуренция между Россией и США в регионе политическими средствами, а Китай сумеет занять новые позиции в Центральной Азии посредством активных действий в экономике. Многовекторная политика стала концептуальным фундаментом в формировании внешнеполитической доктрины государств Центральной Азии (ЦА) после обретения ими независимости. Страны региона сочетали активную политику с государствами как мусульманского мира, так и со странами Запада. Крупные державы мира, такие как Россия, США, ЕС, Китай, преследуя свои стратегические цели, стали основными игроками на политическом поле ЦА. За эти годы РФ стремилась занять более прочные позиции в регионе, делая акцент на усилении кооперации в энергетической, а также в оборонной сферах. В стратегии национальной безопасности до 2020 г. говорится, в частности, о таких дестабилизирующих процессах, как развитие националистических настроений, ксенофобии, сепаратизма и насильственного экстремизма, в том числе под лозунгами религиозного радикализма. Отсюда – необходимость укрепления ОДКБ, ШОС и других организаций, развитие двустороннего сотрудничества в военно-политической сфере.

**Ключевые слова:** многовекторность, Центральная Азия, регион, ресурсы, безопасность, угрозы, ислам, радикализм, интересы, потенциал, стабильность.

## “MULTI-VECTOR” IN THE FOREIGN POLICY OF THE STATES OF CENTRAL ASIA

The article notes that with the attainment of independence, the states of Central Asia pursue a multi-vector policy that supported the sovereignty of countries and contributed to maintaining the balance of power in the region. The main reasons that led to the formation of a multi-vector policy are highlighted. Analyzed the new balance of forces, taking into account the events in the Middle East. It is emphasized that the main goal of the elites of Central Asia is to solve problems related to security and preservation of stability in the region. This requires the consolidation of all the countries of Central Asia. It is assumed that competition between Russia and the United States will increase in the region by political means, and China will be able to take new positions in Central Asia through active actions in the economy. The multi-vector policy became a conceptual foundation in the formation of the foreign policy doctrine of the Central Asian states (Central Asia) after they gained independence. The countries of the region combined active politics with the states of both the Muslim world and the countries of the West. The major powers of the world, such as Russia, the USA, the EU, and China, pursuing their strategic goals, have become major players in the political field of Central Asia. Over the years, Russia has sought to take a stronger position in the region, with an emphasis on enhancing cooperation in the energy and defense sectors.The national security strategy until 2020 speaks in particular of such destabilizing processes as the development of nationalist sentiments, xenophobia, separatism and violent extremism, including under the slogans of religious radicalism. Hence the need to strengthen the CSTO, the SCO and other organizations, the development of bilateral cooperation in the military-political sphere.

**Key words:** multi-vector, Central Asia, region, resources, security, threats, Islam, radicalism, interests, potential, stability.

**Сведения об авторе:** ***Коваленко Глеб Васильевич*** **-** Филиал МГУ имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, доцент кафедры социально-гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар, 35/1. Телефон: **(+992) 37 221 99 37**

**Information about the author:** ***Kovalenko Gleb*** **-** department of the branch of M.V. Lomonosov MSU in Dushanbe city, assistant Professor of social and humanitarian disciplines. **Adress:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bokhtar str. 35/1,. Phone: **(+992) 37 221 99 37**

**УДК : 343.351/352(575.3)**

# МАСОИЛИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Салимов Ф.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муқовимат бо коррупсия ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо дар ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Кишваре нест, ки бо ин мушкилот рӯ ба рӯ нашуда бошад ва алайҳи он мубориза сартосарӣ набарад. 30 августи соли 2013 Фармони Президенти ҶТ таҳти №1504 Дар бораи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020» ироа гардид [13]. Дар худи Стратегия тамом ҷузъиёти коррупсия ва ҷиноятҳои коррупсионӣ ва мубориза бо он таҷассум гардидаанд. Тоҷикистон ҳамраъйии худро ба талошҳои байналхалқӣ дар ҷодаи мубориза бо ин масъалаи мураккаб ва мубрам тасдиқ намуд. Бояд қайд намуд, ки дар фармон ба Ҳукумати ҶТ вазифа гузошта шуда буд, ки чораҳои заруриро барои татбиқи ин стратегия пеш гирифта, дар фаъолияти минбаъдаи хеш қарорҳои худро мутобиқ ба он амалӣ намоянд. Мутобиқи он барномаи чорабиниҳои стратегияи мазкур тарҳрезӣ гардида, механизми ҳамасола пешниҳод намудани ҳисобот ба Шӯрои миллӣ оид ба муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар кишвар ба таври доимӣ тадқиқотҳои мухталиф доир ба ин масъала гузаронида мешаванд. Аз он ҷумла, ин тадқиқот ба пояи назарсанҷиҳои сотсиологӣ такя мекунанд, ки яке аз онҳо назарсанҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ дар соли 2015 буд*. Албатта, то кадом андоза ба инобат гирифта шудани натиҷаҳои ин тадқиқотҳо ва назарсанҷиҳо дар тарҳ ва ё таснифи сиёсати зиддикоррупсионӣ номаълум аст.

Чи тавре намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ қайд менамояд: «Шароит ва заминаҳои иқтисодии пайдоиш ва ривоҷи коррупсия дар ин ё он кишвар гуногунанд, вале ба таври куллӣ омилҳои зерин ба ривоҷ ёфтани ин падидаи манфӣ мусоидат менамоянд:

-даҳолати аз ҳад зиёд ва баъзан беасос ба фаъолиятҳои иқтисодӣ;

-сиёсати ғайрисамараноки андозситонӣ ва гумрукӣ;

-паст будани сатҳи ҳаёти хизматчиёни давлатӣ нисбат ба кормандони бахши хусусӣ ва арзиши ҳадди ақали рӯзгузаронӣ;

-мавҷудияти имконоти нобаробар миёни субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ;

-сатҳи камбизоатӣ;

-маҳдуд кардани рақобати бозорӣ ва мавҷудияти монополия дар иқтисод;

-набудани шаффофият дар фаъолияти молиявии давлат ва ғайра» [11].

Баҳри бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва муборизаи густурда бо коррупсия дар ҷумҳурӣ як силсила чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ амалӣ шудаанд.

Рӯзмарра ва мубрам будани масъалаи баррасишавандаро ба инобат гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муковимат ба коррупсия гардид ва дар сатҳи миллию байналмилалӣ чораҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқиро андешид. Дар сатҳи байналмилалӣ яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ва муҳимми ҳуқуқӣ, ин аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2006 ба тасвиб расонидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия [6] ба шумор меравад. Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ, маҷмӯи санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул ёфт. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардида, баъдан 25

июли соли 2005 қонуни зикргардида бо назардошти ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расид. Инчунин, бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-январи соли 2007, таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар баробари чораҳо ва назарсанҷиҳои сотсиологии дар боло зикршуда дар дохили кишвар тадқиқотҳои созмонҳои мухталифи байналхалқӣ ва минтақавӣ низ гузаронида мешаванд, ки мутобиқи онҳо вазъи ин масъала дар кишвари мо чунин арзёбӣ мегардад [8]:

1. Transparency International: The Corruption Perceptions Index 2017 – ҷойи 161-ум бо 21 хол (аз кишварҳои минтақа Ӯзбекистон дар ҷойи 157 ва танҳо Туркманистон дар ҷойи 167 бо 19 хол)[12];

2. Sustainable Development Solutions Network: World Happiness Report 2018 - ҷойи 80-ум бо 5,352 хол (аз 156 кишвар).

3. The Social Progress Index 2017 – ҷойи 92 (аз 128 кишвар), 58,87 хол. Аз кишварҳои минтақа пас аз мо танҳо Афғонистон – 127 ҷой;

4. World Development Indicators: Foreign Direct Investment 2014 – 150 ҷой аз 196 кишвар бо ҳаҷми умумии Сармояи мустақими хориҷии 107 812 500 доллари ИМА.

5. World Development Indicators: Gross National Income per Capita 2017 – 183 ҷой аз 216.

6. World Development Indicators: Gross Domestic Product 2017 – 140 ҷой (9662 $) аз 217 кишвар;

7. United Nations Development Programme: Human Development Index 2016 – 129 ҷой (0,624 хол) аз 188 кишвар.

8. World Economic Forum: The Global Competitiveness Report 2017–2018[4] – 79 ҷой аз 137 кишвар (4,1 хол).

Инчунин, Индекси демократия – 161 ҷой (аз 167 кишвар)[10], Рейтинги озодии сухан 149 ҷой ( аз 180 кишвар), Индекси рушди инсон – 129 ҷой (2016, аз 188 кишвар). Ҳамаи ин нишондодҳо таҷассумгари нисбии вазъи ин проблема дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд.

Аз рӯйи ин маълумотҳо бармеояд, ки дар Тоҷикистон коррупсия қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ворид шудааст.

Аз байн бурдани коррупсия дар ҷомеа кори осон нест. Дар баробари ин бояд тазаккур дод, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар танҳоӣ аз ӯҳдаи ҳалли ин масъала баромада наметавонанд ва пеши роҳи ин падидаи номатлуби оқибатҳои ногувор доштаро фақат дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ коҳиш додан мумкин аст. Зеро, коррупсия падидаи ҷамъиятиест, ки ҳамроҳ бо ҷомеа вуҷуд дорад, вале «маркази ягонаи идоракунӣ ва тарҳрезии худро надорад», то аз он Марказ талаб намоем, ки пеши роҳи ин падидаро гирад!

То имрӯз ягон давлати дунё натавонистааст коррупсияро комилан ва пурра аз байн барад. Вале давлатҳое, ба монанди Сингапур, Гонконг, Индонезия, Малайзия, Шветсия, Олмон сатҳи онро то ҳадди имкон коҳиш додаанд.

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон хуб дарк кардаанд, ки коррупсия, пеш аз ҳама, эътибори давлату ҳокимиятро дар назди ҷомеа коҳиш дода, боиси зарари зиёди иқтисодӣ ва пастшавии нуфузи давлат дар арсаи байналмилалӣ мегардад ва бо ҳамин роҳ ба амнияти давлату суботи ҷамъияти таҳдиди ҷиддиро ба миён меоварад.

Сиёсати давлатӣ оид ба мубориза бо коррупсия, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки чораҳои зиддикоррупсионӣ дар шакли механизми махсус таҳиягардидаи маҳдудиятҳо ба фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти давлатӣ ҳамгироӣ карда шуда, аз тарафи онҳо мунтазам анҷом дода мешавад. Дастгирии ҷамъиятӣ яке аз унсурҳои асосии мубориза бо коррупсия мебошад.

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳимми фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад» [9].

Дар ин росто, натиҷагирии тадқиқоти миллии сотсиологии Маркази тадқиқоти стратегӣ дар мавзӯи «Мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон» барои муайян намудани самтҳои мубориза бо ин масъала хеле муҳим ва манфиатбахш мебошад.

Дар тадқиқот кӯшиши таъмини фарогирии ҳамаи шохаҳои идоракунии давлатӣ; таҳлили таҷрибаи бархӯрд ва муқовимати аҳолӣ бар зидди коррупсия; баҳогузории

тахдиду хатархои коррупсионӣ амалӣ шудааст [7].

Бояд қайд намоем, ки дар назарсанҷии шаҳрвандон аз ҳама манотиқи кишвар, касбу кори гуногун (шаҳрвандони қаторӣ, соҳибкорон, хизматчиёни давлатӣ) ширкат намуданд.

Назарсанҷӣ муайян намуд, ки барои аҳолӣ масоили муҳимтар аз коррупсия низ ҳастанд, аз он ҷумла, афзоиши нарху наво, бекорӣ, камбизоатӣ ва ғ. Тамаъкорӣ ва порагирии мансабдоронро танҳо 15% мусоҳибон ҳамчун масъалаи муҳим қайд намуданд.

Лекин ба савол оиди сатҳи коррупсия 39% мусоҳибон онро баланд арзёбӣ намуданд (байни соҳибкорон 44,3% коррупсияро баланд донистанд).

Доир ба тағйирёбии сатҳи коррупсия дар ҷомеа дидан мумкин аст, ки 36,7% аҳолӣ, 32,9% соҳибкорон бар ин андешаанд, ки коррупсия дар ҷомеа тамоюли баландшавӣ дорад, ҳол он ки аксарияти кормандони мақомоти давлатӣ (36,7%) қайд намудаанд, ки коррупсия дар ҷумҳурӣ тамоюлоти пастшавӣ дорад [7].

Меоем ба масъалаи сабабҳои ба ришвадиҳӣ даст задани шаҳрвандон. Онҳо, асосан, сабабҳои зеринро пеш меоранд: хоҳиши зудтар ҳал намудани проблема; сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ; аз ноилоҷӣ; сатҳи пасти зиндагонӣ ва тамаъкории мансабдорон.

Бешубҳа, мубориза алайҳи коррупсия як муборизаи тӯлонӣ ва маҷмӯӣ буда, самаранок гузаронидани он ба амалӣ сохтани як қатор чорабиниҳо вобаста аст. Барои ин, қабл аз ҳама, таҳияи стратегияи зиддикоррупсионӣ зарур аст. Маркази тадқиқоти стратегӣ алгоритми зерини таҳияи стратегияи зиддикоррупсиониро пешниҳод мекунад:

«Зинаи аввали он ин таҳлил ва баҳогузории сатҳи коррупсия дар кишвар аст, яъне бояд муайян намуд, ки кадом шаклҳои коррупсия бештар паҳн гардидаанд, сабабҳои асосии он дар чист, кадом соҳаҳо ва идороти давлатӣ бештар ба он гирифтор шудаанд ва ғ айра.

Марҳилаи баъдӣ – таҳияи стратегияи зиддикоррупсионӣ буда, дар он, аз ҷумла воситаву роҳҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия мушаххас карда мешаванд.

Марҳалаи савум, ин татбиқи стратегия маҳсуб мегардад» [7].

Аз рӯйи ин назарсанҷӣ панҷ тадбири асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия, ки аз тарафи аксарияти кормандони мақомоти давлатии идоракунӣ ҷонибдорӣ шуданд, инҳоянд:

- тақвияти низоми арзёбии фаъолияти мансабдорон, аз кор озод намудани мансабдорони порахӯр;
- такмили низоми мониторинги иҷрои қонунҳои амалкунанда;
- пурзӯр намудани масъулияти ҷиноӣ барои порагирӣ;
- ҷоннок намудани назорату баҳогузориҳо ба кору фаъолияти мансабдорон;
- қабул кардани қонунҳое, ки таъқиб ва ҷазои порахӯронро таъмин менамоянд.

Ҷиноятҳои пурҳангомаи ду соли гузашта, аз он ҷумла боздошт гардидани хизматчиёни давлатӣ, махсусан мансабдорони мақомотҳои зиддикоррупсионӣ [1] боиси он гардиданд, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бояд гуфт, ки дар роҳи амалӣ сохтани ин тадбирҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ чораҳои мушаххас андешида шуда истодаанд. Ин ҷо метавон дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудан ва аз озодӣ маҳрум намудани [2] ашхоси содирнамудаи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ғайраҳо [5] ёдовар шуд.

Пеш аз ҳама, бояд аҳдофи стратегияи муқовимат ба коррупсия мушаххас бошанд. Ҳадафи асосии муқовимат ба коррупсия бояд пеш аз ҳама, то ҳадди имкон поён бурдани он бо мақсади таъмини рушди иқтисод, ташаккули арзишҳои демократӣ ва боло бурдани некуаҳволии мардум бошад.

Маълум аст, ки чораҳои яккарата ва ё танҳо бо роҳи шадид намудани ҷазо муқовимат намудан ба ин «вабо» ғайриимкон аст. Барои расидан ба ҳадафи номбаршуда бояд вазифаҳои зерин анҷом дода шаванд:

- давом додани таҷрибаи гузаронидани назарсанҷиҳои афкори ҷомеа бо мақсади муайян намудани сатҳ ва дараҷаи коррупсия дар ҷомеа, соҳаҳои бештар ба корупсия гирифторшуда ва дар асоси он мукаммал намудани сиёсати зиддикоррупсионӣ;
- таъмин намудани рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа;
- фаъолияти системанок дар ҷодаи маълумотнок намудани шаҳрвандон оид ба коррупсия, унсурҳои он, тарзи муқовимат ба он ва талаботҳои қонунгузорӣ доир ба коррупсия;
- ба тариқи доимӣ гузаронидани мониторинги саводнокии шаҳрвандон доир ба чорабиниҳо, асноди ҳуқуқии соҳаи муқовимат ба коррупсия;
- ташкил ва ба роҳ мондани идораи самаранок дар мақомотҳои давлатӣ ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ;

- тезонидани амалигардии лоиҳаи ҳукумати электронӣ бо мақсади нест кардани заминаҳои объективӣ ва субъективии коррупсия;

- ҷалби мутахассисон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандони одӣ ба коркард ва такмил додани меъёрҳо ва асноди ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия;

- ба назорати татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсияи ҶТ барои солҳои 2013-2020 ҷалб намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (аз он ҷумла созмонҳои ғайридавлатӣ);

- гузаронидани маъракаҳои махсус бо мақсади боло бурдани боварии мардум ба мақомотҳои давлатӣ;

- ҷоннок намудани фаъолияти Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия, пеш аз ҳама, бо роҳи ҷалби намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, мутахассисони соҳа ба аъзогии Шӯро ва додани хислати мақомоти доимӣ ба он;

- мушаххас намудани чунин мафҳумҳо, аз қабили «коррупсия», «амали коррупсионӣ», тухмат ва ғ.

Принсипи асосӣ – фаъолияти якҷояи давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳибкорон ва дар маҷмӯъ сектори хусусӣ бояд бошад.

Танҳо поин бурдани сатҳи коррупсия дар давлат метавонад заминаи рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъмини суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

## АДАБИЁТ


1. Бывшего замглавы антикоррупционного агентства взяли на границе с Кыргызстаном [Электронный ресурс]. URL:https://news.tj/news/tajikistan/laworder/20170425/bivshego-zamglavi-antikorruptsionnogo-agentstva-vzyali-na-granitse-s-kirgizstanom;
2. В Таджикистане всех посадят, а как борются с коррупцией в других странах [Манбаи электронӣ]. URL: https://tj.sputniknews.ru/analytics/20180803/1026362659/korrupciya-borba-nakazanie-tyurma-rasstrel-tajikistan.html (Санаи муроҷиат: 12.01.2019)
3. В Таджикистане у следователя нашли бункер с золотом и автомобилями [Электронный ресурс]. URL:https://eadaily.com/ru/news/2017/05/19/v-tadzhikistane-u-sledovatelya-nashli-bunker-s-zolotom-i-avtomobilyami
4. Индекс глобальной конкурентоспособности. Гуманитарная энциклопедия Центр гуманитарных технологий, 2006–2018 (последняя редакция: 25.08.2018) [Электронный ресурс]. URL: https://gtmarket.ru/ratings/global-competitiveness-index/info
5. Кодекси ахлоқи хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 3 декабри соли 2015, №591. Бо тағйиру иловаҳо аз 11.08.2017, №916) [Манбаи электронӣ] / URL:http://www.mintrans.tj/sites/default/files/2018/march/kodeks_etiki_gosudarstvennogo_sluzhashchego_respubliki_tadzhikistan.pdf (Санаи истифодабарӣ: 12.01.2019)
6. Конвенция Организации Объединенных Наций против коррупции. Принята резолюцией 58/4 Генеральной Ассамблеи от 31 октября 2003 года [Электронный ресурс]. URL:http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/corruption.shtml (санаи истифодабарӣ: 15.10.2017)
7. Ниг.: Тоҷикистон: муқовимат бо коррупсия. (Ҳисоботи тадқиқоти сотсиологии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба коррупсия дар соли 2015) [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.ef-ca.tj/materials/files/korrupsiya_tj.pdf (санаи истифодабарӣ: 5.01.2019)
8. Ҳама нишондодҳои рейтинг аз сомонаи Маркази технологияҳои гуманитарӣ гирифта шудаанд: Центр гуманитарных технологий, 2006–2018 [Электронный ресурс] // (последняя редакция: 25.08.2018). URL: https://gtmarket.ru/ratings/world-happiness-report/info
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL://http://president.tj/node/19088 (Санаи истифодабарӣ: 5.01.2019)
10. Позиции Таджикистана в мировых рейтингах [Электронный ресурс]. URL:https://tj.sputniknews.ru/infographics/20170517/1022331043/tadzhikistan-reyting-spisok-top.html (дата обращения 09.12.2018)
11. Саидзода А. Мубориза бар зидди коррупсия кори дастаҷамъист [Манбаи электронӣ]. URL:http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=826 (Санаи истифодабарӣ: 15.10.2017).
12. Таджикистан занял 161 место в Индексе восприятия коррупции [электронный ресурс]. URL:https://www.news.tj/ru/news/tajikistan/society/20180222/tadzhikistan-zanyal-161-mesto-v-indekse-vospriyatiya-korruptsii (дата обращения: 01.03.2018)
13. Указ Президента Республики Таджикистан от 30 августа 2013 года №1504 «О Стратегии по противодействию коррупции в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы» [манбаи электронӣ] URL: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=62825 (санаи истифодабарӣ: 12.10.2017)


## МАСОИЛИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Базаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳо ва меъёрҳои ташкили механизмҳои муқовимат ба коррупсия баррасӣ гардидаанд. Қайд мегардад, ки коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ мушкилоти танҳо Тоҷикистон набуда, дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон ба чашм мерасад. Дар ягон давлат ин мушкилӣ ҳал нашудааст. Сухан танҳо доир ба поин фаровардани сатҳи он меравад халос. Омилҳои мусоидаткунанда ба коррупсия, мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтингҳои байналхалқӣ, чораҳои пешгирифтаи давлат дар соҳаи муқовимат ба коррупсия номбар карда мешаванд. Дар асоси натиҷагириҳои назарсанҷии аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратеги дар соли 2015 гузаронидашуда

сабабҳо, дараҷа ва сатҳи коррупсия дар кишвар таҳлил мегарданд. Коррупсия аз ҷониби роҳбарияти олии давлат ҳамчун таҳдид ба субот ва амнияти кишвар дониста мешавад. Ҳамин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Нақшаи Стамбулии амал оид ба мубориза бо коррупсия, коркард ва татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои солҳои 2013-2020 ва ғайраҳо гаштааст. Аз ҷониби муаллиф аҳдоф ва вазифаҳои стратегияи зиддикоррупсионӣ пешниҳод карда мешаванд. Муқовимати самаранок бо коррупсия ва поин намудани сатҳи он дар ҷомеа, пояи асосии таъмини рушди иқтисодиёт ва суботи сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир маҳсуб меёбад.
**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Точикистон, коррупсия, муқовимат, стратегия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, назарсанҷии сотсиологӣ, ҷавобгарӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются некоторые аспекты противодействия коррупции в Республике Таджикистан. Рассматривается нормативно-правовая база, в том числе действующие законодательные акты, длокументы и нормы по организации механизмов противодействия коррупции. Отмечается, что коррупция и коррупционные деяния являются проблемой не только Республики Таджикистан, но и большинства стран мира. Ни в одном государстве не искоренено данное явление. Перечислены страны, в которых это явление сведено лишь к минимуму. Перечисляются факторы, способствующие коррупции, место Республики Таджикистан в различных международных рейтингах, а также меры, предпринимаемые государством в области противодействия этому явлению. На основе материалов проведенного Центром стратегических исследований опроса в 2015 году анализируются причины, степень коррупции в стране. Коррупция признается высшим руководством страны как угроза стабильности и безопасности государства. Этим и объясняется участие Республики Таджикистан в Стамбульском плане действий по борьбе против коррупции, разработке и реализации Стратегии по противодействии коррупции РТ на 2013-2020 гг и др. Автором предлагаются ее видение, определение цели и задач антикорррупционной стратегии. Эффективное противодействие коррупции и ее минимизация в обществе на сегодняшний день выступают основным фундаментом обеспечения экономического развития и политической стабильности Республики Таджикистан.
**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, коррупция, противодействие, стратегия, гражданское общество, социологический опрос, ответственность

## THE PROBLEMS OF ANTI-CORRUPTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses some aspects of combating corruption in the Republic of Tajikistan. The regulatory framework, including existing legislation, documents and regulations on the organization of anti-corruption mechanisms, is under consideration. It is noted that corruption and corruption acts are a problem not only of the Republic of Tajikistan, but also of most countries of the world. This phenomenon has not been eradicated in any state. Listed countries in which this phenomenon is reduced only to a minimum. The factors contributing to corruption, the place of the Republic of Tajikistan in various international rankings, as well as measures taken by the state to counter this phenomenon are listed. Based on the materials of the survey conducted by the Center for Strategic Studies in 2015, the causes and the degree of corruption in the country are analyzed. Corruption is recognized by the country's top leadership as a threat to the stability and security of the state. This explains the participation of the Republic of Tajikistan in the Istanbul Anti-Corruption Action Plan, the development and implementation of the Anti-Corruption Strategy of the Republic of Tajikistan for 2013-2020, etc. The author suggests his vision of defining the goals and objectives of an anti-corruption strategy. Effective anti-corruption and its minimization in society today are the main foundation for ensuring economic development and political stability of the Republic of Tajikistan.
**Keywords:** Republic of Tajikistan, corruption, counteraction, strategy, civil society, sociological survey, responsibility.

**Сведения об авторе:** ***Салимов Фаррух Насимович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. тел: **(+ 992) 918614886,** email: **fsalimov@tojikiston.com, farrukh.n.salimov@gmail.com**

**Intelligence about the author:** ***Salimov Farrukh Nasimovich*** - Ph.D., Associate Professor of the Department of Diplomacy and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan, TNU of the Republic of Tajikistan, 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki av. Tel**: (+992) 918614886**, E-mail: **fsalimov@tojikiston.com, farrukh.n.salimov@gmail.com.**

УДК [352/354 (573.3]

# ТАҲАВВУЛИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

*Ализода Б. П.*
**Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳама давру замон, хусусан дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд дар таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкиму рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд. Аз ин хотир, мавриди баррасӣ қарор додани таърихи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои актуалии таърихнигории имрӯзаи кишвар мебошад. Китоби дарсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на таърих, балки фаъолияти ин соҳаро дар бар гирифтааст. Тавре муаллифони китоби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон қайд кардаанд: «Дар қонунгузории ҷории Тоҷикистон таърифи мафҳуми «мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» дода нашудааст. Ин ё он мақомоти давлатӣ аз рӯйи салоҳият ва тарзи фаъолияташон, ки қонун муайян кардааст, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дохил мегарданд» [6, с.7].

Дар замони истиқлол, ки низоми мустақили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада, рушд намуд, мақомоти нав бо вазифаҳо ва салоҳиятҳои мушаххас таъсис ёфта, низоми ҳуқуқии кишварро такомул доданд.

Ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мақомоти судӣ (Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Судҳои иқтисодӣ ва дигар зинаҳои мақомоти судӣ), Вазорати адлия, Прокуратураи ҷумҳурӣ, милитсия, мақомоти амният, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, САҲШ (сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ), адвокатура ва нотариат дохил мешаванд.

Дар айни замон бояд қайд кард, ки дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши мақомоти судӣ, адлия, прокуратура, милитсия, амният ва ғайра бештар буда, мақомоти САҲШ, адвокатура ва нотариат ба фаъолияти самарабахши онҳо мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «мақомоти андоз» ва хадамоти гумрук ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ доранд [6, с.12].

Тавре маълум мегардад, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сохторҳои мухталифи мақомоти давлатиро дар бар мегирад, ки дар доираи як мақола омӯзиши ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти онҳо ғайриимкон аст. Аз ин хотир, дар ин мақола таърихи ташаккул ва рушди баъзе мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳанӯз дар оғози ташкили Ҳукумати Шӯравӣ ба вуҷуд омада буданд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, ки танҳо дар замони истиқлол ташаккул ёфта, ба низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон ворид гардиданд, маълумоти умумӣ дода мешавад.

Дар кишварамон вобаста ба давраҳои алоҳидаи ташаккул ва инкишофи низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳқиқоти арзишманде аз тарафи Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.А.Қаҳҳоров ба анҷом расонида шудааст, ки мутаассифона то имрӯз чоп нагардидааст [4]. Дар баробари ин, таърихи ташаккул ва фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар осори пурмуҳтавои олимони варзида Розиқзода А.Ш. [9]. ва Назаров Н.Ҷ. [7] мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аммо осоре, ки оид ба таърихи ташаккул ва рушди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон аз оғози ҳукумати Шӯравӣ то имрӯзро ба таври умумӣ фаро гирад, вуҷуд надорад.

*Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Тоҷикистони тоинқилобӣ.* Ҳокимияти судӣ дар Аморати Бухоро ва Хонигарии Куқанд, ки ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ба ҳайати онҳо дохил мешуд, пас аз сарвари давлатҳои мусулмонӣ, қозиҳо ва раисҳо дар маҳалҳо, ҳамчунин аз тарафи қушбегӣ ва мансабдорони маъмурияти маҳаллӣ дар вилоятҳо (бекигариҳо) «адолати судӣ» ба амал бароварда мешуд. Ҳамчунин, дар вилоятҳо ҳокимон ё бекҳо, дар амлокдориҳо амлокдорҳо адолати судиро ба амал мебароварданд, ки пас аз забткориҳои Россия дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон онҳо барҳам дода шуданд.

Пас аз истилои Осиёи Марказӣ аз тарафи Империяи Россия ва дар соли 1867 ташкилёбии Генерал-губернатории Туркистон, соли 1876 Хонигарии Қӯқанд барҳам дода шуд ва Бухорою Хева тобеи (вассали) Россия шуданд.

Дар Генерал-губернатории Туркистон дар баробари судҳои маҳаллӣ, судҳои подшоҳӣ ташкил шуда, амал мекарданд. «Хусусияти ташкили судҳо дар ин давра аз он иборат буд, ки муассисаҳои судӣ-маъмурии кишвари Туркистон на ба вазорати адлия, балки ба тобеияти вазорати ҳарбӣ дохил мешуданд» [4, с.22].

Дар асоси «Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон» соли 1886 якчанд тағйиротҳо ба низоми судӣ ворид карда шуд. Дар ҳар як уезд судҳои сулҳовар (мировые суды) ва судҳои вилоятӣ ташкил карда шуданд. Ҳамин тавр, то Инқилоби Октябр дар Тоҷикистони Шимолӣ 2 низоми судӣ амал мекард:

а) низоми судҳои умумиимперӣ, ки судҳои сулҳофарӣ ва вилоятиро низ дар бар мегирифт;

б) низоми судӣ барои аҳолии маҳаллӣ- судҳои қозӣ ва анҷумани судҳо.

То барпо намудани ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон ду низоми судӣ: феодалӣ, ки дар асоси шариати ислом амал мекард ва дунявӣ, ки бо таъсири низоми ҳуқуқии Россия ташаккул ёфт, вуҷуд доштанд.

Таҳаввули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар оғози Ҳукумати Шӯравӣ. Дар баробари барпо намудани Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ то моҳи июли соли 1918 дар Хуҷанд ва Ӯротеппа (Истаравшан) тамоми муассисаҳои судии пешина барҳам дода шуданд. «Ба ҷойи суди сулҳофаринии барҳамдодашудаи Ӯротеппа суди халқии маҳаллӣ таъсис шуда, машваратчиёни судӣ интихоб карда шуданд ва онҳоро шуъбаи адлияи вилояти Самарқанд тасдиқ кард» [3,с.169].

Баъд аз ташкили Ҳукумати Шӯравӣ 5 марти соли 1918 ба шӯроҳо дар бораи ташкили трибуналҳои инқилобӣ супориш дода шуд ва 13 марти ҳамон сол Трибунали инқилобии уезди Хуҷанд таъсис дода шуд. Трибуналҳои инқилобӣ дар асоси «Низомнома дар бораи трибуналҳои инқилобӣ», ки КИМ-и Туркистон моҳи феврали соли 1920 тасдиқ карда буд, фаъолият мекарданд.

Моҳи июни соли 1918 Шӯрои Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Туркистон дар назди Комиссариати адлия Комиссия оид ба ташкили судҳои Шуравӣ таъсис дод ва 16 ноябри соли 1918 КИМ-и ҶМШС Туркистон Лоиҳаи дастур дар бораи ташкил ва фаъолияти судҳои халқиро тасдиқ кард. Дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим судҳои маҳаллии халқӣ, судҳои шӯрои маҳаллии халқӣ, судҳои ҳавзавӣ ва суди кассатсионии Туркистон ташкил карда шуданд ва 30 ноябри соли 1918 КИМ Умумииттифоқӣ «Низомнома дар бораи суди халқии ягона»-ро тасдиқ кард.

Яке аз хусусиятҳои ин давра дар он аст, ки дар асоси низомномаи мазкур Шӯрои Комиссарони халқии Туркистон 17 июни соли 1919 бо қарори худ судҳои қозиро барҳам дод

Ҳамин тавр, то гузаронидани ислоҳоти судӣ дар соли 1923 дар Кишвари Туркистон 3 намуди трибуналҳои инқилобӣ-вилоятӣ, ҳарбӣ ва роҳи оҳан амал мекарданд. Ғайр аз ин, Трибунали Олӣ дар назди КИМ-и Туркистон амал мекард.

*Ташкили мақомоти прокуратура.* 16 ноябри соли 1918 КИМ-и Туркистон Декрет дар бораи ислоҳоти куллии низоми судиро нашр кард, аммо дар Аморати Бухоро чунин мақомот вучуд надошт.

Дар охири соли 1921, гуё барои барҳам задани босмачигарӣ ва таҳ-кими Ҳокимияти Шуравӣ ҳукумати ҶХШБ ба Бухорои Шарқӣ отряди калони милитсияи Бухоро ва гурӯҳи кормандони масъулро бо роҳбарии раиси КИМ Умумибухороӣ У.Пулодхоҷаев ва муовини вазири ҳарбӣ Алӣ Ризо мефиристад. Онҳо бо вазири собиқи ҳарбии Туркия Анварпошшо робита пайдо карда, бо роҳи суиқасд кӯшиш намуданд, ки Гарнизони Душанберо беяроқ гардонанд ва соҳиби яроқу аслиҳаи зиёд шуда, ҳокимияти Шӯравиро барҳам диҳанд.

Вобаста ба вазъи сиёсии Бухорои Шарқӣ, ки ноҳияҳои Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ба ҳайати он дохил мешуданд, 22 январи соли 1922 Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ (КФД) дар ҳайати раис, муовини раис, котиби масъул ва 4 аъзои комиссия барои идоракунии Бухорои Шарқӣ ташкил шуд. КФД салоҳиятҳои васеъ, аз ҷумла ҳуқуқи Суди Олиро дошт. Комиссияи диктаторӣ ҳуқуқи нашри декретҳою супоришҳои марбут ба бекор кардан, боздоштан ё тағйир додани Конститутсияи ҶХШ Бухоро, ҳамчунин қонунҳое, ки КИМ-и Бухоро қабул карда буд, дошт. Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ ҳар мансабдори давлатиро бо салоҳдиди худ аз вазифа сабукдӯш мекард. Парвандаҳои ҷиноиро аз судҳо гирифта барои муҳокима ба шуъбаи муваққатии трибунали ҳарбӣ месупорид [4,с.49]. Яъне, ҳамаи корҳо марбут ба идоракунӣ бо зӯрӣ анҷом дода мешуданд.

Моҳи октябри соли 1924 суди минтақавӣ (ҳавзавӣ)-и Бухорои Шарқӣ бо штати 13 нафар ва прокуратураи Бухорои Шарқӣ бо штати 4 нафар таъсис дода шуданд, ки аввалин прокурори давлатии ҳавзавии Бухорои Шарқӣ Аҳмадҷон Юлдошев буд ва дар ин вазифа то моҳи феврали соли 1925 фаъолият кардааст [4,с.49]. Ин сохтори низоми судӣ дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон то тақсимоти миллӣ-марзӣ дар Осиёи Миёна давом кард.

*Ташкили мақомоти КХКД.* Ҳокимияти полисӣ дар Аморати Бухоро дар ихтиёри

миршаб (ҳокими шаб) қарор дошт, ки ӯ на фақат ба полиси шаҳр, балки ба ҳамаи миршабҳои шаҳрҳои аморат роҳбарӣ мекард. Низоми полисӣ дар маҳалҳо (дар бекигариҳо, амлокдориҳо, арбобҳо) амалан бо низоми мақомоти марказӣ як буданд. Қисмҳои муҳимми дастгоҳи марказӣ дар Туркистони мустамликавӣ жандармерия ва посбонони аспсавор-полисҳо дар шаҳрҳои уездӣ буданд. Дар оянда, пас аз инқилоб, дар асоси декрети Шурои Комиссарони Халқ аз 20 ноябри соли 1917 дар бораи ташкили милитсия дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ, кормандони полис озод гардида, милитсияи пролетарӣ ташкил шуд, ки ба Шӯрои волостҳо итоат мекард. [3,с.170].

Воқеан, «Низомнома дар бораи милитсияи коргару деҳқон аз 10-июни соли 1920» моҳиятан асоси ҳуқуқии ташаккули мақомоти милитсия дар ҳамаи Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, ки солҳои -1917-1921 ба вуҷуд омаданд, гардид.

Ҳамин тавр, то тақсимоти миллӣ марзии Осиёи Марказӣ дар ин сарзамин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти милитсия ташаккул ёфта, амал мекард.

Баробари гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон (1924) барои ташкили сохтори мутобиқи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарурат ва шароити мусоид фароҳам омад.

Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶМШС Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи андӯхтаи бунёди давлати Шӯравӣ татбиқ мегардид. Дар ин самт то гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ дар ҶМШС Туркистон ва ҶХШС Бухоро оид ба ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҷриба ва заминаи муайяне ба вуҷуд омада буд. Барои роҳбарӣ ба соҳаҳои алоҳидаи идоракунии давлатӣ комиссариатҳои халқии ҶМШС Тоҷикистон бо сардории комиссарони халқӣ ташкил карда шудаанд, ки онҳоро Кумитаи инқилобӣ ба вазифа таъйин ва озод мекард. «Тибқи сохтори дастгоҳи ҶМШС Тоҷикистон» бо қарори Кумитаи инқилобӣ чунин мақомоти идоракунии давлатӣ: Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (КХКД) бо раёсатҳо ва шуъбаҳои (маъмурӣ, милитсия, ковтукови ҷиноятӣ, хоҷагии коммуналӣ), Комиссариати халқии адлия, Прокуратураи давлатӣ бо судҳои халқию мақомоти прокуратура дар маҳаллҳо ва сохторҳои дигари давлатӣ ташкил карда шуданд [10,с.218].

Дар солҳои мураккаби ҷанги шаҳрвандӣ дар оғози Ҳукумати Шӯравӣ наздики 2 миллион аъзои бригадаи мусоидат ба милитсия, гурӯҳи мусоидат ба баталонҳои қиркунанда, гурӯҳҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ба милитсия фаъолона дар ташкили корҳо оид ба тартиботи ҷамъиятӣ, муайянсозии душманону дизертирҳо ва мубориза бо ҷинояткорӣ кумак мерасониданд [7,с.61].

Комиссариатҳои халқии дар навбати аввал таъсисёфта бояд таъҷилан ба ташкили дастгоҳи давлатӣ ва мубориза бо босмачигарӣ (КХКД, Прокуратура, Раёсати Асосии Сиёсӣ) ва ғайра оғоз мекарданд.

Бо мақсади демократикунонии мақомоти судии ҶХШ Бухоро «Низомнома дар бораи бунёди судҳои ҶХШБ», ки КИМ-и Умумибухороӣ 5 январи соли 1924 қабул карда буд, аҳамияти зиёд дошт. Низомнома муҳокимаи коллегиалии парвандаҳоро дар судҳои халқии қозиҳо бо иштироки мушовирони халқӣ дар назар дошт, ки иштироки мустақими оммаи халқро дар рафти адолати судӣ таъмин мекард. Низомнома чунин низоми судиро муқаррар карда буд:

1) суди халқӣ ва суди қозиҳо дар шаҳрҳо, туманҳо ва кентҳо. Ин судҳо ба сифати судҳои инстансияи якум амал мекарданд;

2) суди ҳавзавӣ, ки суди инстансияи кассатсионӣ нисбат ба судҳои қозӣ ва судҳои инстансияи якум ҳисоб мешуд.

Барои ҳалли вазифаҳои муҳимми сиёсӣ ва мубориза бо қувваҳои аксул-инқилоб дар Бухорои Шарқӣ моҳи октябри соли 1924 Суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ ташкил карда шуд, ки масъалаҳои ҷиноиро муҳокима мекард, аз ин хотир фақат як шуъба - шуъбаи ҷиноӣ ва 13 штат дошт. Дар назди суди ҳавзавии Бухорои Шарқӣ прокуратура ташкил шуд, ки ҳамаи вилоятҳоро назорат мекард. Аз ҷумла судҳои ҳавзавӣ бо мусоидати трибунали инқилобӣ ҷинояткоронро ҳукми қатл медоданд. Ба ғайр аз суди ҳавзавӣ то давраи тақсимот дар Бухорои Шарқӣ 25 судҳои қозӣ низ амал мекарданд.

Ҳамчунин, дар ҳамин давра 7 ноябри соли 1924 дар бораи ташкили Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул карда шуд, ки ҳамаи санадҳои ҳуқуқии ба КИМ-и Шӯроҳо ва Шӯрои Комиссарони халқии ҶМШС Тоҷикистон пешниҳодшударо мавриди баррасӣ қарор дода, дар якҷоягӣ бо Шӯрои Комиссарони Халқии ҷумҳурӣ дар нашри қонунҳо ва фармоишҳои ҳукумат иштирок мекард. Комиссариати халқӣ муассисаҳои судӣ ва мақомоти тафтишотро ташкил мекард, ба фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон (адвокатҳо), комиссияҳои замин ва ҳакамӣ, судҳои третейӣ, маҳкамаҳои (камераҳои) оштӣ назорат мекард [5, с.72].

Комиссариати халқии адлия аз 22 декабри соли 1924 ба фаъолият оғоз кард ва 12 феврали соли 1925 мақомотҳои он дар шаш вилоят - Душанбе, Кӯлоб, Ғарм, Қӯрғонтеппа, Уротеппа, Панҷакент ба фаъолият оғоз карданд.

Дар ин давра бо қарори Раёсати КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Ӯзбекистон аз 25 марти соли 1925 дар ҶМШС Тоҷикистон шуъбаи Суди Олии ҶШС Узбекистон ташкил карда шуда буд, ки аъзоёни онро Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон таъйин мекард ва он то 1 сентябри соли 1926 дар ҳайати 9 нафар дар Тоҷикистон амал карда, дар ин муддат 110 парвандаро дида баромадааст.

Ҳамин тавр дар солҳои 1925-1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон судҳои халқӣ, судҳои ҳавзавӣ ва шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олии Ӯзбекистон амал мекарданд.

Яке аз беадолатиҳои мақомоти судии ҶМШС Тоҷикистон то охири соли 1928 дар он буд, ки кодексҳо бо забони узбекӣ буданд, ҳукмнома ва ҳалномаҳо бо забони ӯзбекӣ бароварда мешуданд.

Моҳи декабри соли 1927 сессияи доимии Суди Асосии ҶМШС Тоҷикистон оид ба ВМК Бадахшон таъсис дода мешавад, ки дорои 2 камераи суди халқӣ буд. Чунин низоми судӣ то соли 1929 дар Тоҷикистон вуҷуд дошт. Судҳои қозӣ то соли 1927 фаъолият мекарданд, вазифаи судҳои сулҳофариро иҷро мекарданд.

15 октябри соли 1929 анҷумани фавқулодаи Шӯроҳои Тоҷикистон даъват карда шуд ва 16 октябр он қарор ва эъломия дар бораи ташкили ҶШС Тоҷикистон қабул кард. Ҳамин тавр, дар замони Шӯравӣ мақомоти судӣ ташаккул ёфта, рушд карданд.

*Ташкили мақомоти прокуратура.* Заминаи ташкили прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон қарори Кумитаи инқилобӣ аз 14 декабри соли 1924 «Дар бораи ташкили Комиссариати халқӣ ва Прокуратураи давлатии ҶМШС Тоҷикистон мебошад.

Солҳои 1926-1927 прокуратураи ҶМШС Тоҷикистон мураккаб будани муносибати худро бо шуъбаи давлатии идоракунии сиёсӣ қайд кардааст: Кормандони онҳо аҳамияти прокуратураро дарк намекарданд. Нишондодҳои прокуратураро иҷро намекарданд, судяҳои халқиро бе иҷозати прокурор ба маҳкама мекашиданд, баъзан вазифаи прокурорро иҷро мекарданд (тафтиши парвандаҳои ҷиноӣ ва ғайра), ки ин аз номукаммалии низоми ҳифзи ҳуқуқи он давра дарак медиҳад.

Адвокатура ҳанӯз моҳи октябри соли 1924 дар суди округи Бухоро ташкил карда шуд, ки дар назди он минбаъд коллегияи адвокатҳо таъсис дода шуд. 29-уми сентябри соли 1926 КИМ ҶШС Ӯзбекистон Низомнома «Дар бораи сохтори судӣ» қабул намуд, ки дар асоси он 14 декабри соли 1927 КХ адлияи ҷумҳурӣ «Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоячиён»-ро қабул намуд [2, с.41].

Ҳамин тавр, дар Тоҷикистон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадриҷан дар муддати муайяни таърихӣ ташаккул ёфта, дар замони истиқлол дар ҳифзи манфиатҳои умумидавлатӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрвандон ва таҳкими пояҳои давлатдории навини тоҷикон нақши муассир доранд.

АДАБИЁТ


1. Буриев И.Б. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. Қисми аввал. Васоити таълимӣ / И.Б. Буриев. – Душанбе, 2013. -265 с.
2. Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. Васоити таълимӣ / З.Ҳ. Искандаров. –Душанбе: Эҷод, 2005. - 134 с.
3. История таджикского народа T.V. Новейшая история (1927-1941гг.); под ред. Р.М.Масова. –Душанбе: Дониш, 2004.-752с.
4. Кахаров А.А. Правоохранительная система Таджикской АССР (1924-1929 гг.): дис… канд. юрид. наук: 12.00.03 / А. А. Кахаров. - Душанбе, 1999. -167 с.
5. Митюкова К. Д. Опыт государственного строительства Таджикской АССР (1924-1929). Монография / К.Д.Митюкова. – Душанбе: Дониш,1988.-68 с.
6. Маҳмудов М. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон.-Душанбе. Монография / М.Маҳмудов, Б. Худоёров.-Душанбе: Эр-граф. 2008. -206 с.
7. Назаров Н. История таджикской милиции: этапы становления, развития и совершенствования. Монография / Н.Дж. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 2005. -251 с.
8. Раҳматуллоев А.Р. Таърихи халқи тоҷик (иборат аз ду китоб, китоби 2). Китоби дарсӣ / А. Раҳматуллоев, Х.Сатторов, Н.Тоҷов. -Душанбе: Дониш, 2008. -202 с.
9. Розиқзода А.Ш. Становление милиции Таджикистана. Монография /А.Ш. Розикзода. -Душанбе: Ирфон, 2011.- 404 с.
10. Тахиров Ф. Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929 гг.). Т.2, ч.1. Монография / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе: Амри илм, 2001. -240 с.

## ТАҲАВВУЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ҶУМҲУРИИ ШӮРАВИИ СОТСИАЛИСТИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои таҳаввули идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Точикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки шаклҳои нави идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада, дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон ва Бадахшон, ки соли 1918 ба ҳайати ҶМШС Туркистон дохил гардида буданд, каме пештар ба вуҷуд омада буданд. Пас аз инқилоб дар сарзамини Осиёи Миёна низоми идоракунӣ ва хизмати давлатӣ дар асоси давлатдории нави Шӯравӣ ба роҳ монда шуд, ки намояндагони коргарону деҳқонон имконияти ба хизмати давлатӣ ворид шуданро пайдо карданд. Дар ин давра дар Бухорои Шарқӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва Комиссияи фавқулодаи диктаторӣ ҳамчун мақоми олии идоракунӣ тамоми ҳокимиятро дар ихтиёр дошт. Баъд аз гузаронидани тақсимоти миллӣ-марзӣ ва ташкилёбии ҶМШС Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1924 мақомоти идоракунии марказӣ ва маҳаллӣ ташкил гардиданд. Пас аз ташкил ёфтани ҶШС мустақили Тоҷикистон дар моҳи октябри соли 1929 самтҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ такмил дода шуда, баъзеи онҳо аз нав таъсис дода шуданд ва бо баъзе ислоҳотҳо чунин тарзи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон то замони истиқлол давом кард.

**Калидвожаҳо:** мақомоти идоракунӣ, мақомоти идоракунии ҳифзи ҳуқуқ, идоракунии давлатӣ, хизмати давлатӣ, Ҳокимияти Шӯравӣ, кумитаи инқилобӣ, комиссариат, ҳукумат.

## ЭВОЛЮЦИЯ СТАНОВЛЕНИЯ СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ПРАВООХРАНИТЕЛЬНЫХ ОРГАНОВ В ТАДЖИКСКОЙ АВТОНОМНОЙ СОВЕТСКОЙ СОЦИАЛИСТИЧЕСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ

В статье рассматривается эволюция становления системы управления правоохранительных органов в Таджикской Автономной Советской Социалистической республике. Автор подчеркивает, что новые формы государственного управления в Таджикской Автономной Советской Социалистической Республике формировались в момент создания Таджикской АССР, а в северных районах Таджикистана и в Бадахшане, который с 1918 года входил в состав Туркестанской АССР, новые органы управления были соданы на начальном этапе Советской власти. А в Бухаре, которая входила в центральные и южные районы нынешнего Таджикистана новые формы государственного управления были созданы в отябре 1920 года в результате образования Бухарской Народной Социалистической Республики. В постреволюционный период на территории Центральной Азии государственное управление и государственная служба формировались на основе Советского метода государственного управления. Вместе с тем автор подчеркивает, что в Восточной Бухаре в этот период продолжалась гражданская война и вся государственная власть принадлежала Черезвычайной диктарской коммисии (ЧДК). После создания самостоятельной союзной Таджикской ССР в октябре 1929 года были формированы и реорганизованы, в основном, все органы государственного управления, которые с некоторыми изменениями существовали до приобретения независимости Таджикистана.

**Ключевые слова:** органы управления, управление правоохранительных органов, формирование, государственное управление, государственная служба, Советская власть, революционный комитет, комиссариаты, правительство,

## EVOLUTION OF THE ESTABLISHMENT OF THE LAW ENFORCEMENT SYSTEM IN THE TAJIK AUTONOMOUS SOVIET SOCIALIST REPUBLIC

В наукео международных отношениях в теоретико-методологическом плане понятие«внешняя политика» может быть определено как стратегия, которую государство использует для защиты своих внешних и внутренних интересов. Главной целью внешней политики является защита жизненоважных государственных интересов. Внешняя политика включает в себя тактику и стратегию, посредством которого государство взаимодействует с другими государствами в целях продвижения своих собственных интересов.В качестве основного инструмента ведения внешней политики может использоваться дипломатия, а также и другие средства, такие как политика, основанная на военной силе. Главные вопросы, которые напрямую затрагивают внешнюю политику государства,выделяются и акцентируются во внешнеполитических доктринах соответствующих государств.

Внешнеполитическая доктрина, или доктрина внешней политики-это общее изложение внешней политики, ее система взглядов на цели и задачи, а также инструментарий её реализации и обеспечения. В некоторых случаях заявление, анонсирующее ту или иную доктрину, делается политическим лидером, как правило, главой государства или главным дипломатом страны, и его имя присваивается этому лидеру. Например, оправдание Ричарда Никсона, по поводу поэтапного выведения американских войск из Вьетнама получило название «Доктрины Никсона». Однако эта модель именования не является универсальной. Китайские внешнеполитические доктрины, например, часто обозначаются тем или иным числом.

Необходимо также отметить, что главная цель внешнеполитической доктрины заключается в обеспечении и реализации общих положений внешней политики на международнойарене. Именно этот документ позволяет политическому руководству страны объяснять действия своего государства на международной арене другим субъектам международных отношений. Также необходимо напомнить о том, что«доктрина» обычно не имеет негативных значений, ее не следует путать с «догмой».

Таким образом, объектом нашего рассмотрения является внешнеполитическая доктрина современного Ирана. Мы бы хотели отметить, исторические предпосылки формирования, становления и развития внешней политики и, соответственно, доктрины внешней политики Ирана в контексте эволюции внутриполитических и международных перемен, происходивших в середине XX и начале XXI вв. в этой стране.

Что касается внешнеполитической деятельности Ирана, то можно подчеркнуть, что основные направления современной внешнеполитической доктрины Ирана реализовывались в рамках следующих направлений, прежде всего: защиты независимости страны во всех аспектах политики безопасности, военной, экономической, культурной и других областей; препятствия любого рода вмешательству извне во внутренние дела страны и уважение права всех стран на самоопределение; обеспечения права всего иранского народа на независимость и свободу; уважения и выполнения международных договоров и соглашений; соблюдения принципа равноправия всех народов и государств и неприятия обязательств перед экспансионистскими державами; мирного разрешения всех противоречий международного характера и принятия решений арбитражного органа, руководствуясь нормами права и правосудия; расширения мирных и взаимовыгодных связей со странами, не проводящими захватническую политику; недопущения заключения договоров, которые могут повлечь за собой господство иноземных держав над страной.

По мнению специалистов, «современная внешнеполитическая доктрина Ирана предполагает проведение независимого курса и превращение страны не только в региональную державу, но и в активного субъекта мировой политики. Современная иранская политическая, экономическая и научная элита независимо от социальных настроений поддерживает эти задачи и принимает участие в реализации данной сверхидеи».[9, С.254-264] Именно исходя из данного положения дел и определяются основные цели и задачи внешней политики Ирана.

При президенте ИРИ Х. Рухани (с 2013 г. до настоящего времени) фактически завершилось формирование исламской внешней политики, возникла «тоухидная дипломатия» и завершена исламизация этой сферы государственной власти, а также огромное значение давалось и дается экономической политике.В основе экономической политики Рухани лежит

неолиберально-авторитарная доктрина, основанная на категории безопасности. Программа экономического развития Роухани подчиняется примату национальной безопасности. Во внешнеполитической доктрине Роухани важное место занимает проект «Иранско–исламское развитие», который должен превратить Исламскую Республику Иран в страну, которая является «передовой, безопасной и где наименьшие классовые подразделения».

По мнению исследователей, «основными направлениями внешней политики Ирана после заключения соглашения по ядерной программе станут налаживание прагматического сотрудничества с европейскими странами, укрепление отношений со странами-соседями и оказание им всемерной поддержки. Особое место во внешнеполитическом курсе Ирана будут занимать Россия и Китай. Неизменной останется позиция иранской стороны в отношении ближневосточных государств (Палестина, Йемен, Сирия, Бахрейн), Центральной Азии и Кавказского региона» [13, с. 232-239].

Внешнеполитическое поведение и стратегические цели Исламской Республики Иран на сегодняшний день основаны на принципах, которые должны быть тщательно изучены для их правильного понимания и растолкования. Следовательно, объяснение этих принципов требует правильного понимания основных характеристик страны. Для того, чтобы определить и понять эти существенные характеристики, мы должны оценить политические дискурсы Ирана. Только в этом случае, можно прояснить логическую связь между внешнеполитическими дискурсами, политической идентичностью и природой Исламской Республики Иран, а также ее стратегическими принципами и целями.

Таким образом, чтобы основательно понять и проанализировать внешнюю политику Ирана, необходимо определить его наиболее важные характеристики:Иран – исламская, теократическая, тоталитарная, авторитартная страна, которая базируется на принципе автаркии; развивающаяся страна; региональная держава; располагается в очень нестабильном регионе; ему угрожают внерегиональные экзистенциальные угрозы; в политико-стратегическом плане Иран страна-одиночка.

Эти характеристики и показатели подчеркивают четкие принципы внешней политики Ирана, которые, в свою очередь, формируют его поведение. Эти основополагающие принципы можно разделить на две общие и конкретные категории. Главными характеристиками внешней политики Исламской Республики Иран на современном этапесчитаются следующие первичные принципы: политика борьбы с высокомерием и режимом гнета, господства и несправедливости, которые присутствуют в мире; отрицание господства и несогласие с угнетением: величие», т.е. установка на «полное отрицание и подавление всякого рода господства и угнетения; поддержка угнетенных народов и освободительных движений; поддержка и защита ислама и мусульман во всем мире; мирное сосуществование и борьба за мир; антиколониализм; невмешательство во внутренние дела стран и взаимное уважение; соблюдение договоров и международных законов.

Рассмотренные основные принципы внешней политики Ирана показывают стройную исламскую систему внешнеполитической концептуалистики. В соответствии с этой внешне-политической матрицей концепции созидательного взаимодействия формируются основные направления внешней политики Исламской Республики Иран.

Следует отметить, что эти общие основополагающие принципы играют устойчивую роль в формировании внешнеполитического поведения Ирана, которые были определены и реализованы по-разному при разных правительствах. Например, президент Роухани в своей внешней политике отдает приоритет принципам мирного сосуществования, приверженности международным обязательствам и взаимному уважению политических партнеров. Однако правительство его предшественника, Махмуда Ахмадинежада, отдало приоритет таким принципам, как анти-высокомерие, отрицание господства, поддержка угнетенных и освободительных движений.

Анализ структуры внешней политики Ирана показывает, что базовые принципы внешней политики изложены в Основном Законе Исламской Республики Иран, которые нашли свое отражение в большинстве международных принципов. Отмеченные положения «отчетливо проявляются при сравнении, например, с концепцией внешней политики Республики Таджикистана как светского, правового государства». [14, С.3]

Российские исследователи В. И. Сажин и Ю. М. Бондарь, давая оценку внешнеполитическому курсу современной Исламской Республики Иран, отмечают, что «в целом Иран проводит независимую, весьма активную и прагматичную при этом иногда провокационную внешнюю политику» [15, с.60].

В связи с этим, в условиях обострения противостояния с США в последнее десятилетия особое значение для Ирана приобрели отношения со странами Европейского Союза. Анализ

нынешнего состояния взаимоотношений ИРИ со странами Запада показывает, что некоторые европейские страны не разделяли жесткую позицию США в отношении Ирана. Это создает благоприятную возможность для всестороннего сотрудничества со странами этого региона.

С учетом развития ситуации в этом регионе насегодняшний день перед иранской дипломатией поставлена очень сложная задача, а именно: попытка заключить с одним или двумя европейскими странами договор о стратегическом сотрудничестве. Больше всего шансов заключение такого договора с Францией. Однако, Франция боится испортить свои отношения с арабскими странами Персидского Залива, с которыми их связывает давние патронажные взаимоотношения и с которыми в то же время не имеет аналогичных договоров. Германия в настоящий момент неготова к такому договору.

Важным направлением в региональной политике Ирана наиболее привлекательным можно считать отношения с постсоветскими странами, особенно с Россией. До конца прошлого века участие различных иранских фондов не выходило за рамки государственного контроля. Деятельность Ирана на Северном Кавказе, прежде всего в Чечне и в Дагестане, никогда не носила антироссийского характера. Однако, Иран преследовал, в основном, следующие цели: упреждение турецкого влияния и ограничение деятельности и роста турецкого присутствия; борьба с ваххабитскими движениями и поддержка традиционных исламских структур.

Как отмечают исследователи, «Россия и Иран сейчас находятся в фокусе энергичных усилий США по смене в обеих странах политических систем и замены правящих там режимов на прозападные. В этих целях Вашингтон активно задействовал игру на мировых рынках нефти и газа, чтобы подорвать экономику РФ и ИРИ для разжигания в них протестных настроений и расшатывания внутренней стабильности. Поэтому обестраны должны объединить свои усилия по противостоянию агрессивной линии США. В одиночку выстоять будет невероятно трудно» [16].

Все это в свою очередь создает множество предпосылок для долгосрочного иранско-российского партнерства в самых различных сферах. В этой связи важен вопрос: может ли ИРИ рассматриваться как стратегический партнер Российской Федерации?

Важным успехом иранской дипломатии можно считать решение вопроса о статусе «Каспийского моря». Нужно отметить, что 12 августа 2018 года главы стран "каспийской пятерки" подписали в Актау конвенцию о правовом статусе Каспийского моря — исторический для региона документ, работа над которым велась два десятилетия, с 1996 года [17].

В ходе пятого Каспийского саммита, который прошел в Актау под историческим документом подпись поставили президент России Владимир Путин, президент Азербайджана Ильхам Алиев, президент Туркмении ГурбангулыБердымухамедов, президент Казахстана Нурсултан Назарбаев и президент Ирана Хасан Роухани. Владимир Путин назвал саммит стран "каспийской пятерки" встречей с эпохальным значением. По его словам, конвенция гарантирует неприсутствиена море нерегиональных держав. «Подготовленная в ходе длившихся более 20 лет переговоров конвенция о правовом статусе Каспия закрепляет исключительное право и ответственность наших государств за судьбу Каспийского моря, устанавливает четкие правила его коллективного использования»[17], — сказал Путин на саммите.

Помимо вышеуказанного нужно отметить также, что основными векторамивнешней политики ИРИ на сегодняшний день является налаживание и укрепление прагматического взаимоотношения с европейскими государствами, и укрепление сотрудничества с соседними странами и странами региона. Налаживание отношений и оказание всемерной поддержки Азербайджану, Афганистану, Ираку, Турции, Пакистану и Туркменистану является приоритетным направлением современной доктрины внешней политики Ирана. Особое место во внешнеполитическом курсе Ирана будут занимать Россия и Китай, сотрудничество с которыми все больше приобретает стратегический характер.

Неизменной останется позиция иранской стороны в отношении ближневосточных государств (Палестина, Йемен, Сирия, Бахрейн), Центральной Азии и Кавказского региона. Для продвижения своих интересов Иран будет использовать грамотно выстроенный политический диалог, слаженную работу спецслужб с разветвленной структурой во многих странах мира, а также обострившиеся противоречия между Россией и США [13, с. 232-239].

Еще одна главная внешнеполитическая цель современной внешней политики Ирана-это противодействие экзистенциальным угрозам.Что касается, ирано-американских отношений, то позиция Ирана в отношении США также базируется на тех же принципах мирного сосуществования, снижения напряженности, взаимного уважения и невмешательства во внутренние дела друг друга. Основными ориентирами внешней политики Ирана в отношении

США являются его национальные интересы и национальная безопасность.Естественно, любая страна защитит себя от всех экзистенциальных угроз, исходящих от нее со стороны другой страны, и предпримет шаги по наращиванию своего оборонительного и сдерживающего потенциала. Таким образом, подводя итог можно утверждать, что современная внешняя политика Исламской Республики Иран далеко отошла от радикальной и фундаментальной риторики времен Имама Хомейни, от призывов к джихаду против неверных, но основные исходные принципы остались теми же самыми.

Необходимо добавить, что вначале 2018 г. по всему Ирану прокатилась волна протестов и демонстраций, где звучало недовольство экономической ситуацией в стране и снижением уровня жизни. Иранский народ в категоричной форме критиковал выбранную политику правительства. Высказывались обвинения в адрес правительства в связи с неспособностью разрешить международные и внутренние проблемы Ирана.

Экономические акции в ряде мест стали перерастать в политические протесты. Впервые за всю историю ИРИ открыто осуждались диктатура духовенства, исламский режим и лично духовный лидер. Были предприняты попытки восстановить имидж шахов Пехлеви, что свидетельствует о выходе на политическую сцену нового поколения иранцев, далеких от идей исламской революции. Аналитики на Западе рассматривали эти события как преддверие антиисламской революции, сильно преувеличив их размах и политическую суть протестов. Даже окружение М. Ахмадинежада заговорило о приближении существующего режима к своему концу и сопоставляло события января 2018 г. с антишахскими демонстрациями 1978 г. При таком развитие событии, на наш взгляд, Ирану необходимо пересмотреть свою внешнеполитическую доктрину, а также по мере необходимости отказаться или трансформировать основные принципы и направления своей внешней политики.

Таким образом, подытожив эволюцию, доктрину внешней политики Ирана можно заключить: во-первых, внешняя политика ИРИ формировалась и становилась на общеисламских принципах исламской революции 1979 года. Во-вторых, современная доктрина внешней политики этой страны мало чем отличается, от концептуальных основдоктрин первых лет образования исламского государства. В-третьих, установление региональной стабильности, безопасности и мира требует диалога и регионального сотрудничества, которые всегда считались основополагающими принципами внешней политики Ирана. В-четвертых, главной отличительной чертой современной внешнеполитической доктрины Ирана можно считать содействие экономической дипломатии для достижения экономического развития, в этом ключе важным приоритетом, объявленным Министерством иностранных дел Ирана, является укрепление всеобъемлющей экономической дипломатии в целях содействия экономическому развитию страны.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Васильев А.М. Иран как «шиитская сверхдержава»: реальные и мнимые вызовы. Научная статья / А.М. Васильев // Азия и Африка сегодня. - 2012. - № 8. -С. 3–7.
2. Дунаева Е.В. Политическая система Исламской республики Иран: вызовы либеральной модернизации. Научная статья / Е.В.Дунаева // Восток (Oriens). – 2016. -№ 1. - С. 111–120.
3. Дунаева Е.В. Шиитское духовенство в политической жизни современного Ирана / Е.В. Дунаева // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. -Т. 11. -№ 4. - 2018. - С. 169–189.
4. Иванов И.С. Иранская ядерная программа: позиция России / И.С. Иванов // Азия и Африка сегодня. 2012. -№ 8. -С. 15–16.
5. Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://constitutions.ru/archives/140 (дата обращения: 01.02.2019).
6. Конституция Исламской Республики Иран от 15 ноября 1979 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://constitutions.ru/archives/140 (дата обращения: 01.02.2019).
7. Рогов С.М. Роль Ирана в политике США на Ближнем Востоке.Научная статья / С.М. Рогов // Азия и Африка сегодня. -2012. -№ 8. -С. 1–3.
8. Сажин В. И., Бондар Ю. М. Военная мощь Исламской Республики Иран. Учебник / В. И.Сажин, Ю. М.Бондар. – М., 2013.
9. Федорова И. Е. Ирано-американские отношения после принятия Совместного всеобъемлющего плана действий по решению иранской ядерной проблемы / И. Е. Федорова // Иран во втором десятилетии XXI века: вызовы и перспективы. Сборник статей; под ред. Н. М. Мамедовой, М. С. Каменевой, И. Е. Федоровой. М.: ИВ РАН; Издатель А. В. Воробьев, 2016. -С. 254-264.
10. Хокумат-э эслами. Велайат-э факих / Чап-э севвом. — 1391. [Исламская власть. Правление богослова-правоведа. Учебник. 3-е изд. [Б.м.], 1971.]. С. 52—54 (на перс. яз.).
11. Юртаев В. И. Иран и санкции: пределы саморазвития / В. И. Юртаев // Мировая экономика и международные отношения. 2016. -Т. 60. -№ 5. -С. 26-29.
12. Юртаев В. И. Исламизация как фактор внешней политики Ирана. Монография. / В. И. Юртаев. - М.: «Аспект Пресс», 2018. – 160 с.

13. Толибова Ш. Х. Основные приоритеты внешней политики Исламской Республики Иран после заключения соглашения по ядерной программе / Ш. Х.Толибова // Вестник Белорусского государственного университета. Актуальные проблемы международных отношений и глобального развития — Вып. 3. -2015. -С. 232-239
14. Концепция внешней политики Республики Таджикистана. – Душанбе, 2015. – С. 3.
15. Сажин В. И. Военная мощь Исламской Республики Иран / В. И.Сажин, Ю. М. Бондарь. – М., 2014. – С. 60.
16. Россия – Иран: стратегическое партнерство или смерть по одиночке. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.gumilev-center.ru/rossiya-iran-strategicheskoe-partnerstvo-ili-smert-po-odinochke/ (дата обращения: 01.02.2019)
17. Подписана конвенция о правовом статусе Каспийского моря. Статья. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://ria.ru/20180812/1526398222.html (дата обращения: 15.02.2019).

## ДОКТРИНАИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ЭРОН: ПРИНСИПҲО, САМТҲОИ АСОСӢ ВААФЗАЛИЯТНОК

Дар мақолаи мазкур кӯшиши матраҳ ва таҳлил намудани доктринаи муосири сиёсати хориҷии Эрон, инчунин принсипҳо, самтҳои асосӣ ва афзалиятноки он дар шароити муосир анҷом дода шудааст. Инчунин, заминаҳои ташаккулёбии доктринаи сиёсати хориҷии Эрони муосир ва хусусиятҳои такомул ва рушди он таҳқиқ шудаанд. Бояд қайд намуд, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳои дипломатии бисёрсола байни миёнаравҳои байналмилалӣ дар симои ИМА, Россия, Чин, Британияи Кабир, Франсия, Олмон бо ҷониби Эрон баҳри ба мусолиҳа омадан роҷеъ ба масъалаи барномаи ҳастаии Эрон, ки дар шаҳри Вена, дар таърихи 14 июли соли 2015 баргузор гардида буд,ба саҳнаи ҷаҳонӣ "бозингари нав" – Ҷумҳурии Исломии Эрономад, ки ба низоми муносибатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дигаргуниҳо метавонад ворид намояд. Роҷеъ ба масъалаи зерин зарурияти таҳлил ва омӯзиши доктринаи сиёсати хориҷии ин кишвар ба миён меояд. Инчунин, омилҳои асосие, ки ба сиёсати хориҷии Эрон таъсиргузоранд омӯхта шуда, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ин кишвар муқаррар шуда, ҳамзамон абзорҳои амалӣ кардани он низ таҳлил ва тадқиқ шудаанд. Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Эрон дар шароити имрӯза ва хусусан баъд аз ба имзо расидани қарордод оиди барномаи ҳастаии ин кишвар, ин ба роҳ мондани муносиботи комили пурсамар бо кишварҳои аврупоӣ ва таҳкими муносибот ва ёрии ҳамаҷониба ба кишварҳои ҳамҷавор. Дар сиёсати хориҷии Эрон ҷойгоҳи махсусро Россия ва Чин доро мебошад. Аммо мавқеи Эрон роҷеъ ба кишварҳои Шарқи Наздик, Қафқоз ва Осиёи Миёна, чуноне ки буд, боқӣ хоҳад монд.

**Калидвожаҳо:** доктринаи сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, сиёсати хориҷии Эрон, принсипҳои сиёсати хориҷӣ, вилояти фақиҳ, модерназатсияи Эрон, содироти инқилоби исломӣ, мақсадҳои асосии сиёсати хориҷии Эрон.

## ДОКТРИНА ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ИРАНА: ОСНОВНЫЕ ВЕКТОРЫ, ПРИНЦИПЫ И ПРИОРИТЕТЫ

В статье делается попытка обобщить и проанализировать современную доктрину внешней политики Ирана и ее основных векторов, принципов и приоритетов на современном этапе. Также в ретроспективном обзоре рассматриваются предпосылки формирования внешнеполитической доктрины современного Ирана и его особенности становления и развития. Необходимо отметить, что в результате многолетних дипломатических переговоров, состоявшихся в Вене 14 июля 2015 г. между международными посредниками в лице США, России, Китая, Великобритании, Франции, Германии с иранской стороной, для достижения договоренности по иранской ядерной программе на мировой арене появился новый «старый игрок» – Исламская Республика Иран, который в перспективе может внести ощутимые изменения в систему региональных и международных отношений. В связи с этим остро стоит вопрос об изучении и анализе его внешнеполитической доктрины. Также в статье рассмотрены основные факторы, которые оказывают влияние на внешнюю политику Ирана, определены приоритетные направления внешней политики этой страны, а также инструменты ее реализации. Основными направлениями внешней политики Ирана на современном этапе, и особенно после подписания ядерного соглашения должны стать налаживание прагматического сотрудничества с европейскими странами, укрепление отношений со странами-соседями и оказание им всемерной поддержки. Особое место во внешнеполитическом курсе Ирана будут занимать Россия и Китай. Неизменной останется позиция иранской стороны в отношении ближневосточных государств (Палестина, Йемен, Сирия, Бахрейн), Центральной Азии и Кавказского региона.

**Ключевые слова:** доктрина внешней политики,Исламская Республика Иран, внешняя политика Ирана, принципы внешней политики, вилаят-е факих, модернизация Ирана, экспорт исламской революции, основные цели внешней политики Ирана.

## THE DOCTRINE OF IRAN'S FOREIGN POLICY: BASIC DIRECTIONS, PRINCIPLES AND PRIORITIES

The article attempts to summarize and analyze the modern doctrine of Iran's foreign policy and its main vectors, principles and priorities at the present stage. Also in the retrospective review the preconditions of formation of the foreign policy doctrine of modern Iran and its features of formation and development are considered. It should be noted that as a result of many years of diplomatic negotiations held in Vienna on July 14, 2015 between the international mediators in the face of the United States, Russia, China, Britain, France, Germany and the Iranian side, to reach an agreement on the Iranian nuclear program, a new "old player" appeared on the world stage – the Islamic Republic of Iran, which in the future can make tangible changes in the system of regional and international relations. In this regard, the question of studying and analyzing its foreign policy doctrine is acute. The article also discusses the main factors that influence the foreign policy of Iran, the priority directions of the foreign policy of this country, as well as the tools for its implementation. The main directions of Iran's foreign policy at the present stage, and especially after the signing of the nuclear agreement, should be the establishment of pragmatic cooperation with European countries, strengthening relations with neighboring countries and providing them with full support. Russia and China will occupy a special place in Iran's foreign policy. The position of the Iranian side regarding the middle East States (Palestine, Yemen, Syria, Bahrain), Central Asia and the Caucasus region will remain unchanged.

**Key words:**foreign policy doctrine, Islamic Republic of Iran, foreign policy of Iran, foreign policy principles, Vilayat-e fakih, modernization of Iran, export of the Islamic revolution, the main objectives of Iran's foreign policy.

**Сведения об авторах:** ***Холов Хусрав Ходжамуродович*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, преподаватель кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30, Душанбе. Тел: 919584304, E-mail:kholovkhusrav@mail.ru
***Наимов Исмоил Нуруллоевич*** – Российско-Таджикский (Славянский) Университет, преподаватель кафедры международных отношений и дипломатии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30, Душанбе. Тел: +992918447534, E-mail: **naimov_ismoil@list.ru**

**Information about the author:** ***Holov Husrav Hodjamurodovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, teacher of the Department of International Relations and Diplomacy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade street 30. Tel: 919584304, E-mail: kholovkhusrav@mail.ru
***Naimov Ismoil Nurulloevich*** – Russian-Tajik (Slavonic) University, teacher of the Department of International Relations and Diplomacy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade street 30.**Tel:** +992918447534, E-mail: **naimov_ismoil@list.ru**

**УДК:930(575.3) (510)**

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Абдуллоев Ҷамшед***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи 27-солаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ назар афканда мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои муҳиму арзанда ба анҷом расонида шуда, дар самти баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёд рӯйи кор омадаанд. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон баҳри рушди робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҳамсоя равона гардидааст. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба парлумони кишвар чунин қайд намудаанд. «Ҳадафи асосии сиёсати хориҷии мо ҳамкории мутақобилан судманд ба хотири ҳифзи манфиатҳои милливу давлатии мо мебошад» [1].

Дар стратегияи сиёсати хориҷии кишвар густариш ва ҳамкорӣ бо давлатҳои минтақа ва рушди ҳамкории минтақавӣ самти афзалиятнок арзёбӣ мегардад. Зеро, аввалан, таъмини озодӣ, истиқлол ва амнияти Тоҷикистон, мардуми он ва кишварҳои минтақа ба субот, оромӣ ва амнияти пойдори минтақавӣ ва пеш аз ҳама ҳамсоягони мо пайванд дорад.

Ҷумҳурии Қирғизистон дар радифи аввалин кишварҳое буд, ки соҳибистиқлолии Тоҷикистонро эътироф намудааст. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 14 январи соли 1993 барқарор шуданд. Сафорати ин кишвар бошад, фаъолияти худро дар Душанбе 10 июни соли 1994 оғоз кард. Дар навбати худ, Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон 6 сентябри соли 1994 дар Бишкек кушода шуд.

Дар айни замон намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон бо истифода аз имкониятҳои худ корҳои мушаххасро амалӣ месозанд. Ҷараён додани чунин тадбирҳо дар чанд самт сурат мегирад. Яке аз чунин самтҳо кор бо вазорату муассисаҳои давлатии кишвари иқомат бобати ба вуҷуд овардани заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳост. Дар рафти вохӯрию гуфтушунидҳо лоиҳаҳои санадҳои зарурӣ таҳия ва ба мувофиқа расида, ҳангоми сафарҳои расмии сатҳи олӣ ё баланд ба имзо мерасанд.

Тайи даҳсолаи охир ба шарофати сиёсати "дарҳои боз" ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд, лоиҳаҳои зиёде дар соҳаи саноат, энергетика, коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори давлати мо заминаҳои мустаҳкам гузоштанд. Паҳлуи дигари кори намояндагиҳои дипломатӣ ҷиҳати роҳандозии дипломатияи иқтисодӣ ҷараён додани мулоқоту гуфтушунидҳо бо вазорату муассисаҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон, ширкату корхонаҳо ва соҳибкорони кишвари иқомат мебошад. Дар чунин вохӯриҳо дипломатҳои тоҷик ҳамсуҳбатони худро бо соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ шинос намуда, дар бораи қонунгузорӣ, имтиёзҳо барои сармоягузории хориҷӣ, бахшҳое, ки дар онҳо сармоягузорӣ муфидтар аст, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, тартиби таъсис додани корхонаҳои муштарак ё сирф бо сармояи хориҷӣ маълумот медиҳанд.

Дувум, пешрафти Тоҷикистон, қабл аз ҳама, пешрафти иқтисодӣ ва техникии он, аз омилҳои гуногун, бахусус истифодаи оқилона ва босамари захираҳои об, маводи сӯхт,

ашёи хоми табиӣ, зерсохтори техникӣ – нақлиёт, лӯлаҳои нафт, газ, пайвандҳои ташаккулёфтаи иқтисодии субъектҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ вобаста аст; ҳамкории босамар ва сатҳи иқтисодӣ қодир аст, суръати рушди иқтисодиро боло барад. Савум, кишварҳои Осиёи Миёна муштаракоти зиёди таърихӣ ва фарҳангӣ, суннати дерина ва арзишманди ҳамкорӣ доранд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои 1991-1992 Тоҷикистон ба таҳкими сохтори давлатӣ ва дарёфти мавқеи хеш дар арсаи байналмилалӣ машғул буд, вале ҷанги шаҳрвандӣ ин равандро суст намуд. Аммо хушбахтона, бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар низоми давлатдории тоҷикон давраи сифатан нав оғоз гардид. Ҳанӯз дар муроҷиати аввалини хеш ба халқи шарифи Тоҷикистон Сарвари давлат аз 12-уми декабри соли 1992 принсипҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷиро изҳор намуд, ки дар он принсипи «мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама бо Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон» нақши муҳим дошт [2].

Моҳи июли соли 1996 Президенти Қирғизистон А. Акаев ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф овард. Мавриди зикр аст, ки ин сафар ташрифи чоруми роҳбарияти ин кишвар баъди ба даст овардани мустақилияти кишварҳо ба шумор мерафт. Дар натиҷаи сафар лоиҳаи як силсила ҳуҷҷатҳо ба имзо расид, ки бахри рушди равобити кишварҳо дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард [3].

Ҳуҷҷати муҳим «Аҳднома дар бораи асосҳои муносибати байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон» мебошад. Инчунин, протокол «Дар бораи таъсиси комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бахри баррасии умумии масоили дуҷониба» ҷойгоҳи махсус дорад.

Моҳи сентябри соли 1997 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон М. Иманалиев ба Тоҷикистон ташриф овард. Баъди вохӯрӣ бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров ва Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон «Ёддошти тафоҳуми муштарак» ба имзо расид. Инчунин, баҳри баррасии масоили муштараки кишварҳо ҳайати тоҷикистонии комиссияи байниҳукуматӣ муайян карда шуд. Моҳи октябри соли 1997 аввалин ҷаласаи комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон баҳри баррасии умумии масоили дуҷониба дар шаҳри Ош доир гардид [4].

Дар чаҳорчӯбаи фаъолияти комиссия то охири соли 1997 лоиҳаи 20 ҳуҷҷати байнидавлатӣ баррасӣ гардид. Бо оғози фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон уфуқҳои муайянро соҳиб гардида, дар соҳаҳои мухталиф густариш ёфтанд.

Такони ҷиддӣ ба равобити дуҷониба дар натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон 6 -7 майи соли 1998 ба амал омад. Дар натиҷаи ин сафар 15 ҳуҷҷат ба имзо расид, ки соҳаҳои иқтисодӣ – тиҷоратӣ, фарҳангӣ – сиёсӣ, муҳоҷират, мубориза алайҳи ҷинояткории муташаккил, қочоқи маводи мухаддир ва ғайраро танзим менамуд [5].

Дар соҳаи иқтисодӣ низ, дар ин давра пешравиҳо ба назар мерасиданд. Масалан, соли 1992 гардиши тиҷоратии кишварҳо ба 4,5 миллион доллар баробар бошад, пас дар соли 1999 нишондоди гардиши тиҷоратӣ ба 11,1 миллион доллар расид [6].

Асри XXI бо воқеоти террористии дар ИМА рухдода оғоз гардид, ки ба хусусияти минбаъдаи муносибатҳои байналхалқӣ таъсири амиқ гузошт. Тағйироти мазкур ба минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсири хешро гузоштанд. Бо назардошти вазъи хосси бавуҷудомада, раванди ҷаҳонишавӣ ва давраи нави робитаҳои байнидавлатӣ, муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ба зинаи нисбатан наву сифатӣ ворид гардиданд. Давраи мазкур бо субот, ҳамкориҳои мутақобилан судманд, афзоиши таваҷҷуҳ нисбати сохторҳои иқтисодии якдигар фарқ менамояд. Омили дигари густариши робитаи ҷонибҳо, ин асноди ҳуқуқӣ-меъёрӣ мебошад, ки шумораи онҳо айни замон ба 61 адад расидааст. Аз ҷумла 6 ҳуҷҷати байнидавлатӣ, 20 ҳуҷҷати байниҳукуматӣ ва 21 байниидорӣ - муносибатҳои байни кишварҳоро танзим менамоянд [7].

Дар оғози асри XXI самтҳои рушди стратегии муносибатҳои ду кишвар дар доираи боздидҳои расмии дуҷонибаи чандинкаратаи ҳайатҳои ҳукуматҳои ду кишвар, вохӯрии сарварони давлатҳо, саммитҳои созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ муайян шуданд ва шакл гирифтанд. Марҳилаи муҳимми робитаҳо дар ин давра сафари расмии Президенти

Қирғизистон А. Акаев ба пойтахти кишвари мо дар таърихи 26 майи соли 2004 мебошад. Дар натиҷаи ин сафар ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили «Созишномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон «Оид ба шарикӣ ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ», «Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳарбӣ», «Созишномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи осонтар сохтани тартиби ба даст овардани ҳуқуқи табаият», «Созишномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи парвози ҳавопаймоҳо байни ду кишвар», «Созишномаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳифзи мутақобилаи сармоя», «Созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ» ва Меморандумиривоҷу равнақи ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи амният ба имзо расиданд, ки ба рушди робитаҳои дуҷониба такони тоза бахшиданд.

Ҳамзамон, дар доираи робитаҳои фарҳангии кишварҳо вохӯрии Президенти Қирғизистон А. Акаев бо намояндагони зиёии кишвари мо баргузор гардид. Зимни мулоқот А. Акаев умумияти зиёд доштани фарҳанги халқҳои тоҷику қирғизро қайд намуда, изҳор дошта буд, ки «мо бояд дӯстию ҳамкории мамлакатҳо, халқҳо ва академияҳои илмҳоямонро ҳифз намоем ва густариш диҳем».

Дар чаҳорчӯбаи ин сафар 26 майи соли 2007 рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар таъмини болоравии тиҷорати байнидавлатӣ нақши асосиро намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Қирғизистон, ки аз соли 1996 фаъолият дорад, мебозад. Бо мақсади густариши тиҷорати ду кишвар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2003 қабул гардид, ки он барои рушди тиҷорати наздисарҳадӣ имконият фароҳам овард. Дар заминаи ин қарор дар ноҳияи Исфара дар сарҳади Қирғизистон бозори «Гулистон» кушода шуд. Амали мазкур ба рушди тиҷорати байнидавлатии кишварҳо мусоидат намуд. Самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳо саноати кӯҳӣ, металлургияи ранга, комплекси агросаноатӣ, саноати сабук, энергетика, коммуникатсия ва нақлиёт мебошанд.

Аз Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон маъмулан нахи пахта, маҳсулоти кишоварзӣ ва нассоҷӣ содир мешавад. Аз Қирғизистон бошад, ба ҷумҳурии мо шифер, шиша, чароғҳои баркӣ, гӯшт ва маҳсулоти ниёзи мардум ворид мешавад. Динамикаи рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ хусусияти мусбиро доро буда, ҳамасола афзоиш меёбад. Масалан, агар ҳаҷми он дар соли 2002 ба 8,9 млн долл. баробар бошад, ин нишондод дар соли 2003-юм аллакай ба 31,2 млн доллар, дар соли 2004-ум ба 22 млн долл, дар соли 2005-ум ба 23,8 млн долл. ва дар соли 2006 ба 39,4 млн долл. баробар гардид [8]. Ҳарчанд рақамҳои мазкур иқтидори пурраи иқтисодии кишварҳоро инъикос нанамоянд, вале боварӣ дорем, ки фаъолияти босамари хатти интиқоли барқи Конибодом-Боткен ва бунёд ёфтани хатти баландшиддати Ҷануб-Шимоли Тоҷикистон ва роҳҳои мошингарди Душанбе-Хуҷанд-Чанок ва Душанбе-Ҷиргатол-Саритош ва баъди ба истифода додани шоҳроҳи Душанбе – Ҷиргатол- Саритош ин нишондодҳо босуръат афзоиш меёбанд.

Мавриди зикр аст, ки дар сиёсати хориҷии ду кишвар тавофуқи пурра дар масоили байналхалқӣ ва минтақавӣ ҳукмфармост.

Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Қирғизистон соли 2005 мавҷи эътирозу ноороми ҳо бо номи «инқилоби зард» ба амал омада бошад ҳам, вале ба сиёсати кишварҳо нисбати якдигар ягон тағйирот ворид нагардидааст.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Ҷумҳурии Қирғизистон дар таърихи 18-20 сентябри соли 2007 дар муносибати байни кишварҳо марҳалаи наверо оғоз намуд. Сарварони кишварҳо аз камшавии ҳаҷми мубодилоти мол изҳори нигаронӣ карда, таъкид намуданд, ки барои ҷоннок кардани корҳо дар ин самт бояд чораҳои муассир андешида шаванд, зеро ки ба андешаи мутахассисони масъул имкону захираҳои истифоданагардида хеле зиёданд. Таҳкиму густариши робитаҳо дар соҳаҳои гидроэнергетика, коммуникатсия, саноати маъданҳои кӯҳӣ, илму техника ва фарҳанг аз самтҳои асосии ҳамкории ду кишвар маънидод гардиданд. Ҷонибҳо омодагӣ ва ҳавасмандии худро бахри густариши ҳамкориҳои минтақавӣ таъкид намуданд. Дар робита ба аҳамияти ин мавзӯъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳор намуда буд: "Таҳкими ҳамкории минтақавӣ барои кишвари мо аз самтҳои асоситарини сиёсати хориҷӣ аст, зеро ки танҳо чун минтақаи воҳиди дорои шароити ягонаи хоҷагидорӣ мо метавонем

муваффақона ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ пайваст шавем".

Дар рафти сафари зикршуда 5 санади муҳим, аз ҷумла " Эъломияи муштарак дар бораи густариши минбаъдаи муносибатҳои дӯстона байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон", " Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба танзими раванди муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон", "Созишнома байни Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ, хоҷагии об ва коркарди саноати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ", "Созишнома байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг", "Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии бойгонии назди Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қирғизистон" ба имзо расид.

Гуфтанист, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бо намояндагони Ассотсиатсияи тоҷикони муқими Ҷумҳурии Қирғизистон ва донишҷӯёни тоҷик, ки дар муассисаҳои олии таълимии ин кишвар таҳсил мекарданд, мулоқот намуд. Дар мулоқот, аз ҷумла зикр гардид, ки ҳоло дар қисмати ҷанубии Қирғизистон беш аз 40 ҳазор тоҷикон кору зиндагӣ доранд. Дар 10 мактаби миёнаи умумии тоҷикӣ зиёда аз 5 ҳазор хонандагон таҳсил мекунанд. Зиёда аз 60 нафар фарзандони тоҷикони Қирғизистон дар муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Ҳамасола барои таҳсили ҷавонони тоҷикзабони Қирғизистон дар мактабҳои олии Тоҷикистон ҷудо гаштани 25 квота далели таваҷҷуҳи давлати мо ба ҳамватанони бурунмарзӣ мебошад. Қайд гардид, ки дар муддати 5 сол (2002-2007) беш аз 700 нафар қирғизҳои Тоҷикистон ба мактабҳои олии Қирғизистон барои таҳсил фиристода шуданд. Аз он, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Қирғизистон то оғози соли нави таҳсил беш аз 8 ҳазор адад китобҳои дарсии тоҷикӣ харидорӣ намуд, изҳори қаноатмандӣ карда шуд. Ҳамчунин, факултаҳои забон ва адабиёти тоҷик дар донишгоҳҳои шаҳрҳои Ош ва Боткент фаъолият мекунанд. Президенти кишвар дастур дода буд, ки ҷиҳати бо китобҳои дарсию бадеӣ ва дигар асбобу техникаи зарурӣ таъмин намудани мактабҳои тоҷикии Қирғизистон чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Минбаъд барои тоҷикҷавонони Қирғизистон дар мактабҳои олии Тоҷикистон то 50 бурсия (квота) ҷудо карда мешавад, гуруҳҳои фарҳангии тоҷикони ин кишвар бо асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои миллии саҳнавӣ таъмин мегарданд. Баъди вохӯрӣ ба тоҷикони Қирғизистон 2 ҳазор дона китобҳои илмию таърихӣ ва бадеии тоҷикӣ ва ҳамчунин шумораи зиёди асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои миллии саҳнавӣ тухфа карда шуд [1].

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон на танҳо дар сатҳи дуҷониба, балки дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ, аз қабили ИДМ, СААД, СҲШ низ бомаром ва босубот давом доранд.

16 сентябри соли 2016 дар Қирғизистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ин ҷаласаи навбатии сарони кишварҳои узви ИДМ масъалаҳои мутобиқсозии Иттиҳод ба шароити имрӯзи ҷаҳони муосир, тақвияти ҳамгироии минтақавии давлатҳои аъзои Иттиҳод дар соҳаҳои гуногун, таъмини амнияту субот ва мубориза ба муқобили хатару таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ баррасӣ шуда, вобаста ба 25-солагии таъсисёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил изҳороти муштараки роҳбарони ҳайатҳо қабул гардид.

Бояд гуфт, ки дар ҷаласа сарони кишварҳои Иттиҳод дар муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои умумии байнидавлатӣ доир ба иҷрои минбаъдаи масъалаҳои рӯзномаи корӣ мавқеи худро муайян намуда, барои мубаризаи муштарак бар зидди хатарҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, таъмини амният дар қаламрави Иттиҳод, коҳиши таъсири омилҳои номатлуб ба иқтисодиёти давлатҳо ва дигар масъалаҳои мубрам омодагию ҳавасмандии хешро таъкид намуданд.

Намунаи ҳамкории доманадор ва босамари ду кишвар, албатта, иштироки онҳо дар татбиқи лоиҳаи CASA - 1000 хоҳад буд [9].

Мавриди зикр аст, ки 12 майи соли 2016 дар шаҳри Турсунзода бо иштироки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси иҷроияи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Абдулло Абдулло, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жеенбеков ба оғози татбиқи Лоиҳаи

минтақавии интиқоли неруи барқи CASA-1000 асос гузошта шуда буд.

6 июли соли 2017 дар ноҳияи Варзоб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои иштирокчии тарҳи CASA - 1000 иштирок ва суханронӣ намуданд. Дар вохӯрии сатҳи баланд ҳамчунин раиси Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ва Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбай Жээнбеков иштирок доштанд [9].

Бо ёдоварӣ аз тадбирҳои муҳимми энергетикии роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки амали анҷомдода дар ин самт на танҳо ба манфиати давлати мо, балки ба манфиати кулли давлатҳои минтақа мебошад.

Таъкид гардид, ки аз ҷумлаи лоиҳаҳои бузурги минтақавии энергетикӣ, ки Тоҷикистон дар татбиқи саривақтии он баробари дигар кишварҳои иштирокдори лоиҳа манфиатдор аст, ин тарҳи CASA - 1000 мебошад ва ҳамдастии амиқ дар татбиқи ин тарҳи муҳимми инфрасохтори энергетикӣ дар баробари таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, кишварҳои минтақаро бо ҳалқаи мустаҳками энергетикӣ пайваст карда, ҳамкориро дар дигар арсаҳои ҳаётан муҳим тақвият мебахшад.

Ҳамчунин, тарҳи CASA - 1000 унсури калидии бозори энергетикии минтақа ва пайвандсози тавлидкунандагону истеъмолкунандагони неруи барқ дар арсаи ду минтақа арзёбӣ шуда, имкониятҳои давлати мо дар интиқоли неруи барқ тавассути афзоиши иқтидорҳои тавлиди неруи барқи дохилӣ дар тамоми сол муаррифӣ гардид.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор доштанд, ҳадаф аз баргузории чорабинии имрӯза арзёбии ҷараёни иҷрои нақшаҳои қаблан тарҳрезишуда ва табодули афкор оид ба вазифаҳои муҳимму афзалиятноки лоиҳаи CASA - 1000 мебошад, ки роҳбарони ҳайатҳо бояд ҷиҳати амалишавии ҳамаи чорабиниҳо тибқи нақша ва дар муҳлатҳои таъйиншуда, қабули қарорҳои дахлдор ва бунёди ҳарчи зудтари ҷузъҳои алоҳидаи лоиҳа дар қаламрави чаҳор давлат, оғози ҳарчи зудтари сохтмони хатти интиқоли барқи баландшиддати доимӣ дар Афғонистон, истифодаи самараноки механизм ва усулҳои нав, дарёфти роҳҳои ҳалли мутақобилан судманд, мувофиқатшуда ва муосир, сохтмони зиёда аз 1342 км хатти интиқоли барқи доимӣ ва тағйирёбандаи баландшиддат, бунёди зеристгоҳҳои табдилдиҳандаи ҷараёни барқ (конверторҳо), истифодаи таҷҳизоти навтарин баррасии роҳҳои муносибгардонии фаъолияти василаҳои идоракунии CASA - 1000 чораҳои муассир андешанд.

Аз ҷумла, татбиқи лоиҳа талошҳои моро ҷиҳати ноил шудан ба Ҳадафи ҳафтуми Рушди Устувор, ки тибқи он то соли 2030 бояд дастрасии умумӣ ба барқи арзону муосир таъмин шавад ва ҳиссаи неруи таҷдидшаванда дар тавозуни энергетикии ҷаҳон ба таври назаррас афзоиш ёбад, ҳамаҷониба тақвият мебахшад.

Дар баробари ин, лоиҳаи КАСА-1000 омили ҷорӣ намудани меъёрҳои нави тиҷоратӣ ва фановариҳои муосир дар иқтисодиёт мебошад.

Дар идомаи суханронӣ Сарвари давлат таъкид намуданд: «Имрӯз мо дар ин ҷо ба ҳадафи арзёбии ҷараёни иҷрои нақшаҳои қаблан тарҳрезишуда ва табодули афкор оид ба вазифаҳои муҳимму афзалиятноки лоиҳаи КАСА-1000 ҷамъ омадем. Аз вохӯрии охири мо як сол сипарӣ шуд ва дар ин муддат коршиносон ва вазорату идораҳои салоҳиятдори кишварҳои мо вазифаҳои муҳимро иҷро намуданд. Дар ин замина мехоҳам, масъалаи гузаронидани тендерҳо (озмунҳо), инчунин ба анҷом расидани раванди муайян кардани пудратчӣ (паймонкор) барои сохтмони хатти интиқоли барқи баландшиддат дар қаламрави Афғонистонро, ки 550 км тӯл мекашад, қайд намоям. То охири сол арзёбии дархостҳои тендерӣ оид ба сохтмони зеристгоҳҳои табдилдиҳандаи ҷараёни барқ (конверторҳо) ва дигар хатҳои интиқоли барқ ба анҷом хоҳад расид. Вале, аз назари мо, раванди татбиқи Лоиҳа аз муҳлати пешбинишуда ақиб мемонад. Аз ин хотир зарур мешуморем, ки ба кундшавии раванди татбиқи лоиҳаи КАСА -1000 имкон надиҳем ва талошҳои муштаракро дар самтҳои ҷудогона тақвият бахшем[1].

Ҳамзамон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: Бо истифода аз фурсат, мехостам мулоҳизаҳои зерини худро дар ин маврид иброз намоям [10]:

Нахуст, ҳамаи чорабиниҳо бояд тибқи нақша ва дар муҳлатҳои таъйиншуда амалӣ шаванд.

Дувум, мувофиқи мақсад медонем, ки қарорҳои дахлдор қабул шаванд ва ҳарчи зудтар бунёди ҷузъҳои алоҳидаи Лоиҳа дар қаламрави чаҳор кишвар оғоз гардад.

Сеюм, мо пешниҳод мекунем, ки талошҳои Ҳукумати Афғонистон ҷиҳати оғози ҳарчи зудтари сохтмони хатти интиқоли барқи баландшиддати доимӣ дар дохили ин кишвар, ки ҷузъи таркибии ин тарҳ маҳсуб мешавад ва расмиёти тендерии он ба анҷом расидааст, ҳаматарафа дастгирӣ ёбанд.

Чорум, лоиҳаи КАСА-1000, ки дар асл нодир аст, истифодаи самараноки механизм ва усулҳои нав, дарёфти роҳҳои ҳалли мутақобилан судманд, мувофиқатшуда ва муосирро талаб мекунад.

Панҷум, сохтмони зиёда аз 1342 км хатти интиқоли барқи доимӣ ва тағйирёбандаи баландшиддат, бунёди зеристгоҳҳои табдилдиҳандаи ҷараёни барқ (конверторҳо) ва истифодаи таҷҳизоти навтарин дар назди мутахассисони соҳаи энергетика вазифаҳои иловагӣ ва ҷиддӣ мегузорад.

Барои ҳалли саривақтии онҳо дастгирии ҳамаҷонибаи кишварҳои аъзои Лоиҳа ва шарикони рушд муҳим аст [11].

Шашум, таҷрибаи пешбурди лоиҳаи КАСА-1000 дар солҳои охир нишон дод, ки баррасии роҳҳои муносибгардонии фаъолияти василаҳои идоракунии Лоиҳа зарур аст.

Шароити тағйирёбандаи берунӣ ва минтақавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои замони муосир аз мо иқдомҳои муассир ва қатъиро ҷиҳати ҳарчи зудтар ва пурра анҷом додани Лоиҳа тақозо мекунад. Тибқи баъзе ҳисобҳо, ҳар сол бо сабаби ба таъхир афтодани татбиқи Лоиҳа кишварҳои аъзо, дар маҷмӯъ, беш аз 500 миллион доллари ИМА зарар мебинанд. Аз ин рӯ, мо пешниҳод мекунем, ки вохӯриҳои мунтазами шахсони расмии чаҳор кишвар, ки салоҳияти қабул кардани қарорҳоро доранд, баргузор шаванд. Илова бар ин, пешниҳод дорем, ки имконияти баргузории вохӯриҳои ҳарсолаи сатҳи баланди кишварҳои иштирокчии Лоиҳа мавриди баррасӣ қарор гирад [1].

Воқеан, тарҳи КАСА-1000 на танҳо низомҳои энергетикии чор кишварро ба ҳам мепайвандад, балки метавонад қадами аввалин дар ҳамгироии воқеӣ ва мутақобилан судманди кишварҳои ду минтақа ба нафъи наслҳои имрӯза ва оянадаи онҳо гардад.

Татбиқи самаранок ва саривақтии Лоиҳа намунаи равшани ҳамбастагии кишварҳои ҳамҷавор дар дастёбӣ ба рушди устувор мебошад ва бояд, ки ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар ин масъалаи муҳим ва стратегӣ саҳми босазои худро гузоранд.

Аз нишасти охирини сарони давлатҳои сегона- Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон дар баҳори соли 2014 ёдовар шуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар ин давра оғози татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000 аз дастовардҳои бузург ва таърихии ин давлатҳо ба ҳисоб меравад [12].

Дар мулоқоти сегона бо диди васеъ ва иродаи матин суръат бахшидани раванди татбиқи ин тарҳи стратегӣ таъкид гардида, аз роҳбарони ҳайатҳо даъват ба амал оварда шуд, ки ҷиҳати татбиқи бетаъхири лоиҳа бо мақсади пайванди табиии давлатҳои минтақа ва таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоии онҳо тадбирҳои судманд амалӣ намоянд. Ҷонибҳо ҳамчунин доир ба масъалаҳои муҳимми марбут ба ҳамкориҳои сеҷониба дар самти иштироки фаъол дар ба эътидол овардани вазъи мураккаби сиёсию низомии Афғонистон, мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккил ва қочоқи маводи нашъаовар табодули афкор намуданд.

Дар доираи ин ҳамоиш 6 июли соли 2017 дар ноҳияи Варзоб Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жеенбеков мулоқот намуданд. Дар мулоқот вазъ ва дурнамои муносибатҳои байниҳукуматии Тоҷикистон ва Қирғизистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки Тоҷикистону Қирғизистонро марзҳои муштарак, истифодаи умумии ҳавзаи дарёҳо ва зерсохтори зарурии роҳу нақлиёт ба ҳам пайваста, барои рушду тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳо шароити мусоид ва имкониятҳои фаровон муҳайё мебошанд. Ҷонибҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи робитаҳои байнидавлатӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат дар заминаи ҷоннок намудани кори Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар комиссияву зеркомиссияҳои танзимкунандаи муносибатҳои дуҷониба фикру мулоҳизаҳои судманд баён доштанд. Дар мулоқот ҳамчунин масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар соҳаҳои роҳу нақлиёт, энергетика, истифодаи оқилонаи захираҳои об ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ, инчунин иштироки фаъол дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги минтақавии

роҳҳои оҳан ва лулаҳои газ мавриди баррасӣ қарор дода шуд [13].

Ҳамин тавр, бо назардошти омилҳои зикршуда метавон гуфт, ки раванди ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон хислати динамикӣ дошта, бо вуҷуди мавҷудияти баъзе мушкилот дар масъалаи марзҳо, онҳо ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам чандҷониба пешомадҳои равшанро ба бор доранд.

## АДАБИЁТ


1. www. **president**.tj.
2. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. –Душанбе: Ирфон, 2002. -Ҷилди 1. -С. 6.
3. [Захираи электронӣ] www.Mid.tj. Таджикско – киргизские отношения.
4. Саидов З. Внешняя политика РТ на современном этапе / З. Саидов. -С. 24.
5. Тоҷикистон: 15 соли Истиқлолияти давлатӣ. -Душанбе, 2006. -С. 336.
6. [Захираи электронӣ] www.Mid.tj. Таджикско – кыргызские отношения.
7. Назаров Т.Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. -Душанбе, 2006. -244 с.
8. Пайрав Чоршанбиев. В Таджикистане дан старт реализации проекта CASA-1000. https://news.tj/ru/news/v-tadzhikistane-dan-start-realizatsii-proekta-casa-1000. 12 мая, 2016.
9. Президенты Таджикистана и Кыргызстана приблизились к решению вопроса делимитации границ. [Захираи электронӣ] https://ru.sputnik-tj.com/country/20180201/1024622826/rakhmon-zheenbekov-nametili-shagi-opredeleniyu-linii-gosgranitsy.html. 01.02.2018
10. Проект CASA-1000 объявил тендер на строительство конвертерных подстанций в Сангтуде и Ноушере. [Захираи электронӣ] http://avesta.tj/2016/10/10/proekt-casa-1000-obyavil-tender-na-stroitelstvo-konverternyh-podstantsij-v-sangtude-i-noushere. **10.10.2016**
11. В Таджикистане стартует реализация Проекта CASA-1000. [Захираи электронӣ] http:// www .tajikemb .kg/index. php?option =com_ newscatalog&view=article&id=270:tajikistan-starts-the-realization-of-the-project-casa-1000&Itemid=123
12. Президенты Таджикистана и Кыргызстана приблизились к решению вопроса делимитации границ. [Захираи электронӣ] https://ru.sputnik-tj.com/country/20180201/1024622826/rakhmon-zheenbekov-nametili-shagi-opredeleniyu-linii-gosgranitsy.html. 01.02.2018


## НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ШАКЛГИРӢ ВА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Мақолаи мазкур ба таърихи устуворшавӣ ва таҳаввули муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бахшида шудааст. Бо истифода аз мавод ва адабиёти мавҷудви ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф кӯшиш кардааст, ки шароити душвори дастёбии ҳарду халқро ба соҳибистиқлолӣ нишон диҳад. Муаллиф нишон додааст, ки ба туфайли кушишу заҳматҳои роҳбарони ҳарду давлат дар муносибатҳои дуҷоинба равандҳои динамикӣ васеъ сурат гирифтаанд, ки барои васеъ ва амиқшавии мазмун ва сатҳҳои муносибатҳои ҳарду давлат мусоидат мекунанд. Муаллиф ба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои ду кишвари ҳамсоя ва дуст, аз ҷумла ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, бавижа энергетикӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудааст. Аз ҷумла, иштироки фаъолонаи ҳарду кишвар дар амалӣ гардондани лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ, аз ҷумла CASA – 1000, ки дар раҳоии ҳарду кишвар аз вазъи буҳронӣ дар соҳаи энергетикӣ иқдоми бузурге мебошад, мавриди таҳлили ҳамаҷониба ва муфассали муаллиф қарор гирифтааст. Тоҷикистон ва Қирғизистон бо мақсади ҳалли босамари масъалаҳои афзалиятдошта ва тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба пойгоҳи институтсионалии устувор – Шӯрои байнидавлатии ҳамоҳангсозӣ, Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ, Комиссияи байниҳукуматӣ ҷиҳати баррасии комплексии масоили дуҷониба ва Комиссияи байниҳукуматии делимитатсия ва демаркатсияи марзҳои давлатиро таъсис додаанд.



**Калидвожаҳо:** соҳибистиқлолӣ, робитаҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва чандҷониба, амну суботи миллӣ ва минтақавӣ, ҳамкориҳои фарҳангӣ, лоиҳаҳои энергетикӣ, суботи динамикӣ, делимитатсия ва демаркатсия.


## ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ УСТАНОВЛЕНИЯ И ЭВОЛЮЦИЮ ДВУСТОРОННИХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С КИРГИЗСКОЙ РЕСПУБЛИКОЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ


В статье рассказывается об истории установления дипломатических отношений Республики Таджикистан с Киргизской Республикой в 90-е годы прошлого столетия, подробно анализируется весь ход развития отношения между братскими республиками в трудные годы становления государственного суверенитета. Автор подробно и всесторонне раскрывает основные, приоритетные направления двустороннех взаимоотношений. Среди них автор акцентирует внимание на экономических, культурных, политических аспектах двустороннего сотрудничества. В статье рассказывается о высоком уровне сотрудничества и взаимопонимания, установленных в отношениях лидеров двух республик, о перспективах экономического, особенно энергетического сотрудничества Таджикистана и Киргизстана. В частности, автор свидетельствует, что отношения между двумя странами успешно развиваются и на многосторонней основе. Киргизстан и Таджикистан сотрудничают в рамках таких международных и региональных организаций, как СНГ, ОДКБ, ШОС и ОИС. В последние годы сохраняется положительная динамика в киргизско-таджикских отношениях. Заметно активизировались двусторонние и многосторонние встречи на уровне Глав государств, правительств и профильных ведомств. Переговорные процессы по актуальным вопросам, в том числе по описанию киргизско-таджикской государственной границы, получили более содержательный и интенсивный характер. Киргизстан и Таджикистан с целью эффективного решения приоритетных вопросов и дальнейшего углубления двустороннего сотрудничества учредили устойчивый институциональный фундамент - Межгосударственный Координационный Совет, Совет Министров иностранных дел, Межправительственную комиссию по комплексному рассмотрению двусторонних вопросов и Межправительственную комиссию по делимитации и демаркации кыргызско-таджикской государственной границы. Относительная стабильность на кыргызско-таджикской государственной границе стала возможной благодаря политической воле глав государств и усилиям центральных органов власти, силовых структур и органов

местного самоуправления, которые весьма плодотворно взаимодействуют. Понятно, что только в условиях политической стабильности можно последовательно и взвешенно разрешать имеющиеся споры.

**Ключевые слова**: теоретико-методологические основы, дипломатические отношения, встречи на верхах, энергетические проекты, культурное сотрудничество, динамическая стабильность , делимитация и демаркация границ.

**REFLECTION ON THE HISTORY OF THE ESTABLISHMENT AND EVOLUTION OF BILATERAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE KYRGYZ REPUBLIC IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

The following article describes the history of the establishment of diplomatic relations of the Republic of Tajikistan with the Kyrgyz Republic in the 1990s, and it analyzes the entire course of development of relations between the fraternal republics in the difficult years of state sovereignty in detail. The author comprehensively reveals the main priority directions of the bilateral relations in detail. In the given article the author focuses on the economic, cultural, political aspects of bilateral cooperation. The article describes the high level of cooperation and mutual understanding which was established in relations between the leaders of the two republics, and the prospects of economic, especially energy cooperation between Tajikistan and Kyrgyzstan. Particularly the author is convinced that the relations between the two countries are successfully developing on a multilateral basis. Kyrgyzstan and Tajikistan cooperate in the framework of international and regional organizations such as the CIS, CSTO, SCO and OIC. It should be mentiond that in the last few years positive trend in Kyrgyz-Tajik relations can be oserved. Bilateral and multilateral meetings at the level of Heads of State, Government and relevant departments have become noticeably more active. Negotiation processes on current issues, including the description of the Kyrgyz-Tajik state border have become more meaningful and intensive. Kyrgyzstan and Tajikistan address priority issues and further deepening bilateral cooperation effectively established sustainable institutional foundation - the Intergovernmental Coordination Council, the Council of Ministers of Foreign Affairs, the Intergovernmental Commission on Integrated Bilateral Issues and the Intergovernmental Commission on the Delimitation and Demarcation of the Kyrgyz-Tajik State Border. The relative stability on the Kyrgyz-Tajik state border was made possibly due to the political will of the heads of states and the efforts of the central authorities, security agencies and local governments that interact very fruitfully. It is clear that only in the conditions of political stability it is possible to resolve the existing disputes in a consistent and balanced manner.

**Keywords:** Theoretical and methodological foundations, diplomatic relations, top level meetings, energy projects, cultural cooperation, dynamic stability, delimitation and demarcation of borders.

**Сведения об авторе**: ***Абдуллоев Джамшед*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. . Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-4444@mail.ru**

**Information about author**: ***Abdulloev Jamshed.*** – Tajik national university, post graduator of international relations department. **Adress:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki av.Tel: **(+992) 904-40-44-44**. E-mail: **ajam-4444@mail.ru**

**УДК:930 (575.3) (575.2)**

# ИНЪИКОСИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН (1992-1997) ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

***Мирзоев Ҷ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистоданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил дохил мешуд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Вале, мутаассифона, давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониён қурбон ва ҳазорҳо нафари дигар бехонумон шуда, хазинаи давлат касоду миллати тоҷик парешон гардид.

Роҷеъ ба инъикоси воқеоти сиёсӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии солҳои 90-уми асри XX аз ҷониби муаррихон, сиёсатмадорон, журналистон, ҳуқуқшиносон ва умуман аҳли илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифоти зиёде ба табъ расидааст, ки фарогири ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошанд. Дар байни онҳо, махсусан асарҳое, ки ба инъикоси саҳифаҳои мудҳиши таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол – ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) бахшида шудаанд, мавқеи муҳим доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар инъикоси солҳои аввали даврони истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), сабабҳо, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он, пеш аз ҳама, гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон манбаи муҳим ва хеле арзишманд маҳсуб мeёбанд [30]. Сарвари давлат ҳанӯз 31 декабри соли 1992 дар зимни суханронии

табрикотиашон ба муносибати таҷлили соли нави мелодӣ вазъи вазнини сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоиеро, ки Тоҷикистони азизро фарогир буд, чунин ифода карда буданд: «Неруҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан моҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи «Лаъли Бадахшон», «Ҳамдилон», «Меҳри Хатлон», «Ҳисори Шодмон», «Истаравшан», «Зарафшон» ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд» [33, с. 18-19].

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри XX як силсила тадқиқоте рӯйи кор омаданд, ки дар инъикоси маҷмуии бархӯрди сиёсӣ дар ҷумҳурӣ (1991-1997) манбаи асосӣ ба ҳисоб мераванд [9]. Муаллифони онҳо кӯшиш намудаанд, ки вазъияти сиёсии Тоҷикистонро дар солҳои 90-уми асри XX, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, созмон ёфтани нахустин маҳфилҳои сиёсӣ, заминаҳои ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ, сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳои асосии сулҳи тоҷикон, нақши Русия ва дигар давлатҳои ҳамсояи минтақа дар раванди баҳамоии тоҷикон, инчунин нақши ташкилоту созмонҳои байналхалқӣ дар истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллии тоҷиконро инъикос намоянд.

Дар зимни таҳқиқу баррасии масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама, ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа»-ро, ки дар он мавзӯи таҳқиқотии мо низ баррасӣ гардидааст, қайд кардан бамаврид аст [17]. Вале бояд зикр кард, ки дар ин таҳқиқот масоили солҳои аввали истиқлолият, маҳз таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) хеле фишурда ва ноқис инъикос ёфта, амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Бо вуҷуди ин, асари мазкур муҳимтарин манбаъ дар боби омӯзиши воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX маҳсуб меёбад. Дар он ба баъзе масоили баҳсноки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, ба амсоли оғози ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқон гуногун арзёбӣ мегардид, хотима гузошта шудааст. Муаллифони асари мазкур, барҳақ воқеотеро, ки санаи 5 майи соли 1992 дар қаламрави Оли Совети ноҳияи Ленин рух дода, дар натиҷаи он се кас кушта ва чанд нафари дигар захм бардоштанд, инчунин дар назди бинои Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони номаълум кушта шудани намояндаи халқ, сардабири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шералиев ва иштирокчии гирдиҳамоии майдони «Озодӣ» Холиқ Ҷурабоевро оғози ҷанги шаҳрвандӣ медонанд [17, с. 444].

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси воқеаҳои солҳои аввали истиқлолият - ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, на танҳо муаррихон, балки зиёиёни касбу корҳои гуногун, аз ҷумла журналистон, сиёсатшиносон ва шоҳидони воқеаҳо низ даст заданд. Асарҳои аксари онҳо характери ҳикоятӣ ва ёддоштӣ дошта, бо сабабҳои гуногун ба муаллифон муяссар нашудааст, ки воқеаҳои таърихиро илман таҳлил намоянд. Ҳадафи таълифи ин гуна асарҳо танҳо инъикоси воқеаҳои дида ва шунида буда, муаллифон заминаҳо, омилҳо, сабабу натиҷаҳо ва аҳамияти воқеаҳоро пурра мавриди таҳқиқ қарор надодаанд. Сарфи назар аз камбудию костагиҳо ин таълифот аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор буда, дар инъикоси таърихи сиёсии солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон манбаи муҳим маҳсуб меёбанд. Ба ин гурӯҳ маводҳо ёддоштҳои А. Соҳибназаров [37], С. Кенҷаев [19], Н. Дӯстов [16], Б. Каримов [18], Х. Насриддинов [25], М. Амиршо [5], С.А. Нурӣ [27], О. Панфилов [29], Х. Тураҷонзода [38] ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз бисёр ҷиҳат муаллифони ин рисолаҳо аз ҳақиқати таърихӣ дур шуда, бештар ба ситоиши фаъолияти ҳизбу созмонҳои хеш ва сиёҳ кардани ҳарифони сиёсии худ машғул мешаванд.

Дар фарқият аз асарҳои ёддоштии зикршуда, мақолаҳои Р.Абулҳаев [3] воқеан ҷанбаи илмӣ дошта, муаллиф дар онҳо ҷанги шаҳрвандӣ ва даврaҳои гуфтушуниди миёни тоҷиконро инъикос намудааст. Ӯ сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандиро бо назардошти методологияи илмӣ таҳқиқ намуда, яке аз сабабҳои дохилии сар задани онро дар мансабталошӣ ва кӯшиши табдил додани низоми давлатдории дунявӣ ба динӣ мебинад [3, 39].

Дар мавриди муайян намудани сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон аксари кулли муҳаққиқони таърихи навини тоҷикон, назири Г.Х. Ҳайдаров [41], И. Усмонов [40], Р. Абулҳаев [3], Ғ. Ғоибов [13], А.И. Кузмин [21], А Ғафуров [11] ва дигарон, ду омилро ҷудо кардаанд: омили берунӣ ва дохилӣ. Ба андешаи А.И. Кузмин, ки худ шоҳиди бархӯрди сиёсии солҳои аввали истиқлолият буд, омили дохилии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) тезутунд шудани масоили иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва демографӣ, қабл аз ҳама афзоиши аҳолӣ дар шароити норасоии замин, афзалият доштани кишти пахта, рушди нобаробари минтақаҳо,

роҳандозии сиёсати ғалати кадрӣ, ки манфиати намояндагони баъзе минтақаҳоро нодида мегирифт ва боиси вусъат пайдо кардани падидаи ноҳатлуби маҳалгароӣ гардида буд, маҳсуб меёбанд. Ба сифати яке аз омилҳои асосии берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, мавсуф қазияи Афғонистонро ном бурдааст. Ба назари ӯ, ғалабаи муҷоҳидон дар Афғонистон ёрии мустақими онҳоро ба бунёдгароёни исломии Тоҷикистон (таъмини яроқу аслиҳа, омода гардонидани ҷангиёни тоҷик, ба сифати «зархарид» иштирок кардани муҷоҳидон дар амалиётҳои ҷангӣ) зиёда гардонд ва боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) гардид [20].

Бояд зикр кард, ки воқеан ҳам дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX роҳбарияти Тоҷикистон, дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва инчунин Россия ҷиҳати муқобилияти шадид ба омили афғонӣ омода набуданд. Афғонистони хатарзо, ворид шудани бунёдгароёни исломӣ ба Тоҷикистон вазъиятро дар тамоми Осиёи Марказӣ муташанниҷ мегардонд. Аз ин лиҳоз ҷумҳуриҳои пасошӯравии минтақаро лозим буд, ки муттаҳид шуда, дар ҳамкорӣ бо Россия ҳифзи боэътимоди марзҳои ҷанубии ИДМ-ро таъмин намоянд.

Бояд тазаккур дод, ки муҳаққиқони номбурда дар радифи омили афғонӣ рақобати ниҳонии абарқудратони минтақа, ба монанди Эрон, Покистон, Туркия ва пешсафи ҷаҳони арабӣ-мусулмонӣ – Арабистони Саудиро ҷиҳати ба фазои таъсири хеш табдил додани Осиёи Марказӣ омили дигари сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) ном бурдаанд.

Яке аз воқеаҳои муҳиме, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваста, дар рафти он дигаргунии амиқ ворид намуд ва ба таърихи давлатдории навини тоҷикон ибтидо гузошт, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин иҷлосияи тақдирсоз дар таърихи 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ сурат гирифта, самтҳои асосии рушди ҷомеаро дар оянда муайян кард. Дар ин иҷлосия роҳбари нави давлати тоҷикон, сарвари 40-солаи вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов интихоб гардид, ки ҳангоми савгандёдкунӣ ба вакилони халқ ва мардуми тоҷик чунин ваъда дод: «…фаъолияти худро ман аз барпо намудани сулҳ оғоз менамоям…» [28, с. 23] ва ӯ ба ваъдаи хеш вафо кард. Баъд аз гузашти 10 сол яке аз вакилони иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Малик Қурбонов ин воқеаи таърихиро ба ёд оварда, чунин қайд мекунад: «Ба ҳар як шахси хирадманд маълум аст, ки маҳз ба туфайли ҷаҳду талоши Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат наҷот ёфт. Ин муболиға не, балки таҳлили вазъи даҳсолаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо мебошад. Ин ҳамон ҳақиқате мебошад, ки онро тамоми ҷаҳон ва аксарияти ташкилотҳои байналмилалӣ эътироф мекунанд» [28, с. 24].

Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихӣ дорад. Қариб тамоми сохторҳои давлати навини тоҷикон маҳз аз ин иҷлосия сарчашма мегиранд. Мавриди зикр аст, ки дар омӯзишу баррасӣ, ташвиқу тарғиби аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи мазкур асару мақолаҳо, гузоришу баромадҳо ва паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар манбаи хеле арзишманд маҳсуб меёбанд [31]. Сарвари давлат аҳамияти бузурги таърихӣ доштани иҷлосияи мазкурро дар яке аз паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода кардаанд: «Роҳи мо ба сӯйи чунин низом аз баргузории иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки оғози наҷоти миллати мо аз вартаи пароканда̄гӣ ва гузоштани аввалин хишти бинои сулҳ дар сарзамини куҳанбунёди тоҷикон буд, ибтидо мегирад» [32].

Аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсози иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба инобат гирифта, теъдоди зиёди муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намудаанд. Роҷеъ ба иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он шумораи зиёди китобҳо ва мақолаҳо ба табъ расидаанд. Муаллифони аксари онҳо иштирокчиёни бевоситаи иҷлосия буда, лаҳзаҳои мушаххаси воқеаҳои иҷлосияро баррасӣ намудаанд.

Лозим ба зикр аст, ки ҷиҳати инъикоси иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти таърихӣ ва рисолати сарнавиштсозу пайомадҳои он асарҳои И.Усмонов [40], Г.Ҳайдаров [41], К.Абдулов [2], инчунин асарҳои бунёдии «Бунёди давлатдории навин» [7], «История таджикского народа» [17] ва “Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол” [28], Д.Назриев ва И.Сатторов [24], З.Акрамӣ [4] нақши бориз доранд. Муаллифони мазкур иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро рӯйдоди муҳим ва сарнавиштсоз номида, аҳамияти таърихӣ ва пайомадҳои он, аз ҷумла ба тариқи раъйпурсӣ қабул шудани Конститутсияи Тоҷикистон дар соли 1994, интихоби

Раиси Ҷумҳур ва билохира ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро дар санаи 27 июни соли 1997 таҳлил ва баррасӣ намудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқи таърихи сиёсии даврони истиқлолият И.Усмонов, аҳамияти таърихии иҷлосия, қабл аз ҳама, аз он иборат аст, ки ин иҷлосия "тавонист роҳбариятеро интихоб намояд, ки давлат ва сарзаминро аз парокандашавӣ ва миллатро аз худкушӣ наҷот диҳад" [40, с. 87].

Доктори илмҳои таърих З.Акрамӣ дар рисолаи хеш заминаҳои ташаккулёбии давлатдории муосири тоҷикон ва паҳлуҳои гуногуни иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо диди нав мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Мавсуф дар рисола, махсусан аз назари мантиқи таърихӣ ҷойгоҳ ва ё мақоми иҷлосияи мазкурро хеле возеҳу рӯшан нишон дода, дар ин маврид чунин навиштааст: "Маҳз қарорҳои таърихии иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони нави мамлакатро имкон доданд, ки масоили муҳимми ҳаётро ҷиҳати манъи ҷанги бародаркуш, бозгашти гурезагон ба ватан, дарёфти роҳҳои гуфтушунидҳо ба Иттиҳоди мухолифини тоҷик, бунёди давлатдории нав ва низоми ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳал намоянд" [4, с. 18].

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихнигории ватанӣ ҳамчун иҷлосияи сарнавиштсоз ва наҷотбахш тавсиф мешавад. Аммо, ба ақидаи И.Усмонов, на ҳама ин фикрро ҷонибдоранд. Ӯ дар таҳқиқоти хеш – "Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол" аз рисолае зери унвони "Пантуркизми коммунистӣ", ки дар соли 1993 паҳн шуда буд, чунин иқтибос меорад: "Дар сессияи XVI як ҳукумати пантурккоммунистӣ таъсис ёфт. Сессияи мазкур сессия набуд, давоми ҳамон турктозиҳову юришу яғмо буд, ки охируламр ба ифрот гаравид" [40, с. 88]. И. Усмонов муаллифи ин рисоларо зери тозиёнаи танқид қарор дода, андешаҳои ботил ва бепояи ӯро собит сохтааст.

Ба андешаи мо низ, иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти бузурги таърихӣ буда, давлату миллати тоҷикро аз парокандагӣ эмин дошт ва санади ба даст омадани Истиқлолияти давлатиро дар амал тасдиқ намуд.

Яке аз масъалаҳои хеле муҳим дар таърихнигории ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997, ки то имрӯз ҳалли пурраи худро наёфтааст, даврабандии ин рӯйдоди мудҳиши ҳарбӣ-сиёсӣ маҳсуб меёбад. Муҳаққиқоне, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ё умуман ба даврабандӣ кардани ин воқеоти нангин даст назадаанд, ва ё дар даврабандӣ кардани он, ба назари мо, ба иштибоҳот роҳ додаанд. Масалан, дар таҳқиқоти диссертатсионии М.Г. Ганҷакова [10], ки боби аввали он бевосита ба инъикоси ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 марбут аст ва ба амсоли ин мақолаҳои зиёде, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таълиф гардидаанд, ҷанги шаҳрвандӣ умуман даврабандӣ нашудааст. Муаллифони асари дастаҷамъии "История таджикского народа" [17] таърихи ҷанги шаҳрвандиро ба ду давра ҷудо кардаанд. Ба ақидаи онҳо, давраи аввал аз 5 майи соли 1992 то моҳи декабри соли 1992 ва давраи дуюм аз моҳи январи соли 1993 то 27 июни соли 1997 идома кардааст. Дар китоби дарсии "Таърихи халқи тоҷик" [23], ки барои донишҷӯёни макотиби олӣ таълиф гардидааст, муаллифон таърихи ҷанги шаҳрвандиро ба се давра ҷудо кардаанд. Ба ақидаи эшон, давраи аввали ҷанги шаҳрвандӣ "аз воқеаҳои фоҷиавии моҳи феврали соли 1990 сар шуда, то 25-уми марти соли 1992" [23, с. 210] идома кардааст. Муаллифони китоби мазкур давраи дуюмро ба моҳи майи соли 1992 то моҳи декабри ҳамон сол ва давраи сеюмро ба моҳи январи соли 1993 то 27-уми июни соли 1997 нисбат додаанд [23, с. 210]. Вале, мутаассифона, ба назари мо, ин гуна даврабандӣ барои таърихи ҷанги шаҳрвандӣ мувофиқ нест. Зеро воқеаҳои нангини моҳи феврали соли 1990 ба ҳеҷ ваҷҳ оғози ҷанги шаҳрвандӣ буда наметавонанд, ки ба ин муҳаққиқони зиёд низ ишора кардаанд. Гузашта аз ин, ба хотири муайян намудани ҷойгоҳи «воқеаҳои февралӣ» ва мушаххас намудани он, ки оё «воқеаҳои февралӣ»-ро дар чаҳорчӯбаи «ҷанги шаҳрвандӣ» ғунҷонидан мумкин аст, бояд қабл аз ҳама ба таъбири «ҷанги шаҳрвандӣ» рӯшанӣ андозем. Ба истинод ба манбаъҳо ва луғатҳои мавҷуда бо итминон гуфтан мумкин аст, ки «ҷанги шаҳрвандӣ» - ин муқовимати низомии ду ва ё зиёда гурӯҳҳои мухолиф дар дохили як кишвар аст, ки даъвои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсиро доранд. Вале «воқеаҳои февралӣ» як тазоҳурот, як ошӯбе беш набуд. Ин воқеот муқовимати як гурӯҳи ҷиноятпеша аст, ки аз ҷониби чанд нафар мансабталош ба хотири ғасби мансаб роҳандозӣ шуда, ба муқобили ҳукумати давр равона шуда буд. Аз ин лиҳоз, «воқеаҳои февралӣ»-ро ба ҷанги шаҳрвандӣ мансуб донистан, ба назари мо, иштибоҳе беш нест.

Муҳаққиқи рус О.Х.Шарафиева низ, ки боби дуюм ва сеюми таҳқиқоти ӯ маҳз ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), сабабҳо, рафти ҷанг ва давраҳои асосии он

бахшида шудааст, мутаассифона, оғози ҷанги шаҳрвандиро аз воқеаҳои февралӣ медонад. Гузашта аз ин, мавсуф боби дуюми таҳқиқоти хешро «Оғози муноқиша ва марҳилаи «шиддатнок»-и ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1990-1994)» номгузорӣ карда, марҳилаи якуми амалиётҳои ҷангиро дар Тоҷикистон ба моҳи апрел -11 майи соли 1992 нисбат медиҳад. Умуман, О.Х.Шарафиева таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистонро ба чор давра ҷудо кардааст. Ба ақидаи ӯ, давраи дуюм аз 11-уми майи соли 1992 то 11-уми декабри соли 1992, давраи сеюм аз моҳи январи соли 1993 то моҳи апрели соли 1994 ва давраи чорум аз моҳи апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 идома кардааст [43]. Ба андешаи мо, дур аз Тоҷикистон, дар ҳудуди кишвари Россия таълиф гардидани таҳқиқоти мазкур ва бо ҷурми огоҳӣ надоштани муаллиф аз таълифоти муҳаққиқони тоҷик чунин иштибоҳот дар мавриди муайян кардани давраҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) иттифоқ афтодааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши маводи дастрас ва нигоҳи интиқодӣ ба таълифоти мавҷуда ба назар чунин мерасад, ки таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро метавон ба ду давра ҷудо кард. Давраи аввал аз санаи 5-уми майи соли 1992, ки аксари кулли муҳаққиқон ба он ишора кардаанд, оғоз шуда, то моҳи декабри ҳамон сол, яъне то ба анҷом расидани иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ низ таҳаввулот ворид кард, давом кардааст. Давраи мазкур марҳилаи аз ҳама шиддатноки ҷанги шаҳрвандӣ буда, дар ин муддат қариб 50 ҳазор нафар тоҷикистониён қурбон гардиданд. Тибқи маълумоти Комиссариати олии СММ оид ба масоили фирориён, 600 ҳазор, яъне даҳяки аҳолии мамлакат маҷбур шуданд, ки ҷойи истиқомати доимии худро дигар кунанд. 80 ҳазор нафар дар марзи Афғонистон паноҳ бурданд [17, 446]. Хисороти иқтисодие, ки ба ҷумҳурӣ расонида шуд, тахминан 300 млрд рублро ташкил медод. 80% неруи саноатии мамлакат аз кор бозмонд, ҳаҷми даромади миллӣ дар соли 1992 дар муқоиса ба соли 1991 31 % кам гардид [20]. Дар охири соли 1992 иқтисодиёти мамлакат дар вазъи ногувор дошт. Эҳтимолияти аз ҷумҳурӣ ҷудо шудани вилояти Ленинобод ба миён омад. Роҳбарияти вилояти Бадахшони Кӯҳӣ масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод кард. Хатари ҳамчун давлат аз байн рафтан Тоҷикистонро таҳдид мекард.

Давраи дуюм аз моҳи январи соли 1993, яъне баъд аз анҷоми иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шаҳри Душанбе ба кор шурӯъ намудани роҳбарияти тозаинтихоби давлат оғоз ёфта, то 27 июни соли 1997 – ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” давом кардааст. Давраи дуюмро, ба назари мо, метавон ба ду марҳила ҷудо кард. Марҳилаи аввал аз моҳи январи соли 1993 то моҳи апрели соли 1994, оғози даври аввали гуфтушуниди байни тоҷикон (5-19 апрели соли 1994)-ро, ки дар дили мардуми тоҷик шуълаи оштии миллӣ ва сулҳу амониро афрӯхт, фаро мегирад. Марҳилаи дуюм аз моҳи апрели соли 1994 то 27-уми июни соли 1997 давом карда, бо имзои “Созишномаи умумии истиқрои сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” ба анҷом расидааст.

Лозим ба зикр аст, ки дар инъикоси лаҳзаҳои алоҳидаи ҷанги шаҳрвандӣ нақши мақолаҳои илмии дар нашрияҳои гуногун ва матбуоти даврӣ батабъррасида [1] назаррас аст. Онҳо баъзе масоили марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро хеле амиқ таҷассум кардаанд. Дар онҳо ва дигар маводи матбуоти даврӣ маълумоти ҷамъбастӣ оид ба заминаҳо ва сабабҳо, рафт, инчунин натиҷаҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) оварда шудааст. Алалхусус мақолаҳои А. Руденко [34] ва А. Дубнов [15] дар инъикоси давраи аввали ҷанги шаҳрвандӣ хеле ҷолибанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла муаррихони Россия низ саҳм доранд. Масалан, дар таҳқиқоти В. И. Бушков ва Д.В. Микулский [8], А. Гушер [12], М. Хрусталев [42], Н. В. Солоник [36], Р.Бобохонов [6], В.В.Дронов [14] ва В.Носов [26] таърихи сиёсии солҳои аввали Тоҷикистони соҳибистиқлол, заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, рафти ҷанг ва оқибатҳои мудҳиши он, инчунин зуҳур ва ташаккулёбии низоми сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ бояд маводи гирдовардаи онҳо бо истифодаи усули муқоисавӣ бо маълумотҳои муҳаққиқони ватанӣ мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар мақолаи Р. С. Бобохонов (Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки) сабабҳо, рафт ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) тасвир ва таҳлил гардидаанд. Аммо, ба назари мо, бо назардошти он ки ӯ намояндаи яке аз гурӯҳҳои «этноминтақавӣ» (ғармиҳо) (таъбири Р.С.Бобохонов – муаллиф) маҳсуб меёбад, мавқеи ӯ дар инъикоси ҳодисаю воқеаҳо воқеъбинона нест. Р.С.Бобохонов худ шоҳиди бисёр воқеоти ҳарбӣ-

сиёсии дар Тоҷикистон рухдода набуд (дар шаҳри Москва зиндагӣ ва фаъолият мекард) ва гарчанде ки «маводи зиёд, аз ҷумла нақли шоҳидон, суҳбат бо қумандонҳои саҳроӣ ва арбобони динӣ» [6, с. 55] -ро истифода карда бошад ҳам, ба назари мо, бештари ин мавод аз ҷониби мухолифин пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, мақолаи мазкур на бо санадҳои воқеӣ, балки бештар бо нақли шоҳидони як ҷониб, ҷониби мухолифин асоснок гардидааст.

Р.С.Бобохонов дар мақолаи хеш зимни таҳлили сабабҳои ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба хулосаи ботил расида, чунин овардааст: «Президент Набиев (қавми ленинободӣ) ба тазоҳуроткунандагони кӯлобӣ яроқ (тахминан 2000 автомат) тақсим намуд… Ин хатои маҳз буд, ки ҳукумат ҳангоми муқовимати осоишта содир кард. Маҳз ҳамин хатои ҳукумат ҷамъияти тоҷиконро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашид» [6, с. 56].

Аввалан, бояд қайд кард, ки 1 майи соли 1992 Президенти мамлакат Р.Набиев «Дар бораи баталёни алоҳида дар ҳайати Бригадаи фаъолияташ махсус» фармоиш содир карда, ба ҷонибдорони хеш 1800 автомат тақсим намуд. Ҳамин тавр, ӯ бо мақсади хотима додани ҳамоиши мухолифин ва ҳифзи Президенти қонунии мамлакат, дар асоси қонун «гвардияи миллии президентӣ» таъсис дод [17, с. 444].

Сониян, ҳанӯз 24 апрели соли 1992, вақте ки гирдиҳамоии ҷонибдорони ҳукумат дар майдони «Озодӣ» оғоз ёфт, тарафдорони мухолифин ба майдони «Шаҳидон» баргаштанд ва яке аз доиёни онҳо – Саид Қиёмиддини Ғозӣ иброз дошт, ки «мо гурӯҳҳои силоҳбадаст дорем. То имрӯз 27 ҳазор кас номнавис шудааст. Бояд қайд кард, ки ин кор, яъне ташаккули тафаккури исломӣ… имрӯз оғоз нашудааст. Ба ин кор мо 15 сол боз, яъне аз лаҳзаи таъсисёбии Ҳизби наҳзати исломӣ машғулем» [35]. Аз гуфтаҳои Саид Қиёмиддини Ғозӣ бармеояд, ки ҷонибдорони мухолифин ҳанӯз дар давраи гирдиҳамоии 50-рӯза, дар ибтидои моҳи апрели соли 1992, яъне қабл аз таъсисёбии «гвардияи миллии президентӣ» гурӯҳҳои силоҳбадаст созмон дода буданд ва шабонгоҳҳо ба машқи ҳарбӣ машғул мешуданд, ки дар ин хусус манбаъҳои зиёд гувоҳӣ медиҳанд [21].

Муаллифи мақола таҳлили сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997)-ро идома дода, дар ҷойи дигар чунин овардааст: «Дар маҷмӯъ ҷамъияти тоҷикон аз лиҳози сиёсӣ ба ду гурӯҳи номутаносиб ҷудо шуд: гурӯҳи Ленинобод (Хуҷанд), ки дар сари қудрат буд, аз як тараф ва гурӯҳҳои Ғарм, Кӯлоб, Помир – аз дигар тараф. Аммо қавми ленинободӣ, ки дар бунбасти сиёсӣ қарор гирифта буд, баҳри нигоҳ доштани ҳокимият мубориза бурда, ба тарафи худ ҷалб намудани неруҳои се қавми мухолифро оғоз кард. Ба онҳо муяссар гардид, ки қисмате аз қавми кӯлобиҳоро ба ҷониби худ моил гардонанд. Маҳз ана ҳамин мавқеи духӯраи қавми кӯлобӣ ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон боис гардид» [6, 62].

Аввалан ин ки бо чунин гурӯҳбандии ҷамъияти тоҷикон дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ бо муаллиф ҳамфикр будан мушкил аст. Зеро аз ибтидои бархӯрди сиёсӣ қавми кӯлобӣ бо ленинободиҳо дар мухолифат қарор надошт ва табиист, ки барои ҷалби онҳо зарурияте набуд.

Дувум ин ки аз ибтидои бархӯрди сиёсӣ қавми кӯлобӣ мавқеи мушаххасу устувори сиёсии худро дошт. Онҳо бо мақсади монеъ шудан ба таъсисёбии давлати исломӣ ба ҳифзи Президенти қонунӣ ва сохти конститутсионӣ бархеста буданд.

Оид ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ низ дифоъ гардиданд, ки дар онҳо ҷабҳаҳои алоҳидаи бунёди давлати соҳибистиқлол таҳқиқ шудаанд. Масалан, дар рисолаи номзадии М.Ганҷакова [10] масъалаҳои вазъи сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX, муборизаҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, таъсиси созмону маҳфилҳо ва ҳизбҳои ҷамъиятӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ инъикос ёфтаанд. Муаллиф ба масъалаи бархӯрди сиёсӣ дар Тоҷикистон, ки тайи солҳои 1991–1997 идома дошт, диққати ҷиддӣ дода, заминаҳо ва сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ҳадафу мароми ҷонибҳои даргир, инчунин марҳилаҳои ба сулҳ расидани тоҷиконро таҳлил кардааст. Ӯ махсусан аҳамияти таҷрибаи ба сулҳу ваҳдат расидани тоҷиконро қайд карда, зарурияти истифодабарии ин таҷрибаро дар мунокишаҳои сиёсии дигар давлатҳо таъкид мекунад. Рисолаи М. Ганҷакова боз аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки он нахустин тадқиқоти маҷмӯӣ дар инъикоси вазъияти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Д.Урунова [39] низ ба таҳқиқи вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шуда, дар он масъалаҳои барқароршавии низоми сиёсии Тоҷикистон баъд аз ба даст омадани истиқлолият баррасӣ гардидаанд.

О. Х. Шарафиева [43] таҳқиқоти хешро бевосита ба омӯзиши ҷанги шаҳрвандӣ бахшида, дар он сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар Тоҷикистон ва марҳилаҳои асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳои даргирро мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Вале бо ҷурми ба муҳаққиқ дастрас набудани таҳқиқоти олимони тоҷик, ки

аксаран шоҳиди ҳол буданд, ӯ натавонистааст сабабҳо ва рафти ҷанги шаҳрвандиро воқеъбинона ва ботафсил инъикос намояд. Мавсуф ҳатто иштибоҳан оғози ҷанги шаҳрвандиро ба соли 1990 нисбат медиҳад ва ин дар ҳолест, ки аксари кулли муҳаққиқон санаи 5-майи 1992-ро оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон эътироф кардаанд.

Муҳаққиқи дигари тоҷик Ғ.Р. Мирзоев [22] дар таҳқиқоти номзадии хеш сабабҳои дар Тоҷикистон сар задании ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳои асосии он ва бо кумаки кишварҳои кафили минтақа, амсоли Россия ва созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба даст омадани сулҳу суботро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Вале ба ақидаи О. Х. Шарафиева, Ғ.Р. Мирзоев, ки худ иштирокчии фаъоли даргириҳои низомии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX, яке аз қумандонҳои бонуфузи Ҷабҳаи халқӣ маҳсуб меёфт, табиист, ки таҳқиқоти ӯ воқеъбинона набуда, бештар бо назардошти манфиати як ҷониб ба анҷом расидааст.

Ҳамин тавр, таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) аз он шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз таҳқиқоти зиёд дар ин самт, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин рӯйдоди мудҳиши сиёсӣ-низомӣ, ки ҷони ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониёнро ба гирдоби фано кашида буд, чандон равшан нест ва ҷиҳати барқарор намудани ин саҳифаҳои нангин дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқонро заҳмати бепоён ва таҳқиқоти фаровон дар пеш аст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллаев Н.Гражданская война в Таджикистане / Н.Г. Абдуллаев // Мир и политика. – 1994. - № 1; Абдуллоджанов А. Мы не правительство реванша / А. Абдуллоджанов // Новое время. – 1993. – 10 марта. - № 10 (2488); Дубнов А. Дети станут моджахедами. Если выживут. И не вернутся / А. Дубнов // Новое время. – 1993. – 11 марта. - № 11 (2489); Дубнов А. Продам БТР, куплю дом в России / А. Дубнов // Новое время. – 1992. – 3 октября. - № 43 (2469); Зубов А. Между райкомом и мечетью / А. Зубов // Новое время. – 1992. – 5 декабря. - № 50 (2476); Кива А. Жизнь политической жизни… / А. Кива // Новой время. – 1992. – 23 июня. - № 23 (2449); Ниязи А. Таджикистан: конфликт регионов / А. Ниязи // Восток. – 1997. - №2; Шукуров Р. После Набиева. Смогут ли новые власти пережить военное противостояние с югом и разногласия в своих рядах? / Р. Шукуров // Новое время. – 1992. – 8 сентября. - №38 (2464); Шукуров Р. Медленный бунт на площади / Р. Шукуров // Новое время. – 1992. – 20 мая. - № 20 (2444); Миррахимов М. Тёмные мысли. Ответ на статью «Вопросы и сомнения» Аюбзода С. и «Принесут ли надежду «Колокола надежды»?» / М. Миррахимов // Коммунист Таджикистана. – 1990. – 26 июня. - №144. (18067). Руденко А. Почему мы воюем? / А.Руденко // Народная газета. – 1993. – 4 февраля. - № 19 (18724); Понфилов О. К переговорам готовы и власть, и оппозиция. Кого они представляют / О.К. Понфилов // Независимая газета. – 1994. - 30 марта. - №25; Муҳаммадато С. Чӣ ҳол дорӣ гуреза? / С. Муҳаммадато // Ҷумҳурият. – 1994. - 19 январ. - №15; Меморандуми Бишкек / МИТ Ховар // Ҷумҳурият. – 1997. - 24 май. - №58; Эъломияи Теҳрон // Ҷумҳурият. – 1997. - 25 июн. -№76.
2. Абдулов К. Дар ин дунё. Иҷлосияи сарнавиштсоз. Монография / К. Абдулов. – Хуҷанд: Ношир, 2002. - Ҷ.6. – 438 с.
3. Абулҳаев Р. Сабабҳои дохилӣ ва берунии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2.- Душанбе, 2016. - С. 38-46; Абулҳаев Р. Давраҳои гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ / Р. Абулҳаев // Вопросы новейшей истории Таджикского народа. (Сборник избранных статей и публикаций). Часть 2. – Душанбе, 2016. – С. 47-110.
4. Акрамӣ З. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих. – Душанбе, 2017. – 80с.
5. Амиршо М. Раненные страницы. – М., 2001. – 304 с.
6. Бобохонов Р.С. Гражданская война в Таджикистане (1992-1997). Причины, ход, последствия и уроки / Р.С. Бобохонов // Общественные науки и современность. – 2011. - №3; Бобохонов Р.С. Некоторые вопросы историографии Таджикистана нового и новейшего времени / Р.С. Бобохонов. – М., 2012. – 82 с.
7. Бунёди давлатдории навин. Монография. – М., 2002.
8. Бушков В.И. Анатомия гражданской войны в Таджикистане (Этносоциальные процессы и политическая борьба, 1992-1995). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1996. – 160 с.; Бушков В.И. «Таджикская революция» и гражданская война (1989-1994 гг.). Монография / В.И. Бушков, Д.В. Микульский. – М., 1994. – 310 с.
9. Бушков В.П. Анатомия гражданской войны в Таджикистане. Монография / В.П. Бушков, Д.В. Микульский – М., 1996. – 160 с.; Каюмов Н.К. «Локомотивы» преодоления системного кризиса в Таджикистане / Н.К. Каюмов // Проблемы выживания и устойчивого развития Таджикистана: материалы семинара. – Душанбе, 1996; Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета. Монография / А. Мамадазимов. – Душанбе, 1996; Масов Р.М. Россия и Таджикистан / Р.М. Масов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе, 1998. – 156 с.
10. Ганджакова М.Г. Политическая история Таджикистана 90-х годов XX века: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / М.Г. Ганджакова. – Душанбе, 2015. – 213 с.
11. Гафуров А.М. Гражданская война в Таджикистане: причины и последствия / А.М. Гафуров [Электронный ресурс]. URL: http: //ia-centr.ru//expert/1920/ (дата обращения: 01.02.2019).
12. Гушер А. Война и мир в современном Таджикистане /А.Гушер // Азия и Африка сегодня. – 1998. - №3. – С. 6-13.
13. Ғоибов Ғ.Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 906 с.
14. Дронов В.В. Международное содействие становлению политической системы независимого Таджикистана: автореф. дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / В.В. Дронов.- М. – 2011. – 26 с.
15. Дубнов А. Дети станут моджахедами. Если выживут. И не вернутся / А. Дубнов // Новое время. – 1993. – 11 марта. - № 11 (2489); Дубнов А. Продам БТР, куплю дом в России / А. Дубнов // Новое время. – 1992. –

3 октября. - № 43 (2469).
16. Дўстов Н. Захм бар ҷисми Ватан: хотира ва андешаҳо / Н. Дўстов.– Душанбе: Ирфон, 1994. – 336 с.
17. История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.
18. Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.
19. Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Ўзбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.
20. Кузьмин А. И. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А.И. Кузьмин [Электронный ресурс]. URL: http: / militaryarticle.ru/obozrevatel/1993-obozrevatel/12799/ (дата обращения: 01.02.2019).
21. Кузьмин А. И. Таджикистан. Причины и уроки гражданской войны / А.И. Кузьмин // Постсоветская Центральная Азия. Потери и обретения. – М., 1998. – 232 с.
22. Мирзоев Г.Р. Преодоление конфликтной ситуации в Республике Таджикистан. Россия и восстановление мира (90-е годы XX века): дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / Г.Р. Мирзоев. – М., 2004. – 192 с.
23. Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – 328 с.
24. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.
25. Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.
26. Носов В. Гражданская война в Таджикистане / В. Носов. - М. – 2012. – 76 с.
27. Нурӣ С.А. Оштинома / С.А. Нурӣ. – Душанбе: Нодир, 2001. – 360 с.
28. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири Акрамӣ З.И. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.7-47.
29. Панфилов О. Горячие точки Таджикистана: журналисты на гражданской войне (1992 – 1997 гг.). Монография / О. Панфилов. – М: Права человека, 2003. – 564 с.
30. Раҳмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах.- Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт ҷилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Рахмон Э. Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель», 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374с.
31. Раҳмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах / Э. Рахмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиклолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт ҷилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.
32. Раҳмон Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20.04.2006 // Садои мардум. – 2006. – 22 апрел.
33. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – С. 18-19.
34. Руденко А. Почему мы воюем? / А.Руденко // Народная газета. – 1993. – 4 февраля. - № 19 (18724).
35. Садои мардум. – 1992. – 25 апрел. - №83.
36. Солоник Н.В. Страницы эпохи распада СССР: гражданская война в Таджикистане / Н.В. Солоник // Вестник Пермского государственного технического университета. – Пермь, социально-экономические науки. – 2011. - №11. – С. 25-41.
37. *Соҳибназаров А.* Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; *Соҳибназаров А.* Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.
38. Тўраҷонзода Ҳ. А. Миёни обу оташ тарҳи сулҳ андохтем / Ҳ. А. Тўраҷонзода. – Теҳрон, 1998. – 65 с.
39. Урунова Д.А. Становление новой политической структуры в Республике Таджикистан, 1991-1997гг.: автореферат диссертации кандидата исторических наук: 07.00.02 / Д.А. Урунова. – Душанбе, 1998. – 26с.
40. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
41. Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.
42. Хрусталёв М. Гражданская война в Таджикистане: истоки и перспективы / М. Хрусталёв. – М., 1997. – 74 с.
43. Шарафиева О.Х. Гражданская война в Таджикистане (1990-1997гг.): дис. … канд. ист. наук: 07.00.03 / О. Х. Шарафиева. – Томск, 2010. – 242 с.

## ИНЪИКОСИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН (1992-1997) ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

Дар мақола масоили омўзиши саҳифаҳои мудҳиши таърихи халқи тоҷик дар солҳои 90-уми асри XX - таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар натиҷаи он ҳазорҳо нафар тоҷикон ва тоҷикистониён қурбон ва ҳазорҳо нафари дигар бехонумон шуда, хазинаи давлат касоду миллати тоҷик парешон гардида буд, дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор шудаанд. Дар он муаллиф махсусан ба инъикоси заминаҳо, сабабҳо, омилҳои дохилӣ ва берунии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с.1992-1997), иҷлосияи XVI-уми Шўрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ таҳаввулоти амиқ ворид намуд ва ба таърихи давлатдории навини тоҷикон ибтидо гузошт, диққати махсус додааст. Илова бар ин, ба масъалаи даврабандии таърихи ҷанги шаҳрвандӣ, ки то имрўз ҳалли пурраи худро наёфта, аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ гуногун арзёбӣ шудааст, аҳамияти хосса дода мешавад.

**Калидвожаҳо:** ҷанги шаҳрвандӣ, таҳқиқоти бунёдӣ, сабабҳои ҷанг, омилҳои дохилӣ, омилҳои берунӣ, оғози ҷанг, даврабандӣ, муҳаққиқони ватанӣ, асарҳои ёддоштӣ, оқибатҳои ҷанг.

**ОСВЕЩЕНИЕ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ(1992-1997ГГ.) В ТАДЖИКИСТАНЕ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ И ЗАРУБЕЖНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ**

В статье анализируются вопросы изучения страшных страниц истории таджикского народа – истории гражданской войны в исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, впоследствии которой десятки тысяч таджиков и таджикистанцев погибли и тыясчи людей стали бездомными. При освещении особое внимание уделено предпосылкам, основным причинам, внешним и внутренним факторам возникновения гражданской войны в Таджикистане (1992-1997гг.). Немаловажное значение имеет XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, после проведения которого существенное изменение произошли в политической жизни таджикского народа и новейщей истории государственности таджиков. Кроме того, в статье автор уделяет особое внимание также проблемы периодизации истории гражданской войны, которая до сих пор оставалась нерешенной.

**Ключевые слова:** гражданская война, фундаментальное исследование, причины войны, внутренние факторы, внешние факторы, начало войны, периодизация, отечественные исследователи, мемуарная литература, последствия войны.

**REFLACTION OF CIVIL WAR (1992-1997) IN TAJIKISTAN IN RESEARCH PAPERS OF DOMESTIC AND FOREIGN RESEARCHERS**

The article analyzes the issues of the study of the terrible pages of the history of the Tajik people- history civil war in the research of domestic and foreign researchers, later which the thousands of Tajiks and Tajik cityzens died and thouthands become homeless. A special attention is given to preconditions, the main reasons, external and internal factors of occurrence of civil war in Tajikistan (1992-1997 ). Of significant importance is the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, after which the ensuing change occurred in the political life of the people and technological supports the history of the statehood of the Tajiks. In addition, the article also pays a special attention to the problems of periodization of the history of Civil War, which has still remained unresolved.

**Key words:** civil war, fundamental research, causes of war, internal factors, external factors, beginning of war, periodization, domestic researchers, memoirs literature, consequences of war.

**Сведения об авторе: Мирзоев Дж. А**. – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры «Зарубежное регионоведение» факультета «Международных отношений». Телефон: **987168225.**
E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**.

**Information about the author:** ***Mirzoev J. A.*** **-** Tajik National University, art. lecturer of the Department "Foreign Regional Studies" of the Faculty of "International Relations". **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone**: 987168225.** E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru.**

**УДК:930 (575.3) (510)**

## ОБЪЯВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕГО ИСТОРИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ

***Фармонова Д.Ж.***
**Худжандский государственный университет им Б.Гафурова**

События 19-21 августа 1991 года, проходившие в Москве, ускорили процесс распада Советского Союза. Во всех союзных республиках проходили митинги, собрания и сессии парламентов, где они определяли свои позиции относительно ГКЧП. Несмотря на то, что 17 марта 1991 года на всенародном референдуме подавляющее большинство граждан страны проголосовало за сохранение СССР, союзные республики одна за другой стали декларировать свою независимость.

Кроме стран Балтии (Латвия, Литва, Эстония), Российская Федерация одной из первых республик СССР объявила о своей независимости.

31 августа и 1 сентября 1991 года на сессиях Верховных Советов Киргизская Республика и Республика Узбекистан приняли решение о провозглашении государственной независимости [10].

Естественно, эти события не могли не повлиять и на ход политических процессов в Таджикистане. 31 августа 1991 года на внеочередной сессии Верховного Совета Таджикской ССР был принят закон об изменении названия Таджикской Советской Социалистической Республики на Республику Таджикистан.

Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан двенадцатого созыва, которая проходила 9-10 сентября 1991 года, приняла Заявление о Государственной независимости Республики Таджикистан [2, с.53].

9 сентября был объявлен Днём государственной независимости Республики Таджикистан. Были приняты постановления «О внесении изменений и дополнений в Декларацию о

суверенитете Таджикской Советской Социалистической Республики» и «О провозглашении государственной независимости Республики Таджикистан», также был принят Закон «О внесении изменений и дополнений в Конституцию (Основной закон) Республики Таджикистан» [3, с.56]. В Декларации о Государственной независимости Республики Таджикистан говорится: «…в соответствии с Декларацией о суверенитете Таджикской Советской Социалистической Республики, принятой 24 августа 1990 года, Верховный Совет объявляет государственную независимость Республики Таджикистан» [11, с.375-376].

Объявление Государственной независимости Республики Таджикистан – это результат революционных изменений в СССР, последствий развала могучей империи – Советского Союза.

XVI Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан сыграла свою неоценимую роль в укреплении полной независимости Республики Таджикистан. Решение вопросов, рассмотренных на ней, укрепило положение Таджикистана в мировом сообществе, привело его к новым политическим достижениям. Таким образом, Республика Таджикистан получила полную независимость и стала известна всему миру как страна, имеющая свою Конституцию, свой Флаг, Герб и национальный Гимн.

В противоречивом XX веке вновь пришлось приложить усилия для спасения таджикской нации. Это произошло в тот период, когда история представила нам в качестве бесценного дара национальную независимость. Независимость страны, этот бесценный дар истории, который таджикский народ получил по прошествии тысячелетия.

Достигнутая независимость является великим событием и величайшим достижением в новейшей истории Республики Таджикистан. Благодаря независимости, таджикской народ смог достичь спокойной и созидательной жизни на сегодняшний день.

Независимость способствовала дальнейшему развитию и обогащению братских взаимоотношений между нашей республикой и центрально-азиатскими государствами, а также государствами дальнего зарубежья.

Независимость открыла перед таджикским народом двери к самопознанию, уважению ко всем священным традициям и обычаям прадедов, она научила каждого сознательного человека почитать и ценить национальное независимое, единое, свободное, демократическое государство, и в условиях современного мира, стабильности и общественного согласия оно делает уверенные шаги по пути развития и прогресса.

Установление мира и национального согласия ещё более укрепили независимость Таджикистана, и у Правительства республики появилась возможность приступить к реализации программы экономических реформ.

Чем дальше отделяет нас время от событий, связанных с получением независимости, тем зримее становится его великое историческое значение для страны и народа. Государственная независимость, национальное единство, укрепление мира на нашей древней земле, практическое осуществление политических и социальных реформ на пути создания гражданского общества – это то, что мы имеем на сегодняшний день.

Независимость является величайшим и драгоценнейшим достижением государства и государственности таджиков в XX веке.

Независимость – это свидетельство существования равноправного и суверенного государства таджиков в мировом сообществе, самостоятельно проводящего свою государственную систему, внешнюю и внутреннюю экономическую, социальную и культурную политику.

Независимость – это символ государственности и патриотизма гордой цивилизованной таджикской нации, самостоятельно предначертавшей своё будущее, нашедшей свой неповторимый путь и своё достойное место в мировом сообществе, гармонируя пульс государства и нации с пульсом планеты [9, с.666-668].

8 декабря 1991 года в Беловежской пуще (Беларусь) руководители Республики Беларусь, Российской Федерации и Украины подписали соглашение о создании Содружества Независимых Государств (СНГ). «Мы, Республика Беларусь, Российская Федерация (РСФСР), Украина, как государства - учредители Союза ССР, подписавшие Союзный договор 1922 года, далее именуемые высокими договаривающимися сторонами, констатируем, что Союз ССР как субъект международного права и геополитическая реальность прекращает своё существование » [8, с.138], - говорится в преамбуле этого документа.

Руководители трёх государств, отмечается в соглашении, сделали этот шаг, основываясь на исторической общности народов в сложившихся между ними связях, стремясь построить демократические правовые государства и развивать свои отношения на основе взаимного

признания и уважения суверенитета друг друга, принципов равноправия и невмешательства во внутренние дела, считая, что дальнейшее развитие и укрепление дружбы и взаимовыгодное сотрудничество отвечают коренным интересам их народов, служат делу мира и безопасности [8, с.139]. Стороны подтвердили свою приверженность целям и принципам Устава ООН, Хельсинского Заключительного акта, обязались соблюдать международные нормы прав человека и народов, гарантировали своим гражданам независимо от их национальности равные права и свободы, обязались способствовать сохранению и развитию культурной, языковой и религиозной самобытности национальных меньшинств.

С целью развития равноправного и взаимовыгодного сотрудничества народов и государств было решено заключить специальные соглашения в области политики, экономики, культуры, образования, здравоохранения, науки, торговли, окружающей среды и других сферах. Было заявлено о признании и уважении территориальной целостности подписавших соглашение государств и неприкосновенности существующих границ, их открытости и свободе передвижения граждан.

Члены Содружества объявили о сотрудничестве в обеспечении международного мира и безопасности, осуществлении мер по сокращению военных расходов и вооружений. Они также приняли обязательства стремиться к ликвидации ядерного оружия, полному разоружению под международным контролем. В то же время стороны обязались уважать стремления друг друга к достижению статуса безъядерной зоны и нейтрального государства. Было решено сохранить объединённое командование общим военно-стратегическим пространством, единый контроль над ядерным оружием.

К сфере совместной деятельности стороны отнесли: координацию внешнеполитической деятельности; формирование и развитие общего экономического пространства, европейского и евразийского рынков; таможенную и миграционную политику; развитие систем транспорта и связи; охрану окружающей среды и экологическую безопасность; борьбу с организованной преступностью.

Согласно соглашения о создании СНГ, с момента заключения настоящего документа на территориях подписавших его государств не допускается применение норм третьих стран, в том числе бывшего СССР, деятельность органов прежнего Союза прекращается. Гарантировано выполнение международных обязательств, вытекающих из договоров и соглашений, подписанных Союзом ССР.

Соглашение открыто для присоединения всех членов бывшего Союза ССР, а также иных государств, разделяющих цели и принципы документа. Официальным местом пребывания координирующих органов Содружества был избран город Минск [5].

Документ подписали: за Республику Беларусь - Станислав Шушкевич и Вячеслав Кебич, за РСФСР - Борис Ельцин и Геннадий Бурбулис, за Украину -Леонид Кравчук и Витольд Фокин [5].

Выступая на пресс-конференции для журналистов, Председатель Верховного Совета Республики Беларусь Станислав Шушкевич сказал: «Мы крайне обеспокоены положением, сложившимся в результате развала Союза. Поэтому в рамках конституционно предоставленных нам прав мы взяли на себя инициативу и подписали соглашение об учреждением Содружества трёх независимых государств. Подписание этого документа влечёт за собой определённые структурные и властные изменения, поэтому мы договорились продолжить нашу работу» [7, с.158]. Три народа решили действовать сообща, - констатировал Президент России Борис Ельцин. Данное содружество вначале неофициально (в народе) получило название «славянский союз».

Главами трёх государств также было принято заявление относительно подписания данного соглашения.

Данная акция России, Беларуси и Украины практически осуществила распад СССР. Вслед за этим событием другие союзные республики начали определять своё отношению к новому союзу.

12-13 декабря 1991года по предложению Президента Туркменистана С. Ниязова в Ашхабаде состоялось совещание глав независимых республик Центральной Азии. В нём участвовали президенты Таджикистана - Р. Набиев, Кыргызстана - А.Акаев, Узбекистана - И. Каримов, Туркменистана - С. Ниязов и Казахстана - Н. Назарбаев. Переговоры проходили при закрытых дверях.

13 декабря главы суверенных государств Средней Азии и Казахстана подписали заявление. Этот документ был выработан в ходе встречи президентов независимых республик и переговоров об отношении к соглашению о Содружестве Независимых Государств,

подписанному Республикой Беларусь, Россией и Украиной.

В заявлении, в частности, говорится, что «стремление лидеров республик Беларуси, РСФСР, Украины создать на месте ранее бесправных государства воспринимается нами с пониманием». «Однако соглашение об этом,- подчёркивается в документе, - явилось для нас неожиданным. Процесс новой интеграции субъектов прежнего СССР на основе решения Съезда народных депутатов СССР зашёл в тупик. Минская инициатива носит позитивный характер» [4].

Участники встречи отмечают: необходима координация усилий по формированию Содружества Независимых Государств: его создание должно осуществляться на правовой основе; должно быть обеспечено равноправное участие субъектов бывшего Союза в процессе выработки решений и документов о Содружестве Независимых Государств. При этом все государства образующегося содружества, подчёркивается в заявлении, должны быть признаны в качестве его учредителей и указаны в тексте соглашения как высокие договаривающиеся стороны.

В документе отмечается, что в интересах сохранения стратегической стабильности в мире целесообразно обеспечить единый контроль над ядерным оружием и объединённое командование войсками стратегического сдерживания и военно-морскими силами.

Участники встречи заявили о готовности стать равноправными соучредителями Содружества Независимых Государств, учитывающего интересы всех его субъектов. После этого в Ашхабаде началась пресс-конференция участников встречи, на которой главы государств выразили свою позицию по отношению к СНГ. Они поддерживают его при условии признании их в качестве учредителей этого Союза. По данному вопросу состоялся телефонный разговор с Б. Ельциным, и он принял предложения руководителей стран Центральной Азии.

Была достигнута договоренность, что главы государств России, Украины, Беларуси, Казахстана, Таджикистана, Туркменистана, Кыргызстана встретятся 18-19 декабря и обменяются мнениями по поводу будущей формы Союза.

Для определения основных функций Содружества в столице Казахстана Алма-Ате 21 декабря 1991 года состоялась встреча глав 11республик бывшего СССР. Во встрече приняли участие Президенты: Азербайджанской Республики -А. Муталибов, Республики Армения - Л. Тер-Петросян, Республики Казахстан - Н. Назарбаев, Республики Кыргызстан - А. Акаев, Республики Молдовы - М. Снегур, Российской Федерации - Б. Ельцин, Республики Таджикистан - Р. Набиев, Туркменистана - С. Ниязов, Республики Узбекистан - И. Каримов, Украины - Л. Кравчук и Председатель Верховного Совета Республики Беларусь - С. Шушкевич [1].

Президент России Б.Ельцин по возвращении в Москву заявил журналистам в аэропорту: «Главный итог встречи руководителей Республик в Алма-Ате -независимость каждого государства, без центра, без диктата. Каждое государство будет проводить свою экономическую политику. Общей денежной единицей во всех государствах Содружества независимых государств будет рубль. 30 декабря в Минске намечено обсудить вопрос о создании координационных институтов СНГ, которые будут определять этапы, сроки, темпы реформ» [8, с.149].

Главы государств приняли Алма-атинскую декларацию относительно создания СНГ и дальнейшей судьбы СССР. Принятие данной декларации означало прекращение существования СССР.

Верховный совет Республики Таджикистан своим постановлением от 25 декабря 1991 года ратифицировал Алма-атинское соглашение о создании Содружества Независимых Государств. С этого момента Республика Таджикистан стала полноправным членом СНГ. [6]

После приобретения независимости, в конце 1991 - начале 1992 гг. пошёл процесс официального признания независимости Республики Таджикистан странами всего мира. Таджикистан был признан более чем 40 государствами. Помимо этого, последовали официальные и рабочие визиты в нашу страну представителей ведущих государств.

Однако события весны, лета и осени 1992 года, можно сказать, тут же поставили под сомнение эти достижения в области международных отношений.

Перед новорождённой молодой Республикой Таджикистан стояли многочисленные проблемы и самой главной было устранение политического, экономического, социального кризиса, который охватил всю страну. Выход из этого кризиса требовал от каждого гражданина республики объединиться в единой цели и сплотиться вокруг только что родившейся независимой Республики Таджикистан. Но обстановка, которая была в то время, не позволяла таджикскому народу осуществить эту цель. Реакционные силы внутри республики и за её

пределами с помощью наёмников, особенно внутренних оппозиционеров, пытались нарушить спокойствие народа, лишить страну независимости, национального самосознания как в политическом, экономическом, так и в культурном аспекте.

В результате закулисных игр, действий властолюбивых карьеристов, пассивности и бездействия неосведомлённых в политике людей удалось превратить Таджикистан в арену конфронтации различных политических партий и групп.

Гражданская война, длившаяся более пяти лет (1992 - 1997), принесла всем таджикистанцам неописуемые бедствия и лишения. В жизнь каждой таджикской семьи пришла беда, жизнь в одночасье стала невыносимо тяжёлой: безудержная инфляция, диктат дикого рынка, беспрерывное повышение цен, резкое падение курса денег, острая нехватка сырья и продуктов питания, длинные очереди ради получения нормированного хлеба – всё это доводило людей до отчаяния. В те дни наблюдался и такой парадокс: воспользовавшись осложнением внутриполитической обстановки в республике, почуяв ослабление сил органов государственной власти, в центре и на местах заметно оживили свою деятельность дельцы теневой экономики, подняли голову нечистые на руку криминальные элементы, которые разбазаривали, крали и путём различных махинаций присваивали государственное имущество.

Несмотря на политическую нестабильность, гражданскую конфронтацию, Республика Таджикистан, наряду с другими бывшими союзными республиками, приобрела государственную независимость и стала вести самостоятельную внешнеполитическую деятельность. Однако первые годы независимости для таджикского народа стали очень трудным испытанием на пути укрепления суверенитета, достижения национального согласия, прекращения гражданской войны.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алма-атинская декларация // Народная газета.- 1991, 24 декабря.
2. «Заявление о государственной независимости Республики Таджикистан» // Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1991.- № 18 .- 124 с.
3. Закон Республики Таджикистан «О внесении изменений и дополнений в Конституцию (Основной закон) Республики Таджикистан» //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 1991.- № 18 .- С. 56.
4. Заявление глав государств: Республика Казахстан, Республика Кыргызстан, Республика Таджикистан, Туркменистан, Республика Узбекистан // Народная газета.- 1991, 14 декабря.
5. Информационное сообщение // Народная газета .-№237 (18459). -1991, 10 декабря.
6. Информационное сообщение // Народная газета.- 1991, 26 декабря.
7. Конвенция о Межпарламентской Ассамблее государств-участников СНГ // Вестник Межпарламентской Ассамблеи. 1995. -№3. –194 с.
8. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Год 1991-й (хроника событий). Монография / Д.Назриев, И.Саттаров. - Душанбе: Эбберт, 2002. –Т. 1. – 336 с.
9. Рахмонов Э.Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Монография / Э.Раҳмонов. - Душанбе: Ирфон, 2001. –Ҷ. 3. -704 с.
10. Текущий архив Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. Отчёт о деятельности за 1991-1992 годы.
11. Убайдуллоев М. Основа новейшей государственности. Монография / М. Убайдуллоев. -Москва: Радуница, 2002. -416 с.


## ЭЪЛОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АҲАМИЯТИ ТАЪРИХИИ ОН


Мақола ба омодагӣ ба таҷлили ҷашни 30-солагии истиқлолиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки истиқлолияти давлатӣ ин тухфаи бебаҳои таърихӣ мебошад, ки халқи тоҷик бо гузашти ҳазор сол соҳиби он гардид. Соҳибистиқлолӣ ҳодисаи бузурги таърихӣ ва дастоварди нодир дар даврони навини Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба шарофати истиқлолият халқи тоҷик тавонист ба ҳаёти осоиштаву бунёдкорӣ расад. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мустаҳкам намудани истиқлолияти комили мамлакатамон нақши муассир гузоштааст. Ҳалли масъалаҳо, тафтиши онҳо, мустаҳкам намудани мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ба дастовардҳои нави сиёсӣ расонид. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истиқлолияти комил соҳиб шуда, ба ҷаҳониён ҳамчун давлате, ки Конститутсияи худ, Парчами худ ва суруди миллии худро дорост, муаррифӣ гардид.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибистиқлолии давлатӣ, Шӯрои Олӣ, Иттиҳоди Шӯравӣ, декларатсия, Конститутсия, ризоияти миллӣ, давлати демократӣ, худшиносӣ.


## ОБЪЯВЛЕНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОГО СУВЕРЕНИТЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕГО ИСТОРИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ


Данная статья посвящается 30-ти летию независимости Республики Таджикистан. Автор отмечает, что независимость страны, этот бесценный дар истории, который таджикский народ получил по прошествии тысячелетия. Достигнутая независимость является великим событием и величайшим достижением в новейшей истории Республики Таджикистан. Благодаря независимости, таджикской народ смог достичь спокойной и созидательной жизни на сегодняшний день. XVI Сессия Верховного Совета Республики Таджикистан сыграла свою неоценимую роль в укреплении полной независимости Республики Таджикистан. Решение вопросов, рассмотренных на ней, укрепило положение Таджикистана в мировом сообществе, привело его к новым

политическим достижениям. Таким образом, Республика Таджикистан получила полную независимость и стала известна всему миру как страна, имеющая свою Конституцию, свой Флаг, Герб и национальный Гимн.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, государственный суверенитет, Верховный Совет, Советской Союз, декларация, Конституция, национальное согласие, демократическое государство, самопознание.

**THE DECLARATION OF THE SOVEREIGNTY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND IT'S HISTORICAL IMPORTANCE**

This article is for 30th anniversary of the independence of the Republic of Tajikistan. Author mention, that the independency of the country is the best gift of the history, which Tajik people got it after more than thousand years. The 16th session of the Supreme Council of the republic of Tajikistan played one of the important role in the fortification of full independency of the republic of Tajikistan. The deciding of the problems, which were considered in it fortificated the situation of the Tajikistan in the world community and brought it new political achievements. Though, the Republic of Tajikistan got full independence and became known to the world as the country having it's own constitution, it's flag, gerb and national anthem.

**Key words:** Republic of Tajikistan, state sovereignty, Supreme Council, Soviet Union, declaration, constitution, national piece, democratic country, self-knowledge.

**Сведения об авторе:** ***Фармонова Дилрухсор Жумабоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1 Телефон: **918-41-80-39**E-mail: **dilruh@bk.ru**

**Information about the author:** ***Farmonova Dilrukhsor Jumaboevna*** - Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidat of History sciences. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, travel Mavlonbekov, 1 E-mail: **dilruh@bk.ru** **Phone: 918-41-80-39**

**УДК:930 (575.3.) (510)**

# РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

***Зокиров Иброҳим***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз аввалинҳо шуда дар таърихи 24-уми августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии даъвати дувоздаҳум эъломияи мустақилияти давлатиро қабул намуд. Рӯзи 9-ӯми сентябр бошад, дар ҷаласаи ғайринавбатии даъвати XII-уми Шӯрои Олӣ эъломияи истиқлолият ва изҳорот оид ба он қабул гардид [1, с.27-28].16-уми ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар Хуҷанд оғоз ёфт, ки қарору қонунҳои қабулкардаи он истиқлолияти Тоҷикистонро амалӣ гардонданд [2, с.3].

Бо дарёфти истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба арсаи байналхалқӣ қадамҳои аввалини мустақили худро гузошт. Ба кишвари ҷавони мо зарур буд, ки ба ҷомеаи ҷаҳонии муосири бисёрқутбӣ, раванди глобализатсия, иқтисоди бозоргонӣ ворид гардад. Яке аз масъулиятҳои муҳимми давраи истиқлолият ин таъсис ва ташаккули сохтори муносиботи байналмилалӣ мебошад. Аз ин рӯ рушди муносибатҳо бо кишварҳои ҷаҳон барои Тоҷикистон аҳамияти ҳаётан муҳимро касб кард.

То имрӯз зиёда аз 150 кишвари ҷаҳон давлати Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст ва бо зиёда аз 130-тои он муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардидааст. Ҳамасола Тоҷикистон бо беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат медиҳад [3,с.4].

Ҷумҳурии Мардумии Чин аз бузургтарин ҳамсояҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар минтақа ва дунё нуфузи муассире дорад. Нуфузи он марҳила ба марҳила, ҳамзамон бо болоравии иқтисодаш ва иқтидори низомиаш афзоиш меёбад. Бинобар ин бо Чин доштани муносибати дипломатии устувор, ҳамкориҳои густурдаи тиҷоратӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ба манфиати Тоҷикистон мебошад [4,с.34].

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави он 15 ҷумҳурии мустақил ба миён омаданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба қатори онҳо шомил мешуд. Новобаста аз душвориҳои ҷойдошта кишвари навтаъсиси мо дар арсаи байналхалқӣ қадамҳои устуворона мегузошт. Бо кишварҳои дуру наздик равобити дипломатӣ барқарор намуда, ба ҳайси субъекти баробарҳуқуқ баромад намуд.

Дар шароити ҳозира ҳамкории кишварҳо дар асоси кушодани сафоратхонаҳо ва шартномаҳои байниҳукуматӣ ба роҳ монда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин 4-уми январи соли 1992 робитаи дипломатӣ барқарор карда, 12 марти ҳамон сол Кордори муваққатии ин кишвар дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд. Сардори давлат ва ҳукумати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар гузориши худ дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 23 июни соли 1993 чунин ишора карда буданд: «Дар як муддати начандон тӯлонӣ, баъд аз барқарор сохтани муносибатҳои дипломатӣ бо хоҳишу кӯшишҳои тарафайн ба он муваффақ шудем, ки байни Тоҷикистону Чин заминаи хуби муносибатҳои умедбахше ба вуҷуд оварем» [5, с.48]. Маҳз ҳамин «заминаи хуби муносибатҳои умедбахше», ки аз оғоз дар байни Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба вуҷуд омада буд, боиси он гардид, ки Роҳбари ҷумҳурӣ нахустин сафари расмии давлатии худро ба Чин баргузор намояд [6]. Ин нишонаи ба ҳам мувофиқ омадани манфиатҳои миллии ин ду кишвар буд.

Ҷиҳати фарқкунандаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин он мебошад, ки аз оғоз ин муносибатҳо ҳамвор ҷараён дошта, марҳила ба марҳила рушд ва густариш меёбанд. Ҳарду кишвари ҳамсоя ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодии судманд манфиат доранд. Бо бунёд ва ба истифода дода шудани шоҳроҳи мошингарди Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Қулма ва боз гардидани гузаргоҳи Қаросу (25 майи соли 2004) монеаи асосӣ - набудани роҳ аз миён бардошта шуд [7].

Аз оғози ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию-техникӣ ва фарҳангӣ ҷараён доранд, ки асоси онро ҳамкориҳои мутақобилан судманд, боварии тарафайн, тафовуқ дар бисёр масъалаҳои муҳимми минтақавӣ ва байналхалқӣ, ки аз манфиатҳои тарафайн бармеоянд, ташкил менамоянд.

Инчунин, ба рушди муносибатҳои ду кишвари ба ҳам дӯст дар шароити ҳозира воқеаҳои мазкур такони ҷиддӣ бахшиданд:

- сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин 8-11 марти соли 1993 (дар рафти сафар Изҳороти муштарак оид ба принсипҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин қабул гардид) [8,с.12];
- сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин 15 январи соли 2007 (15 январи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тзинтао Аҳднома дар бораи ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону Чинро ба имзо расониданд);
- сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин 20 майи соли 2013 (сафари мазкур дар таърихи ду кишвар саҳифаи нави ҳамкориҳоро боз кард, дар рафти сафар миёни ду давлат Декларатсияи шарикии стратегӣ ба имзо расид) [9, с.15];
- сафари расмии раиси Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Тсзян Тсзэмин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-5 июли соли 2000;
- сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тзинтао августи соли 2008 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар рафти сафар Изҳороти муштарак оид ба рушди муносибатҳои ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ баён гардид);
- сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин 13 сентябри соли 2014 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар рафти сафар 16 Созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид) [8] .

Бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок дар муносибати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар солҳои аввали истиқлолият ин масъалаи сарҳад буд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ барои Тоҷикистони навтаъсис баҳри таъмини бехатарии марзу буми худ, пеш аз ҳама, таҳкими амнияти сарҳади давлатӣ зарур буд.

Тавре ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд, «бехатарии давлат аз сарҳади он оғоз меёбад» [10, с.1].

Дар конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, дахлнопазир ва тақсимнашаванда мебошад».

Сарҳади давлатии Тоҷикистонро аз ҷиҳати ҳудудиву ҷойгиршавиаш метавон ба ду қисм ҷудо кард: 1) қисми аввал ин сарҳади якҷоя бо давлатҳои ИДМ. Ин хатти сарҳади Тоҷикистон мувофиқи қарордод бо давлатҳои ИДМ расман чунин тасдиқ гардидааст: бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (1371,2 км) ва бо Ҷумҳурии Мардумии Чин (494,9 км); 2) қисми дувум сарҳади дохилӣ, ба ин дохил мешавад сарҳади Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон. Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон 1363 км ва бо Ҷумҳурии Қирғизистон 990 км-ро ташкил медиҳад [11, с.1] .

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буданд: «Мо бо мақсади таъмин кардани ҳифзи боэътимоди сарҳади давлатӣ аз рӯзҳои нахустини давлатдории мустақилона, ки кишварамон бинобар сабабҳои маълум, пеш аз ҳама бо сабаби халалдор шудани низоми ҳимояи хатти сарҳад, дар баъзе минтақаҳо ҳатто беназорат мондани он ва ба таври ғайриқонунӣ ворид гардидани яроқу аслиҳа, маводи мухаддир, адабиёти экстремистӣ ва гурӯҳҳои тахрибкор дучори ҷанги шаҳрвандӣ гардида буд, ҳанӯз дар иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ, яъне моҳи ноябри соли 1992 аввал дар назди Кумитаи давлатии амнияти миллӣ бригадаи махсуси марзбонӣ ташкил кардем ва баъди даҳ рӯз бо қарори Раёсати Шӯрои Олӣ дар ҳайати Кумитаи мазкур Раёсати ҳифзи сарҳадро таъсис додем» [12].

Дарозии умумии хатти Сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой ба 494,933 км баробар аст. Хатти гузариши сарҳади давлатӣ миёни Тоҷикистону Хитой аз нигоҳи ҳуқуқӣ бо Созишнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба Сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой аз 13-уми августи 1999, Созишномаи иловагии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оид ба Сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой аз 17-уми майи соли 2002 ва Протокол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи демаркатсияи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой аз 27-уми апрели соли 2010, ки аз тарафи парлумонҳои ҳарду давлат тасдиқ шудааст, танзимшуда маҳсуб мешавад [13].

Ба имзо расонида шудани Созишнома байни Тоҷикистону Хитой, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ хатти сарҳади давлатии байни ду кишварро мустаҳкам мекунанд, имконият дод, то ки ҳамкории кишварҳо дар тамоми самтҳо босуръат рушд ёбанд.

Танзимкунии масъалаҳои дар сарҳад бо Хитой мавҷуда аҳамияти бузурги сиёсӣ доранд. Дар навбати аввал, дақиқ гузаронидани делимитатсияи (ҳудудмуайянкунӣ) ва демаркатсияи (аломатгузории) сарҳади байни ду кишвари ҳамсоя барои таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад. Таърихи ҳудудмуайянкунии ИҶШС ва ҶМЧ-ро ба инобат гирифта, хулоса дар бораи аҳамияти бузурги таърихӣ доштани Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи Сарҳади давлатии Тоҷикистону Чин басташуда, ба назар комилан дуруст мебошад, моҳиятан барои дурнамои тӯлонии таърихӣ аз рӯзномаи корӣ масъалаи ҳудудӣ бардошта шуд, яъне, оромии кишвар таъмин гардид [13].

Тақозои замон ин аст, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Ин вазифа низ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар соҳаи маориф буда, барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем [14].

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соҳаи илму маориф назаррас мебошад. Ҳамкории кишварҳо дар ин соҳа бо имзои чандин созишнома миёни ҳукумат ва вазоратҳои дахлдори ду кишвар ба роҳ монда шудааст. Изҳороти

муштарак оид ба принсипҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин аз 9-уми марти соли 1993 (яке аз нуқтаҳои асосии изҳороти мазкур ин тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф ва техника буд); Созишнома миёни Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба корҳои маориф аз 16-уми сентябри соли 1996; Созишнома миёни Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ аз 1-уми феврали соли 2002; Протоколи иловагӣ ба Созишнома миёни Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ (01.02.2002) аз 15-уми январи соли 2007 [15], аз ҷумлаи асноди танзимкунандаи ҳамкории кишварҳо дар соҳаи маориф мебошанд.

Аз соли 1993 то имрӯз ҳукумати Чин ҳамасола ба донишҷӯёни тоҷик стипендияи давлатӣ пешниҳод менамояд, ки сол аз сол шумораи гирандагони чунин стипендия зиёд гардида истодааст. Инчунин, шумораи довталабоне, ки мехоҳанд дар донишгоҳҳои Чин таҳсилро идома диҳанд, сол аз сол афзуда истодааст. Агар солҳои 1993-2005 ҳамагӣ 265 ҷавонони тоҷик ба донишгоҳҳои Чин дохил шуда бошанд, ин нишондод солҳои 2006-2011 ба 3677 нафар расид [16] .

Таваҷҷуҳи роҳбарияти ду кишвар ба рушди ҳамкории кишварҳо дар соҳаи маориф меафзояд. Моҳи августи соли 2008 дар рафти сафари расмии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Тзинтао ба Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти Конфутсий Созишнома оид ба ташкили «Маркази фарҳангӣ-омӯзишии Конфутсий дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба имзо расид, ки дар тӯли фаъолияти маркази мазкур шумораи зиёди ҷавонони тоҷик ба омӯзиши забони хитоӣ ҷалб гардиданд ва имрӯз низ ин марказ фаъолияти пурсамари хешро идома дода истодааст.

Ҳамкории фарҳангӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин дар ду самт идома дорад. Самти аввал ин ҳамкории бевоситаи кишварҳо; самти дувум, ин ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ва Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ). Бояд қайд кард, ки баҳри рушди ҳамкории Тоҷикистон ва Чин дар соҳаи фарҳанг якчанд Созишнома ба имзо расидааст. Аз ҷумла, Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории фарҳангӣ 27.12.1993; Созишнома оид ба табодули барномаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2005-2009 миёни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии мардумии Чин моҳи майи соли 2005.

Бояд қайд кард, ки баҳри мустаҳкам намудани ҳамкории фарҳангӣ миёни Тоҷикистону Чин чорабиниҳои гуногунии фарҳангӣ баргузор гардидаанд. Аз ҷумла, дар доираи 20-умин солгарди истиқрори муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар, мубодилаи байнифарҳангӣ, симпозиумҳо, мизи мудаввар дар ҳарду кишвар, консертҳои арбобони санъати Чин дар Тоҷикистон ва ҳунармандони ансамбли «Шашмақом» дар Чин гузаронида шуданд. Инчунин, аз 24 то 30-уми июни соли 2012 дар шаҳри Душанбе ҳафтаи фарҳангии Ноҳияи Мухтори Синзян-Уйғури Ҷумҳурии Мардумии Чин баргузор гардид [17].

Ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз Ҷумҳурии Мардумии Чин аз ҷиҳати иқтидори иқтисодӣ яке аз давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба роҳ мондани муносибатҳои ҳасанаи хуби тиҷоратию иқтисодӣ бо Чин барои Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Табодули мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин сол аз сол зиёд гардида истодааст. Агар соли 1993 гардиши мол миёни кишварҳо 8,9 млн доллари амрикоиро ташкил медод, пас ин нишондод соли 2007 ба 524 миллион доллар расид [18]. Соли 2018 бошад, табодули мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба 651 млн доллари амрикоӣ расидааст [19].

Самтҳои асосии ҳамкории кишварҳо дар соҳаи иқтисод роҳсозӣ, саноати кӯҳӣ, кишоварзӣ, эҳёи истгоҳҳои барқии обӣ, хатҳои интиқоли барқ ва ғайраро ташкил

медиҳад.

Ҷониби Чин ба маблағгузории лоиҳаҳои бузург ва миёна оид ба сохтмони роҳҳои автомобилгард, истгоҳҳои барқии обӣ, хатҳои интиқоли барқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Таваҷҷуҳи мазкур ба он асос меёбад, ки Чин бо Тоҷикистон дар соҳаи барқ нақшаҳои дурнамо дорад. Маҳз бо ин маблағгузориҳои бузурги пулӣ аз ҷониби Чин дар комплекси энергетикӣ алоқаманд мебошад [13].

Сохтмон ва таҷдиди роҳи Душанбе-Кӯлоб-ағбаи «Кулма»-Қароқурум-Тошқӯрғон (Чин), Душанбе-Чаноқ, бунёди хатти баландшиддати интиқоли барқии «Ҷануб-Шимол», сохтмони нақб дар ағбаи Шар-Шар ва ағбаи Шаҳристон аз ҷумлаи барномаҳои муштараке ҳастанд, ки дар ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин амалӣ гардиданд.

Омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ нишон медиҳад, ки ҳамкориҳоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳамаи соҳаҳо рушд ёфта истодаанд. Тавре дар боло ишора намудем, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар густариши равобити Тоҷикистону Чин беандоза мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости год 1991-й. / Д.Назриев, И.Сатторов. –Душанбе, 2002. -732 с.
2. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. -178 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон - бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон; зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. –Душанбе, 2012. -272 с.
4. Худвижагиҳои робитаҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар марҳилаи ҳозира // Таджикистан и современный мир. -2006. -№3. -С.34.
5. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э.Ш. Раҳмонов. -Душанбе, 1995. -142 с.
6. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон / М. Бобохонов. –Душанбе, 1999. -475 с.
7. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. –Душанбе, 2006. -224 с.
8. Алимов Р. Таджикистан – Китай: на пути друг к другу. Возможен ли равноправный и взаимовыгодный диалог? / Р. Алимов. –Москва, 2012. -248 с.
9. Алимов Р. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнерства / Р. Алимов –Москва, 2014. -384 с.
10. Оғози сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]http://www.president.tj
11. Камолов Саиданвар. Граница. / Саиданвар Камолов. -Душанбе, 2007. -188 с.
12. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ. 28-уми майи 2009.
13. Зарифӣ Ҳ. Тоҷикистон-Хитой: ташаккули сарҳади давлатӣ. Таърих ва замони муосир / Ҳ.Зарифӣ, А. Сатторов. –Душанбе, 2016. -544 с.
14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 20.04.2011.
15. Алимов Р. Таджикистан-Китай. Сборник основных документов (1992-2007 годы) / Р. Алимов. –Пекин, 2008. -С. 163.
16. Бойгонии Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати равобити байналхалқӣ.
17. Бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати байналхалқӣ. Папкаи Тоҷикистон-Чин.
18. Алимов Р. Таджикистан и Китай: курсом стратегического партнерства / Р. Алимов. –Москва, 2014. -384 с.
19. [Захираи электронӣ]. www//news.tj. 14/02/2019.


## РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН


Дар мақола муаллиф масъалаи ҳамкориҳо ва ҷойгоҳи Ҷумҳурии мардумии Чин дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои тарафайнро дар замони муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, ба назари муаллиф, ҷойгоҳи Чин барои Тоҷикистон хеле муҳим буда, ҳамкориҳо бо ин кишвардорои самтҳои гуногуни афзалиятнок мебошад. Дар ин самт, марҳилаҳои сифатан нави ҳамкориҳо дар оянда ба миён омада, муносибатҳои бисёрсамта боз ҳам рушд ва самарабахштар хоҳанд шуд.



**Калидвожаҳо:** стратегия, равобит, Чин, ҳамкориҳо, татбиқ, марҳилаҳо, нишондод, сиёсати хориҷӣ, Тоҷикистон, манфиатҳои миллӣ, ҷалби сармоя, дурнамои ҳамкориҳо.


## ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ


В статье автор рассматривает современные отношения и роль Китая во внешней политике Таджикистана и взаимные возможности в настоящее время, а также исследуется внимание таджикского правительства к Китаю.

Более того, по мнению автора, роль Китая для Таджикистана очень важна и имеет разнонаправленный приоритет. В будущем возможен новый период плодотворного сотрудничества, и отношения двух приграничных стран будут более полезными и развитыми в дальнейшем.
**Ключевые слова:** стратегия, сотрудничество, Китай, отношение, реализация, периоды, внешняя политика, Таджикистан, национальные интересы, привлечение капитала, перспективы сотрудничества.

**RELATIONSHIP BETWEEN REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND PEOPLE REPUBLIC OF CHINA**

In the article the author considers the current relationship and role of China in foreign policy of Tajikistan and mutual opportunities in nowadays, and also attention of Tajik Government to China was researched by the author. Moreover, on the opinion of author the role of the China for Tajikistan is very important and has multidirectional priority. In this direction, will be new period of beneficial cooperation in future and the relationship of two borders countries will be more useful and developed in further.
**Key words.** strategy, cooperation, China, relationship, implementation, periods, foreign policy, Tajikistan, national interests, capital attraction, prospects of cooperation.

**Сведения об авторе:** ***Зокиров Иброхим*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ibrokhim.zakirov@mail.ru** Телефон: **(+992) 985917997**

**Information about the author:** ***Zokirov Ibrohim*** - 3rd course post-graduator of the Department of foreign regional studies, faculty of international relations, Tajik national University. Address: 17, Prospect Rudaki, Dushanbe, 734025, Tajikistan. Email**: ibrokhim.zakirov@mail.ru** Тел: **(+992) 985917997**

**УДК:930 (575.3) (1-87)**

# ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ

***Иброҳимзода Фарзонаи Иброҳим***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Халқи тоҷикро бо фарҳанги пурғановату тамаддуни қадима, забони шевою нобаш ва бо шахсиятҳои номвараш аҳли ҷаҳон мешиносанд. Дар ҳақиқат фарзандони бонангу номус, фидокор, ватанпараст, саховатпеша метавонанд номбардори ҳар миллату давлат бошанд ва аз онҳо мардум фахр кунанд. Фарҳанг дар давраи истиқлолият ба сифати симои маънавии мардум, муттаҳидкунандаи неруҳои илмӣ ва ақлонӣ, баёнгари таърихи муосир ва бостонӣ, суннатҳо, маънавиёти баланд ва дигар муқаддасоти миллӣ ба ҷойгоҳи сазовори худ дар ҷомеа соҳиб шуд. Ба шарофати ғамхории доимӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бахшҳои гуногуни фарҳанги миллӣ дигаргуниҳои бузург ба амал омадаанд ва соҳаи фарҳанг ба дастовардҳои бесобиқа ноил гардид. Афкору андешаи миллӣ, орзуву ормони халқ дар пояи асолатҳои таърихию арзишҳои фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ рушд ёфтанд. Ҳамкориҳо гуногунҷабҳа бо кишварҳои олам, аз ҷумла ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷаҳон шинос намуд. Аз як тараф, дигар авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза равандҳои ҷаҳоншавии фарҳанг ва фазои иттилоотӣ рушди босуръати техника, технология ва коммуникатсия ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои фарҳангиро хеле васеъ ва муҳим гардониданд [1].

Фарҳанг таҷассумгари тамоми он чизест, ки одамро аз табиат ва мавҷудоти дигар тафовут мебахшад. Инсон ҷузъи табиат бошад ҳам, аз тарафи дигар, ӯ созандаи фарҳанг аст. Он маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, василаи мавҷудияти инсон ва табиати ободкардаи ӯст. Фарҳанг маҷмӯи тамоми комёбиҳо фаъолияти инсон дар соҳаи меҳнати фикрию ҷисмонӣ ва роҳи ба даст овардану истифодаи ин комёбиҳои ба манфиати ҷамъият мебошад. Фарҳанг ду навъ мешавад, моддӣ ва маънавӣ. Асоси зидагӣ ва бунёди ҳастии инсон фарҳанг мебошад. Фарҳанг офаридаи худи инсон аст, ки тавассути он одамон тамоми ниёзу ҳастии худро таъмин менамоянд [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия равобити фарҳангиро сол то сол бештар менамояд. Равобит дар шаклҳои гуногун, аз гузаронидани рӯзҳои Тоҷикистон, иштирок дар фестивалу конгрессҳо, мубодилаи ходимони илму адабиёт, санъат, филмҳои ҳуҷҷатӣ ва бадеӣ сурат мегирифтанд. Ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бисёр давлатҳои ҷаҳон мустаҳкам шуда истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Шӯрои Олии ҶТ чунин қайд намудаанд: «Тоҷикистон чун ҳамеша тарафдори ҳамкории созанда бо ҳар як ҷониби хайрхоҳ буда, сиёсати мутавозину мусолиматомез ва санҷидаву фарҳангиреро пеша гирифтааст, ки

ҳадафи он ҳарчи зиёдтар намудани сафи дӯстони Тоҷикистон аст. Мағзу муҳтавои сиёсате, ки мо татбиқ менамоем ва онро бо номи «Дарҳои кушода» бо ҷаҳониён муаррифӣ кардаем, маҳз аз он иборат аст, ки мо бо ҳамаи созмонҳои байналмилалӣ ва тамоми кишварҳо ҳамкории фаъол ва созанда хоҳем дошт» [4].

Яке аз шарикони Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Туркия мебошад. Муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Туркия дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, ба сатҳи муайян расидаанд. Ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия далели рӯшани алоқамандии дуҷониба ҷиҳати тавсияи робитаҳои минбаъда мебошанд. Ҷонибҳо солҳои дароз ба инкишофи робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ мароқ зоҳир намуда, пешрафти назарраси ҳамкориҳо ба назар мерасанд. Дар соҳаи илму фарҳанг низ ҳамкориҳои неку созанда ба роҳ монда шудаанд. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия дар шаклҳои гуногун сурат мегиранд.

Густариши ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Туркия аз оғози истиқлолият собиқаи хубу ғанӣ дошта, ба таъмини амнияти минтақавӣ ва таҳкими мавқеи кишвари мо дар низоми ҳамгироии минтақавӣ кумаки назаррас мерасонад [3].

28 июли соли 2005 мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нависандагон ва рӯзноманигорони Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид. Ҷумҳурии Туркия бунёди байналмилалии нависандагон ва рӯзноманигоронро бо мақсади мусоидат дар барқарорсозии сулҳу салоҳ дар Ҷумҳурии Туркия ташкил намудааст. То имрӯз ташкилоти мазкур бо чанд нафар адибону сиёсатмадорони арсаи ҷаҳонӣ, барои нигоҳ доштани сулҳ дар ҷаҳон ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳо байни халқҳову давлатҳо ҷоизаҳои худро тақдим намуд [6].

Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия маориф мебошад [7]. Ҷумҳурии Туркия ҳадафҳои миллӣ ва геополитикии худро асосан бо роҳи пеш бурдани барномаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ дар ҷумҳурии мо амалӣ гардониданист. Дар бисёр шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон литсейҳои туркӣ таъсис дода шуда буданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд литсейҳои муштараки тоҷикистонию туркӣ фаъолият доштанд. Ин литсейҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд, Турсунзода фаъолият доштанд. Қисми зиёди хонандагон ва донишҷӯёни тоҷик ба Ҷумҳурии Туркия рафта таҳсил мекунанд. Дар солҳои охир литсейҳои туркӣ дар шаҳри Душанбе, Кӯлоб, Хуҷанд дар шакли мактабҳо барои хонандагони болаёқат ҳифз шудаанд.

Президенти Ҷумҳурии Туркия 10-11 сентябри соли 1995 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди расмӣ ба амал овард [6]. Дар ин боздид созишнома дар соҳаҳои илму техника, фарҳангу маориф, муҳити зист, инчунин Эъломияи муштарак ва Ёддошти тафоҳум ба имзо расиданд. Агентии ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Туркия (ТСА) моҳи апрели соли 1996 дар Душанбе ба кори худ шурӯъ мекунад. Дар ноҳияи Варзоб санаторияи бачагонаи ҷумҳуриявии кардиоревматологии «Ҳушёрӣ» ҷойгир аст, ки дар он ҷо қариб 100 нафар кӯдакону наврасони 7-8 сола ба табобат фаро гирифта шудаанд. Барои аз дарс ақиб намондан, бачаҳо дар он ҷо дарс ҳам мехонанд. Ин Агентии туркӣ ба ин санатория як автобус ва ба миқдори 17,5 ҳазор доллар таҷҳизоти тиббӣ тӯҳфа намудааст. Боз барои ин санатория охири соли 2014 як корпуси табобатӣ низ кушодааст.

Барои мустаҳкам намудани ҳамкориҳо президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 1996 ба Ҷумҳурии Туркия сафар намудааст. Ҳангоми ин сафар 10 санади бисёр муҳим ба имзо мерасад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи табодули фарҳангӣ барои солҳои 1996-1998 ба тасвиб мерасонад.

Моҳи феврали соли 2010 дар иҷлосияи 64-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни баррасии мавзӯи «Фарҳанги ҷаҳон» қарор дар бораи Рӯзи байналмилалии Наврӯз қабул гардид. Аз ҷониби ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамроҳии ҳайатҳои Туркия, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Қазоқистон Қирғизистон, ва Эрон таҳия ва ба Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод шуда буд. Аъзои СММ баён намуданд, ки давлатҳоеро, ки иди Наврӯзро ҷашн мегиранд, ҷонибдорӣ менамоянд. Ин қарор ба ҳифзу рушди фарҳангу суннатҳои марбут ба ҷашни Наврӯз мусоидат мекунад, давлатҳоро ташвиқ месозад, то дар сурати зарурат дар мавриди таҷлил аз ин ҷашн ҳамасола тадбирҳо андешанд [8].

Дар солҳои охир робитаҳои фарҳангӣ ва омӯзишӣ ба таври назаррас инкишоф меёбанд. Дар навбати худ, ҳунармандони тоҷик низ дар ҷашнвораву чорабиниҳои фарҳангие, ки дар Ҷумҳурии Туркия доир мешаванд фаъолона ширкат меварзанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии

Туркия, Олмон, Узбекистон, Федератсияи Русия, Фаронса, Қазоқистон, Ҷумҳурии Белорус, Озарбойҷон, Чин, Ҳиндустон, Эрон ва Туркманистон баргузор гардиданд, ки дар онҳо ҳунарпешагони мо ҳунару фарҳанги ғании гузашта ва имрӯзи тоҷикро намоиш дода тавонистанд. Ҳамчунин, дар кишвари мо низ Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Туркия, Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Чин, Олмон, Озарбойҷон, Ҷумҳурии Белорус ва Туркманистон баргузор гардиданд.

Ҳамчунин, 16 майи соли 2017 дар Донишгоҳи Ҳаҷеттепеи шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия Фестивали байналмилалии донишҷӯён баргузор шуд. Дар чаҳорчӯбаи он дар гӯшаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши асбобҳои мусиқии миллӣ бахшида ба Рӯзи Шашмақом, ки бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 12 май дар Тоҷикистон таҷлил мегардад, барпо шуд.

Бо иштироку дастгирии Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия ва ҷалби донишҷӯёни тоҷик дар гӯшаи миллии кишвар ба меҳмонони намоиш ашёҳои гуногуни анъанавӣ ва асбобҳои мусиқии миллӣ пешкаш гардида, ба ҳозирин оид ба Шашмақом, ки яке аз намунаҳои мероси фарҳангии миллати тоҷик ба шумор рафта, соли 2003-юм дар Феҳристи куҳантарин сабкҳои мусиқӣ ва сармояи ғайримоддии ЮНЕСКО сабт шудааст, маълумот дода шуд [10].

Ҳоло ҳамкориҳои фарҳангии мо бо давлатҳои ҷаҳон рӯз ба рӯз беҳтар мегарданд.

## АДАБИЁТ


1. Маъруф Исоматов, Қутбиддин Мухторӣ //Маҷаллаи "Фарҳанг"
2. Маҷаллаи "Илм ва ҳаёт". -2018. - №1. –С.21.
3. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. –Д., 2013. -С. 23, 48-49.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Соли маориф ва фарҳанги техникӣ. –Душанбе: Ирфон, 2011. -С.3.
5. Нақши Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://youth.tj/news/493/ (санаи муроҷиат 28.10.2018)
6. Эмомалӣ Раҳмон. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010. – Душанбе, 2010. -С. 367.
7. Муносибатҳо миёни ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳурии Туркия [манбаи электронӣ]. URL: http://www.tajconsist.org/tj/menu/munosibathoi-tochikistonu-turkiya (санаи муроҷиат 15.09.2018)
8. Рӯзи Шашмақом дар Анқара [манбаи электронӣ] URL: http://vfarhang.tj/old/index.php?view=foreign_news&link=ruzi_shashmakom_dar_ankara_ (санаи муроҷиат 28.10.2018).


## ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ТУРКИЯ


Фарҳанг доманаи густурда дорад ва дар ҳама замонҳо рисолати созандагии миллатҳову халқҳоро дорост. Ҷомеаҳое, ки такя ба фарҳанг доранд, муваффақанд. Мо ин гуфтаро дар мисоли кишварҳои абарқудрати муосир дида метавонем, ки тӯли садсолаҳо маҳз бо гиромидошти фарҳанг ва тақвияти ҷабҳаҳои фарҳангӣ тавонистаанд, дар арсаи ҷаҳонӣ нуфузу эътибор пайдо кунанд. Имрӯз он кишвари абарқудратеро наметавон дарёфт, ки бидуни ҷилои фарҳанги аҷдодии худ арзи ҳастӣ дошта бошад. Онҳо, дар навбати аввал, дар роҳи «системасозиҳо»-и минтақавию ҷаҳонӣ маҳз ба фарҳанги худ такя мекарданд ва мекунанд. Гуфтугӯи тамаддунҳо, ки инак чанд даҳсола боз аҳли башар аз он барои худ мазмунҳо ҷӯё мешавад, давоми мантиқии андешаи болост, ки иртиботи қавӣ ба авзои иҷтимоиву сиёсии ҷаҳони имрӯза дорад.Ҳамкориҳо миёни кишварҳои гуногун фарогири самтҳои зиёд, аз қабили иқтисодиёт, фарҳанг, сиёсат ва ғайра мебошад. Дар замони муосир ҳамкориҳои фарҳангӣ ба сифати яке аз самтҳои муҳимми ҳамкорӣ миёни кишварҳо шинохта шудаанд.Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ кӯшиш ба харҷ медод, ки робитаҳои гуногунҷанба, аз ҷумла робитаҳои фарҳангиашро бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон равнақ диҳад. Ташаккули робитаҳои фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса дорад. Дар ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Туркия Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои фарҳангӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, то марҳилаҳои гуногуни густариши равобити фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркияро таҳлил намояд.



**Калидвожаҳо:** фарҳанг, навъҳои фарҳанг, мафҳуми фарҳанг, муколамаи байнифарҳангӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, дипломатияи фарҳангӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркия, фарҳангшиносӣ, арзишҳои фарҳангӣ.


## КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РЕСПУБЛИКОЙ ТУРЦИИ


Культурное сотрудничество государств -одна из форм отношений между государствами, служащая взаимному обогащению народов достижениями культуры и различных отраслей знания. Включает: обмены в области исполнительского и изобразительного искусства, кино, телевидения и радио, литературы, книгоиздательского дела и охраны авторских прав, спорта, туризма, сотрудничества в области науки, образования, здравоохранения, социального обеспечения, контакты между общественными организациями, породненными

городами, и т. п. Одной из важнейших задач государственного строительства становится формирование национального самосознания, при этом возрастает роль изучения истории и культуры. Создание объективной картины прошлого в этих условиях становится одним из главных факторов формирования общенационального единства, воспитания гражданственности, нравственности и патриотизма. Сотрудничество между государствами включает разные сферы активности, такие как: экономика, культура, политика и т.д. В настоящее время культурное сотрудничество является одним из важных направлений внешней политики государств. С первых дней приобретения независимости Республика Таджикистан старается развивать взаимоотношения с другими субъектами международных отношений в разных областях, в том числе в сфере культурного сотрудничества. Развитие культурных взаимоотношений занимает важную роль во внешней политике Республики Таджикистан. Во взаимоотношениях с Республикой Турция Республика Таджикистан уделяет особое внимание культурным взаимоотношениям. В данной статье автор анализирует разные этапы становления культурного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Турция.

**Ключевые слова:** культура, типы культур, понятие культуры, межкультурный диалог, межгосударственные отношения, культурная дипломатия, Республика Таджикистан, Республика Турция, культуралогия, культурные ценности.

**CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF TURKEY**

Cultural cooperation of states is one of the forms of relations between states, serving to the mutual enrichment of peoples. Includes: exchanges in the field of performing and visual arts, cinema, television and radio, literature, book publishing and copyright protection, sports, tourism, cooperation in science, education, health care, social welfare, contacts between public organizations, sister cities, etc. The formation of national self-consciousness becomes one of the most important tasks of state-building, the role of studying history and culture is growing. Creating an objective picture of the past in these conditions becomes one of the main factors in the formation of national unity, education of citizenship, morality and patriotism. Cooperation between states includes different areas of activity such as economy, culture, politics, etc. Currently, cultural cooperation is one of the important directions in the foreign policy of states. From the first days of independence, the Republic of Tajikistan has been trying to develop relations with other subjects of international relations in various fields, including cultural cooperation. The development of cultural relationships plays an important role in the foreign policy of the Republic of Tajikistan. In relations with the Republic of Turkey, the Republic of Tajikistan pays special attention to cultural relations. In this article, the author analyzes the different stages of the development of cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Turkey. This article includes different aspects of relationship between Republic of Tajikistan and Republic of Turkey in sphere of culture. This article can serve as a source for analyzing perspectives of cultural cooperation of the Republic of Tajikistan with a Republic of Turkey.

**Key words:** culture, types of cultures, the concept of culture, intercultural dialogue, interstate relations, cultural diplomacy, the Republic of Tajikistan, the Republic of Turkey, culture, cultural values.

**Сведения об авторе:** ***Иброхимзода Фарзона Иброхим*** – Таджикиский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17.Телефон: **985 20 90 00**.

**Information about the author:** ***Ibrohimzoda Farzona Ibro***him – Tajik National University, researcher of the International Relations Department. **Adress:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki av. Tel**: 985 20 90 00**.

**УДК: 327(575.3) (1-87)**

# РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Суфиев С.Н.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ба шарофати соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шумори кишварҳои дигар мавқеъ ва манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ пайваста устувор менамояд. Сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба қуллаҳои баланди истиқлолият, таъмини амният, беҳбудӣ ва рушду шукуфоии беш аз пеши ҷумҳурӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф мегардад. Дар ин росто тарҳандозӣ, татбиқ ва пешрафти сиёсати хориҷии кишвар нақши муҳим дорад. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун идораи асосӣ дар раванди амаликунонӣ ва пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон бомуваффақият фаъолият намуда, дар роҳи афзоиши эътибори байналмилалии ҷумҳурӣ, муаррифӣ ва касбӣ ҷойгоҳи сазовори он миёни кишварҳои ҷаҳон саҳми босазоеро соҳиб аст [1, с.44] .

Рушди ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан манфиатбахш бо Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад [2]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ду кишвари ба ҳам дӯст буда, онҳоро муштаракоти фарҳангиву таърихӣ аз замонҳои қадим ба ҳам мепайвандад. Равобит миёни Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар замони шӯравӣ низ хуб ба роҳ монда шуда буд (асосан,

робитаҳои фарҳангӣ). Бо расидан ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 1991, робитаҳои дипломатӣ миёни ин ду кишвари ба ҳам наздик ба таври расмӣ аз моҳи августи соли 1992 ба роҳ монда шуда, ҳамкориҳои судманд дар тамоми соҳаҳо рӯ ба инкишоф ниҳоданд [3, с. 66]

Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон дорои решаҳои устувори анъанавӣ ва таърихӣ мебошанд. Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин робитаҳо боз ҳам қавитар гардиданд.

Соли 1995 бори аввал дар таърихи ҳамкориҳои фарҳангии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон «Рӯзҳои фарҳангии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор шуд. Дар он як ҳайати босалоҳияти Ҳиндустон ширкат варзид. Ба мушкилиҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомониҳои он замон нигоҳ накарда, "Рӯзҳои фарҳанги Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" хеле хотирмон гузашт [4, с.104].

Соли 2003 баргузор намудани "Рӯзҳои фарҳангии шаҳри Душанбе дар шаҳри Деҳли" ва дигар тадбирҳои фарҳангӣ вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҳиндустонро водор намуданд, ки Протоколи мушаххаси ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангро соли 2003 имзо намоянд. Протоколи мазкур барои густариши ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон заминаи боэътимод фароҳам овард.

Пайвандҳову иртиботи мардуми Ҳиндустону Тоҷикистон решаҳои амиқи динӣ ва таърихӣ доранд. Қисмате аз асосҳои қаробати халқҳои моро решаҳои умумии забонҳои мо муайян месозанд. Ин қаробат, алалхусус, дар қарнҳои миёна равшан зоҳир шуд, ки он бо вусъати интишори забони тоҷикии форсӣ дар Ҳиндустон пайванди ногусастанӣ дорад.

Эҷодиёти бузургони адаб чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абулқодири Бедил, Зебуннисо ва садҳо дигарон маншаи ифтихори муштараки мост. Робитатаҳо байни ин ду кишвар аз замонҳои қадим мавҷуд будааст. Ин робитаҳо дар соҳаҳои савдову тиҷорат ва фарҳангу маданият ба роҳ монда шуда буданд. Олими тоҷик Аҳрор Мухторов дар китоби худ ба масъалаҳои таъсири фарҳанги Ориён ба фарҳанги Ҳиндустон дахл намуда, таъсири байниҳамдигарии фарҳанги ин ду халқи қадимаро зикр намудааст [5].

Ҳамкориҳо дар соҳаҳои фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар муносибатҳои дуҷониба ҷойгоҳи хосса доранд. Баҳри таҳкими робитаҳо дар ин самт Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи таъсис ва шартҳои фаъолияти марказҳои фарҳангию иттилоотӣ ба имзо расонида шудааст. Таъсиси чунин марказҳо барои рушди ояндаи ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф, фарҳанг, технологияи инноватсионӣ аҳамияти зиёд хоҳад дошт.

Дар ду даҳаи даврони соҳибистиқлолӣ пайваста баргузор шудани рӯзҳои фарҳангии ҳарду кишвар ва дигар чорабиниҳои илмию адабӣ дар шаҳрҳои Деҳли ва Душанбе ба ҳукми анъана даромада, дар рушду таҳкими бештари робитаҳои таърихан дӯстонаи мардуми тоҷику ҳинд нақши муассир доранд.

Ҳамин тавр, доираи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистону Ҳиндустон фарогир ва дорои хусусияти доимо рушдкунанда буда, дар даврони соҳибистиқлолӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон робитаҳои наздики таърихӣ, фарҳангӣ ва дӯстии халқҳои худро ба назар гирифта, барои таъмини сулҳ, демократия, гуногунии фарҳангҳо, гуногунии ҳайати этникӣ талош меварзанд.

Баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ҳиндустон ва Ҳиндустон дар Тоҷикистон ба анъанаи нек мубаддал гаштааст, инчунин, ҳамасола чорабиниҳои фарҳангии гуногун баргузор мегарданд.

Дар давоми се рӯз аз 7 то 10 апрели соли 2009 дар Сафоратхонаи Ҳиндустон дар шаҳри Душанбе намоиши тасвирҳои миниатюрии рассоми шинохтаи тоҷик Олим Камолов ташкил карда шуд. Гузаронидани ин намоиш бо дастгирии Сафоратхонаи Ҳиндустон муяссар гардид.

29-июни соли 2010 конфронси «Динамикаи Муносибатҳои Ҳиндустону Тоҷикистон» таҳти роҳбарии Шӯрои Ҳиндустон оид ба масъалаи сулҳ (ICWA) ва Академияи илмҳои Тоҷикистон баргузор гардид. Конфронси мазкур мувофиқи Ёддошти тафоҳум, ки байни ICWA ва АИТ моҳи августи соли 2006 дар рафти сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳиндустон баста шуда буд, гузаронида шуд. Дар кори конфронс аз ҷониби Ҳиндустон 5 -нафар иштирокчӣ таҳти роҳбарии ҷаноби Судхир Деваре - директори Шӯрои ICWA иштирок намуданд. Дар кори конфронс олимони тоҷик, намояндагони Ҳукумати Тоҷикистон ва миссияҳои дипломатии дар шаҳри Душанбе муқимӣ буда низ иштирок намуданд. Диққати асосӣ дар кори конфронс ба ҳолати муносибатҳои

Тоҷикистону Ҳиндустон ва имконияти ривоҷ додани ҳамкории дуҷониба дар андозаи минтақавӣ равона карда шуда буд. Ҳамчунин, дар кори конфронс, масъалаҳои хамкорӣ дар соҳаи санъат, фарҳанг ва адабиёт мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Пешниҳод карда шуд, ки олимони ҳарду ҷониб ба кишварҳои якдигар барои тадқиқоти илмӣ бе мамониат рафтуомад намоянд.

60 нафар аъзои гурӯҳи фарҳангии «Рухшона» ба Ҳиндустон моҳи январи соли 2006 бо таклифи ICCR ташриф овარданд.

Гурӯҳҳои фарҳангии Ҳиндустон дар фестивали байналхалқии «Садои дилҳо», ки моҳи сентябри 2005 аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ташкил карда шуд, ширкат варзиданд.

11 аъзои гурӯҳи фарҳангии Ҳиндустон ба Душанбе ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистон дар моҳи августи соли 2006 ташриф оварданд.

Гурӯҳи Minipuri ба Тоҷикистон дар моҳи августи соли 2007 ташриф оварда, дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Душанбе баромад намуданд.

Гурӯҳи фарҳангӣ (як раққоса Катхат ва ду сароянда) дар моҳи апрел дар шаҳри Душанбе ҳунарнамоӣ намуданд [6, с. 91].

**Ҳамкорӣ дар соҳаи маориф.** Дар заминаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муносибатҳо дар соҳаи маориф низ дар ҳоли густариш қарор доранд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба муносибатҳои дӯстона ва барои густариши ҳамкориҳо дар соҳаи маориф бо Ҷумҳурии Ҳиндустон муносибатҳои қавӣ дорад.

Моҳи июни соли 1994 вазири давлатии корҳои хориҷии Ҳиндустон бо сафари корӣ ба Душанбе омад. Дар ин гуфтушунид байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар бораи таъсиси Маркази технологияҳои иттилоотии Тоҷикистону Ҳиндустон шартнома баста шуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон бо таваҷҷуҳ ба муносибатҳои дӯстона ва ба манзури густариши минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон аз тариқи Маркази технологияҳои иттилоотии Тоҷикистону Ҳиндустон дар Душанбе бо дарназардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон грант ба маблағи 30 млн рупияи ҳиндӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти технологияҳои иттилоотӣ чудо карда шуд. Марказ дастгоҳи махсус барои омӯзиш ва инкишофи барномарезӣ ҷиҳати шиносоӣ бо иқтисоди маърифат бунёд хоҳад кард [7].

Мақсад аз кушодани ин марказ омӯзиш дар курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос дар бахши барномарезии компютерӣ, омӯзонидани технологияҳои иттилоотӣ ба хизматчиёни давлатӣ, такмили савияи дониши мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, омӯзонидани дизайни барномарезӣ, фаро гирифтани бозомӯзон дар давоми амали лоиҳа, аз ҷумла тарҳрезӣ, озмоиш, омӯзиш, такмили ихтисос, мутобиқгардонӣ, фармоиш, хадамоти ёрирасон ва ғайра, таъмин намудани амалигардонии лоиҳаҳои мутааллиқ ба барномарезӣ, сохтани хазинаи маълумот, тарҳрезии саҳифа, технологияҳои интернетӣ ва ғайра.

Имрӯзҳо зиёда аз 500 нафар шаҳрвандони Ҳиндустон дар мактабҳои олии кишвари мо таҳсил мекунанд, ки аксарияти онҳо дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳамасола Вазорати маориф ва илми кишвар тибқи квотаи ҷудонамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон 20-25 нафар донишҷӯёнро ба донишгоҳҳои Ҳиндустон барои омӯзиши илмҳои замонавӣ мефиристонад.

Дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммадҷон Осимӣ озмоишгоҳи замонавии техникӣ кушода шудааст. Озмоишгоҳ бо ёрии молии Ҳукумати Ҳиндустон бунёд ёфтааст. Макетҳои истгоҳҳои барқи бодӣ, ки камхарҷ ва тамоми фасли сол фаъол буда метавонанд, стансияи барқи офтобӣ бо муҳаррик (алҳол дар таҷриба бе муҳаррик истифода мешавад), бинои истиқоматии 25-ошёна бо тамоми системаҳои замонавии гармкунӣ, ҳавотозакунӣ, дастгоҳи майдакунандаи масолеҳи сохтмонӣ, ки аз санг якчанд навъ масолеҳ тайёр намуда, онро ба навъҳо ҷудо месозад, аз ҷумлаи лоиҳаҳое, мебошанд, ки дар ин марказ коркард шудаанд. Дар озмоишгоҳи бо ёрии дӯстони ҳинд бунёдшуда 8 навъи дастгоҳи оҳанбурӣ насб шудааст. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ алҳол 10 навъи дастгоҳи оҳанбурӣ маъмул аст. Ин таълимгоҳ барои бозомӯзии шогирдон хизмат карда, заминае барои рушди саноати мошинсозӣ хоҳад шуд. Зеро дар он қисмҳои эҳтиётӣ барои мошинҳо, меху дигар таҷҳизоти фулузотӣ истеҳсол мешаванд [8].

Анвар Абдурасулов, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ дар оғози ҷамъомад ба ҳозирин гуфт, ки ҳанӯз моҳи августи соли 2006 ҳангоми сафари кории Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон ба бунёди чунин

озмоишгоҳ асос гузошта шуд. Сарвазири ҳамонвақтаи Ҳиндустон Манмохан Сингх дар хусуси ҷудо намудани грант барои чунин як озмоишгоҳ ҳарф зада буд, ки имрӯз бо дастгирию талоши хадамоти Тоҷикистону Ҳиндустон ва сафорати ин кишвар дар Тоҷикистон амалӣ гашт. Номбурда ҳамчунин зикр намуд, ки озмоишгоҳ садҳо ҷавонони касбомӯзро аз ҳунар баҳравар карда, солиёни зиёд барои соҳаи мошинсозӣ, рушди илму истеҳсолот хизмат хоҳад кард. Аситх Кумар Бхачарти сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон гуфт, ки "кишварам омода аст дар тамоми соҳаҳое, ки имкон дорад бо Тоҷикистон ҳамкорӣ кунад. Озмоишгоҳ натиҷаи ҳамкориҳои мост. Алҳол татбиқи барномаҳои муштарак дар ҷодаи энергетика, саноати доруворӣ ва дигар соҳаҳо дар ҳудуди беш аз 35 миллион доллар идома доранд".

Дастгоҳҳои насбшуда истеҳсоли ширкати НМТ Интернатсионал Лимитеди шаҳри Бангалори Ҳиндустонанд, ки соли 1974 бунёд шудааст. Ширкат шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, дар инқилоби саноатии Ҳиндустон мусоидат намудааст. НМТ Интернатсионал Лимитед дар 70 мамолики дунё намояндагӣ ва ҳамчун ширкати серсоҳаи муҳандисию техникӣ муштариёни зиёд дорад. Дар доираи лоиҳаи бунёди озмоишгоҳ интиқоли дастгоҳҳову таҷҳизот, хизматрасонии техникӣ, таълими мутахассисони тоҷик дар Ҳиндустон, насбу омӯзиши дастгоҳҳо аз ҷониби мутахассисони ҳинд иҷро шуд [9].

Дар ҷараёни сафари кории ноиби Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Муҳаммад Ҳамид Ансорӣ дар шаҳри Душанбе якчанд созишномаҳои дипломатӣ имзо гардиданд, ки яке аз онҳо ҳамкори дар соҳаи маориф низ мебошад. Тибқи изҳороти сарони давлатҳо ду ҷониб ба қарор омаданд, ки квотаҳои таҳсилотии Ҳиндустон барои донишҷӯёни тоҷик аз 100 ба 150 адад расонда шаванд. Таъсиси маркази татбиқи технологияҳои гуногуни муосири Ҳиндустон дар Тоҷикистон яке аз иқдомҳои муҳим барои ба сатҳи нав баровардани ҳамкории судманди ду кишвар номида шуд.

Ҳамзамон бояд таъкид намуд, ки 8 октябри соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Шри Рам Натҳ Ковинд бо даъвати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард.

Роҳбарони ҳарду давлатафзоиши иртиботи мардум ва табодули фарҳангию омӯзиширо қаноатбахш арзёбӣ намуданд. Президенти Ҳиндустон пойбандӣ ба уҳдадориҳои Ҳиндустонро ҷиҳати тавсеаи манобеи инсонӣ ва зарфиятсозӣ аз тариқи барномаи ҳамкории технологӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC), бурсияҳои донишгоҳӣ дар доираи Шӯрои муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустон ва дигар барномаҳои омӯзишиву таҳсилӣ таъкид намуд. Ҳарду роҳбар ба муштаракоти фарҳангии байни ду кишвар ишора намуда, аз аҳамияти барномаҳои омӯзишӣ дар доираи Барномаи табодули фарҳангӣ (CEP) барои солҳои 2016-2018 ва чорабиниҳои дигар ёдовар шуданд.

Ду роҳбар ба мувофиқа расиданд, ки пос доштани хотираи шоири бузурги тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, ки равобити дӯстонаи мардуми Тоҷикистону Ҳиндустонро тавсиф кардааст, дар таҳкими робитаҳои фарҳангии ду кишвар саҳм мегузорад.

Хулоса, ҳамкориҳои фарҳангии дуҷонибаи мо бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар ҳоли густариш қарор доранд. Месазад, ки ҳамкориҳоямонро дар ин ҷода густариш диҳем.

## АДАБИЁТ


1. Бойматов У.М. Ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар даврони истиқлолият / У.М.Бойматов, С.Н. Суфиев. -Душанбе, 2018. -С. 110.
2. Зарифӣ Ҳ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. –Душанбе: Ирфон, 2009. -С. 44.
3. Назаров Т. Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А.Сатторзода. –Душанбе: Эр-граф, 2006. -С.104.
4. Назриев Д. Сатторов С. Республика Таджикистан: история независимости / Д.Назриев, С.Сатторов. –Душанбе: Эр-граф, 2005.
5. Назаров Т. Таджикистан: экононономика, политика, международое сотрудничество / Т.Назаров. –Душанбе: Ирфон, 2001.
6. Саидзода З. Основные тенденции внешней политики РТ на рубеже столетий. -Душанбе: Авасто, 2009.
7. Шарипов А. Президенти мо! Эмомалӣ Раҳмон / А.Шарипов. -Душанбе, «Эр-граф», 2005.
8. [Захираи электронӣ] http://www. president. tj/. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.
9. [Захираи электронӣ] http://www.mfa.tj. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
10. [Захираи электронӣ] http://www.hovar.tj/. Сомонаи Агентии милдлии иттилоотӣ.


## РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ


Дар мақолаи мазкур муаллиф кушиш намудааст, ки ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҳиндустонро дар замони истиқлолият таҳлилу баррасӣ намояд. Чи тавре ки маълум гашт, ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон таърихи қадима дошта, ин муносибатҳо баъди соҳибистиқлол шудани

Тоҷикистон боз ҳам ривоҷу равнақ ёфтаанд. Соли 2003 баргузор намудани "Рӯзҳои фарҳангии шаҳри Душанбе дар шаҳри Деҳлӣ" ва дигар тадбирҳои фарҳангӣ вазоратҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҳиндустонро водор намуданд, ки Протоколи мушаххаси ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангро соли 2003 имзо намоянд. Протоколи мазкур барои густариши ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон заминаи боэътимод гардид. Пайвандҳову иртиботи мардуми Ҳиндустону Тоҷикистон решаҳои амиқи динӣ ва таърихӣ доранд. Эҷодиёти бузургони адаб, чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Абулқодири Бедил, Зебуннисо ва садҳо дигарон маншаи ифтихори муштараки мост. Робитаҳо байни ин ду кишвар аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд. Ин робитаҳо дар соҳаҳои савдову тиҷорат ва фарҳангу маданият ба роҳ монда шуда буданд. Гуфтан бамаврид аст, ки барқарор намудани равобити дӯстона бо чунин кишвари бузурги ҷаҳонӣ, ба мисли Ҳиндустон, як муваффақияти бузург барои дипломатияи тоҷик ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** Ҳиндустон, Тоҷикистон, ҷумҳурӣ, фарҳанг, дипломат, муносибат, истиқлолият, қадима, пешрафт.

**КУЛЬТУРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ИНДИЕЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ**

В данной статье автором предпринята попытка анализировать культурное сотрудничество между Республикой Таджикистан и Индией в период независимости. Культурное сотрудничество между Таджикистаном и Индией имеет древнюю историю. После независимости Республики Таджикистан эти взаимоотношения стали ещё прогрессировать и улучшаться. Можно сказать, что строить дружеские отношения с Индией величайший успех для таджикских дипломатов. Состоявшиейся в 2003 году мероприятия под лозунгом “Культурные дни города Душанбе в городе Дели” и другие культурные мероприятия вынудили Министерство культуры Индии и Таджикистана на подписание протокола о взаимодействии и сотрудничестве в области культуры. Данный протокол является весомым аргументом в сотрудничестве Индии и Таджикистана. Произведения Хусрава Дехлави, Мирзо Абулќодира Бедиля, Зебуннисо и других мыслителей являются достоянием обеих стран и народов. Сотрудничество этих двух стран имеет богатую историческую практику. Это сотрудничество существовало в сфере торговли, культуры и науки. Уместно отметить, что сотрудничество с такой великой страной как Индия является огромным достижением и успехом для дипломатии Таджикистана.

**Ключевые слова:** Индия, Таджикистан, Республика, культура, дипломат, отношение, независимость, древний, прогресс.

**CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INDIA IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE**

In this article, the author attempts to analyze the cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and India during the period of independence. Cultural cooperation between Tajikistan and India has an ancient history. After the independence of the Republic of Tajikistan, these relations began to progress and improve. One can say that building a friendly relationship with India is the greatest success for Tajik diplomats. The 2003 events under the slogan “cultural days of Dushanbe in the city of Delhi” and other cultural events forced the Ministry of Culture of India and Tajikistan to sign a protocol on interaction and cooperation in the field of culture. This protocol is a weighty argument in cooperation between India and Tajikistan. The works of Khusrav Dehlavi, Mirzo Abulqodiri Bedil, Zebunniso and other thinkers are the property of both countries and peoples. The cooperation of these two countries has a rich historical practice. These cooperation existed in the field of trade, culture and science. It is appropriate to note that the friendly cooperation with such a great country as India is a great achievement and success for the diplomacy of Tajikistan.

**Keywords:** India, Tajikistan, Republic, culture, diplomat, attitude, independence, ancient, progress.

**Сведения об авторе:** ***Суфиев Садриддину*** - Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, соискатель кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова, 16.

**Information about the author:** ***Sufiev Sadriddin*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Law and International Relations. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarova Street, 16.

**УДК:930 (575.3) (470)**

# ҲАМКОРИИ ҲАРБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ДАР ДОИРАИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ

***Меъроҷиддини Насридин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ташкилоти байналмилалии минтақавӣ мебошад ва дар заминаи Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 бо мақсади ба шароити муосири геополитикӣ мутобиқ кардани ин Аҳднома ва имкониятҳои воқеии истифодаи неруҳо ва воситаҳои дифои дастаҷамъӣ таъсис дода шудааст. 14 майи соли 2002 Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ табдил дода шуд. Оинномаи СААД-ро Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ 7

октябри соли 2002 дар ш.Кишинев ба имзо расонд ва ин ҳуҷҷат 18 сентябри соли 2003 қувваи эътибор пайдо кард [1]. Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои СААД мебошанд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон аъзогии худро дубора 16 августи соли 2006 барқарор кард, вале соли 2012 маротибаи дуюм фаъолияти худро дар созмони мазкур боздошт.

САAД созмони ҳарбию сиёсӣ буда, хусусияти мудофиавӣ дорад ва барои ҳамроҳ шудани аъзоёни нав, ки пайрави ҳадафҳо ва принсипҳои он мебошанд, кушода аст. Созмон дар асоси эҳтироми ҳатмии истиқлолият, иштироки ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ ва уҳдадориҳои кишварҳои аъзо, дахолат накардан ба корҳои дохилие, ки ба салоҳияти қонунгузории миллии кишварҳои аъзо вобаста аст, фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Таҳкими сулҳ, амният, суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳимояи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои аъзо дар асоси принсипи дастаҷамъӣ, ҳадафҳо ва принсипҳои асосии созмон эътироф карда шудаанд ва ҷиҳати дастёбӣ ба онҳо, кишварҳои аъзо ба истифодаи воситаҳои сиёсӣ афзалият медиҳанд. Кишварҳои аъзои САAД мавқеи сиёсати хориҷии худро нисбати мушкилоти амнияти байналмилалию минтақавӣ мувофиқа ва ҳамоҳанг мекунанд ва, пеш аз ҳама, аз абзорҳои машваратӣ истифода мебаранд, саъю кӯшишҳои худро дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва маводи психотропӣ, аслиҳа, ҷинояти муташаккилонаи фаромарзӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар таҳдидҳои амнияти давлатҳои аъзо муттаҳид месозанд.

Ҳадафи ҳамкориҳои ҳарбӣ, таъмини амнияти дастаҷамъӣ ва миллии давлат-иштирокчиёни САAД тавассути дастгирии иқтидори мудофиавии ҳар як давлат-иштирокчиён маҳсуб меёбад. Қувваҳои системаи амнияти дастаҷамъии САAД хатарҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллии дастаҷамъии аъзоёни САAД ва вазифаҳои бар дӯш гузоштаашро мувофиқи моддаи 4 ва 6 Аҳднома оиди амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992 амалӣ менамояд [2]. Асоси фаъолияти ҳарбии низоми амнияти дастаҷамъиро гурӯҳу дастаҳои (неруҳои) эътилофӣ (муттаҳида) дар минтақаҳо ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳҳо бо мақсади боздоштан ва ё пешгирӣ кардани ҳуҷуми ҳарбӣ бар зидди кишварҳои аъзо ва инчунин гузаронидани дигар амалиёт таъсис дода шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои иштироки худ дар фаъолияти САAД аҳамияти зиёд медиҳад. Ҳамкорӣ дар доираи ин созмон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аст ва он имкон медиҳад, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амният ва субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё ва инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Тоҷикистон манфиатдори он аст, ки САAД дар амал ба омили муҳимми таъмини амнияти ҷаҳонию минтақавӣ мубаддал гардад.

Ҷумухрии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба таври анъанавӣ якдигарро ба сифати шарики асосӣ дар соҳаи таъмини амният эътироф намудаанд, умуман дар минтақа ва давлат дар алоҳидагӣ. Дар давлате, ки зуҳури терроризми байналхалқӣ, экстремизми динӣ, паҳншавии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунии одамон ба кишварҳои ҳамсоя ва минтақа ба вуқӯъ мепайвандад, сабаби асосии хатари ҳифзи ҳарбӣ-сиёсӣ на танҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои минтақа вуҷуд дорад, ки мустақиман аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва ташкилотҳое, ки ба таъмини амният масъуланд, вобастагии зич дорад [3]. Бо ин мақсад Ҷумухрии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар фаъолиятҳои САAД ва СҲШ фаъолона ширкат меварзанд. Фаъолона бо САAД ҳамкорӣ намуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои асосии ташкилотро ҷонибдорӣ намуда, қувваҳои мусаллаҳи худро барои Қувваҳои дастаҷамъонаи сулҳхоҳ (минбаъд ҚДС) дар таркиби се баталиони зудамали ҷангӣ мефиристад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳои худ ҳамеша дар бораи хатарҳое, ки аз ҷониби гуруҳҳои террористии муқими Афғонистон таҳдид мекунанд, ёдовар шуда, ба ҳаллу фасли ҳарчи зудтари қазияи ин кишвар таъкид мекунанд. Дар ин суханрониҳо ба вазъияти мураккаби ҳарбӣ - сиёсӣ дар Афғонистон, таҳдиду хатарҳое, ки барои сарҳадҳои ҷанубии кишварҳои узви СААД ва ба амнияту суботи минтақа хатарзо мебошанд, таъкид шудааст.

Аз тарафи Роҳбари давлати Тоҷикистон муборизаи дастаҷамъона бар зидди таҳдидҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ махсусан қайд карда шудааст, ки Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба мавқеи худ дар сафи пеши мубориза бо ин зуҳурот қарор дорад ва тамоми қарордодҳоеро, ки дар доираи СААД баста мешаванд, дастгирӣ мекунад.

Вазъ дар Афғонистон ва мубориза бо терроризми ҷаҳонӣ яке аз мавзӯъҳои асосии нишасти кишварҳои аъзои СААД дар Душанбе (сентябри 2015) ва нишасти кишварҳои аъзои ИДМ дар Остона (октябри 2015) буд. Дар он Президенти Русия В.Путин вазъи Афғонистонро «наздик ба ташвишовар» арзёбӣ карда, пешниҳод карда буд, ки қувваҳои мушатарак барои ҳимояи сарҳад таъсис дода шаванд. Тибқи суханони В.Путин «ҳар гуна террористон таъсири худро боз ҳам пурзӯр карда, нақшаи зери таъсири худ даровардани минтақаҳои дигарро пинҳон намекунанд», яке аз мақсадҳои онҳо ворид шудан ба минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Санаи 15 сентябри соли 2015 зимни иштирок дар ҷаласаи Шӯрои роҳбарони СААД Президенти Қазоқистон ба таҳдидҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва экстремистӣ сар мезананд, таъкид намуд. «Мутаассифона, бояд рӯирост қайд кард, ки баъзе шаҳрвандони давлатҳои аъзои СААД ба сохторҳои радикалӣ ҳамроҳ шуда, ба нуқтаҳои доғи Шарқи Наздик ва Афғонистон барои иштирок дар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ мераванд», гуфта буд Н. Назарбоев. Ин далел аз мо қабули чораҳои мушаххасро талаб мекунад. Президенти Қазоқистон хамчунин қайд кард, ки ба мушкилоти иқтисодӣ ва буҳрони ҷаҳонии молӣ нигоҳ накарда бояд дар оянда ҳам ба Тоҷикистон, ки дар хатти аввали мубориза бо терроризми байналхалқӣ қарор дорад, ёрии иқтисодӣ расонида шавад [4].

Таҳлили ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ба бозгӯйи натиҷаҳои зерин мебошад:

- манфиатҳои миллии давлатҳо дар доираи СААД аз умумиятҳои зиёд бархӯрдоранд. Махсусиятҳои геополитикии минтақаро ба назар гирифта, ба масъалаҳои умумӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад: ҳифзи истиқлолияти миллӣ, якпорчагӣ ва устувории давлат; мубориза бар зидди хатару таҳдидҳои амнияти байналхалқиву минтақавии муосир, дар алоҳидагӣ мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва мубориза бар зидди тиҷорати маводи мухаддир. Ин омилҳо ба таҳкимёбии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар доираи СААД мусоидат намуда, самтҳои асосии фаъолиятро дар алоқамандии манфиатҳои миллии тарафайн муайян мекунанд;

- ба мушкилоти умумӣ нигоҳ накарда, давлат-иштирокчиёни СААД бо мақсади таъмини амният ва манфиатҳои миллии худ масири сиёсати хориҷиеро ба роҳ мемонанд, ки на танҳо ба манфиати аъзоёни дигари ташкилот мувофиқ нест, балки қисман зидди онҳо нигаронида шудааст. Чунин масири бисёрсамтаи сиёсати хориҷии давлат-иштирокчиёни СААД, ки бо мақсади ба даст овардани даромади ҳаҷман бузург аз ҳамкорӣ бо бозигарони минтақавӣ ва фароминтақавӣ ба роҳ мондаанд, аксаран мушкилоти мубрамеро дар робита бо ҳамсоягон ба вуҷуд меорад. Омили мазкур қисман принсипи дастаҷамъии ташкилотро зери суол қарор дода, дар таҳкимёбии ҳамкориҳои фаъол халал эҷод мекунад.

Омилҳои дар боло зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки СААД дар таъмини амният ва ҳифзи манофеи миллии давлат-иштирокчиён, алалхусус дар мисоли Ҷумҳурии

Тоҷикистону Федератсияи Русия, нақши бориз дорад. Дар раванди мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ҳадафҳои худро ба назар гирифта, муваффақиятҳоро дар дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар чорчӯбаи СААД мебинанд.

Ҳамин тавр, ташкилот қисман ба ҳайси иттиҳоди мудофиавӣ баҳодиҳӣ мешавад ва имкон медиҳад, ки манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия на танҳо дар соҳаи амният, балки дар соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ самарнок ҳифз шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русияро зарур аст, ки ба қарорҳои дастаҷамъии қабулнамуда дар чорчӯбаи СААД оиди таҳкими марзҳои ҷанубии худ аҳамияти бештар зоҳир намоянд ва усулу чораҳои нави посухгӯӣ ба чолишҳои эҳтимолиро рӯйи даст дошта бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Тоҷикистон ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ [манбаи электронӣ]. http://mfa.tj/?l=tj&cat=34&art=163 (санаи муроҷиат: 05.03.2018).
2. 25 лет ОДКБ История создания, основы деятельности, организационная структура. Военное строительство. Сотрудничество [электронный ресурс]. http://www.odkb-csto.org/25years/ (санаи муроҷиат: 11.05.2018).
3. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 03.10.2005 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.geneva-academy. ch/RULAC/pdf_state/Military-Doctrine-TJ.pdf (санаи муроҷиат: 14.09.2017).
4. Тоҷикистон –сипари амнияти кишварҳои узви СПАД дар пешорӯи хатари гурӯҳҳои террористии муқими Афғонистон [манбаи электронӣ]. http://orien.info/siyosat/4796-toikiston-sipari-amniyatii-kishvaroi-uzvi-spad-dar-peshori-hatari-guruoi-terroristii-muimi-afoniston.html. (санаи муроҷиат: 14.05.2018).
5. Абдулатипов Р. Г. Таджикистан станет лидером в регионе // Информационное агенство «Regnum». 27.02.2006 [электронный ресурс]. // http://www.regnum.ru/news/596643.html.
6. Файзуллаев Д. А. Таджикистан. В геополитических лабиринтах / Д. А. Файзуллаев // Азия и Африка сегодня. -2007. -№8. -С. 26-30.
7. Файзуллаев Д. А. Центрально-азиатский атомный «ренессанс» / Д. А. Файзуллаев // Азия и Африка сегодня. -2009. -№8. -С. 26-31.
8. Дундич А. С. Политическая стабильность в Центральной Азии: перспективы для России / А. С. Дундич // Вестник МГИМО-Университета. -2012 -№2. -С. 24-27.


## ҲАМКОРИИ ҲАРБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ДАР ДОИРАИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ


Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо мақсади ба шароити муосири геополитикӣ мутобиқ кардани имкониятҳои воқеии истифодаи неруҳо ва воситаҳои дифои дастаҷамъӣ таъсис дода шудааст. Таҳкими сулҳ, амният, суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳимояи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии кишварҳои аъзо ҳадафҳо ва принсипҳои асосии созмон эътироф карда шудаанд. Яке аз самтҳои асосии ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Росия дар чорчӯбаи СААД, ин таҳкими сулҳ, амният, суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҳимояи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ махсуб меёбанд. Аз ҷониби дигар, дарки хатари минтақавӣ имкон фароҳам меорад, то ҷонибҳо ҳамкориҳои ҳарбиро дар доираи СААД тавсеа бахшида, дурнамои рушди ҳамкориҳои ҳарбиашонро муайян созанд. Дар мақолаи мазкур самтҳои муҳимми ҳамкориҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Росия дар доираи СААД ва дурнамои рушди ҳамкориҳои ҷонибҳо нишон дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** ҳарбӣ-сиёсӣ, мутақобила, амният, сарҳад, сулҳ, тадбир, дурнамо, мубориза, хатар, мудофиа, ҳамкорӣ, СААД.


## ВОЕННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИЕЙ В РАМКАХ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ


Организация Договора о коллективной безопасности была создана с целью адаптации реальных возможностей применения силы и возможностей коллективной обороны к современной геополитической ситуации. Укрепление мира, безопасности, международной и региональной стабильности, независимости, территориальной целостности и суверенитета государств-участников признается на основе общих целей, задач и принципов Организации. Одним из основных направлений сотрудничества Республики Таджикистан с Российской Федерацией является в рамках ОДКБ укрепление мира, безопасности, международной и региональной стабильности, независимости, территориальной целостности и военно-технического сотрудничества. С другой стороны, восприятие региональных угроз позволит обеим сторонам расширять свое военное сотрудничество в рамках ОДКБ и определить будущее своего военного сотрудничества. Основные направления военного сотрудничества Республики Таджикистан с Российской Федерацией в рамках ОДКБ и перспективы развития двустороннего сотрудничества показали, важную роль вооруженных сил в предотвращении недостатков и развитии сотрудничества.



**Ключевые слово:** военно-политический, взаимодействия, безопасность, граница, мир, мера, перспектива, борьба, угроза, оборона, сотрудничества, ОДКБ.

**MILITARY COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE RUSSIAN FEDERATION IN THE FRAMEWORK COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION**

The Collective Security Treaty Organization has been set up with a view to adapting the actual opportunities of the use of force and collective defense capabilities to the modern geopolitical situation. Strengthening peace, security, international and regional stability, independence, territorial integrity and sovereignty of participating States are recognized on the basis of the shared goals, goals and principles of the Organization. One of the main directions of co-operation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation is in the framework of the CSTO-strengthening of peace, security, international and regional stability, independence, territorial integrity, and military-technical cooperation. On the other hand, the perception of regional threats will enable both parties to expand their military cooperation within the framework of the CSTO and to determine the future of their military cooperation. In the article article, the important directions of the military cooperation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation within the framework of the CSTO and the prospect of the development of the bilateral cooperation have shown that the importance of science is increasing its practicality. Furthermore, the role of military forces in the prevention of disadvantages and the development of cooperation has been stressed.

**Keywords:** military-political, intercommunion, security, border, peace, safety, perspective, struggle, threat, defense, cooperation, CSTO.

**Сведения об авторе:** ***Меъроджиддини Насридин*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры зурубежного регионоведения. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **938-14-44-48**

**Information about the author:** ***Meurojiddini Nasridin*** **-** Tajik National University, graduate student of the Zurubezh Regional Studies Department. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue. Rudaki 17.
Pone: **938-14-44-48**

**УДК: 930.85**

# НАҚШИ ДОНИШКАДАИ КӮҲӢ-МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КОРКАРДИ МЕТАЛЛҲОИ КӮҲӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

***Холов Ш.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тоҷикистон кишвари кӯҳсор аст. 93 фоизи сарзамини он аз кӯҳҳо иборат мебошад, ки дар қаъри худ ганҷҳои бебаҳои гуногун ва сарватҳои табииро маҳфуз медорад. Яке аз омилҳои муҳимми тараққиёти мамлакат, коркарди сарватҳои зеризаминии табиӣ ба шумор меравад. Саноати кӯҳӣ-металургии Тоҷикистон заминаи хуби ашёи хоми сарватҳои табииро доро мебошад, ки коркарди он барои солҳои тӯлонӣ кифоя бошад ва тараққиёти соҳаро таъмин месозад [1].

Заминаҳои рушди ин соҳа ҳанӯз дар даврони Шӯравӣ гузошта шуда, омӯзиши бойигариҳои зеризаминӣ ба роҳ монда шуда буд. Дар солҳои Шӯравӣ истеҳсолоти саноат дар Тоҷикистон, хусусан дар соҳаи саноати кӯҳӣ-металлургӣ ба мутахассисони касбии дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус ниёз дошт. Аксари мутахассисони техникӣ, алалхусус дар соҳаи геология ва кӯҳкорӣ дар шаҳрҳои дигари ҷумҳуриҳои иттифоқӣ-Москва, Ленинград, Киев ва Тошканд тайёр карда мешуданд.

Дар баробари ин, дар дохили ҷумҳурӣ зарурати тайёр кардани кадрҳои маҳаллӣ низ вуҷуд дошт. Дар Тоҷикистон, дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар сатҳи факултет аз рӯйи ду ихтисос мутахассисони соҳа тайёр карда мешуданд [2].

Баъди ба охир расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар баробари барқарор намудани хоҷагии халқи аз ҷанг харобгардида, дар Тоҷикистон зарурати ривоҷ додани саноати кӯҳкорӣ ва металлургия ба миён омад.

Бо мақсади таъмин намудани талаботи соҳа бо мутахассисони миёнаи техникӣ ва коргарӣ дар охири солҳои 40-ум ва аввали солҳои 50-ум муассисаҳои миёнаи махсус - техникумҳо ташкил шуданд.

Дар ин раванд бо қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС, таҳти №850-330 аз 3 марти соли 1949 Политехникуми Осиёимиёнагӣ дар шаҳри Бӯстон (собиқ Чкалов) ташкил карда шуд [3]. Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва душвориҳои бамиёномада мутахассисони баландпоя аз Тоҷикистон рафтанд. Бо сабаби аз кор бозмондани бисёр корхонаҳои соҳа, талабот ба мутахассисони соҳаҳои саноати кӯҳӣ-металлургӣ кам гардид. Бевосита бо саъю талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои мушаххас андешида мешуд, то ки ин

норасоиҳо бартараф карда шаванд. Дар Паёми навбатии худ моҳи апрели соли 2006 Ҷаноби Олӣ вазъи саноати ҷумҳуриро таҳлил карда, қайд намуда буданд: «Инкишофи саноати коркарди канданиҳои фоиданок яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли мо мебошад. Вобаста ба моҳияти соҳа ва инкишофи саноати кӯҳкорӣ мо якчанд барномаҳои лоиҳавӣ, аз ҷумла тайёр кардани мутахассисони маълумоти олидори соҳаи мазкурро амалӣ намуда истодаем. Бинобар ин, ба вазоратҳои иқтисод ва савдо, маориф, саноат Саридораи геологияи тоҷик супориш дода мешавад, ки бо мақсади минбаъд ривоҷ додани тайёркунии мутахассисони соҳа ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳоди худро оид ба таъсис додани Донишкадаи давлатии геология ва маъдани Тоҷикистон дар заминаи Техникуми геологии Душанбе ва Коллеҷи кӯҳӣ-металлургии Чкалов ва қабули донишҷӯён барои соли таҳсили 2006-2007 пешкаш намоянд».

Дар чаҳорчӯбаи ин Паёми сарвари давлат 24 апрели соли 2006 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба «Таъсиси Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон дар шаҳри Чкалов» аз 3 майи соли 2006, таҳти №210 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии Коллеҷи политехникии шаҳри Қӯрғонтеппа, Коллеҷи кӯҳӣ-металлургии шаҳри Чкалов» ба тавсиб расид [4].

Донишкадаи кӯҳӣ-металлуругии Тоҷикистон яке аз ҷавонтарин муассисаҳои олии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон таҳсили донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои равияҳои геология, корҳои кӯҳӣ, металлургия, технологияҳои мошинсозӣ ва дастгоҳҳои кӯҳӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар сохтори донишкада 3 факултет - корҳои кӯҳӣ, металлургия, энергомеханика мавҷуд буд. Бо мурури замон факултетҳо зиёд шуданд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ДКМТ тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат мебошад. Ҳамин буд, ки дар соли таҳсили 2006-2007 дар донишкадаи мазкур аз рӯйи ихтисосҳои менеҷмент, геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок, технология ва механизатсия, корҳои ҷустуҷӯӣ геологии конҳои канданиҳои фоиданок, бойгардонии канданиҳои фоиданок, коркарди кушоди кӯҳӣ, пармакунии чоҳҳои нафт ва газ, металлургияи металлҳои сиёҳ, мошин ва таҷҳизоти кӯҳӣ донишҷӯён қабул гардиданд.

Ҳамзамон, бо мақсади дар сатҳи олӣ омода намудани мутахассисон донишкада бо як қатор корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла бо корхонаҳои Петролиум Суғд, Суғднафтугаз, Нафтрасон, Роҳи оҳани Тоҷикистон, хоҷагиҳои автомобилӣ, шабакаҳои барқӣ ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд дорад. Бо истифода аз имкониятҳои дохилӣ ва бо дастгирии муассисаҳои марбути давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар маҳал ва минтақаҳои гуногун, корхонаҳои саноатии соҳавии Тоҷикистон таҷрибаомӯзии донишҷӯён гузаронида мешуданд.

Инчунин, тибқи супориши ректори ДКМТ М.М.Фозилов, соли 2014 дар донишкада Маркази рушди касбият таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон нигаронида шудааст. Дар баробари ин, аз тарафи раёсати донишкада бо муассисаҳо ва корхонаҳои саноатии зерин: КВД «Фулузоти нодири Ленинобод», ҶСК «Чароғ», КВД «Нури Ховар», ҶДМ «Нуқрафом», Экспедитсияи иктишофӣ-геологии «Моғиён», ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶСК НБО «Роғун», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр (Суғд) семент», ҶК «Комбинати маъдантозакунии Такоб», ҶММТАКМ «Анзоб» ҶММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶС «Бодом», ҶДММ «Нафтрасон», ҶС «Кони намак», Раёсати ҳифзи муҳити зисти Суғд, шабакаҳои барқии шаҳри Хуҷанд ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд дар самти бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ба роҳ монда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки солҳои 2010-2011 аввалин донишҷӯён (165 нафар) донишкадаро аз рӯйи ихтисосҳои корҳои кушоди кӯҳӣ, корҳои зеризаминии кӯҳӣ, тоза кардани канданиҳои фоиданок, коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ, металлургияи металлҳои ранга, мошинҳо ва таҷҳизоти кӯҳӣ хатм намуданд [4]. Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии донишкада хатмкунандагони он дар истеҳсолот фаъолона ба меҳнат машғул буда, бархе аз онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи корхонаҳои саноатӣ, вазоратҳо ва дигар муассисаҳо кору фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки давра ба давра сохтори донишкада мукаммал гардида, факултету ихтисосҳои нав кушода мешаванд. Дар баробари ин, дар донишкада дар баробари корҳои таълимӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ аҳамияти хос дода мешавад. Чунончи, соли 2007-2008 дар донишкада 8 нафар олимони ҷавон ба корҳои илмӣ-

таҳқиқотӣ оғоз намуда, дар муҳлати муайянгардида корҳои таҳқиқотии худро бо кашфиёту пешниҳодҳои зарурӣ ба анҷом расониданд.

Дар баробари ин шуъбаи илми донишкада бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба санаи таъсисёбии донишкада ва ҷашнвораҳои таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол, пайваста машварату семинарҳои илмӣ, симпозиумҳо, конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишкадавӣ дар мавзӯъҳои «Аз қаъри замон то қуллаҳои кӯҳ», «Истифодабарии технологияҳои муосир дар коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия», «Ваҳдати миллӣ -дарки тамаддунҳо, гиромидошти бузургони миллат ва сарчашмаи рушди илму техника», «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» ва ғайраҳо баргузор менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳар як чорабинии илмие, ки дар донишкада баргузор мегардад, дар омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат аҳамияти зиёд доранд. Санаи 20 майи соли 2008 дар донишкада конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истифодабарии технологияҳои муосир дар коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия» баргузор гардид. Дар кори конференсия олимону муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф ҷамъ омада, мубрамияти масъалаҳоро вобаста ба соҳаи илму техника мавриди баҳсу мунозира қарор доданд [5].

Хулоса донишкадаи мазкур яке аз марказҳои бузурги таълимӣ ба ҳисоб меравад ва дар омода намудани кадрҳои соҳаи техникӣ саҳмгузор мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон: даҳ соли музаффариятҳо ва ҳаракат ба қуллаҳои баланд. – Хуҷанд, 2016.
2. Раҳматуллоев А. Таърихи халқи тоҷик А. Раҳматуллоев, Н. Сатторов, Н. Тоҷов. – Душанбе, 2010.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Садои мардум. – 2007. – 21 апрел.
4. Корҳои таълимӣ-методӣ ва тайёр намудани мутахассисон. – Хуҷанд, 2016.
5. Ҳисоботи солонаи ректори Донишкадаи кӯҳӣ-металлуругии Тоҷикстон дар соли 2008.


## НАҚШИ ДОНИШКАДАИ КӮҲӢ-МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ КОРКАРДИ МЕТАЛЛҲОИ КӮҲӢ ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ


Рушди саноати коркарди канданиҳои фоиданок яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин, муҳаққиқ оиди мавқеи ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷойгиршавии сарватҳои зеризаминии он ибрози андеша намудааст. Дар баробари ин банақши Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони соҳаи коркарди металлҳои кӯҳӣ таъкид шудааст. Мавсуф қайд намудааст, ки дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар донишкадаву донишгоҳҳо Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони касбӣ нақши муҳим дорад.



**Калидвожаҳо**: сарватҳои зеризаминӣ, металлургия, кӯҳсор.


## ВКЛАД ГОРНО-МЕТАЛЛУРГИЧЕСКОГО ИНСТИТУТА ТАДЖИКИСТАНА В ПОДГОТОВКУ СПЕЦИАЛИСТОВ В ОБЛАСТИ ГОРНОЙ-МЕТАЛЛУРГИИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ


Развитие горнодобывающей промышленности является одним из приоритетов экономической политики Правительства Республики Таджикистан. В связи с этим в данной статье учтено географическое положение Республики Таджикистан и расположение недр. В то же время это свидетельствует о роли Таджикского института материаловедения в подготовке специалистов в области полезных ископаемых. Отмечено, что по сравнению с другими институтами и университетами Таджикистана- Таджикский горно-металлургический институт играет важную роль в развитии этой сферы и в подготовке специалистов.



**Ключевые слова:** полезные ископаемые ресурсы, руда, металлургия, горы.


## THE CONTRIBUTION OFMOUNTAIN-METALLURGY INSTITUTE OF TAJIKISTAN FOR STUDYING AND TRAINING SPECIALISTS IN THE FIELD OF MOUNTAIN-METALLURGY IN THE YEARS INDEPENDENCE


This article focuses on the geographical position of the Republic of Tajikistan, the location of subsoil resources, as well as the role of Tajikistan's Institute of Drain-Metallurgy in the studying and training specialists in the field of tannery processing. The development of the mining industry is one of the priorities of the economic policy of the Government of the Republic of Tajikistan. In this regard, this article takes into account the fact that the geographical position of the Republic of Tajikistan and the location of the subsoil. At the same time, this testifies to the role of the Tajik-Tajik Institute of Materials Science in the training of specialists in the field of minerals. It was noted that during the tenure of the Republic of Tajikistan, compared with other institutes and universities, Tajikistan-Tajik Mining and Metallurgical Institute plays an important role in the development of this sphere and the training of specialists.



**Keywords:** mineral resources, metallurgy, mountains.



**Сведение об авторе:** ***Холов Шерали Ибодуллоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант (Ph.D) исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Телефон: **918-20-28-10**;
**Information about the author:** ***Kholov Sheralba Ibodulloevich*** - Tajik National University, doctoral student (PhD) of the Faculty of History. Tel: **918-20-28-10**; **Address:** 17, Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025.

УДК: 94:321.01 (575.3)

# РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ - ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ПРОЕКТ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ

*Рахматова З.Ю.*
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

Гордо славим мы вуз наш Славянский, символ дружбы народов двух стран. Процветает союз наш навеки – Россия и Таджикистан! Наш маяк – Рудаки и Шекспир, и прекраснейший Пушкина мир, ты – науки обитель, ты – свет, оставляешь в сердцах наших след! Эти строки из гимна РТСУ на слова Карима Хайдара, музыка Шухрата Ашурова яркое доказательство дружбы и сотрудничества двух братских стран в области образования.

Двадцать восьмой год независимости -это символ того, что таджики имеют свое государство, что Таджикистан признан полноправным членом международного сообщества и имеет все атрибуты своей государственности, определяет собственную систему государственного управления, внутреннюю и внешнюю политику. За этот небольшой исторический срок в независимом Таджикистане произошли крупные изменения во всех сферах социально-экономической, политической и культурной жизни, в том числе в системе образования.

Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, Уважаемый Эмомали Рахмон отметил: «Следует помнить, что только грамотная нация может воспитать просвещенное, образованное поколение и достойные кадры современности, продвигаться вперед и обрести своё достойное место в цивилизованном обществе» [2, с.3].

В первые годы становления независимости Таджикистан столкнулся с большими сложностями по адаптации системы образования не только к условиям современных реалий, но и к мировым стандартам. Решить эту проблему в одиночку молодое государство, которое переживало на начальном этапе своей независимости трудные годы гражданского противостояния, не могло.

Лидер нации, Президент РТ Эмомали Рахмон выступил инициатором создания в Таджикистане Российско-Таджикского (славянского) университета. В свою очередь, давний, испытанный столетиями друг – Россия, во главе с тогдашним Президентом Российской Федерации Б.Н.Ельциным пошла на встречу, и таким образом была заложена основа Российско-Таджикского (славянского) университета (РТСУ) в столице суверенного Таджикистана г. Душанбе. Основание и становление РТСУ можно отнести к плодам национальной независимости, и это яркий пример результатов взаимодействия двух дружественных государств.

Законодательно-правовой основой создания данного вуза стало постановление правительства РТ за № 141 от 5.04.1996 года «Об открытии РТСУ и назначении ректором Сатторова А.С.».

И вот уже двадцать с лишним лет РТСУ осуществляет подготовку высококвалифицированных специалистов – историков, экономистов, юристов, филологов, международников и др. Славянский университет, в процессе своей деятельности, успешно выполняет две задачи - подготовку для Таджикистана кадров, а также популяризацию и сохранения в стране русского языка. РТСУ находится в первой пятерке в рейтинге вузов РТ по академическим показателям подготовки специалистов.

Получив юридические полномочия, перед первым ректором РТСУ стояли грандиозные задачи по формированию административного центра, а также руководящего и профессорско-преподавательского состава. На начальном этапе было образовано 2 факультета – гуманитарный и экономико-правовой, которые располагались на 3 и 5 этажах старого корпуса, на других этажах находились офисы различных организаций.

На гуманитарном факультете работало 5 кафедр, на экономико-правовом – 4 кафедры. Руководили факультетами доцент Шамбезода Х.Д. и и.о.декана Раджабов Р.К. В первые годы в РТСУ сложился коллектив преподавателей из ведущих специалистов республики, среди них 14 докторов наук, профессоров, 26 кандидатов наук, доцентов, 36 преподавателей с большим стажем педагогической работы [3, с.6]. Несмотря на трудности, преподаватели занимались и научными исследованиями, выпускали монографии, учебники, учебные пособия, программы и т.п.

Через год был образован еще один факультет – правовой, возглавляемый профессором

А.Г.Гадозода (затем профессорами М.Н.Наимовым иМ.Б.Бабахановым). В 1997 году был принят устав вуза. В 2000 году историко-правовой факультет был разделен на факультет истории и МО, и юридический. Деканом факультета ИМО был назначен профессор М.Б.Бабаханов, юридического факультета – Алимов С.Ю. С каждым годом росло число студентов. В 2000 году в РТСУ насчитывалось уже 43 доктора наук, профессора и 85 кандидатов наук, доцентов [3, с.8].

Через пять лет после образования университета состоялся первый выпуск, РТСУ закончили 211 студентов; 39 студентов получили дипломы с отличием [3, с.9].

В 2003 году был образован международный отдел, который начал работу по установлению тесных контактов со многими вузами СНГ и дальнего зарубежья. Большую помощь университету оказывают посольства ряда стран, особенно России. На сегодняшний день подписано более 90 договоров о сотрудничестве с вузами ближнего и дальнего зарубежья. В разные периоды деятельности РТСУ посещали высокопоставленные гости из различных стран. Почетными докторами наук РТСУ являются:

- Матвиенко В.И. – председатель Совета Федерации Федерального собрания РФ;
- Нарышкин С.Е. – экс-председатель Государственной Думы РФ;
- Лавров С.В. – министр иностранных дел РФ;
- Миронов С.М. – экс-председатель Совета Федерации РФ;
- Манфред Лоуренс – ученый из Германии;
- Грызлов Б.В. – экс-спикер Государственной думы РФ;
- Селезнев Г.Н. - экс-спикер Государственной думы РФ;
- Фурсенко А.А. – экс-министр образования и науки РФ;
- Лужков Ю.М. – экс-мэр города Москвы;
- Белов Е.В. – посол РФ в РТ (1996-2000 гг.);
- Пешков М.А. – посол РФ в РТ (2000-2005 гг.);
- Абдулатипов Р.Г. – посол РФ в РТ (2005-2009 гг.);
- ЧангЁн Ку – директор Корейского агентства по международному сотрудничеству;
- Киоцуке Нагата – Президент Университета Цукуба (Япония).

Первый ректор Российско-Таджикского (славянского) университета Сатторов А.С., который возглавлял вуз с 1996 по 2004 год, был талантливым организатором и сумел создать профессиональный коллектив.

С декабря 2004 года ректором РТСУ назначается доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент АН РТ Имомов М.С. Под его руководством продолжается открытие новых специальностей, магистратуры, вводится новая система обучения – кредитно-рейтинговая, открывается общеобразовательная школа и многое другое.

Согласно межправительственному соглашению с апреля 2007 года при РТСУ функционирует средняя общеобразовательная школа, в которой работают 44 учителя. Из них учителей высшей категории - 24 чел., первой категории – 13 чел.[2]. Руководит школой кандидат педагогических наук, доцент Пирова С.Н. Учащиеся школы принимают активное участие в районных, городских, республиканских и международных олимпиадах и конкурсах.

С 2012 года по настоящее время РТСУ возглавляет Салихов Н.Н. доктор филологических наук, профессор. Именно в РТСУ Нурали Назарович сформировался как учёный и прошёл путь от заведующего кафедрой до ректора. Новое здание университета, которое было торжественно открыто к 20- летию РТСУ - его детище.

В настоящее время работу по всем видам деятельности координируют 6 проректоров. В структуру РТСУ входят 5 факультетов, 29 кафедр, 60% преподавателей имеют ученые степени. 44 доктора наук и 126 кандидатов наук обеспечивают учебный процесс на высоком научно-методическом уровне, соответствующем современным требованиям.

Университет получил лицензирование и аккредитацию более чем по 20 направлениям в Рособнадзоре Российской Федерации. Готовятся к аккредитации еще 6 направлений. В 2016 году состоялся первый выпуск специалистов естественно-математического направления – химики, биологи, математики.

В сентябре 2016 года с участием Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента страны Уважаемого Эмомали Рахмона было торжественно отмечено 20-летие образования РТСУ. Визит главы государства в университет, а он посетил данный вуз пять раз и его участие в праздничных мероприятиях является признаком постоянного внимания Президента к вопросам обучения и воспитания подрастающего поколения. В настоящее время РТСУ – член международной ассоциации преподавателей русского языка и литературы за

рубежом, он входит в сетевой университет СНГ, является членом Университета ШОС, стабильно занимает лидирующие позиции в рейтинге самых престижных вузов нашей страны. В университете обучается более 150 иностранных студентов из многих стран мира, в том числе и из России.

В настоящее время в РТСУ завершен переход на международную трехуровневую систему высшего и послевузовского образования: бакалавриат – магистратура – PhD. Ежегодно более 30 преподавателей университета проходят стажировки и повышения квалификации в лучших вузах стран ближнего и дальнего зарубежья.

Выпускники РТСУ работают на государственной службе, в крупных отечественных и зарубежных компаниях, банках, научно-исследовательских институтах и других предприятиях. Они востребованы в различных международных организациях, за их счет постоянно подкрепляется кадровый потенциал таджикской дипломатии, науки, образования. Необходимо отметить,что выпускники вуза успешно трудятся, применяя полученные знания не только в родном Таджикистане, но и далеко за его пределами, что свидетельствует о признании их профессиональной квалификации.

Как отметил Лидер Нации, глава государства Э.Рахмон на торжественном собрании по случаю 20-летия образования университета: «Оценивая двадцатилетний путь становления и развития РТСУ, с полной уверенностью можно сказать, что этот вуз, как важное звено системы высшего образования страны состоялся. Сегодня РТСУ успешно движется к поставленной цели – стать научно-образовательным центром международного уровня» [1, с. 2].

В заключение хочется отметить, что рожденный в годы независимости, Российско-Таджикский (славянский) университет стал не только ведущей кузницей подготовки высококвалифицированных кадров, но и примером толерантности для всего Таджикистана.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Рахмон Э. Курсом независимости, реформ и прогресса /Э.Рахмон// Народная газета. -2016, 21 сентября. - № 38 (19799).
2. Российско-Таджикский (славянский) университет: вчера, сегодня, завтра. 1996-2016. Монография/ Составит.: М.Х.Маликов, Х.П.Пирумшоев, М.В.Русакова. – Душанбе: Полиграф Групп, 2016.–С.3.
3. Энциклопедия / Под ред. М.С.Имомова. – Душанбе: РТСУ, 2006.- С.6, 8, 9.


## ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН –ЛОИҲАИ ТАЪЛИМИИ ТОҶИКИСТОН ВА РОССИЯ


28 сол пеш – 9 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати мустақилу соҳибихтиёри Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд ва ин воқеаи таърихӣ оғози азнавсозиҳои созанда дар ҳаёти халқи тоҷик гардид. Соҳибихтиёрӣ рамзи он аст, ки тоҷикон дорои давлати худ мебошанд, Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи иттиҳоди байналмилалӣ эътироф гардидааст ва дорои рамзҳои давлатдорӣ мебошад, низоми хусусии идоракунии давлатӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро муайян месозад. Дар ин мӯҳлати хеле кӯтоҳи таърихӣ дар Тоҷикистон соҳибихтиёр тағйиротҳои куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф, ба вуқӯъ пайвастаанд. Мақола ба фаъолияти Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, ки соли 1996 дар пойтахти Тоҷикистони соҳибихтиёр, шаҳри Душанбе таъсис дода шудааст, бахшида шудааст. Марҳилаҳои баркарорсозии лоиҳаи таълимии Тоҷикистон ва Россия мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қайд мегардад, ки тӯли бисту ду натиҷаҳои назаррас ба даст омада, Донишгоҳи Славянӣ дар раванди фаъолияти худ муваффақона ду вазифаро иҷро менамояд – тайёрии кадрҳои баландихтисос барои Тоҷикистон, инчунин оммафаҳм гардонидан ва нигаҳдории забони русӣ дар Тоҷикистон. Хатмкунандагони ДСРТ дар хадамоти давлатӣ, ширкатҳои бузурги ватанӣ ва хориҷӣ, банкҳо, институтҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ва дигар корхонаҳо фаъолият менамоянд. Онҳо дар ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ талабгорони худро дошта, аз ҳисоби онҳо ҳамасола иқтидори кадрии дипломатияи тоҷик, соҳаи илму таҳсилот ғанӣ мегардад.



**Калидвожаҳо:** донишгоҳ, Россия, Тоҷикистон, таҳсилот, факултет, ректор, рейтинг, бакалавриат, магистратура, илм.


## РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ -ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЙ ПРОЕКТ ТАДЖИКИСТАНА И РОССИИ


28 лет назад – 9 сентября 1991 года на политической карте мира появилось независимое государство Таджикистан, и это историческое событие стало началом созидательных преобразований в жизни таджикского народа. Независимость является символом того, что таджики имеют свое государство, что Таджикистан признан полноправным членом международного сообщества и имеет все атрибуты своей государственности, определяет собственную систему государственного управления, внутреннюю и внешнюю политику. За этот небольшой исторический срок в независимом Таджикистане произошли крупные изменения во всех сферах социально-экономической, политической и культурной жизни, в том числе в системе образования. Статья посвящена деятельности Российско-Таджикского (славянского) университета, основанного в 1996 году в столице суверенного Таджикистана городе Душанбе. Проанализированы этапы становления образовательного проекта Таджикистана и России. Отмечено, что за двадцать два года были достигнуты определенные результаты и Славянский университет, в процессе своей деятельности, успешно выполняет две задачи - подготовку для Таджикистана высококвалифицированных кадров, а также популяризацию и сохранение в стране русского языка. Выпускники РТСУ работают на государственной службе, в крупных отечественных и зарубежных компаниях, банках, научно-

исследовательских институтах и других предприятиях. Они востребованы в различных международных организациях, за их счет постоянно подкрепляется кадровый потенциал таджикской дипломатии, науки, образования.
**Ключевые слова:** университет, Россия, Таджикистан, образование, факультет, ректор, рейтинг, бакалавриат, магистратура, наука.

**RUSSIAN-TAJIK (SLAVIC) UNIVERSITY - EDUCATIONAL PROJECT OF TAJIKISTAN AND RUSSIA**

28 years ago, on September 9, 1991, an independent state of Tajikistan appeared on the political map of the world, and this historical event marked the beginning of creative transformations in the life of the Tajik people. Independence is a symbol of the fact that the Tajiks have their own state, that Tajikistan is recognized as a full member of the international community and has all the attributes of its statehood, defines its own system of government, domestic and foreign policy. During this short historical period, major changes took place in independent Tajikistan in all spheres of socio-economic, political and cultural life, including in the education system. The article is devoted to the activities of the Russian-Tajik (Slavic) University, founded in 1996 in the capital of sovereign Tajikistan, Dushanbe. The stages of the formation of the educational project of Tajikistan and Russia are analyzed. It was noted that in twenty two years certain results were achieved and the Slavic University, in the course of its activities, successfully performs two tasks - the training of highly qualified personnel for Tajikistan, as well as the popularization and preservation of the Russian language in the country. RTSU graduates work in the civil service, in large domestic and foreign companies, banks, research institutes and other enterprises. They are in demand in various international organizations; at their expense, the personnel potential of Tajik diplomacy, science, and education is constantly reinforced.
**Keywords:** university, Russia, Tajikistan, education, faculty, rector, rating, bachelor, master, science.

**Сведения об авторе:** ***Рахматова Заррина Юнусовна*** **–** Российско-Таджикский (славянский) университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры отечественной истории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. М.Турсунзаде, 30. Телефон: **+992907800865**, E-mail:**rakhmatova31@mail.ru.**

**About the author:** ***Rakhmatova Zarrina Yunusovna*** **–** Russian-Tajik (Slavonic) University, candidate of Historical Science, associate Professor, Department of national history,. **Address:** 734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzade 30. Phon**: +992907800865**, e-mail: **rakhmatova31@mail.ru**

**УДК:93/94 (575.3)**

# НАҚШИ ШАРОИТИ ҶУҒРОФИЮ ТАБИӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Абдуллоев Ҷ.Ф.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Яке аз омилҳои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ мавқеи ҷуғрофӣ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ минтақаи дорои олами наботот бой аст, барои занбӯриасалпарварӣ мувофиқ аст. Яъне, Тоҷикистон мавзеи гулу растаниҳои зиёд буда, иқлимаш низ барои рушди ин соҳа бениҳоят мувофиқ мебошад.

Дар сатҳи замин тамоми қисмҳои таркибии табиат: релеф, ҷинсҳои кӯҳӣ, хок, олами наботот бо ҳам таъсири мутақобила доранд. Маҳз тавассути ҳамин алоқаи мутақобила қисмҳои таркибии табиат ба ҳамдигар пайваст ва омехта шуда, ба системаи ягона муттаҳид шудаанд [2, с. 80].

Дар натиҷаи ин, комплексҳои мухталифи табиии гуногунмиқёс пайдо гардиданд, ки бо номи комплексҳои табиию ҳудудӣ маъруфанд. Қисми таркибии комплексҳои табиию ҳудудӣ (релеф, иқлим, об, хок, наботот, ҳайвонот) дар доираи комплекс ҳамчун қисми том ва бо ҳам алоқаманд инкишоф меёбанд. Тағйир ёфтани яке аз ин қисмҳои таркибӣ сабаби дигаргун шудани тамоми комплекси табиӣ мегардад. Масалан, шусташавӣ ва хароб гардидани қабати хок боиси кам шудани наботот ва ҳайвонот мегардад. Дар натиҷа, манзараи зоҳирии маҳал низ дигаргун мешавад. Тағйирёбии комплексҳои табиӣ аксар вақт дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории инсон ба амал меояд. Истифодаи оқилонаи комплекси табиӣ омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Омӯхтани комплекси табиӣ бе муқаррар намудани шабакаи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи онҳо ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, олимон дар асоси ба ҳисоб гирифтани қоидаҳои муайян (воқеият, якхелагии нисбӣ, ягонагии ҳудудӣ, комплексӣ, пайдоиш ва ғайра) ва истифодаи методҳои ноҳиябандӣ (омилҳои асосӣ, тахлили пайвастаи қисмҳои таркибии табиат ё маҷмӯи аломатҳо, такроршавии комплексҳои хос ва ғайра) дар ҳудуди муайян ноҳияҳои табииро ҷудо менамоянд. Ҳар як ноҳияи табиӣ дар натиҷаи таъсири қонунияти арзӣ ва амудии табиат ташаккул ва инкишоф меёбад. Дар ташаккули нохияҳои табиии Тоҷикистон, ки сатҳи хеле ноҳамвор дорад, қонунияти арзӣ ва амудии табиат дар якҷоягӣ (хусусан дар ҳамворӣ ва адирҳо) амал мекунанд. Дар ин ҳолат, барои муайян

кардани ҳудуди ноҳияҳои табиӣ ба инобат гирифтани чунин омилҳо, монанди мавқеи географӣ, баландии маҳал, пайдоиш ва хусусиятҳои хосси релеф, иқлим, хок, олами набовот, хайвонот ва ғайра зарур мебошад. Дар шароити табиии Тоҷикистон барои тараққиёти хоҷагии қишлоқ обёрии сунъӣ нақши ҳалкунанда мебозад [5, с.4-10].

Тоҷикистон ҳамчун сарзамини кӯҳсор иқлимии гуногун дорад. Тағйирёбии иқлим ва аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани он ба фарқияти сатҳи маҳал вобаста мебошад. Барои водиҳои пасти Тоҷикистон иқлими субтропикӣ, дар минтақаҳои миёнакӯҳӣ иқлими муътадили гарм, дар баландкӯҳҳо иқлими хунук ҳукмфармо мебошад. Аммо хусусиятҳои хосси иқлими Тоҷикистон ба сатҳи замин зиёд афтидани нури офтоб ва хушкии ҳаво мебошад, ки континенталӣ будани иқлими Тоҷикистонро нишон медиҳад. Дар зери таъсири он қисмҳои таркибии табиат, аз ҷумла релеф, хок, набовот, ҳайвонот, обҳои дохилӣ ва коплексҳои табиӣ ташаккул ва инкишоф ёфтаанд [4, с. 34].

Дар ташаккул ёфтани иқлими Тоҷикистон мавқеи ҷуғрофӣ, гардиши атмосфера ва релефи сатҳи замин таъсири зиёд мерасонанд. Қаламрави Тоҷикистон дар арзҳои ҷанубии нимкураи шимолӣ ($37^0$-$41^0$) воқеъ гардидааст. Вобаста ба он сатҳи замин миқдори зиёди гармӣ ва равшанӣ мегирад. Ин ба давомнокии нурдиҳии офтоб вобаста мебошад [5, с.20-21].

Вобаста ба он Тоҷикистонро ба панҷ ноҳияи табиӣ ҷудо кардан мумкин аст:

Тоҷикистони Шимолӣ, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубу Ғарбӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Помир [1, с. 100].

Тоҷикистони Шимолӣ, шимолтар аз қаторкӯҳҳои Туркистон ҷой гирифтааст. Қисми зиёди ин ноҳияро ҳамвориҳо ишғол кардааст. Иқлими Тоҷикистони Шимолӣ нисбат ба Тоҷикистони Ҷанубӣ, Ғарбӣ ё Марказӣ хунуктар аст. Ин, пеш аз ҳама, ба мавзеи географии маҳал вобастагӣ дорад. Хоки Тоҷикистони Шимолӣ хокистарранги равшан, қисман шӯрзада ва серсанг аст. Вале қатъи назар ин заминаҳо онҳо барои пахтакорӣ, парвариши сабзавот мусоид мебошанд. Дар кӯҳҳо ва миёнакӯҳҳо хокҳои хокистарранги тира ва марғзорию кӯҳӣ бартарӣ доранд. Олами набототи Тоҷикистони Шимолӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар ҳамвориҳо набототи биёбонӣ асосан шӯрагиёҳ, чимак ба назар мерасанд.

Соҳили дарёҳо, обанборҳо ва кӯлҳо туғайзор аст. Дар кӯҳу доманакӯҳҳо дарахту буттаҳои гуногун, ба монанди арча, зирк, настаран, бодом ва ғайра мерӯянд [2, с. 80-83], ки барои парвариши занбӯри асал мусоид мебошад.

Ноҳияи Зарафшон дар байни Тоҷикистони Шимолӣ ва Ҷанубӣ Ғарбӣ ҷойгир аст. Ин ноҳияро маъмулан Кӯҳистон меноманд. Иқлими, ноҳия хушк ва камбарф мебошад [5, с.12].

Дар олами набототи ноҳия минтақаҳои биёбон, миёнакӯҳ ва баландкӯҳро метавон ҷудо кард. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳанд, ки сол аз сол шумораи оилаҳои занбӯри асалро зиёд намуда, истеҳсоли асал дучанд афзояд.

Тоҷикистони Ҷанубу Ғарбӣ дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисор (аз шимол) Ҳазратишоҳ (аз шарқ) Боботоғ (аз ғарб) ба дарёҳои Панчу Ому (аз ҷануб) воқеъ гардидааст.

Аз ҷиҳати геологӣ Тоҷикистони Ҷанубу Ғарбӣ пастии давраи мезозой аст, ки ҳоло тадриҷан баланд шуда истодааст. Баробари фаро расидани мавсими гармӣ антисиклони Сибир оҳиста-оҳиста аз байн меравад. Дар қаламрави Ҷануби Тоҷикистон дар фасли тобистон маркази фишори пасти атмосферӣ ташаккул меёбад. Тобистони ин мавзеъ тулонии гарм ва хушк буда, зимистонаш нисбатан намнок ва гарм аст [3, с. 532-533].

Дар ин, ноҳия беш аз 4000 намуди растанӣ мерӯяд. Дар ҳамвориҳо набототи гармидӯст месабзанд. Дар дашту водӣ ва доманакӯҳҳо растаниҳои явшон, шулаш, зағоза, сарсабил, севчук, лола, алафҳои хӯшадор, камол, ҷорӯбак ва дарахтони бодом, олуча, дулона, сияҳдона, туғ, чормағз, анор, зардолу, шафтолу, олу, себи худрӯй, бед, сафедор ва ғайра вомехӯранд. Дар баландкӯҳҳо арча, дарахту буттаҳои паҳнбарг, алафҳои худруй, шифоқ, нахудак ва ғайра [2, с. 88-89] месабзанд, ки барои рушди занбӯри асалпарварӣ мувофиқ мебошанд. Дар ин, ноҳия бештар аз ҳама занбӯри асали зоти карпатӣ бештар маҳсулот медиҳад.

Тоҷикистони Марказӣ дар шимол бо қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Олой, дар шарқ бо қаторкӯҳҳои Паси Олой ва Академияи Илмҳо, дар Ҷануб бо қаторкӯҳи Дарвоз ҳамсарҳад аст. Иқлими Тоҷикистони Марказӣ нисбатан нарм аст. Ҳисоби миёнаи ҳарорати ҳаво дар Рашт $+11^0$ (ҳарорати миёнаи июл $+24^0$) мебошад [2, с 91-94].

Тоҷикистони Марказӣ вобаста ба муътадил будани иқлим, қариб 50 фисади оилаи занбӯри асали Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Рашт аз ҳама бештар оилаи занбӯри асал парвариш карда мешавад.

Шарту шароитҳои табиии Тоҷикистони Марказӣ барои занбӯрпарварон хело мусоид

мебошад, зеро дар ин минтақа боришот зиёд мешавад, ки боиси афзун гардидани наботот мегардад, аз ин лиҳоз барои парвариши занбӯри асал хело қулай мебошад.

Помир сарзамини кӯҳсор буда, дар қисми ҷанубу шарқии Тоҷикистон ҷойгир аст. Аз рӯйи шароити табиӣ Помирро ба қисми ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар ин ноҳия Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шудааст [3, с.528]. Иқлими Помир бинобар аз сатҳи баҳр бисёр баланд будани маҳал ва дурии баҳру укёнусҳо хеле қаҳратун аст. Ҷиҳатҳои фарққунандаи иқлим хушк ва паст будани ҳарорати ҳаво мебошад. Вобаста ба шароити иқлим, кишоварзӣ фақат дар Помири Ғарбӣ ривоҷ ёфтааст [5, с.19].

Аз ҳамин лиҳоз хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ноҳияи Помир зоти занбӯри мутобиқро парвариш кардан мумкин аст. Зеро иқлими ноҳия хело сард мебошад, аз ҳамин сабаб дар ин ноҳия аз ҳама камтар нисбати дигар ноҳияҳои табиӣ занбӯри асал парвариш карда мешавад.

Дар шароити ноҳияҳои табиии Тоҷикистон дар ҷойи аввал барои парвариши занбӯри асал ноҳияи Марказӣ, дувум ноҳияҳои Ҷанубу Ғарбӣ, севумин Зарафшон, чорумин ноҳияи Шимолӣ ва дар ҷойи охир Помир меистад. Масъулини соҳаро месазад, ки дар ҳар як ноҳияи табиӣ барои рушди занбӯриаслпарварӣ зоти занбӯри асали мувофиқро интихоб намоянд.

Хуллас, табиати биҳиштосои Тоҷикистон, ки 93%-и онро кӯҳсор ташкил медиҳад, барои парвариши занбӯри асал хеле мусоид мебошад. Растаниҳои шаҳддиҳандаи табиати мо, ки ҳаёти занбӯрон ба он вобаста аст, хеле зиёд ва гуногун буда, қобилияти бо хӯрока таъмин намудани 5 млн оилаи занбӯри асалро дорад. Пас моро водор менамояд, ки аз ин неъматҳои бебаҳои табиат самаранок истифода барем ва соҳаи занбӯриасалпарвариро низ ривоҷу равнақ диҳем.


## АДАБИЁТ

1. Атлас Таджикской Советской Социалистической Республики-Душанбе-Москва, 1968. -200 с.
2. Муҳаббатов Х. Географияи Тоҷикистон / Х.Муҳаббатов, М.Раҳимов // Маориф ва фарҳанг. Душанбе, 2011. -312с.
3. Пушинский Г. Физическая география СССР. Учебное пособие / Г.Пушинский, М.Давыдова. –Москва: Просвещение, 1976. - 544с.
4. Раҳимов М. Табиат ва сарватҳои табиии Тоҷикистон / М. Раҳимов. -Душанбе, 2001.- 145с.
5. Ҷураев Қ. Очеркҳои табиат ва иқтисодиёти хоҷагии қишлоқи РСС Тоҷикистон / Қ.Ҷураев. –Душанбе: Ирфон 1973. - 196с.



## НАҚШИ ШАРОИТИ ҶУҒРОФИЮ ТАБИӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур дар бораи шароити табиию ҷуғрофии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ маълумот дода шудааст. Дар асоси сарчашмаҳои дақиқ маълумотҳои ҷолиб оварда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ минтақаи барои занбӯриасалпарварӣ мувофиқ аст. Тоҷикистон ҳамчун сарзамини кӯҳсор иқлими гуногун дорад. Тағйирёбии иқлим ва аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани он ба фарқияти сатҳи маҳал вобаста мебошад. Барои водиҳои пасти Тоҷикистон иқлими субтропикӣ, дар минтақаҳои миёнакӯҳӣ иқлими муътадили гарм, дар баландкӯҳҳо иқлими хунук ҳукмфармо мебошад. Дар ташаккул ёфтани иқлими Тоҷикистон мавқеи ҷуғрофӣ, гардиши атмосфера ва релефи сатҳи замин таъсири зиёд мерасонанд. Қаламрави Тоҷикистон дар арзҳои ҷанубии нимкураи шимолӣ ($37^0$-$41^0$) воқеъ гардидааст. Тоҷикистонро ба панҷ ноҳияи табиӣ ҷудо кардан мумкин аст: Тоҷикистони Шимолӣ, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубу Ғарбӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Помир олами набототи Тоҷикистони Шимолӣ ба худ хос дорад, ки барои парвариши занбӯри асал мусоид мебошад. Захираҳои мавҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳияи Зарафшон имкон медиҳанд, ки сол аз сол шумораи оилаҳои занбӯри асалро зиёд намуда, истеҳсоли асал дучанд афзояд. Дар ҷануби ғарби Тоҷикистон беш аз 4000 намуди растанӣ мерӯяд. Барои рушди занбӯриасалпарварӣ мувофиқ мебошад. Дар ин ноҳия бештар аз ҳама занбӯри асали зоти карпатӣ бештар маҳсулот медиҳад. Шарту шароитҳои табиии Тоҷикистони Марказӣ барои занбӯрпарварон хело мусоид мебошад, зеро дар ин минтақа боришот зиёд мешавад, ки боиси афзун гардидани наботот мегардад, аз ин лиҳоз барои парвариши занбӯри асал хело қулай мебошад. Иқлими ноҳияи Помир хело сард мебошад, аз ҳамин сабаб дар ин ноҳия аз ҳама камтар занбӯри асал парвариш карда мешавад. Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити ҷуғрофию табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба муътадил будани боду ҳаво бе душворӣ метавонем шумораи оилаҳои занбӯри асалро зиёд намуда, маҳсулнокии соҳаро афзун гардонида, самараи иқтисодии мамлакатро баланд бардорем.



**Калидвожаҳо:** занбӯриасалпарварӣ, иқлими субтропикӣ, растанӣ, наботот, мавқеи ҷуғрофӣ, ноҳияҳои табиӣ, асал, зоти занбӯрҳо.



## РОЛЬ ПРИРОДНО-ГЕОГРАФИЧЕСКИХ УСЛОВИЙ В РАЗВИТИИ ПЧЕЛОВОДСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная статья исследует природно-географические условия Таджикистана для развития пчеловодства, и в ней содержится информация на основе достоверных источников. Республика Таджикистан, с точки зрения географической расположенности, богата растениями и подходит для развития пчеловодству. Таджикистан как горная страна имеет различные климатические пояса. Изменения климатического состояния от одного пояса к другому зависит от уровня местности. В долинах Таджикистана господствует субтропический климат, в

предгорьях умеренный тёплый климат, а в высокогорье- холодный климат, влияние географического положения, вращение атмосферы и рельеф местности способствуют изменению климата. Территория Таджикистана расположена на южных широтах северного полушария ($37^0$-$41^0$). Таджикистан можно разделить на пять физических районов: Северный Таджикистан, Зерафшан, Юго-Зпадный Таджикистан, Центральный Таджикистан и Памир.Флора Северного Таджикистана свойственна и благоприятна для развития пчеловодства. Существующие запасы медоносных растений Зерафшана дают возможность с каждым годом увеличить пчелиные семьи и получение мёда.В юго-западной части Таджикистана растут свыше 4000 видов растений, и данный регион подходит для развития пчеловодства в этих широтах, больше всего мёда дают карпатские пчёлы. Природно-климатические условия Центрального Таджикистана очень подходят для развития пчеловодства, потому что здесь часто бывают дожди, поэтому растет большое количество различных растений. При таких условиях развитие пчеловодства представляется целенаправленным и благоприятным. Климат Памира очень холодный, поэтому в этой местности пчеловодство находится на низком уровне.Таким образом, можно прийти к выводу, что в природно- климатических условиях Республики Таджикистан в зависимости от умеренности и благоприятности погоды, можно увеличить количество пчелиных семей. В этой связи увеличивается продуктивность этой отрасли и в целом экономики страны.

**Ключевые слова:** пчеловодства, субтропический климат, растение, флора, географическая расположенность, физическое районы, мёд, виды пчёл.

**NATURAL AND GEOGRAPHICAL CONDITIONS ON DEVELOPMENT OF BEEKEEPING TAJIKISTAN**

This article researches natural and geographical conditions of Tajikistan for beekeeping development and it contains information on the base of authentic sources. From the geographical location point of view the Republic of Tajikistan is rich in plant and it is suitable for beekeeping. Tajikistan as a mountainous country has different climatic regions. The change of climatic condition from one to another depends on latitudes levies. There is a subtropical climate in the valleys of Tajikistan, mild and warm climate in the foothills, and cold climate in the highlands. The impact of geographical position, atmosphere turning and relief of the terrain work towards climate change. The territory of Tajikistan is located on the southern latitudes of the northern hemisphere ($37^0$-$41^0$).Tajikistan is divided into five physical zones: northern Tajikistan, Zarafshan, Southern and western Tajikistan, Central Tajikistan and Pamir. The flora of the northern Tajikistan is peculiar and favorable for beekeeping development. The existing resources of the nectariferous plants of Zerafshan zone give opportunity year by year to increase bee families and honey consumption.In the southwestern part of Tajikistan grow more than 4000 types of plants and it is suitable for beekeeping development. The Carpathian bees give most honey in these latitudes. Natural and climatic conditions of the central Tajikistan are very suitable for the beekeeping development, because it often rains here, and out of them grow a great number of various plants. At this rate beekeeping development is purposive and favorable.The climate of Pamir is very severe, that is why beekeeping in this area is in lower lever.Thereby one may come to conclusion that in the natural and climatic conditions of the Republic of Tajikistan in relation to weather mildness and productiveness, without difficulty one can increase the numbers of bee families. In this context increases the productiveness of this branch and enhances the economy of the country.

**Key words:** beekeeping, subtropical climate, plant, flora, geographical position, physical zones, honey, types of bees.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Джовидон Файзулоевич*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории факультета истории и права. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, улица Айни, 65.Телефон: **918 43 06 81**

**Information about the author:** ***Abdulloev Jovidon Fayzuloevich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusraw, Assistant of the Department of General History of the Faculty of History and Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Street, 65. Phone: **918 43 06 81**

**УДК:1/14 (575.3)**

# ТАҲАВВУЛОТИ МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ ФАЛСАФА ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Расулҷон Солиҷонов***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар ш. Хуҷанд.**

Дар низоми фарҳанги ҷомеа маърифати илмӣ яке аз воситаҳои самараноки дигаргунсозии табиат ва шинохти воқеияти иҷтимоӣ мебошад. Дар раванди дарки олам ҳудудҳои тасаввуроти инсон нисбат ба одаму олам васеъ гашта, имкониятҳои таъсиррасонии ҷомеа ва шахс ба ҷараёнҳои воқеияти айнӣ афзоиш меёбанд. Дар ин ҷараён нақши илми фалсафа, хеле назаррас аст, зеро яке аз вазифаҳои муҳимми фалсафа рефлексия намудани навгониҳои илмӣ дар маърифати одаму олам ва корбаст намудани назарияҳои ҷадид мебошад. Ба таври дигар, фалсафа илми бунёдиест, ки дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва дарки фаҳмиши илмию амалии одаму олам нақши меҳварӣ бозида, донишҳои мухталифи андӯхтаи инсонро ба тартиб дароврада, рисолат ва ҷойгоҳи ӯро дар низоми ҳастӣ муайян менамояд. Фалсафа ба устувор шудани мавқеи шаҳрвандӣ ва эҳсоси худшиносии фард мусоидат намуда, фаҳмиши илмию назариявии ӯро дар роҳи маърифати ҳақиқии равандҳои рушди олами воқеӣ ташаккул ва такомул медиҳад. Дар раванди омӯзиши илми фалсафа инсон ба туфайли ҳикмату илм болу пари тавоно ёфта, парвозҳои баландро ноил мегардад. Вай ба худсозию бозсозӣ аз худ, ба қавли Ф. Нитсше "ҳакиму абармард" месозад. Ба андешаи Ибни Сино, тафаккури фалсафӣ ба мо имконият медиҳад, ки сирру асрори оламро "аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал" кушоем ва олами навро дар шакли орзую ормонҳо тарҳрезӣ намоем.

Илми мазкур манзараи интегралии оламро тавассути қонуну мақулаҳояш инъикос менамояд. Ҳангоми омӯзиши илми фалсафа шахс аз маҳдудияти тахассусии худ берун шуда, дар татбиқи минбаъдаи донишҳои касбӣ дармондагии лаҳзаинаро рафъ мекунад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро ҳанӯз дар замони антиқа эътироф шуда буд, ки риёзӣ илм дар бораи ҳисоб, механика илм дар бораи ҳаракат, физика илм дар бораи қонунҳои табиат, ахлоқ дар бораи некиву фазилатҳо, санъат дар бораи зебоӣ, иқтисодиёт илм дар бораи хоҷагидории оилавӣ ва ғайра мебошанд. Вале ба мазмуну муҳтавои ҳисоб, ахлоқ, дин, санъат, хоҷагидорӣ, давлатдорӣ, ватандӯстӣ, ватандорӣ, мардонагӣ, муҳаббат касе сарфаҳм мерафт, ки ӯ дӯстдори ҳикмат, яъне дорои ҷаҳонбинии васеи илмӣ бошад [2: 4]. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки магар имрӯз дар замони зудтағйирёбанда бо аз худ намудани фақат мафҳумҳои асосии илми иқтисод, менеҷмент, маркетинг, ҳуқуқшиносӣ, молия ва қарз, муҳосиботу аудит, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ мутахассиси варзидаи замони муосир шудан мумкин аст? Ба андешаи мо, на ҳама вақт ҷавоби ин савол мусбист, зеро ҳар як илм фалсафаи худро дорост ва онро аз худ накарда, на фақат то ба сатҳи мутахассиси варзида, балки ба дараҷаи инсони комил расидан амри маҳол аст.

Ҳадафи асосии дарки фалсафии олам дар шароити тағйирёбиҳои иҷтимоӣ таҳаммули равандҳои навини тараққиёт, барангехтани шавқу ҳаваси инсон ба фикррониӣ дар бораи воқеият: табиат ва мовароуттабиат, мақоми инсон дар ин олам, маънию мақсади зиндагии инсон, қобилияти маърифатӣ ва муайян намудани барномаи зиндагии хеш, арзёбиҳо, қазоватҳо ва мавқеъгириҳои худ дар набарди муборизаи мафкуравии шадиди замони муосир мебошад. Воқеияти иҷтимоиву сиёсии ҷаҳони муосир собит менамояд, ки дар раванди бунёди давлати миллӣ ва зарурияти таҳким бахшидани Истиқлолияти давлатӣ нақши илми фалсафа боз ҳам афзунтар мегардад, зеро он одамро ба сӯйи шиносоӣ бо мероси гаронбаҳои афкори фалсафаи миллӣ ва ҷаҳонӣ роҳбаладӣ намуда, ба бунёди маърифат ва усули нотакрори дарки мушкилоти фаъолияти ҳаёти инсон ҳидоят менамояд.

Як ҷиҳати муҳимми илми фалсафа ин аст, ки он рисолати шахсиятофарӣ дошта, тафаккури фарҳангию арзишии наслҳои ҷавонро мукаммал мегардонад.

Барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо нақши методу методологияи таълим ва таҳқиқи муаммоҳои фалсафӣ хеле муассир аст. Дар раванди рушди бисёрсамтаи илм, методу методологияи илми фалсафа дигаргуниҳои куллиро аз сар мегузаронад. Мавриди зикр аст, ки пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кулли илмҳои ҷомеашиносӣ, аз он ҷумла фалсафа низ, дар як давраи муайян аз такягоҳи методологии худ, ки маҳаки онро фалсафаи марксистӣ-ленинӣ ташкил медод, аз даст доданд. Дар натиҷаи шикаст хӯрдани мафкураи ягонаи коммунистӣ, калавишҳо ва танқидҳои бамавриду бемавриди фалсафаи марксистӣ вазъи усулу услубиёти омӯзиш, таълим ва тадқиқи муаммоҳои фалсафӣ мураккаб гашт, зеро аз як тараф мавқеи фалсафаи марксистӣ заиф гашта бошад, аз тарафи дигар, илми ҷомеашиносӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла фалсафа, аз парадигмаҳои нави маърифати илмии муаммоҳои фалсафаи назарӣ, фалсафаи илм ва падидаҳои иҷтимоӣ дар ҳолати бехабарӣ қарор дошт. Агар солҳои қаблӣ методологияи марксистӣ имконият медод, ки моҳияти равандҳои иҷтимоӣ тибқи талаботи ҳамон замон дарк карда шаванд, акнун дар шароити нави иҷтимоиву таърихӣ зарурияти аз нав дарк намудани муаммоҳо, равандҳои эҳтимолии рушди ҷомеа ва хатару таҳдидҳои бамиёномадаро фақат дар доираи қонуну мақулаҳои фалсафаи марксистӣ қазовату баррасӣ намудан ғайриимкон гашт. Тавре дар боло ишора намудем, ҷомеа фазои ягонаи мафкуравии худро аз даст дод, ки дар натиҷа дар шуури ҷамъиятӣ тамоюлҳои бисёрсамта ва марказгурез арзи вуҷуд намуданд. Ин ҷараёнҳо дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла аз рӯйи манфиатҳои ҳизбӣ, минтақавӣ, маҳалгароӣ, қабилавӣ, авлодӣ, хешутаборчигӣ ва ғайра зуҳур ёфтанд, ки билохира онҳо ҷомеаи Тоҷикистонро ба низоъҳои шадиди иҷтимоӣ - этникӣ мувоҷеҳ сохтанд.

Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки заминаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-таърихии ба ҳолати аномиягӣ дучор гаштани ҷомеа дар илми ҷомеашиносии муосири тоҷик то андозае таҳқиқ шудаанд. Аммо заминаҳои методологии он то ҳол ба таври бояду шояд тадқиқ нашудаанд. Ба андешаи мо, мавқеи худро аз даст додани фалсафаи марксистӣ боиси он гашт, ки дар фазои илмҳои ҷомеашиносӣ методология ва муносибати деконструктивӣ боло гирифт, ки ин иллати шикаст ё фалаҷ шудани ниҳодҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа гашт. Тафаккури деструктивие, ки дар ҷомеа арзи вуҷуд намуд, ба таълими фанҳои ҷомеашиносӣ таъсири манфӣ расонид. Аз як тараф, дар раванди ислоҳоти таҳсилоти олии касбӣ баъзе фанҳои ҷомеашиносӣ аз нақшаҳои таълимӣ бардошта шуда бошанд, аз тарафи дигар, бисёр устодон ҳанӯз ҳам дар мавқеи тафаккури пешин қарор доштанд. Методологияи арзёбии мавзӯъҳои фалсафа, андешаҳову қазоватҳо мисли пештара баён гашта, воқеъияти бааmaломодаро инъикос карда наметавонистанд ва онҳоро бисёр вақт шогирдон қабул наменамуданд. Дар ин замина байни устоду шогирд нофаҳмиҳо ва ҳатто муноқишаҳо ба вуҷуд меомаданд. Хатарноктаринаш дар ин раванд ин буд, ки оҳиста-оҳиста дар симои шогирдон зери таъсири шиорҳову даъватҳои иртиҷоӣ “тафаккури майдонӣ”, “тафаккури ҷудоиандозӣ” (дар шакли “вовчику” “юрчик”) ташаккул меёфт. Афсӯс, ки чунин тарзи фаҳмиш аз кӯчаҳо ба синфхонаҳо ворид гашта, мафкураи шогирдонро олуда мегардонд, таблиғгарони ҷаҳонбинии иртиҷоӣ, ки дар рӯй ниқоби дини мубини ислом, демократияву озодандеширо доштанд, устодони варзидаро аз синфхонаҳо берун меронданд. Методология, ки ба қавли Ф. Бэкон “чароғи ҳидоятӣ” маърифати илмии олам аст, ба вазъияти бухронӣ гирифтор гашт. Дар афкори иҷтимоӣ ва таълими фалсафа методологияи деструктивизм (сохтзудоӣ) боло гирифт. Маънои луғавии вожаи “деструктивизм” аз забони лотинӣ destructio – вайрон шудан, халалдор гаштани ин ё он сохт, нест карданро дошта, муродифаш дар забони тоҷикӣ “сохтзудоӣ” мебошад.[3: 349] . Ин таълимот дар солҳои 70-80- уми асри XX пайдо шуда, нуктаҳои асосии он дар таълимоти Жак Деррида, Жак Лакан ва пайравони онҳо баён гаштааст. Мо дар матраҳи моҳияти консепсияи сохтзудои чуқур намеравем, зеро он таҳқиқи алоҳидаро талаб

менамояд. Дар паҳнои мавзӯъи баррасишаванда мехостем ду нуктаро таъкид намоем. **Якум**, дар таълимоти сохтзудоӣ андешаҳо оид ба бенизомӣ, ноустуворӣ ва бесуботии мафҳумҳои фалсафӣ меравад. **Нуктаи дуюмро** профессор Идиев Х.У баён намуда, таъкид менамоянд, ки меҳвари андешаи сохтзудоӣ таккон додан ва аз байн бурдани мафкураи фалсафаи классикӣ (пешин) мебошад.[3: 350] Ин нуктаҳоро ба вазъи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавиёти ҷомеаи аввали солҳои соҳибистиқлоли тадбиқ намуда, мо метавонем таъкид намоем, ки раванди ҳодисаҳо дар Тоҷикистон бо мазмуни методологияи сохтзудоӣ тавъам мебошанд. Бояд тазаккур дод, ки тағйир додани равандҳои хатарзо дар ҷомеа ва шикасти қолаби тафаккури кӯҳнаи солиёни дароз ташаккулёфта осон набуд. Вуҷуд надоштани ғояи ягона, кӯр-кӯрона такя намудан ба таҷрибаи ҷомеасозӣ ва давлатсозии дигарон, мувофиқ наомадани назария ба амалия, ҳамахоҳии баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ, душвориҳои бозсозии рӯҳу равони афрод дар раванди гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ, билохира ҷомеаро ба бӯҳрони шадидӣ маънавӣ дучор гардонид. Боиси хурсандист, ки иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷаҳонбинии деструктивӣ хотима гузошт. Дар сиёсат ва ҳаёти иҷтимоӣ дидгоҳи нав, яъне методологияи конструктивизм - (аз забони лотинӣ constructio – бунёд намудан) [4] рӯйи кор омад, ки он заминаи ташаккули фалсафаи конвенсиализм (аз забони лотинӣ- convention – созиш) [4, с. 243] гардид. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин шакли ҷаҳонбинӣ заминаи назариявии ба даст омадани ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеаи тоҷик шуд.

Омили дигаре, ки боиси вазъи буҳронии методологияи таълими фанни фалсафа гашт, дар даҳаи аввали соҳибистиқлолӣ таҳқиқи муаммоҳои фалсафаи илм, хосса илмҳои табиатшиносӣ, проблемаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоӣ ва методология, маърифати илмии онҳо аз мадди назари муҳаққиқони фалсафа берун монданд. Онҳо бештар ба омӯзиши таърихи фалсафа шуғл варзиданд. Шубҳае нест, ки омӯзиши мероси пурғановати фалсафии гузаштагони мо барои эҳёи арзишҳои ҳаёти маънавии Тоҷикистони соҳибистиқлол заруранд. Аммо бояд дар назар дошт, ки ҷаҳони муосир мураккабу гуногунранг, зудтағйирёбанда буда, дар ин ҷо равандҳои ба ҳам зид, ҳатто якдигарро радкунанда, бархӯрди тамаддунҳову фарҳангҳо ва эътиқодҳо ба назар мерасанд. Мусаллам аст, ки дар ин ҷараён на фақат ҷомеа, балки фардҳо низ метавонанд чароғи ҳидояти худро дар маърифати олам ва ташаккули ҷаҳонбинии хеш гум кунанд. Аз ин рӯ, мебоист, ки муҳаққиқон бештар ба методологияи маърифат ва идоракунии илмии ин равандҳои ҷадиди ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ рӯ оварда, қонунияти умумии инкишофи давлат ва ҷамъият, ҳифзи асолати миллӣ, рушд ва тақвияти худогоҳии таърихӣ, тарбияи мардум, махсусан насли ҷавонро мавриди таҳқиқ қарор диҳад. "Имрӯз, ки Тоҷикистон дар марҳилаи таҳкими асосҳои иқтисодию иҷтимоӣ, маънавию фарҳангии истиқлолияти давлатӣ ва татбиқи Стратегияи миллии рушди устувор қарор дорад, зарур аст, ки бештар ба консепсияҳо, назарияҳо ва равияҳои муосири фалсафа, пеш аз ҳама, ба фалсафаи истиқлолият, худшиносию ҳувияти миллӣ, ваҳдати миллӣ ва сулҳи устувор ва заминаҳои иҷтимоӣ-фалсафии бунёди давлати миллӣ диққат диҳем". [5]

Боз як сабаби коҳишёбии методологияи таълими фалсафа дар даҳаи якуми асри XXI, ин бехабарии муҳаққиқони тоҷик аз парадигмаҳои нави илмӣ дар соҳаи фанҳои ҷомеашиносӣ буд. Дар давоми асри XX ва ибтидоӣ асри XXI дар мамолики Ғарб равияҳои гуногун, ба монанди фалсафаи ақлнобоварӣ(ирратсионализм), фалсафаи ҳаёт, антропологияи фалсафӣ, падидашиносӣ, экзистенсиализм, прагматизм, неопозитивизм ва дигарҳо рӯ ба инкишоф оварда, дар таҳқиқи масъалаҳои мубрами низоми одаму олам пеш рафтанд. Аммо ҷомеашиносони мо ин ҷараёнҳоро ҳамчун равияҳои фалсафаи буржуазӣ зери танқид қарор дода, аз нуктаҳои ҷолиби онҳо бархӯрдор намешуданд.

Бо назардошти талаботи даврони соҳибистиқлолӣ барномаи таълимие, ки аз ҷониби Ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Протоколи 11/ 14 аз соли 2016) ҷадидан пешниҳод гаштааст, талаботи имрӯзаи стандарти давлатиро ба омӯзиши ин фан муайян намуда, паҳлуҳои гуногуни донишҳои фалсафиро дар доираи

васеи зуҳури таърихию фарҳангӣ фаро мегирад.Барномаи мазкур мавзӯоти муҳимми илми фалсафа, ба мисли: нақши фалсафа дар ҳаёти шахс ва ҷойгоҳи он дар низоми фарҳанг, равиш ва вазифаҳои фалсафа, марҳилаҳои таърихии рушди фалсафа ва мундариҷаи назариявии ҷараёнҳои фалсафӣ, муносибати инсон ба олам ва мақому манзалати ӯ дар он, табиати инсон ва маънии зиндагии ӯ, тасаввури асотирӣ, динӣ, фалсафӣ ва илмии олам, маърифат, имконият ва ҳудудҳои он, дониш ва эътиқод, нақши эҳсос, идрок, ақл ва амалияю фаъолияти ҷамъиятӣ дар омӯзиши ҳастӣ ва инсон, ҷомеа ва қонунҳои инкишофи он, гуногунии фарҳангҳо, тамаддунҳо ва таҷрибаи иҷтимоии инсоният, проблемаҳои озодӣ ва масъулияти инсон дар олами иттилоотӣ ва пешрафти технологии ҷомеаи постиндустриалӣ, мушкилот ва дурнамои рушди тамаддуни муосир, масъалаҳои глобалии ҷаҳони муосир ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Хулоса, суоле пеш меояд, ки методологияи таълими илмҳои ҷомеашиносӣ, минҷумла фалсафа, дар шароити рушди плюрализми мафкуравӣ ва вазъи зудтағйирёбандаи ҳастии иҷтимоӣ чӣ гуна бошад? Бешубҳа, посухи ин суол метавонад гуногун бошад, аммо, ба фикри мо, қабл аз ҳама имрӯз таълими фалсафа набояд мисли пештара ба як мафкураи сиёсӣ такя намояд. Ҳатто фалсафаи марксистӣ, ки солиёни дароз ҳамчун таълимоти ҳукмрон дар фалсафа маҳсуб меёфт, чун як зинаи рушди фалсафаи ҷаҳонӣ омӯхта шавад. Дар ин росто, бояд дар назар дошт, ки таърихи фалсафа мисли занҷирест, ки агар яке аз халқаҳои он канда шавад, он мантиқи баёни худро гум мекунад. Аз ин рӯ, ташаккули ҷаҳонбинии нави фалсафӣ маънои инкори мутлақи ҷаҳонфаҳмии қаблиро надорад, баръакс, усулу равишҳои қаблии он аз шиканҷаю маҳдудиятҳои тафаккури пешин озод гашта, дар тафаккури нав таҷассум мегардад. Бинобар ин, рушди фалсафа хислати меросият дошта, арзишҳои тафаккури фалсафӣ зина ба зина мазмунан бой мегарданд. Дар ин хусус ҳанӯз файласуфи шинохтаи олмонӣ Гегел таъкид карда буд, ки “фалсафа ин низоми донишҳоест, ки ҳамеша дарҳоли тағйирёбию инкишоф қарор дорад” [6:75]

Дигар ин ки дар раванди таълими фалсафа масъалаҳои меҳварии он бояд ба ғояҳои бунёдии мутафаккирони форсу тоҷик такя намояд. Вобаста ба ин, зарурияти аз нав дида баромадан ва чоп намудани китобҳои дарсӣ ба миён омадааст.

Нуктаи дигар ин аст, ки методологияи таълими илмҳои ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ дар баёни мавзӯъҳо хислати ***чандирӣ*** дошта, услубиёти диалектикӣ, низомнокӣ, мантиқӣ-таърихӣ, сохторгаройӣ-функсионалӣ, институтсионалӣ ва ғайраро дар бар гирад. Вобаста ба ин, мехостем як нуктаро таъкид намоем. Сухан дар бораи диалектика ҳамчун яке аз навъи методологияи маърифати олам меравад. Мавриди зикр аст, ки баъд аз заиф гаштани мавқеи фалсафаи марксистӣ баъзе муҳақиқон ба андешае гӯё, ки диалектика эҷоди фалсафаи марксистӣ-ленинӣ бошад. аз принсипҳои он рӯй гардониданд. Ҳатто дар мундариҷаи баъзе китобҳои дарсӣ мавзӯъи “Диалектика таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф” умуман ҷой дода нашудааст. Ба муҳаққиқоне, ки дар ин мавқеъ қарор доранд, ёдрас карданием, ки унсурҳои диалектика ҳамчун усули баҳсу мунозира оид ба маърифати олам ҳазорсолаҳо пеш аз пайдоиши фалсафаи марксистӣ дар афкори фалсафии Ҳинду Чин ва Юнони Қадим арзи вуҷуд намудааст. Мутафаккири Юнон Ҳераклит оламро ба оташе монанд мекунад, ки алангаи он гоҳо фурӯзон, гоҳе хомӯш мешавад. Ин андешаи Ҳераклитро В.И.Ленин дар асараш “Дафтарҳои фалсафӣ” таҳлил намуда, қайд менамояд, ки ин ибтидои хуби дарки диалектикии олам мебошад. [7: ..] Файласуфи олмонӣ Ҳегел дар заминаи фалсафаи ғоягаронаи хеш аввалин бор қонуну мақулаҳои диалектикаро корбаст намудааст. К. Маркс ва Ф. Энгелс бошанд, ба комёбиҳои беназири илми табиатшиносии миёнаи асри XIX такя намуда, диалектикаро ҳамчун таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишофи олам асоснок менамоянд. Аз ин бармеояд, ки диалектика фақат моли фалсафаи марксистӣ набуда, балки таълимотест дар раванди ташаккул ва рушди фалсафаи ҷаҳонӣ ҳамчун маҳаки меҳварии он арзи вуҷуд намудааст. Аз ин рӯ, мо набояд аз диалектика

ҳамчун усулу услубиёти маърифати ашёву ҳодисоти олам рӯй гардонем. Баробари ин, бо мақсади такмил додани самаранокии методологияи таълими илми фалсафа зарур аст, ки сатҳи фаҳмиш ва муносибати устодонро ба ин ё он парадигмаҳои ҷадиди илмӣ тағйир диҳем. Имрӯз баробари муносибати диалектикии маърифати олам, ҳамчунин муносибати синергетикӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул ёфтаанд, ки дар раванди таълими фалсафа аз онҳо бояд истифода бурд. Мавриди истифода қарор додани ин усулҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ аз аҳамият холӣ нест, зеро онҳо имконият медиҳанд, ки равандҳои мураккаб ва зиддиятноки воқеити имрӯза, ки зери таъсири омилҳои гуногун қарор доранд, холисона маърифат карда шаванд.

Ҳамин тариқ, дар шароити тағйирёбиҳои куллии ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон методологияи таълим ва таҳқиқи муаммоҳои фалсафӣ таҳаввулоти ҷиддиро аз сар мегузаронад. Бархӯрдорӣ аз ин тағйиротҳо имконият медиҳанд, ки сифату самаранокии таълими фалсафа боло равад ва нақши ин илми бунёдӣ дар таълиму тарбия ва таҳқиқотҳои илмӣ боз ҳам афзунтар гардад.

### АДАБИЁТ


1. Солихджонов Р. Социокультурный анализ общества / Р. Солихджонов. – Худжанд: "МТК-Даврон", 2013.
2. Мирбобоев М.Қ. Фалсафа – сайқали тафаккур / М.Қ. Мирбобоев, Р. Солиҷонов. – Хуҷанд, 2017.
3. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ / Х.У. Идиев. – Душанбе: Ирфон, 2013.
4. Словарь иностраных слов. -М.: Русский язык, 1986.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008. - № 661.
6. Гегель. Наука логики / Гегель.- М.: Мысль, 1970.
7. Ленин В.И. Философские тетради / В.И. Ленин. -М.: Политиздат, 1968.


### ТАҲАВВУЛОТИ МЕТОДОЛОГИЯИ ТАЪЛИМИ ФАЛСАФА ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур муаммоҳои мубрами методологияи таълим ва тадқиқотҳои фалсафӣ дар шароити гуногуншаклии ҷаҳонбинӣ ва рушди бисёрсамтаи илм мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, зарурияти азнавдарккунии методологияи таълим дар он аст, ки дар раванди гузариш аз як низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба низоми муносибатҳои нав миёни аъзоёни ҷомеа муносибатҳои нави иҷтимоиву фарҳангӣ ташаккул ёфта, арзиши онҳо тағйир доданд. Аммо ин тағйиротҳо ба таври кифоя дар раванди таълими илми фалсафа ба инобат гирифта нашуда истодаанд. Яке аз сабабҳои асосӣ дар он аст, ки қисме аз омӯзгорон ва муҳаққиқон то ҳол аз баъзе унсурҳои кӯҳнашудаи усули таълим истифода мебаранд. Методология ҳамчун илм дар бораи усулҳои комёб шудан ба ҳақиқат ҳамеша дар ҳолати тағйирёбиву такомул қарор дорад. Вобаста ба ин, дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ дар мақола таъкид мегардад, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ услубиёти таълими фалсафа таҳаввулоти ҷиддиро аз сар гузаронидааст. Агар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва таълими илмҳои ҷомеашиносӣ методология деконструктивизм (сохтзудоӣ) боло гирифта бошад, пас аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи онро методологияи конструктивизм ишғол намуд. Дар солҳои минбаъда ба хотири таъмини сулҳу осоиши ҷомеа методологияи конвенсиалӣ истифода шуд, ки ин ҷараёнҳо ба вазъи таълими илмҳои ҷомеашиносӣ бетаъсир намонд. Дар мақола вазъи бӯҳронии методологияи таълими фалсафаро таҳлил намуда, муаллиф таъкид менамояд, ки бехабарии муҳаққиқони тоҷик дар даҳаи якуми асри XXI аз парадигмаҳои нави илмӣ дар соҳаи фанҳои ҷомеашиносӣ, мушкилиҳои бозсозии тафаккур ва равони омӯзгорон, муносибати хӯрдагирона ба баъзе методологияҳо, аз ҷумла ба усули диалектикии маърифати олам, мавҷуд набудани адабиётҳои илмӣ доир ба такмил додани методологияи таълими илмҳои ҷомеашиносӣ боиси қафомонии раванди ҷорӣ намудани навгониҳо дар таълими илмҳои ҷомеашиносӣ гашт. Дар мақола хулоса карда шудааст, ки дар замони зудмутағайирии ҷомеа методологияи таълими на фақат фанни фалсафа, балки куллӣ илмҳои ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ, бояд хислати чандирӣ дошта, вобаста ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо аз комёбиҳои илм ва навгониҳои методологӣ бархӯрдор бошад.



**Калидвожаҳо:** фалсафа, метод, методология, конструктивизм, деконструктивизм, конвенсиализм, парадигма, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, диалектика, синергетика, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҷаҳонишавӣ.


### ЭВОЛЮЦИЯ МЕТОДОЛОГИИ ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЛОСОФИИ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА


В данной статье рассматриваются актуальные проблемы методологии преподования философии в условиях плюрализма мировоззрения и многовекторного развития науки. По мнению автора, необходимость переосмысления методологии преподования философии продиктована тем, что в трансформирующемся таджикском обществе произошли глубокие социокультурные изменения. Переход общества на новые социокультурные отношения меняет ценностную ориентацию и оценки членами общества происходящих

социальных изменений. Однако происходящие изменения в не достаточной степени отражаются в процессе преподавания философских дисциплин. В статье утверждается, что причиной тому является то, что многие преподаватели и исследователи философских проблем остаются в плену старых методов и методологии. Методология как наука о способах достижения истины постоянно находится в состоянии изменения и совершенствования. В этой связи, в результате теоретического анализа в статье подчёркивается, что в условиях перехода таджикского общества к новым социальным отношеним методология преподавания и исследование философских проблем прошла эволюционный путь становления. Если в первые годы государственного суверенитета преобладала методология деконструктивизма, то после XVI сессии Верховного Совета Республики Таджикистана, был совершен переход к методологии конструктивизма. В последующие годы в качестве методологии использовалась методология конвенсиализма, которая привела таджикское общество к национальному единству и миру. В качестве причин кризиса методологии рассмотрены такие факторы, как изоляции таджикской обществоведческой науки от новых научно-философских парадигм, трудности преодоления старого мышления преподавателей и исследователей, пренебрежительное отношение к некоторым методологиям, в частности к диалектике, отсутствие литературы по совершенствованию методов и методологии преподавания философии и т. д. Сделан вывод о том, что в условиях быстроменяющейся действительности методология преподавания философии должна быть «эластичной», т.е. исходя из особенностей рассматриваемой проблемы, целей и задач необходимо применять соответствующие методы и методологию.

**Ключевые слова:** философия, метод, методология, конструктивизм, деконструктивизм, конвенсиализм, парадигма, мышления, мировоззрение, дилектика, синергетика, социокультурное, глобаоизация

**EVOLUTION OF THE METHODOLOGY OF TEACHING PHILOSOPHY IN THE CONDITIONS OF THE STATE SOVEREIGN OF TAJIKISTAN REPUBLIC**

In this article, topical problems are considered in the methodology of teaching philosophy in the conditions of pluralistic worldview and multi-vector development of science. According to the author's opinion, the need to rethink the methodology of teaching philosophy is dictated by the fact that there have been profound socio-cultural changes in the transforming Tajik society. The transition of society to new sociocultural attitudes is changing the value orientation and evaluation by members of society of the ongoing social changes. However, the changes are not sufficiently reflected in the process of teaching philosophical disciplines. The article is considered that the reason for this is that many teachers and researchers of philosophical problems remain in captivity of old methods and methodology. Methodology as a science of ways to achieve the truth is constantly in the conditions of change and improvement. In this connection, as a result of theoretical analysis, the article emphasizes that, under the conditions of the transition of Tajik society to new social relations, the methodology of teaching and the study of philosophical problems has evolved into an evolutionary way of formation. If in the first years of state sovereignty the methodology of deconstructionism prevailed, then after the XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, it was committed to the methodology of constructivism. In subsequent years, there was used a methodology of conventionalism, which led the Tajik society to National Unity and Peace. As factors of the crisis of methodology were such factors: isolation of Tajik social science from new scientific and philosophical paradigms, difficulties in overcoming the old thinking of teachers and researchers, bad attitude towards some methodologies, in particular dialectics, lack of literature on improving the method and methodology of teaching philosophy and so on. The conclusion is that in the conditions of rapidly changing reality, the methodology of teaching of philosophy should be elastic, i.e. based on the particular problem, goal and task, appropriate methods and methodologies must be applied.

**Key words:** Philosophy, method, methodlogy, constructivism, deconstructivism, convencialism, paradig, consciousness, worldview, dialectics, synergetic, social -cultural, globalization**.**

**Сведения об авторе:** ***Расулджон Солиджонов*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, г.Худжанд, доктор философских наук, профессор кафедры обществоведения.
Телефон: **92-701-78-95**

**Information about the author:** ***Rasuljon Solihjonov*** – doctor of philosophical sciences, professor of the Department of Social Studies.Phone: **92-701-78-95**

**УДК 008.001**

# ПРОБЛЕМА ИДЕАЛА В РОССИЙСКОМ СОЦИОГУМАНИТАРНОМ ПОЗНАНИИ: КОНТЕКСТЫ АКТУАЛЬНОЙ АНАЛИТИКИ

***Морозова И. Н.***
**Челябинский государственный институт культуры, Россия**

Проблемы и противоречия прошедших десятилетий Перестройки, начало XXIв. определили заданность, размышления о будущности российского общества. В социогуманитарном дискурсе России актуально уяснение оснований духовного единства, идеала. «Пик» дискуссий на эту тему в начале Перестройки сменился определенным спадом, что объяснимо отчетливым ощущением утраты идеала; незавершенностью процесса определения национальной идеи [12, с.90–91]. В современной социо-культурной ситуации аналитика тематики, направлений исследования проблемы идеала – важный когнитивный ресурс в уяснении стратегических тенденций, экспертная оценка актуального мирочувствия,

мироотношения в обществе, культуре России. Обоснование данного положения определило цели и задачи статьи. На основе контент -анализа, во всем массиве изученного материала, нами были выявлены следующие смысловые подразделы темы: сущность, содержательные характеристики идеала, аспекты терминологии; категория идеала в истории всемирной и отечественной философии; национальные контексты конкретизации идеала в российской социально-гуманитарной мысли; современные социально-философские проекты идеала; проблематизация общественного идеала в эпоху постмодерна, в обстоятельствах современной информационной реальности.

В российском социогуманитарном познании с существенной характеристикой идеала связывается нормативность, предельный «телос» деятельности [7], определяющий жизненно-практическую позицию социального субъекта [см. также 6;22, с.11]. Идеал отличается принципиальной незавершенностью, противоречивостью воплощения [7, с.31, с.163]. Современными философами выделяются два основных направления в понимании идеала – идеал как нематериальное и как совершенство, эталон, образец [11, с.14]. В соответствии с различными составляющими сущность идеала, выстраивается связь понятий: «идеал – идея-идеальное», что означает «…идеализацию, максимальную степень типизации актуализировавшихся интересов и потребностей» [6, с.6; 22]. Идеал в теории выступает как система идей (идеал-мечта и идеал-идея) [20, с.37]. Новые грани в изучении идеала открываются в сравнении последнего с архетипом. В отличие от архетипа, идеал характеризуется гибкой природой, социокультурной опосредованностью, исторической обусловленностью [13, с.276].

Феномен различных подходов к определению идеала в истории зарубежной философии, социологии расценивается российскими гуманитариями как демонстрация неоднозначности его сущностных характеристик [6, с.6]. Анализ истории философской, социогуманитарной мысли подводит к выводам о понятийных рядах, раскрывающих уровни содержания категории «идеала» – «идеал-идея-идеальное»; «идеал-мировоззрение»; «идеал-образ цели-цель движения»; «идеал-норма-образец» [6, с.13].

Особенности понимания идеала в российском дискурсе отражены в философской концепции славянофилов, философии всеединства. В религиозной философии России сформировались идеализированные концепты общественного единства, соборности, духовной целостности [2, с.36]. Задачей первостепенной важности для религиозных философов было примирение идеала небесного и земного [19, с.6]. К отличительной характеристике российской философской традиции (присущей и таким мировоззренческим направлениям, как материализм и позитивизм) относят «идеал-реализм» [5], что подводит к выводу об особой настроенности последней на перспективу воплощения идеала.

Новый ракурс в обсуждении проблемы социально-культурного идеала в философско-культурологической мысли рубежа XX–XXI вв. – в обращении к традиционным в России религиям, – христианству, исламу. Общим местом стало положение, что религиозные традиции укоренены в культуре, науке, образовании, хозяйственном, социальном устроении, повседневном укладе жизни, государственности [4, с.115]. Российскими гуманитариями утверждается значение (в качестве духовно-нравственного идеала) высшей трансцендентальной идеи [1]. К проблемным вопросам отнесены условия, механизмы транспонирования идеи в общественный идеал; «неразвитость» субъектов культуры, придерживающихся «серединной линии» (между крайностями либерализма и консерватизма); недостаточная разработанность, в качестве общественного идеала, труда и собственности [19, с. 15, с.18, с.21].

В «идеало-дискурсе» в настоящее время очевидно обращение не только к ментальным истокам российской истории и культуры, но и к философии советского периода. На рубеже XX –XXIвв. происходит переход от абсолютности, категоричности в отказе от его позитивной оценки– к размышлениям о творчестве советских философов, открывших антропологические, гуманитарные измерения проблемы идеала [9]. В отличие от беспристрастно объективного зеркала, ракурс долженствования, идеала, утверждал Э. В. Ильенков, открывается в отражении Другого [10, с.10]. Проблема состояния переходности в обществе, культуре, мироощущении человека, идеала рассматривалась Г. С. Батищевым, разработавшим концепцию межсубъектных отношений, культуросозидательности, другодоминантности [3, с.738]. Проблемы идеала, гармонии бытия по новому были раскрыты в философской концепции В.Н. Сагатовского. К неонтологичным формам бытия философом были отнесены (с позиции онто-антропологического подхода) индивидуализм, потребление, «блокирующие» субстанциальные его (бытия) основы [17, с. 59].

В современной российской гуманитаристике идеал конкретизируется как форма

национального самосознания; приводятся перечни базовых для национального идеала России ценностей [см. 21, с. 90]. В идеале должны быть отражены общее социально-экономическое, духовное начало, единство нации [21, с.108–109]. В новационном исследовании национального идеала О.А. Донских исторический контекст темы органически связан с актуальными проблемами [8]. Ответ на многие вызовы современного российского общества – в утверждении необходимости воли к достоинству, самоуважения нации [8, с.14, с.8]. К традиционным, архетипическим для российской культуры характеристикам идеала относят жертвенность, служение, в отличие от индивидуализма, персонального демиургического героизма на западе [14, с.8]. Конкретный вариант социально-политического, философского проекта реализации идеала – в утверждении гражданственности [16, с.3].

Проблема общественного идеала в эпоху постмодерна раскрывается в содержательной, емкой статье Л.В. Константиновой. Современный процесс идеалообразования характерен отступлением от трансцендентности идеала (понимания идеала как совершенного, абсолютного состояния), трансформацией последнего в локальную прагматическую идею, модель симулякра, когда идеал становится проявлением повседневности [12, с.92]. В то же время, ценностная точка пересечения во многих современных дискуссиях об общественном идеале – понимание справедливости [12, с.94; 18]. Перспективы выхода из мировоззренческого, экономического кризиса для России (в сотрудничестве с Западом или иначе) – за границами Постомодерна, в неизвестном Неомодерне, появление в последнем новых объединяющих начал, социальных идей (суверенной демократии, единой российской нации, нового евразийства), оснований для выработки оригинального для России пути движения вперед [12, с. 95].

В современных социо-гуманитарных исследованиях идеала подчеркивается актуальность информационного контекста, понимания общественного идеала как символического капитала нации (термин П. Бурдье), необходимость его защиты, восстановления, корректировки [15, с.106]. При этом последнее не предполагает догматического воспроизводства ценностей прошлого, означая возрождение его ядра.

Контент-анализ публикаций, в названии которых, в различных направлениях, тематизирован концепт «идеал», позволяет сделать вывод, что преобладающая тенденция современного российского «идеало-дискурса» – по -прежнему в обращении к ресурсу исторического прошлого. В то же время, сохранив традиционные тематические повороты, исследование проблемы идеала в социогуманитарном познании приняло в значительной мере конкретный формат (что отразилось в детализации, структурировании содержательного «наполнения» общественного идеала). Подход современных гуманитариев отличает диалектичность, «переформатирование», привлечение идей и понятий, разрабатывавшихся в философии советского периода. В философских, социо-гуманитарных проекциях настоящего и будущего страны проблематизируется вопрос об идеале в контекстах пост-культуры (информационно-технологических инфраструктур и процессов; локализации, трансформации идеала из абсолютных форм в повседневность, в симулякр). Напряженность, драматизм современного исторического выбора России – в ценностно-смысловом выборе, жизненно-практической проблематизации индивидуализма versus коллективизма, консерватизма versus либерализма; архетипического versus новационного в идеалообразовании, наличия versus отсутствия воли к идеалу.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Агзамходжаева С. С. Высшая трансцендентальная идея как нравственно-духовный идеал // Социально-гуманитарные знания (Научные сообщения) . – 2008. –№ 1. –С. 251–262.
2. Амелина Е.М. Общественный идеал в философии всеединства (от Вл. Соловьева к С.Л. Франку). – М.: Издатель Е. Разумова, 2000. –252с.
3. Батищев Г.С. Избранные произведения. – Алматы: Институт философии, политологии и религиоведения КН МОН РК, 2015. –880с.
4. Величко А.М. Христианство и социальный идеал (философия, право, социология индустриальной культуры). – СПб., М.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2000. –544с.
5. Ветошкин А.П. Феномен духовности и методология идеал-реализма в современном образовании//Образование и наука. –2012. –№4(93). –С.103–117.
6. Герасимов В.М., Мухина О.В. Сущность и содержание понятия идеал. – М.: МААН, 1998. –18с.
7. Давидович В. Е. Теория идеала. Ростов н/Д : Изд-во Рост. ун-та, 1983. –184 с.
8. Донских О.А. Воля к достоинству: Национальный идеал в истории России. М.: ЛЕНАНД, 2018. –208с.
9. Ильенков Э. В. Идеальное и реальность. 1960-1979. Москва: Канон-плюс, 2018. –527 с.
10. Ильенков Э.В. Проблема идеала в философии. Гегель и герменевтика. М.: ЛИБРОКОМ, 2011. –144с.
11. Квятковский Д.О. Гуманистический идеал: ценностный аспект (социально-философский анализ). – М.: Логос. – 2014. –132с.

12. Константинова Л. В. Общественный идеал в эпоху постмодерна: ракурсы социальной политики // Власть (Идеи и смыслы) . –2014. –№ 4. –С. 90– 95.
13. Костина А. В. Архетип versus идеал: опыт осмысления динамики культуры // Мир психологии (Новые книги) . – 2005. –№ 4. –С. 271–277.
14. Лебедев Ю. В. Идеал духовного самопожертвования в русской литературе // Литература в школе (Наши духовные ценности) . –2011. –№ 8. – С. 4– 9.
15. Маркелов К. В. Общественный идеал как объект воздействия государственной информационной политики// Государственная служба. – 2005. –№6(38). –С.105 –110.
16. Полухин О.Н. Идея, опыт и идеал гражданственности: философский проект. М.: Муниципальный мир, 2003. – 364с.
17. Сагатовский В.Н. Философия развивающейся гармонии: философские основы мировоззрения: В 3 ч. Ч.2. СПб.: Издательство С.-Петербургского ун-та, 1999. – 272с.
18. Скоробогатская С. И. Справедливость как социокультурный идеал. – Ростов-на-Дону: ИПО ПИ ЮФУ, 2012. – 119 с.
19. Скоробогатько А.В. Общественный идеал в русской философии. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2003. –240с.
20. Шестакова И.С. Утопия и социальный идеал. – Бийск:Изд-во Алт.гос. техн. ун-та, 2007. – 89с.
21. Шишкин В.А. Национальный идеал как общий закон развития культуры. Барнаул: ИП Колмогоров И.А., 2014. – 225с.
22. Шумилов С.Н. Идеал и идеализация в социальном познании. Нижнекамск: Нижнекамский филиал МГЭИ, 2010. –126с.


## МАСОИЛИ ИДЕАЛ ДАР МАЪРИФАТИ ИҶТИМОӢ – ГУМАНИТАРИИ РУС: ҚАРИНАҲОИ ТАҲЛИЛИ МУБРАМ


Дар мақола захиранокии когнитивии омӯзиши идеал дар гуманитаристикаи рус барои муайянсозии стратегияи рушди ҷомеа ва фарҳанг дар шароитҳои бесарусомонӣ, номуайянии мавҷудият асоснок карда шудааст. Махсусияти консептуализатсия, аниқгардонии идеали ҷамъиятӣ дар дискурси фалсафӣ – фарҳангшиносии арафаи асрҳои XX –XXI ошкор карда шуданд. Бо ин мақсад муаллиф методикаи контент- таҳлили нашрияҳои равияи гуманитариро истифода бурдааст, ки дар номгӯи онҳо консепти «идеал» ҷой дорад. Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ба таҳлил ҷалбгардида зерқисматҳои зерин дар масоилноксозии идеал ошкор карда шудаанд: моҳият, тавсифотҳои мазмунноки идеал: ҷанбаҳои истилоҳот; категорияи идеал дар таърихи фалсафаи ватанӣ ва умумиҷаҳонӣ;мафҳуми идеали миллӣ дар дискурси муосири рус; лоиҳаҳои иҷтимоӣ – фалсафии идеал; проблематизатсия, махсусиятҳои шаклҳои идеалӣ дар даврони постмодерн. Дар мақола аз як тараф шиддатнокии арзишӣ – маъноӣ, зарурияти интихоби маънавӣ – ҷаҳонбинӣ, худмуайянсозии шахсият, ҷамъият дар Россияи муосир, аз тарафи дигар бошад, гуногунмаъноӣ, номуайянӣ дар таносуби арзишҳои анъанавӣ ва навгонӣ дар фарҳанги рус қайд гардидааст. Дар матнҳои файласуфон, фарҳангшиносон, сотсиологҳо, дар баробари зарурияти давомат, нигоҳдории анъаноти фарҳанги ватанӣ, ҷанбаҳои омӯзиши навгонӣ дар офариниши фарҳанг дар асоси инкишофи байнисубъектӣ; махсусиятҳои шаклҳои идеал ва воқеияти иттилоотӣ махсус қайд гардидаанд.


**Калидвожаҳо:** дискурси иҷтимоӣ – гуманитарии арафаи арсҳои XX– XXI, категорияи «идеал», ташаккули идеал, истеъмол, постмодерн, симулякр, воқеияти иттилоотӣ, анъана, модернизм, давомат, навгонӣя.


## ПРОБЛЕМА ИДЕАЛА В РОССИЙСКОМ СОЦИОГУМАНИТАРНОМ ПОЗНАНИИ: КОНТЕКСТЫ АКТУАЛЬНОЙ АНАЛИТИКИ


В статье обосновывается когнитивная ресурсность изучения идеала в современной российской гуманитаристике, для определения стратегии развития общества и культуры, в условиях хаотичности, неопределенности социокультурной бытийности. Выясняются особенности концептуализации, конкретизации общественного идеала в российском философско-культурологическом дискурсе рубежа XX –XXIвв. С этой целью автором статьи была использована методика контент –анализа публикаций гуманитарного профиля, в названии которых содержится концепт «идеал». В результате изучения привлеченных к анализу источников выявлены следующие тематические подразделы в проблематизации идеала: сущность, содержательные характеристики идеала: аспекты терминологии; категория идеала в истории всемирной и отечественной философии; понятие национального идеала в современном российском дискурсе; социально-философские проекты идеала; проблематизация, особенности идеало-форм в эпоху постмодерна. В статье подчеркнута, с одной стороны, ценностно-смысловая напряженность, необходимость духовно-мировоззренческого выбора, самоопределения личности, общества в современной России, с другой – неоднозначность, неопределенность в соотношении традиционных ценностей и становящегося нового в российской культуре. В текстах философов, культурологов, социологов, наряду с необходимостью преемственности, сохранения традиций отечественной культуры, акцентированы аспекты изучения новаторства в культуросозидании, на основе развития межсубъектности, другодоминатности; особенностей форм идеала в культуре постсовременности, информационной реальности.


**Ключевые слова***:* российский социогуманитарный дискурс рубежа XX– XXIвв., категория «идеала», идеалообразование, потребление, постмодерн, симулякр, информационная реальность, традиция, модернизм, преемственность, новация.


## THE PROBLEM OF IDEAL IN RUSSIAN SOCIAL AND HUMANITARIAN COGNITION: THE CONTEXTS OF ACTUAL ANALYTICS


The article substantiates the cognitive resource of ideal studies in modern Russian humanities for defining of the society and culture’s development strategy, in conditions of chaos, uncertainty of socio-cultural existence. The features of conceptualization, concretization of social ideal in Russian philosophical and cultural discourse of XX – XXI centuries are explored. For this purpose, the article s author uses the method of content analysis of humanitarian publications, the title of which contains the concept of «ideal». As a result of the study of the involved sources into analysis, the following thematic subsections into problematization of the ideal were revealed: the essence, the substantive characteristics of the ideal:

aspects of terminology; the category of ideal in the history of world and Russian philosophy; the concept of a national ideal in contemporary Russian discourse; social and philosophical projects of the ideal; problematization, features of ideal-forms in postmodern era. The article emphasizes, on the one hand, the value-semantic tension, need for spiritual and ideological choice, self-determination for individual, society in modern Russia, on the other – the ambiguity, uncertainty into correlation of traditional values and becoming new in Russian culture. Into philosophers, cultural scientists, sociologists' texts, with the need for continuity, retention the traditions of national culture, the aspects of the study of innovation in cultural creation on the basis of inter-subject and Other's dominance development; the features of forms of the ideal in the culture of post-modernity, informational reality are emphasized.
**Key words**: Russian socio-humanitarian discourse of the end of XXth – beginning of XXIst centuries; the category of «ideal», ideal formation, consumption, postmodern, simulacrum, informational reality, tradition, modernism, continuity, novation .

**Сведения об авторе:** ***Морозова Ирина Николаевна*** – Челябинский государственный институт культуры, кандидат культурологии, зав. кафедрой декоративно-прикладного искусства. **Адрес**: 454091, г. Челябинск, ул. Орджоникидзе, д. 36А. E-mail: **mo-rel@mail.ru**

**Information about the author:** ***Morozova Irina Nickolayevna***– Chelyabinsk State Institute of Culture, Ph.D in Cultural studies, Head of Decorative-applied Art' s Department. **Adress**: 454091, Chelyabinsk, Ordzhonikidze street, 36A. E-mail:**mo-rel@mail.ru**

**УДК 111.1**

# АФКОРИ ИҶТИМОИИ ФАРИДУДДИНИ АТТОР

***Умедов М.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фаридуддини Аттор яке аз мутафаккирони бузурги асримиёнагии тоҷик мебошад, ки бо ақоиди гуногуни илмӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва иҷтимоии худ дар рушду такомул ва инкишофи ҷомеа нақши боризе гузоштааст. Махсусан ақоиди иҷтимоии ӯ, ки баргирифта аз носозгориҳои замонаш аст, саршор аз роҳнамоиҳои муфиде барои ҷомеаҳои минбаъда мебошад. Ӯ тавассути ақоиди иҷтимоии хеш мардумро барои сохтани ҷомеаи адолатпеша ва бомаърифат даъват намуда, зулму ситам ва таассубу душманӣ бо якдигарро манъ мекунад. Ақоиди иҷтимоии мутафаккирро дар бештари осораш дарёфт кардан мумкин аст. Ӯ дар осораш мардумро барои машғул шудан ба меҳнат ва касбу кори муайян, ки тавонанд ба василаи он ризқи рӯзии худро дарёфт кунанд ва ба ин восита аз бекорию танбалӣ, умедвор будан ба дигарон манъ карда, сифати танбалиро зери танқиди шадид қарор додааст.

Фаридуддини Аттор ҳамаи ақоиди иҷтимоиашро, ки созанда аст, аз замонаш ва аз сарчашмаҳои дигари фарҳангӣ, ки пеш аз вай вуҷуд доштаву дар афкори мардум нақш баста буд, бар гирифтааст. Ӯ ҳангоми баёни ақоиди ахлоқӣ ва ирфониаш аз оёту аҳодис ва аҳволи омма мисолҳо оварда, баъзан мардумро бо каломи мушкилфаҳм ва пӯшидамафҳум, ки дар осораш намоён аст, даъват мекард. Вале дар осори худ ҳангоми баёни ақоиди иҷтимоиаш Фаридуддини Аттор бештар ба каломи сода ва фаҳмо, ки аз забони девонагон садо медод ва ӯ он каломро ба тариқи назм баён мекард, равшан ба назар мерасад. Ин мавзӯъ дар осори Фаридуддини Аттор бисёр ба назар мерасад ва ӯ бо овардани қиссаҳои тамсилӣ мехоҳад камбудии ҷомеа ва ҷомеасозони замонашро аз забони девонагон, ки дар ин қиссаҳояш нақши марказӣ доранд, баён кунад ва дар ин самт муваффақ ҳам шудааст. Он суханоне, ки аз забони девонагон дар осораш тасвир ёфтаанд, бешак каломи худи ӯ мебошад, ки бо сабаби ноҷуриҳои замонаш натавонистааст, ки ошкор баён намояд ва онро аз забони маҷонин иброз намуда, ба ин васила худро аз ҳуҷуми ноаҳлон ва бефарҳангон то андозае муҳофизат кардааст. Ин маъниро яке аз муҳаққиқони муосири осори Фаридуддини Аттор Ризо Ашрафзода чунин қайд намудааст: «Масъалаи уқалои маҷонин дар осори Аттор мавзӯи вижае аст. Ба назари манн, Аттор ба мулоҳизоте натавониста ҳарфашро ошкоро баён кунад, онро аз забони девонагон баён кардааст….» [9,с.58]. Девонаҳо ва қаҳрамонони ҳикоёт ва тамсилоти Аттор ба маънии воқеӣ ифода наёфта, балки шахсонеро дар назар доштанд, ки дар зоҳир ба назари мардум девона менамоянд, вале дар ҳақиқат онҳо ҳар як рафтору гуфтори худро санҷидаву андешамандона бо мақсадҳои муайян ифода намудаанд. Яъне, ба таври озод ва кушоду равшан ибрози ақида карда натавонистани мутафаккирон аз хавфи ҳокимони давру замонашон омили асосии ба ин равиш ифода кардани андешаашон гардида буд. Дар мавриди осори Фаридуддини Аттор Ризо Ашрафзода чунин мефармояд: «Қиссаи девонагон дар осори Аттор худ ҳикояте ба зоҳири девонагон, дар асл омиле аст, то Аттор

ҳар ҷо ки барои нишон додани мавзӯе, ки наметавонад онро бар забон орад, аз онҳо кумак мегирад ва онро аз забони онҳо нақл мекунад» [9,с.59].

Ба чунин равиш ифода ёфтани афкори иҷтимоии Фаридуддини Атторро бисёре аз муҳаққиқони осораш қайд намудаанд. Чунончи, яке аз муҳаққиқони осори Фаридуддини Аттор дар Тоҷикистон устод Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев дар ин маврид чунин изҳори назар намудааст: «Агар гӯем, ки мавзӯи тамсилии уқалои маҷонин дар эҷодиёти Аттор нисбат ба дигар мутафаккирони тасаввуф ва умуман намояндагони афкори иҷтимоӣ-сиёсӣ бештар ва возеҳтар инъикос ёфтааст, хато намекунем» [5,с.176].

Мақоми баландро касб намудани девонагон дар осори Фаридуддини Аттор, ба назари мо, сабаб ин буда, ки дар замони зиндагии Аттор ва низ пеш ва баъд ҳеҷ кас ёрои изҳори дардҳои иҷтимоиро ба таври ошкоро надошт, ки рӯирост ба хулафову умаро боз гӯяд ва ё бар низоми офариниш хӯрда бигирад ё ақидаи диниро нақл кунад ва ҳар ки ин корро мекард, аз озори мутаассибон ва умаро эмин набуд. Таърих гувоҳ аст, ки мутаассибон бо Мансури Ҳаллоҷу Боязиди Бастомӣ ва Айнулқуззоту чанд орифе дигар иқдомоти хавфнокеро ба сомон расониданд. Аз ин хотир Фаридуддини Аттор "шеваи девонагон оғоз мекунад" ва аз забони ин шӯридагон ибрози назар мекунад, зеро ҳар чӣ маҷзуб мегӯяд, аз сари савдост ва он бахшиданист ва билохира онҳо бо ин сифат аз озори халқ дар амонанд.

Дар мавриди девонагон худи Фаридуддини Аттор мегӯяд:

*Қиссаи девонагон озодагист,*
*Ҷумла густохию корафтодагист.*
*Он чи фориғ мебигӯяд бедиле,*
*Кай тавонад гуфт ҳаргиз оқиле [3,с.299].*

Ё дар ҷойи дигар мегуяд:

*Ҳар кӣ з-ин як зарра оташ бошадаш,*
*Лавҳаи девонагон хуш бошадаш.*
*З-он ки кори ҷумлашон дилдодагист,*
*Сарнагунсорию корафтодагист [9,с.60].*

Афкори иҷтимоии Фаридуддини Аттор фарогири ҷанбаҳои гуногуни замони зиндагиву фаъолият ва эҷоди худи мутафаккирро фарогир аст. Бояд гуфт, ки инкори таассуб ва ғояи таҳаммулпазирӣ моҳияти таълимоти иҷтимоии Фаридуддини Атторро ташкил медиҳад. Вай дар осори хеш, таассуб ва ашхоси мутаассибро мазаммат намуда, решаи буғзу кина, нафрату адоват, ихтилофоти адёну мазоҳиб ва халқҳои мухталифро дар гирифтории таассуб медонад.

*Ало эй дар таассуб ҷон-т рафта,*
*Гуноҳи халқ бо девон-т рафта.*

*Вале аз аблоҳӣ пурфиску пурмакр,*
*Гирифтори Алӣ мондию Бубакр.*
*Гаҳе ин як бувад назди ту маъқул,*
*Гаҳе он як бувад аз кор маъзул…*
*…Илоҳо нафси саркашро бурун кун,*
*Фузулӣ аз димоғи мо бурун кун.*
*Дили моро ба худ машғул гардон,*
*Таассубҷӯйиро маъзул гардон [2,с.9].*

Дар хусуси таҳаммулпазирӣ Фаридуддини Аттор нисбат ба куллияи равияҳои тасаннун ва ташайюъ, тамоми динҳо ва мазоҳиб сухан рондааст. Аз ин ҷост, ки яке аз муҳаққиқони дигари осори Аттори Нишопурӣ Саид Нафисӣ навишта буд: «Албатта, Атторро бо чунин андешаҳо болотар аз ҳар фирқа ва тариқате бояд донист» [10,с.92].

Тавре маълум аст, намояндагони тасаввуф, аслан онҳое, ки пайрави усули ақоиданд, ба мазҳаб таваҷҷуҳе надоранд. Зеро аксарияти таассуб аз эътиқоди ифротӣ нисбат ба ин ё он мазҳаб ва равия сар мешавад. Аз ин ҷост, ки орифони соҳибдил ба тамоми адёну мазоҳиб таҳаммулпазирона менигаристанд. Шахсони ба дараҷаи баланди маънавиёт расида аз қайду банди таассуботи иҷтимоӣ, динӣ ва мазҳабӣ озод мешаванд ва агар равшантар баён кунем, по аз арсаи ин маҳдудиятҳо берун мениҳанд. Тавре маълум аст, кулли кинаву адоват ва тафриқа дар натиҷаи таассуб ва тангназарӣ зоҳир мешаванд. Ба ин маънӣ ишора карда, муносибати бадбинонаи пайравони мазҳаби шиаю суннирo дар назар дошта, Фариддуддини Аттор навиштааст:

*Эй гирифтори таассуб мондаӣ,*
*Доимо дар буғзу дар ҳуб мондаӣ.*

*Ту Алӣ донию Бубакр эй писар,*
*В - аз худои ақлу ҷонӣ бехабар [4,с.8].*

Бояд қайд кард, ки дар баёни ақоиди иҷтимоии хеш Фаридуддини Аттор, пеш аз ҳама, аз сарчашмаҳои маънавии дини мубини Ислом истифода намуда, ҳамзамон сарчашмаҳои дигари илмиву маънавии замонашро низ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Тавре ки маълум аст, дар баёни масъалаи баробарӣ ва адолати иҷтимоии ҷомеа дар Каломи шариф ва аҳодиси пайғамбар (с) таъкидҳои зиёд ба назар мерасанд. Сарчашмаҳои таърихӣ ва динӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар оғози пайдоиш ва паҳншавии дини ислом, беш аз ҳама ба он табақаҳои поёнии ҷамъият: бенавоён, ғуломон ва меҳнаткашони камбағал таваҷҷуҳи зиёд доштанд ва худи ин дин бошад, мардумро дар назди Худои таоло баробар медонад, ки ин маъниро дар бисёре аз оёти Каломи шариф пайдо кардан мумкин аст. Масалан: дар ояти 28 сураи «Каҳф» ба Паёмбар (с) муроҷиат карда, гуфта мешавад, ки аз ғарибон ва нотавонон дурӣ маҷӯй. Дар тафсири ин оят бошад, гуфта шудааст, ки «Касонеро, ки изҳори ихлос кардаанд, ҳарчанд ғариб ҳам бошанд, тарк макун ва ба тарафи дунёдорони мутакаббир, ба ғарази он ки агар онҳо мусулмон шаванд, дини ислом равнақу ривоҷ хоҳад кард, илтифот манамо. Зеро тараққӣ ва иззати аслии ислом аз тариқи шукӯҳи моддӣ ва касрати тиллою нуқра нест, балки ба имону тақво ва ахлоқи наку марбут аст. Иззат ва шавкати дунёи фонӣ монанди соя заволпазир аст. Давлати ҳақиқӣ ва побандӣ дар тақвои маллоҳ аст, ки на шикаст меёбад ва на завол, чунончи дар ҳикояи «Асҳоби каҳф» саранҷом кори дӯстони Худо аз толибони дунё возеҳ шуд. Дилҳои касоне, ки масти нашъаи дунёӣ шудаанд, аз ёди Худо ғофил ва пайваста пайрави хушию хоҳишоти нафсонӣ мебошанд. Шеваи ин тоифа одамон аст, ки дар итоат сусту танбал ва дар пайравии ҳавою ҳавас пешқадаманд. Ҳарчанд ин гурӯҳ дорои иззату эҳтиром бошанд ҳам, аз суханонашон эъроз кун» [6,с.233].

Дар ҷаҳонбинии Фаридуддини Аттор андеша доири ҷамъият ва тарғибу ташвиқи адолати иҷтимоӣ мавқеи хосеро ишғол мекунад. Ба ақидаи мутафаккир, шоҳи адолатпарвар он аст, ки ба тахт нишаста машғули амру фармон шуда, атрофиёнаш ба таллаю тороҷи шаҳрҳою деҳот машғул нашаванд. Шоҳи одил касест, ки аз кору зиндагии раияти хеш бохабар бошад. Танҳо дар сурати ҳаматарафа ва хуб огоҳ будан аз аҳволи заҳматкашон, шоҳ метавонад роҷеъ ба беҳтаршавии кору аҳволи онҳо чораҳои зарурӣ андешад. Одил он касест, ки дар байни сарватмандону камбағал фарқ намегузорад ва ба ҳама баробар менигарад:

*Одил он бошад, ки дар мулки ҷаҳон,*
*Дод бистонад зи нафси худ ниҳон.*
*Набвадаш дар адл кардан хосу ом,*
*Халкро чун хештан хонад мудом [3,с.114].*

Он ҳокимону шоҳон, ки қонуну қоидаҳои адолати иҷтимоиро вайрон мекунанд, нисбат ба табақоти дигари ҷомеа бераҳмию бешавқатиро раво мебинанд, ҳукмҳои ноадолатона содир мекунанд, наметавонанд муддати зиёд зимоми давлатдориро дар даст дошта бошанд ва оқибат давлатдориашон завол хоҳад ёфт. Агар подшоҳ хоҳад, ки дар кишвараш ба сиёсатҳои бемуҳобот ва амсоли ин даст диҳад, бояд ки дар қазоват намудани «аҳли зулму фиску фасоду молида доштан, инсофи мазлуми заиф, золими қавӣ сутудан, дуздону қатъот-ут-тариқро дафъ кардан ва ба аҳли ҷиноёт ҳудуди Худойро рондан ва ба аҳли қасос ба фармони Худо қасос воҷиб шумурдан»-ро [7,с.396]. кӯшиш намояд. Яке аз хислатҳои муҳиме, ки подшоҳ ба он бояд ороста гардад, ин баландҳимматӣ мебошад, ки сабаби асосии ба даст овардани молу неъмат ва савлату давлат ба ҳисоб меравад. Фазилати бузургтарини подшоҳи мулукин «таллуқ ба ахлоқи Ҳақ» [2,с.9] аст.

Бояд гуфт, ки ҷаҳонбинии Фаридуддини Аттор зуҳуроти системаи тасаввуфиву ирфонӣ дорад ва бо мистисизми (зоҳидӣ) хушку холӣ маҳдуд нест. Ҷаҳонбинии ӯ саршор аз таҷрибаҳои рӯзгори худ ва гузаштагон аст, ки дар осораш инъикос ёфтааст. Ӯ аз зиндагӣ ва рӯзгору фаъолияти умаро ва салотини гузашта ҳамеша мисолҳо оварда, ҳокимону амалдорони замонашро ба бевафоии дунё ошно менамуд ва ҳамчунин бо мисолҳои зиёд таъкид мекард, ки молу сарвати ҷаҳон ба касе намонад ва ҳамаи шоҳону салотини пешин аз ин падида огоҳ буданд ва бо овардани ҳикояте дар «Мусибатнома»-и худ Фаридуддини Аттор чи таълими хубе ба умаро ва салотин додааст:

*Чун Сикандарро мусаххар шуд ҷаҳон,*
*Вақти марги ӯ даромад ногаҳон.*
*Гуфт тобуте кунед аз бахри ман,*
*Дахмае созед пеши шаҳри ман.*
*Гуфт кушода дасти ман берун кунед,*

*Навҳа бар ман ҳар замон афзун кунед.*
*То зи молу лашкару мулку шаҳӣ,*
*Халқ мебинанд дасти ман тиҳӣ.*
*Гар ҷаҳон дар дасти ман буд он замон,*
*Дар тиҳидастӣ бирафтам аз ҷаҳон.*
*Мулку моли ин ҷаҳон чизи пуч нест,*
*Гар ҳама ёбӣ чу ман ҷуз ҳеҷ нест [3,с.68].*

Чуноне ки аз ин ҳикоя пай бурда мешавад, Искандар бо он ҳама дорояш, ки Машриқу Мағрибро дар даст дошт, дасти холӣ аз ин дунё рафт ва ин дарсест барои умаро ва салотини минбаъда. Фаридуддини Аттор на танҳо бевафоии дунё ва бебақоии молу ҷоҳро ба шоҳон меомӯхт, балки ба воситаи панду андарзҳои саршор аз раҳнамоиҳояш огоҳ мекард, ки салтанат кори пурмасъулият аст ва бояд онро тарзе идора кард, ки рӯ ба завол ва хорӣ наорад. Завол ва нестшавии салтанати умароро Фаридуддини Аттор чор чиз медонад, ки боиси фасод дар кори подшоҳ шуда, оқибат боиси аз байн рафтани мамлакат мешавад. Ӯ дар ин маврид дар пандномаи худ чунин мегӯяд:

*Чор чиз омад фасоди подшоҳ,*
*Бо ту мегӯям, вале дораш нигоҳ.*
*Аввал андар мамлакат ҷаври амир,*
*Дигар он ғафлат, ки бошад дар вазир.*

*Ранҷи шаҳ бошад хиёнат дар дабир,*
*Бад бувад гар қуввате ёбад асир.*
*Чун кунад дар мулки шаҳ мире ситам,*
*Подшаҳро з-ин сабаб бошад алам.*
*Чун бувад ғофил вазири бехабар,*
*Мулки шаҳ аз вай бувад зеру забар.*
*Гар халал дар котиби девон бувад,*
*Оқибат ранҷи дили султон бувад.*
*Гар асиронро равад қувва падид,*
*Дар вилоят фитнаҳо гардад падид.*
*Чун салобат дар вуҷуди шаҳ бувад,*
*Дасти мирон аз ситам кӯтаҳ бувад.*
*Гар набошад воқифу доно вазир,*
*Подшоҳро з-ӯ бувад ранҷи касир.*
*Гар надорад шаҳ сиёсатро ба кор,*
*Мулк вайрон гардад аз ҳар нобакор [11,с.56-57].*

Дар масъалаи баробарии мардум дар назди Худо дар осори Фаридуддини Аттор таъкидҳои фаровоне дида мешавад. Ғояе, ки сар то сари эҷодиёти Атторро фаро гирифтааст, иборат аст, аз он ки ба чигунагии хулқу хислат, бойигариву давлат нигоҳ накарда, тамоми мардум дар назди Худо баробаранд. Онҳо аз модар як хел таваллуд мешаванд, вале рафта-рафта дар ҷараёни зиндагӣ яке соҳиби молу сарват мешавад ва дигаре луқмае намеёбад, ки худро аз гуруснагӣ раҳонад. Фаридуддини Аттор аз мавқеи назарияи ирфонӣ, дар хусуси баробарии ҳамаи қишрҳо ва асноди ҷамъият, аз шоҳ то гадо сухан ронда, муқаррар мекунад, ки тамоми бандагон дар назди Худо баробар буда, як хел офарида шудаанд. Танҳо як худи Худо ҳаққи ҳокимии мутлақро дорад.

Ҳамчунин, дар таълимоти иҷтимоии Фаридуддини Аттор масъалаи сарнавишт ва пайдо кардани ризқу рӯзӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Аттор ҳамеша бо такя ба сарчашмаҳои олии исломӣ, чун Қуръон ва суннати Паёмбар (с) ин масъаларо мавриди муҳокима қарор дода, таълим медод, ки инсон бояд барои ба даст даровардани ризқу рӯзии хеш ҳамеша талош кунад ва сифати танбалиро аз худ дур кунад, то ки зиндагии худро хуб гузаронад. Бояд гуфт, ки масъалаи қазо ва қадар ва сарнавишт яке аз масъалаҳои умдатарини ҳар як дин ва аз ҷумла дини мубини ислом ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи чигунагии ҳаллу фасли он, муносибати ин ё он мутафаккир нисбат ба дарку фаҳмиши масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ муайян карда мешавад. Тавре ки маълум аст, асос ва заминаи муҳимми назариявии ҷаҳони маънавии мутафаккирони олами исломро фармудаҳои Қуръони карим ташкил медиҳад. Дар ин китоби муқаддас масъалаи мазкур то андозае равшан ва возеҳ ба ақли умум фаҳмо ба назар намерасад ва ин масъала ба пуррагӣ ҳаллу фасл нашудааст, бинобар ин дар тӯли таърих сари ин масъала миёни мутафаккирон баҳсҳои тӯлонӣ сурат гирифтаанд ва Фаридуддини Аттор ҳам ин масъаларо дар қиссаҳо ва тамсилоташ оварда, мавриди муҳокима қарор додааст. Аммо масъалаи ҷаҳду талош ва ба даст овардани ризқро бошад, Фаридуддини Аттор дар осораш раҳнамоиҳое намудааст.

Масалан, дар қиссаи Ҳазрати Исо ва мушоҳидаи ӯ нафареро, ки дар ғоре нишаста ва талоше барои пайдо кардани ризқи худ анҷом намедод, чунин омадааст:

*Исаи Марям ба ғоре рафта буд,*
*Дар миёни ғор марде хуфта буд.*
*Гуфт: Бархез ай зи олам бехабар,*
*Кор кун то тӯшае ёбӣ магар [3,с.103].*

Хулоса, афкори иҷтимоии Фаридуддини Аттор, ки баргирифта аз сарчашмаҳои муътамади илмиву ирфонӣ, динию сиёсӣ ва ахлоқии замонаш буда, раҳнамо ва мушкилкушои ҳар фарди ҷомеа шуда метавонанд. Махсусан ин таълимот барои шоҳон ва амалдорони ҳар давру замон, ба монанди чароғест, ки онҳоро дар торикиҳои ҷаҳл рӯшанӣ намуда, ба сӯйи нуру саодат раҳнамоӣ мекунад. Афкори иҷтимоии Фаридуддини Аттори Нишопурӣ баёнгари талаботҳои ҳамаи қишрҳои ҷомеаи замони мутафаккир буда, дар инкишофи ақоиди озодандешии замони хеш нақши бузурге бозидааст. Аз ин ҷост, ки мероси илмиву ирфонӣ, бахусус афкори иҷтимоӣ-ахлоқии Фаридуддини Аттор дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккирони минбаъда, мисли Ҷалолуддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ ва дигарон, таъсири бузурге расонидааст. Зеро баҳои баланди ин мутафаккирон ба Фаридуддини Аттор шаҳодати он аст, ки ӯ яке аз намояндагони барҷастаи тасаввуфи нимаи дуюми асри XII ва ибтидои асри XIII ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ


1. Алиасғари Ҳалабӣ. Таъсири Қуръону ҳадис дар шеъри форсӣ – Теҳрон: Асотир, 1374. -357 с.
2. Аттор Фаридуддин. Асрорнома / Бо тасҳеҳ ва таълиқот ва ҳавошии доктор Содиқи Гавҳарӣ. –Теҳрон, 1338. - 490 с.
3. Аттори Нишопурӣ. Мусибатнома / Бо тасҳеҳ ва эҳтимоми доктор Нурони Висол. -Теҳрон, 1373. -560 с.
4. Аттори Нишопурӣ. Тазкират-ул-авлиё. Аз рӯйи матни Никелсон /бо муқаддимаи Муҳаммадхони Қазвинӣ. –Теҳрон: Ганҷина, 1370. -300 с.
5. Аҳмадҷон Муҳаммадхоҷаев. Андешаҳо перомуни ирфон ва фалсафа. Монография. -Душанбе: Дониш, 2012. - 323 с.
6. Алиасғар Ҳалабӣ. Ошноӣ бо улуми Қуръон. -Теҳрон, 1369. -233с.
7. Девони ғазалиёт ва қасоиди Аттор / Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Тақӣ Тафаззулӣ. Теҳрон,1341. –886 с.
8. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он бо забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2007. - 680 с.
9. Ризо Ашрафзода. Таҷаллии рамзу ривоёт дар шеъри Аттори Нишопурӣ. –Теҳрон, 1373. 322 с.
10. Саид Нафисӣ. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Фаридуддини Аттори Нишопурӣ. –Теҳрон, 1320. -253 с.
11. Фаридуддини Аттор. Пандномa. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор А.М.Хуросонӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. -256 с.


## АФКОРИ ИҶТИМОИИ ФАРИДУДДИНИ АТТОР


Мақолаи мазкур ба таҳлили афкори иҷтимоии яке аз намояндагони машҳури тасаввуфи асримиёнагии Шарқ - Фаридуддини Аттор бахшида шудааст. Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки дар асрҳои миёна - замони зиндагонии Аттор, раванди ташаккулёбии муносибатҳои иҷтимоӣ дар зери таъсири меъёрҳои ахлоқиву динӣ ташаккул ёфта, дар навбати худ нақши муассире дар рушди минбаъдаи афкори иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа гузоштааст. Дар асоси таҳлили осори Фаридуддини Аттор муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки мутафаккир яке аз чеҳраҳои намоёне мебошад, ки дар рушди афкори динӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ нақши бузурге гузоштааст. Ба андешаи муаллиф, афкори иҷтимоии Фаридуддини Аттор, ки баргирифта аз сарчашмаҳои муътамади илмиву ирфонӣ, динию сиёсӣ ва ахлоқии замонаш мебошад, раҳнамо ва мушкилкушои ҳар фарди ҷомеа шуда метавонанд.



**Калидвожаҳо:** асрҳои миёна, ҷаҳонбинии динӣ, афкори иҷтимоӣ, тасаввуф, фарҳанги тоҷику форс, тамаддуни Шарқи мусулмонӣ, дин, ислом, Худо, Қуръон, шоҳон, камбизоатон, девонагон, камбағалӣ, таҳаммулпазирӣ, сарчашмаҳои диниву ахлоқӣ, ҷомеаи адолатпеша, зулму ситам, таассубу душманӣ.


## СОЦИАЛЬНЫЕ ИДЕИ ФАРИДУДДИНА АТТАРА


В статье рассматриваются идеи одного из видных представителей восточного мистицизма Фаридуддина Аттара, посвященные социальным проблемам. Делатся заключение, что в эпоху средневековья, когда жил Аттар, развитие социальных отношений осуществлялось преимущественно под контролем системы нравственных, религиозных норм, которые, в свою очередь, оказали влияние и на дальнейшее развитие социальной мысли. На основе наследия Фаридуддина Аттора делается вывод, что мыслитель является одной из ярких фигур теологической, социально-политической мысли эпохи средневековья.



**Ключевые слова:** средневековье, религиозное мировоззрение, социальние идеи, суфизм, таджикско-персидская культура, цивилизации мусульманского Востока, религия, ислам, Бог, Коран, король, нищие, сумасшедшие, бедность, толерантность, религиозные и этические источники, справедливое общество, угнетение, фанатизм и враждебность.


## SOCIAL IDEAS OF FARIDUDDIN ATTARA


The article discusses the ideas on the social problems of one of the prominent representatives of Eastern mysticism Fariduddin Attar. The conclusion is that in the era of the Middle Ages, when Attar lived, the development of social relations was carried out mainly under the control of the system of moral and religious norms, which in turn influenced the further development of social thought. On the basis of the Fariduddin Attor's heritage, it is concluded that the thinker is one

of the brightest figures of theological, socio-political thought in the Middle Ages.

**Key words:** Keywords: Middle Ages, religious worldview, social ideas, Sufism, Tajik-Persian culture, civilization of the Muslim East, religion, Islam, God, Koran, king, beggars, mad, poverty, tolerance, religious and ethical sources, just society, oppression, fanaticism and hostility.

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории философии и социальной философии философского факультета. ***Адрес:*** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки,17.Телефон:**+992 93 3013100**

**Information about the author:** ***Umedov Maston Hamdamovich*** - Tajik National University, doctoral candidate of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. ***Address:*** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Telephone: **+992 93 3013100**

**УДК:1/14.16:82**

# ТАЪЛИМОТИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ НИЗОМУЛМУЛК ДАР АСАРИ Ӯ “СИЁСАТНОМА”

***Шарипов А.М.***
**Донишоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Адибону олимони зиёде масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро дар осори худ баррасӣ намудаанд. Аз ҷумла, чунин мутафаккирон, ба монанди Ибни Сино, Форобӣ, Насириддини Тӯсӣ, А. Ҷомӣ, Сайидо, Носири Хусрав, Берунӣ, Ҳамадонӣ, Ғазолӣ, Дониш ва садҳо дигар олимону шоирони тоҷикро номбар кардан мумкин аст, ки дар осори безаволи худ оиди масъалаҳои гуногуни ҳаёти рӯзмарраи мардум, тарзи либоспӯшӣ, тарзи нигоҳ доштани асбобу анҷоми хона, тарзи рафтору гуфтор дар ҷомеа, оиди хариду савдо дар бозор, одоби шоҳону вазирон ва дигар масъалаҳои муҳимми замони худ сухан гуфтаанд. Аз байни онҳо, бешубҳа эҷодиёти мутафаккири бузурги асрҳои миёна Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ, машҳур бо номи Низомулмулкро номбар кардан мумкин аст, ки дар асари безаволи худ “Сиёсатнома” масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, одоби шоҳону вазирон, пешвоз гирифтани сафирон ва ғайраро дида баромадааст.

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ соли 1018 дар деҳаи Навғони вилояти Родкони Тӯс таваллуд шудааст. Падари ӯ Абулҳасан Алӣ дар хидмати Абулфазл, яке аз гумоштагони Ғазнавиён дар Хуросон қарор дошт. Абӯалӣ давраи кӯдакӣ ва таҳсили ибтидоиро дар зодгоҳаш гузаронида, баъдтар дар Нишопуру Марв таҳсили илм менамояд ва пас ба Балх омада, ба хидмати Алӣ ибни Шодон дохил мешавад. Дертар Абӯалӣ дабири Довуд ибни Микоил шуда хидмат мекунад. [1, с.3]. Бо васияти Довуд ибни Микоил Абӯалӣ ба вазифаи дабирӣ ва баъдтар ҳамчун вазири кордону бомаҳорат соҳиби ҳурмату эътибори шоҳи сулолаи Салчуқиён (1037-1193) Алпарслон мегардад, ки корҳои асосии идора кардани давлат қариб пурра ба зиммаи ӯ меафтад.

А. Кримский, бостоншиноси рус, менависад: «Бо шарофати Низомулмулк, аз як тараф, давлати дар натиҷаи задухӯрди байниҳамдигарӣ ва тохтутози зиёди сулолаи Салчуқиён хароб ва бесарусомонгашта каму беш ба тартиб оварда шуда бошад, аз тарафи дигар, иқтисодиёти давлат ба по гузошта мешавад» [2, с.180]. Пас аз нуҳ соли ҳукмронӣ, яъне дар соли 1072 Алпарслон ба қатл расонда мешавад. Ҳокимият ба ихтиёри фарзандаш – Маликшоҳ (1072-1092) мегузарад. Низомулмулк дар тарбияи ин шоҳи салчуқӣ ва равнақи сиёсату давлатдории ӯ хизмати зиёде кардааст. Низомулмулк дар натиҷаи бедодгариҳои зиёде, фитнаи зани шоҳ Турконхотун ва Ҳасани Саббоҳ аз дасти қотил Абӯтоҳир дар вақти сафараш ба Бағдод дар наздикии шаҳри Наҳованд 14 октябри соли 1092 кушта мешавад.

Маликшоҳ ҳангоми ҳукмронии худ ба донишмандони дарбор мефармояд, ки дар бораи тартиб, тарз, қоида ва қонунҳои асосии давлатдорӣ рисолае ба табъ оваранд, ки дар он қоидаҳои идора кардани давлат нишон дода шуда бошанд. Низомулмулк ба кор шурӯъ карда, соли 1091 асареро дар ҳаҷми 39 фасл ба анҷом мерасонад, дертар 11 (15)

фасли дигар ба он илова карда мешавад, ки ин таълифот мақбули шоҳ гашта, аз байни дигарон интихоб карда мешавад [3, с. 88-96]. Муҳаққиқони "Сиёсатнома" чунин мешуморанд, ки ин асар дастурамали сиёсии хонадони Салчуқиён ба ҳисоб мерафт. Низомулмулки зираку боандеша дарк мекард, ки худсарӣ, беадолатӣ ва зулму ситами ҳокимони азхудрафтаи Салчуқиён пояи ҳукмронии онҳоро суст менамуд. Бинобар ин, вай чунин дастурамалеро пешниҳод мекунад, ки ақидаҳои асосии он иборат аз барқарор намудани адлу инсоф, ҷорӣ намудани тарзи оқилонаи давлатдорӣ, покви҇дону порсо будани арбобони давлатӣ, аз пайи ободонии кишвару осоиштагии раият шудани шахсони масъул ва маъмур мебошад. Адолат, ба ақидаи мутафаккир, на танҳо дар доду диҳиш, гӯш ба нолишу фарёди бечорагону мазлумон ниҳодан, мададгори заифон будан, ҳуқуқи инсонро поймол накардан ва ғайра зоҳир мегардад, балки, пеш аз ҳама, ҳар як амалдор кори бомашварат бикунад: "Ва машварат накардан дар корҳо аз заифии раъй бошад ва чунин касеро худком хонанд ва чунонки ҳеҷ кор бе мардум натавон кард, ҳамчунин ҳеҷ шуғле бемашварат неку наёяд" [1, с. 13].

Дар "Сиёсатнома" мутафаккир чунин ақидаҳоро баён мекунад, ки асосан рафтору кирдори вазири оқил ва хислатҳои наҷиби ӯ боис мегарданд, ки дар ҳар маврид шоҳ бо салоҳу маслиҳати вазир фаъолият ба кор барад. Низомулмулк дар бештар масъалаҳои идора намудани давлат фаъолияти шахсӣ доштану истиқлолияти фикрронӣ варзидани шоҳро талаб менамояд. Ӯ қайд мекард, ки вазирону амалдорони ин ё он дарбор бо толону тороҷ намудани мардум, бо фисқу фуҷури дилбеҳузуркунанда овора буда, зулму ситамро сарвари амалиёти худ қарор дода буданд. Ӯ менависад: "Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бинишинаду дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишунавад бевосита ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки худованд мутазаллимону додхоҳонро пеш мехонаду дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунавад ва золимонро шикаста медорад, дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наёрад бедодӣ кардан аз бими уқубати он" [1, с.6].

Низомулмулк дар корҳои идораи давлат асосан тарафдори тарзи давлатдории сулолаи Сомониён (875-999) ва то дараҷае Ғазнавиён (962-1186) буд, чунки ба фикри ӯ ин гуна давлатдориҳо аллакай аз санҷиши рӯзгор гузашта буданд. Аз ин рӯ, як қатор ҳикояҳои асар ба фаъолияти шоҳони ин ду сулола бахшида шудааст. Дар ин ҳикояҳо шоҳони ин давлатдориҳо ҳамчун шахсони одилу ботадбир, кордону донишманд тасвир меёбанд. Шояд, аз чунин тарзи баёноти шоҳон, мутафакир кушиш ба харҷ медодааст, ки амирон, ҳокимон ва шоҳони даврони худро ба адлу инсоф сафарбар кунад. Мутафаккир борҳо хотиррасон мекард, ки дар идораи давлатӣ мавқеи шахсони донишманд, кордону бомаҳорат ва содиқу вафодор хело ҳам назаррасу бузург аст. Барои татбиқ намудани таълимоти худ Низомулмулк чораҳо мебинад ва маҳз бо саъю кӯшиши ӯ дар Бағдод, Нишопур, Исфаҳон ва дигар шаҳрҳо мадрасаву макотиб кушода мешаванд ва кори таълиму тарбияи мутахассисон ба роҳ монда мешавад. Ӯ аз шоҳон хоҳиш мекард, ки ҳурмату иззати шахсони бомаърифату доноро ба ҷо оранд: "бандагоне, ки парварда бошанд ва бузург карда, нигоҳ бояд дошт, ки умре дигар ва рӯзгори мусоид бояд, то бандаи шоиста ва озмуда ба даст ояд".

Дар "Сиёсатнома" масъалаҳои иҷтимоӣ аз паҳлуҳои гуногун баррасӣ шудаанд. Барои мисол, масъалаи муносибати шоҳ бо хидматгорони дарбор, баноҳақ озурдани ин ё он хидматгорро мутафаккир гуноҳи азим мешуморад. Мавзӯи ҳимояи ҳаққи бекасону ятимон, камбағалону бечорагон ҷойи махсусеро дар асар ишғол мекунад. Умуман, тамоми ҳикояту ривоятҳои асар, ҷанбаи иҷтимоӣ низ доранд, чунки онҳо шоҳону амиронро ба адолати иҷтимоӣ даъват мекунанд.

Б.Ғ. Ғафуров дар бораи "Сиёсатнома" менависад: "Қисмате аз таҳқиқотчиён Низомулмулкро муборизи фаъоли манфиати беҳбудии аҳволи халқ тасвир мекунанд.

Гарчанде баъзе чорабиниҳои ӯ худсарии сипаҳсолорону феодалонро то дараҷае маҳдуд карда ва баробари ин дар бораи таъсиси мадрасаҳо ғамхорие намуда бошад ҳам, вале ҳамаи инро маҳз барои мустаҳкам намудани пояи салтанати Салчуқиён ва пур кардани хазинаи давлатӣ кардааст" [4, с. 241]. Пур кардани хазинаи давлат, бой гардонидани салтанати Салчуқиён ҳадафи хидмати Низомулмулк ҳам бошад, вале хидмати мардум сирри фаъолияти ӯ мебошад. Агарчи Салчуқиён ба аҷнабиён дохил мешуданд, вале мардум ориёитабор буданд ва Низомулмулк ҳамчун донишманд дигар роҳе надошт, ки ба мардум хидмат кунад ва ҳолу аҳволи иҷтимоии мардум ба ӯ хуб фаҳмо буд. Шояд, шодравон Б. Ғафуров ин суханонро дар даврони Шӯравӣ бо сабабҳои маълум навиштааст, лекин номумкин аст, ки Низомулмулк танҳо дар хидмати Салчуқиён қарор дошта бошад. Чуноне ки дар фасли аввали асар "Андар аҳволи мардуми рӯзгор..." мутафаккир овардааст: "Эзиди субҳонаҳу ва таоло дар ҳар асрею рӯзгоре якеро аз миёни халқ баргузинад ва ӯро ба ҳунарҳои подшоҳона ва сиратҳои сутуда ороста гардонад ва масолеҳи ҷаҳону оромии бандагонро бад-ӯ бозбандад ва дари фасоду ошӯб бар ӯ баста гардонад ва имзову ҳашмати ӯ дар қулубу уюни халоиқ бигустаронад, то мардумон дар сояи адлу паноҳи риояти ӯ рӯзгор мегузаронанд ва эмин ҳамебошанд ва бақои давлати ӯ ҳамехоҳанд. Ва чун, алузубиллаҳ аз бандагон исёнею истихфоф бар шариат равад ва ё тақсире андар тоату фармонҳои ҳақ падид ояд, хоҳад, ки эшонро уқубате" [1, с.15]. Хирадманд нақши шоҳи одилро дар рушди давлат ва некуаҳволии райят аввалиндараҷа медонист.

Дар "Сиёсатнома" мутафаккир вобаста аз фасли асар дар бораи яке аз масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ сухан ронда, пас ҳикоя меоварад. Ҳамин тариқ, ӯ оиди қоидаҳои сиёсатдорӣ ва давлатдорӣ сухан ронда, маслиҳату дастурҳоро ба воситаи ҳикояҳояш пешниҳод мекунад. Масалан, дар яке аз фаслҳояш "Андар маънии аҳволи расулон ва тартиби кори эшон" мутафаккир оиди кору фаъолият, рафтору одоби сафир сухан баён мекунад. Мутафаккир дар бораи пешвози сафир аз сарҳади давлат аз ҷониби шахси муътабар то расидан ба даргоҳи шоҳ, ба воситаи роҳу шаҳрҳои обод сухан меронад. Сафирро бояд ҳама ҷо «некӯ доранду ба хушнудӣ гусел кунанд ва неку бад ҳамчунон бошад, ки ба ин подшоҳ карда бошад, ки ӯро фиристода бошад». Низомулмулк дар ин фасли асараш оиди дигар вазифаҳои сафир низ ҳикоят мекунад, ки сафир илова бар расонидани номаи шоҳ, инчунин бояд дар бораи роҳҳо, кӯҳу ағбаҳо, рӯду дарёҳо, гузаштани лашкар, лашкару мартабаи шоҳ дар давлати худ ва ғайраро донад ва иттилот ба даст оварад.

Ҳамин тариқ, асари безаволи Низомулмулк, яке аз асарҳои пурарзиштарини мардумони форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, яке аз асарҳои аввалини илми сиёсатшиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсии асрҳои миёна, ҳолу аҳволи мардуми таҳҷоӣ, тарзи давлатдорӣ, одобу ахолқи шоҳон, амирон ва ҳукуматдорон баррасӣ ва омӯхта шудааст, ва омӯзиши ин асар таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунад.


АДАБИЁТ

1. Девонақулов А. Сиёсатнома /А. Девонақулов. –Душанбе: Адиб, 1989. –С. 3, 6, 13, 15.
2. Крымский А. История Персии, её лит… /А. Крымский. -Москва, 1909. -С. 180.
3. Заходер Б.Н. Восточное средневековье /Б.Н. Заходер. -М., МГУ, 1944, -С 88-96; Заходер Б.Н. Хорасан и образование государства сельджуков / Б.Н. Заходер. Вопросы истории. 1945. -№5-6. -С. 119-141.
4. Гафуров Б.Г. История тадж. Народа / Б.Г. Гафуров. –Москва: Издание второе, 1952. -С. 241.


**ТАЪЛИМОТИ СИЁСИЮ ИҶТИМОИИ НИЗОМУЛМУЛК ДАР АСАРИ Ӯ "СИЁСАТНОМА"**


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар мисоли асари безаволи Низомулмулк "Сиёсатнома" ақидаҳои сиёсию иҷтимоиро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст. Ногуфта намонад, ки ин асар яке аз асарҳои барҷастатарини мардуми форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, дар асрҳои миёна ба табъ расидааст. «Сиёсатнома» боз як нишонаи бузургии мардуми Шарқ мебошад. Муаллиф ҳар як гуфтаи худро бо иқтибос аз олимону таҳқиқотчиёни ватанӣ ва хориҷӣ тасдиқ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки садҳо дигар олимону шоирони тоҷикро номбар кардан мумкин аст, ки дар осори безаволи худ оиди масъалаҳои гуногуни ҳаёти рӯзмарраи иқтисодию иҷтимоии мардум, тарзи либоспӯшӣ, тарзи нигоҳ доштани асбобу анҷоми хона,

тарзи рафтору гуфтор дар ҷомеа, оиди хариду савдо дар бозор, одоби шоҳону вазирон ва дигар масъалаҳои муҳимми замони худ сухан гуфтаанд. Аз байни онҳо, бешубҳа эҷодиёти мутафаккири бузурги асрҳои миёна Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ, машҳур бо номи Низомулмулкро номбар кардан мумкин аст, ки дар асари безаволи худ "Сиёсатнома" масъалаҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, одоби шоҳону вазирон, пешвоз гирифтани сафирон ва ғайраро дида баромадааст.

**Калидвожаҳо**: сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳаёт, мардуми одӣ, давлат, таърих, гузашта, мутафакир, андеша, шоҳ, вазир

**СОЦИАЛЬНО – ПОЛИТИЧЕСКОЕ УЧЕНИЕ НИЗОМУЛМУЛКА В ЕГО ПРОИЗВЕДЕНИИ "СИЁСАТНАМЕ»**

В этой статье автор исследует и изучает социально-политические взгляды и идеи персидско-таджикских ученых и просветителей на примере работы «Сиясатнамэ» Низомулмулка. По сути, эта работа является одним из выдающихся произведений таджикского народа, изданным в средние века. Сиясатнамэ - еще один из признаков величия народов Востока. Автор, полагаясь на мнения отечественных и зарубежных исследователей и ученых, утверждает свою позицию что говорит о научности этой статьи. В частности, автор отмечает, что сотни других таджикских ученых и поэтов в своих уникальных произведениях пишут по различным социальным и экономическим вопросам жизни людей, видах одежды, способах поддержания дома, социальном поведении, торговле на рынке, этике шахов, везирей и министров и других важных вопросах того времени. Среди них, несомненно, можно назвать великого просветителя средневековья Абуали Хасана ибн Али Туси, известного в мире как Низомулмулк, который в своем произведении «Сиясатнамэ» рассматривает различные социальные, политические, этические и моральные вопросы своего времени. Эта статья является актуальной, исследует и анализирует современные проблемы.

**Ключевые слова**: политическое, социальное учение, жизнь, простые люди, государство, история, прошлое, мнение, идея, шах, везирь.

**SOCIAL - POLITICAL DOCTRINE OF THE LOW-REMOVAL BLOCK IN HIS WORK "SYESATNAM"**

In this article, the author has made a political and socio-political research in the example of composition of Nizomulmuluk's "Siyosatnoma". In fact, this work is one of the outstanding works of the Tajik and Persian people, published in the Middle Ages. "Siyosatnoma" is another great sign of the people of East. The author relies on the national and foreign researchers and to assert their own words with quotes from scientists and researchers that it is the scientific point of view of this article. In particular, the author notes that hundreds of other Tajik scholars and poetry can be mentioned in their unique arithmetic on the various social and economic issues of the people, the way of wearing dresses, how to maintain home appliances, behavioral and social behavior, trade in the market, the behavior of the kings and ministers, and other important issues of their time. Among them, undoubtedly, the great composer of the Middle Ages, Abul Hassan Hasan Ali Al-Shoji that is famous for Nizomulmuluk, can be mentioned in his entirety in his own "Siyosatnoma" on various social, political, ethical and moral issues. This article is real and examines and analyzes the current problems.

**Key words**: political, social, life, ordinary people, state, history, past, opinion, king, minister

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Абдулвахоб Махдиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **985-08-58-42**

**Information about the author:** ***Sharipov Abdulvakhob Makhdievich*** - Tajik State University of Finance and Economics, senior lecturer of the Department of Humanities. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **985-08-58-42**

**УДК: 101.1:316.74**

# ҶОЙГОҲ ВА НАҚШИ АНЪАНА ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТ

***Пиров А.К.***
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Мутолиоти марбут ба илмҳои ҷомеашиносӣ гувоҳи онанд, ки дар даҳсолаҳои охир баҳсҳои амиқу ҷиддӣ дар атрофи зуҳуроте чун падидаи ҳувият ба вуҷуд омадаанд ва ин падида бо дигаргуниҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии оламӣ муосир иртиботи мустақим дорад. Ин баҳсҳо бахусус дар атрофи масоили марбут ба мушкилоти ташаккули ҳувияти умумиятҳои иҷтимоӣ имрӯз ҳарчи густурдатар гашта, аз доираи пажӯҳишҳои сирф ҷомеашиносӣ берун баромада, инчунин мавзӯи омӯзиши илмҳои гуногун - фалсафа, таърих, равоншиносӣ, филология низ гардидааст. Бо бардошт аз баррасии чунин таҳаввулот ҷомеашиноси олмонӣ З. Бауман мегӯяд, ки фазои интеллектуалӣ тағйир ёфта ва ҳоло масъалаи асосӣ дар он, "мушкилоти ҳувият" мебошад [2, с. 176]. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки проблематикаи ҳувият гуногунҷабҳа аст ва баррасии он низ ба кор гирифтани равишҳои гуногуну муносибро тақозо менамояд. Ин, пеш аз ҳама, мушкилоти ҳувияти шахсӣ ва коллективӣ, гуногунрангии ҳувият (вақте ки саҷийяи ҳувияти шахс чандин зина

дорад), инчунин мушкилоти муносибати байни хотира ва ҳувият, ҳувият ва анъана мебошад. Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки дар миёни муҳаққиқони масъалаи зикршуда назари ягона оид ба вижагиҳои ташаккули саҷийяи ҳувиятҳои марбут ба вобастагиҳои этникӣ, хурдаэтникию фарҳангӣ ва ғ. вуҷуд надорад.

Дар луғатномаҳо таъбирҳои гуногуни ҳувият вуҷуд доранд ва ин таърифҳо ба аломату вижагиҳои серпаҳлуи ин падида асос меёбанд. Баъзе аз ин таърифҳо ҳувиятро аз назари вобастагии психологӣ ошкор намоянд, дигаре онро дар муносибатҳои психофизиологӣ, иҷтимоӣ ва бар асоси бисёр дигар назарҳо муайян мекунанд [6, с. 238]. Ҳувият мафҳумест, ки дар худ идеяи субот, худшиносии шахсӣ, дарки мансубият ба гурӯҳҳои муайяни иҷтимоиро дар назар дорад. Ин ҳисси томияти худ (қисман бошуурона ва қисман бешуурона) бо ҷинс, синну сол, нақш, модел, меъёр, гурӯҳ, фарҳанг ва ғ. вобаста мебошад.

Дар таърихи фалсафа дер боз падидае чун ҳувият мавриди баҳсу мунозира қарор гирифтааст. Ин падида таърихи таҳаввулоти худро дорад ва барои маърифати мушкилоти ин масъала солҳои охир асарҳои зиёде эҷод шудаанд. Одатан, ҳувият аз ҷониби аксари мутафаккирон - аз Арасту то Ф. Шеллинг ва аз М. Хайдегер то В. Адорно ва М. Хоркхаймер ва дигарон баррасӣ гардидааст. Аксар вақт муҳаққиқони ватании мо барои дарки он мафҳуми дигар - «айният»-ро низ истифода бурдаанд, ки саҳеҳ нест. Файласуфони муосир низ ба ин падида фаъолона муроҷиат намуда, аксар вақт мафҳуми «худшиносӣ»-ро ҳамчун мафҳуми мақоми ҷинсидошта истифода намудаанд [5, с. 43-53].

Мушкилоти ҳаммонанд намудани тамоюлоти самтҳои гуногуни худшиносӣ бо раванди ташаккули ҳувият дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҷомеаҳои анъанавӣ бештар зоҳир мегардад. Зиддиятҳои хосси ҷомеаҳои анъанавӣ бо як қатор зуҳуроти бо равандҳои глобализатсионӣ робитаи ногусастанӣ доранд. Бешубҳа, ҳолати воқеии қатъ гардидани робита бо гузашта, ки дар раванди таърихӣ зоҳир гардида, ба номутобиқатии таҷрибаҳои ҳаётӣ, тарзи зиндагӣ ва аз байн рафтани гурӯҳҳои томи иҷтимоӣ (масалан, аз байн рафтани деҳқонон, ки ҳамеша нигоҳдорандаи анъана буданд), батадриҷ ба зиддиятҳои арзишӣ оварда мерасонад. Хотира дар бораи гузашта афзалияти пештараашро аз даст медиҳад, ҳол он, ки анъана ҳамеша як шакли муҳимми хотира дар ҷомеаи анъанавӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ҳаёти иқтисодӣ ҷаҳиши бузурги саноатӣ ба вуҷуд омада, раванди шаҳришавиро тезонида, сабаби ба арсаи таърихӣ ворид гардидани қишрҳои нави иҷтимоӣ ва наслҳо мегардад. Минбаъд ин омилҳо сабаби аз афзалиятҳои мафкураи динӣ озод гардидани ҷомеа гашта, фазои анъанаҳои миллӣ васеътар мешавад. Таъсири дин ба ҳаёти ахлоқии ҷомеа паст мегардад. Мавқеи инсони ҷомеаи анъанавиро инсони ҷомеаи муосир ишғол менамояд. Олами ботинии инсон дар ин давраи шикаст ва тағйирёбиҳо куллан дигаргун гардида, ӯро эҳсоси изтироб барои оянда такону ташвиш медиҳад. Ва маҳз дарки зарурияти эҷоди анъанаҳои навин ҷомеа ва инсонро аз ҳама гуна мушкилотҳои равонӣ акнун то андозае ҳифз менамояд.

Ҳамин тавр, имрӯз олам лаҳзаҳои хеле ҳассоси воридшавии худро ба мадори робитаҳои марбут ба равандҳои ҷаҳонишавӣ аз сар мегазаронад. На танҳо ҷомеа, балки инчунин ҳаёти муқаррарӣ низ аз таъсири бевоситаи анъанаҳо раҳо ёфта истодааст. Давраи ҷаҳонишавӣ бо давраи заволи анъанаҳо мувофиқ меояд, ҳарчанд ки анъанаҳо барои ҷомеа ва инсон заруранд. Ҷомеаҳо давраҳои бухрониро ба осонӣ аз сар гузаронида метавонанд, агар дар ҷомеа анъанаҳо қавӣ бошанд. Фаъолияти ҳуқуқӣ дар давлате беҳтар сурат мегирад, ки анъанаҳо устуворанд. Агар дар давлат тағйиротҳои инқилобӣ сурат гирифта, сабаби пошхӯрии анъанаҳо гардад, пас аҳолӣ зарбаи ҷонкоҳи равониро сахт эҳсос менамояд. Ҷомеаи анъанавӣ ба навовариҳо, тағйиротҳо бегона нест ва мавҷудияти анъанаҳо далели бе такони низомшикан сурат гирифтани онҳо мебошад. Вижагии муҳимми ҳувият раванди иҷтимоишавӣ мебошад. Ҳувияти шахс азалӣ нест. Он дар раванди муносибатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Инсон, фард худро бо чашми дигарон мебинад.

Я. Ассман менависад, ки ҳувият натиҷаи дарки тасаввуротҳои қаблӣ дар бораи худ мебошад. Чунин зуҳуроти ҳувият ҳам ба ҳаёти фардӣ ва ҳам ҷамъиятӣ дахл дорад [1, с. 140]. Аз нуқтаи назари З. Бауман бошад, мушкилоти ҳувият вақте зуҳур менамояд, ки олам

бо тарзи дигар кушода мешавад ва раванди муқаррарии воқеаҳо вайрон мегардад. Тасаввурнопазирии ин тағйиротҳо ба оқибатҳои муайян оварда мерасонад. Замоне ки табиати инсонӣ натиҷаи устувору тағйирнопазирӣ, офаридаи илоҳӣ дониста мешуд, бо тамоми дигар офаридаҳои илоҳӣ ба деги ҷӯшон андохта шуда буд. Ҳеҷ чиз аллакай ҳамчун додашуда ба инобат гирифта намешуд. Баръакс, ҳар як ҷанбаи ҳаёт чунин вазифае мегузошт, ки инсон барои ҳал накардани он интихоби дигар надошт ва барои ҳалли он тамоми қобилиятҳояшро истифода менамуд. "Тақдири азалӣ" ба "нақшаҳои рӯзмарра", тақдир ба майлу рағбат, "табиати инсон", чи навъе ки бо он таваллуд шуда буд, ба "ҳувият" иваз гардида, ки онро бояд назорат намуд ва дар шакли мувофиқ нигоҳ дошт "[2, с. 179].

Яке аз самтҳои илмӣ дар дониши гуманитарӣ тадқиқи муаммои ҳувиятро бо тағйири нақши анъана дар ҷомеаи муосир алоқаманд менамояд. Агар З. Бауман қайд намояд, ки ҳувият чун мушкилот вақте зуҳур менамояд, ки олам дар намуди нав ошкор гардида, рафти муқаррарии ҳодисаҳо халалдор мегардад, пас Э. Гидденс робитаи анъана ва ҳувиятро бо ҳаёти инсони муосир дар ҳолати мустақилият, ошкоро ва озодии ӯ алоқаманд медонад. Инсоне, ки ба ҷомеаи дар он анъана устувор буда робита надорад, лозим аст, ки мустақилона қарор қабул намояд. Озодии аз ҳад зиёд боиси пайдоиши мушкилоти нав - мушкилоти «вобастагӣ», вобастагӣ аз воқеаҳои ҳаёти ҳаррӯза, аз ҷумла падидаю ашёҳои хусусияти тафреҳидошта мегардад. Ин машрубот, маводи нашъаовар, шаҳват ва шавқу ҳавас ба бозиҳои компютерӣ мебошад. Э. Гидденс чунин вобастагиро ҳамчун соҳибихтиёрии «яхкарда» медонад. Агар дар ҷомеа анъанаҳои гузашта анъанаҳои ҳозираро тавассути пайравӣ ба эътиқодот ва ҳиссиётҳои коллективӣ муайян намояд, пас инсони ҷомеаи муосир, ки ба вобастагӣ рӯ ба рӯ гардидааст, низ пойбанди онҳо мегардад. Ӯ аз он одатҳое, ки худ ихтиёрона интихоб кардааст, ёрои раҳо ёфтанро надорад [3, с. 63].

Дар ҳалли мушкилоти вобастагии инсон аз зуҳуротҳои рӯзмарра, психоанализ худро фаъолона нишон додааст. Мактаби психологии З. Фрейд, бо истифода аз усулҳои психоанализ ҳангоми табобати бемориҳои невроз (ҷунун), моҳиятан ба ҳимояи ҳувияти мариз машғул гардиданд, ҳарчанд мафҳуми "ҳувият" қариб ки дар ин назария мубрамият надошт. З. Фрейд онро як маротиба ном бурда ва дар маънои анъанавӣ ҳамчун ҳувияти этникӣ истифода намуд. Психоаналитикҳо раванди пайдоиши неврозро мушоҳида намуда, сабаби онро дар пошхӯрии анъанаҳо диданд. Дар психоанализ ҳаммонанд намудан яке аз унсурҳои муҳимми муҳофизат дар назар дошта мешавад [8, с. 140].

Дар ташаккули ҳувият, анъана ва хотира, анъана ҳамчун шакли хотира нақши муҳим мебозад. П. Хаттон шавқу рағбати умумиро ба мавзӯъ ва мушкилоти хотира бо зуҳуроти хомӯшшавии хотираи коллективӣ дар натиҷаи "тақсим шудани анъанаҳо" мебинад. Дар фарҳанги муосир, ин тарзи фаҳмиши ақидаҳои алтернативӣ дар бораи гузашта буд. П. Хаттон боварӣ дорад, ки айни замон вазифаи асосӣ ҷустуҷӯи он падидаҳои дар гузашта маъмул мебошад, ки ба фард ва коллективҳо (махсусан гурӯҳҳои маргиналӣ) дар дарёфти ҳувияти худ кумак мерасонад [9, с. 15].

Одат, расму оинҳо, ки анъанаҳоро инъикос менамоянд, чун механизми таъйинкунандаи ҳамгироии ҷомеа хизмат мекунанд. Дар фарҳангҳои қадима (архаикӣ), ба низом (тартибот) аҳамияти вижа дода мешуд. Тарзи анъанавӣ тартиботи кайҳонӣ ва ҷаҳониро айнан такрор мекунад. Ин механизми айнан такрор намудан дар муқовимат ба бесарусомонӣ мусоидат мекунад ва тавассути маросимҳо, расму одат низоми иҷтимоиро таъмин намуда, дар навбати худ, хотираи иҷтимоӣ ва фарҳангиро ташаккул медиҳад [7, с. 82]. Я. Ассман бар он бовар аст, ки ҳувият кори дониш, шуур ва рефлексия (ҳолати ботинии инсон) мебошад. Дар ҷомеаҳои бехату алифбо вазифаи одат, ба ибораи дигар, «иртиботи расму одат» гардиш ва азнавҳосилшавии дониш мебошад, ки ҳувиятро таъмин менамояд. Аз нуқтаи назари Я. Ассман, одатҳо барои он вуҷуд доранд, то ки низоми ҳаммонанднамоии гурӯҳҳо фаъолият намоянд. "Иртиботи расму одат ва ҳувият дар низоми ягона робитаи қавӣ доранд. Одатҳо роҳҳо, «раг»-ҳое мебошанд, ки дар онҳо маънои ҳувиятро таъминкунанда ва инфрасохтори низоми ҳаммонанднамоӣ ҷорист. Ҳувияти иҷтимоӣ бо иртиботи муназзами одатии олӣ, болобардошташуда бар рӯзмарра таъмин карда мешавад…» [1, с. 143].

Раванди таҳлили робитаи анъана ва ҳувият мушкилоти муайян кардани намудҳои

ҳувият - ҳувияти фардӣ ва ё коллективиро ба вуҷуд меорад. Соҳибназарон ба хулосае омадаанд, ки ҳувият падидаи мураккаб буда, барои хулосаи дуруст баровардан, муайян намудани сохтори ҳувият зарур аст. Ҳувияти фардӣ ҳамчун тасаввурот дар бораи вижагиҳои такрорнашавандаи худ дар шуури фард, ки бо беназирӣ ва беҳамтоии худ фарқ мекунад, маънидод карда мешавад. Ҳувияти шахсӣ чун таҷассуми ҳамон нақшҳо, нишона ва вижагиҳоест, ки инсони алоҳида онро доро мебошад. Ҳувияти фардӣ дар асосҳои тарҷумаиҳолӣ ба вуҷуд омада, ҳувияти шахсӣ бошад, тавсифи иҷтимоии фард мебошад. Ҳарду ҷанбаи ҳувият - ҳам фардӣ ва ҳам шахсӣ асоси иҷтимоӣ ва сабаби фарҳангӣ доранд. Ҳарду ҷанбаи ҳувият дар шуур ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ба таври махсус дар забон, ақидаҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ҳамин фарҳанг ва ҳамин давра ташаккул меёбанд ва муайян карда мешаванд. Ҳамин тариқ, ҷомеа на ҳамчун бузургии ба фард дар тазод, балки ҳамчун омили махсусиятҳои фардро муайянкунанда баромад менамояд. [Ҳамон ҷо, с. 141]. Дар қаринаи иҷтимоӣ, ҳувият ҳамчун натиҷаи дарки тасаввуротҳои қаблан даркнашуда дар бораи худ ташаккул меёбад. Ин таъриф ҳам барои ҳаёти фардӣ ва ҳам коллективӣ мувофиқ аст. Агар сухан дар бораи ҳувияти иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир равад, пас дар тадқиқотҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ ҳувияти иҷтимоӣ ҳамчун худмуайянкунӣ, мансубияти фард ба гурӯҳи муайян (миллат, синфҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои этникӣ ҷинс ва ғ.) шарҳ дода мешавад [6, с. 239]. Ҳаммонандсозӣ метавонад на танҳо фардӣ бошад. Он метавонад коллективӣ буда ва ҳамчун робитаи муассир дар гурӯҳ, ҷомеа ва миллат хидмат намояд. Чунин ҳаммонандсозӣ дар ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои миллӣ имконпазир аст. Дар ҷомеаи анъанавӣ, худҳаммонандсозӣ аз ҳисоби устувории ҷомеа ва такя ба одату анъанаҳо дастгирӣ меёбад. Бо вайроншавии асосҳои ҷомеаи анъанавӣ, дар инсон эҳсоси беназир будани шахсияти худ аз байн меравад. Ӯро мебояд фаъолона дар бораи осудаҳолии худ ғамхорӣ намояд ва ба касе такя накарда, ҳувияти худро эҷод кунад ва аз нав офарад.

Тадқиқотчиён чунин як намуди муҳимми ҳувият - ҳувияти шахсиро низ муайян кардаанд [4]. Бухрони ҳувияти шахсӣ ҳамчун бухрони муттасили инсони муосир фаҳмида мешавад. В. Куренной мушкилоти ҳувияти шахсиро дар вайроншавии ҷомеаи анъанавӣ ва вижагиҳои сохтории ҷомеаи муосир мебинад. Мувофиқи назари В. Куренной, мушкилоти ҳувияти шахсӣ дар баъзе аз стратегияҳои асосӣ зоҳир мешавад. Ба туфайли стратегияи тарҷумаиҳолӣ инсон худро дар асоси таърихи гузаштааш муайян мекунад. Ҳангоми сохтани он, инсон аз интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, рӯзномаҳо ва дигар усулҳо муқаррар намудани тарҷумаи ҳоли худро истифода намуда, хотираро дар бораи худ ва ҳаёти худ ҳифз мекунад. Шакли дигари стратегия ин «партисипатсивӣ» - шакле мебошад, ки мансубияти худро дар робита ба ин ё он гурӯҳ (гендерӣ, синнусолӣ, касбӣ) дар назар дорад. Партисипатсия дар ду шакл - функсионалӣ ва сегментивӣ вуҷуд дошта метавонад. Функсионалӣ бо раванди ҷудошавӣ дар асоси тақсимоти меҳнат (табиб, омӯзгор, рӯзноманигор) алоқаманд аст. Махсусияташ аз он иборат аст, ки агар шумо табибед, пас шумо бо бемор, агар омӯзгоред, пас бо донишҷӯ сару кор доред ва шумо на бо намояндаи гурӯҳи худ, балки гурӯҳи дигар муошират мекунед. Сегментивӣ – вақте ки шумо дар байни «худиҳо» ҳастед. «Худиҳо» аз рӯйи мансубият ба дин, миллат, давлат, синф дар назар дошта мешавад. Мушкилоти ин типологияи ҳувият аз он иборат аст, ки аввалан, он дар шакли соф буда наметавонад, сониян, ҳеҷ кадоме аз шаклҳои номбаршуда инсонро қонеъ гардонида наметавонанд. Ӯ ҳамеша эҳсос мекунад, ки вай мураккабтар ва тавонотар, нисбат ба он шакле аст, ки ба вай нисбат медиҳанд [4]. Ин зуҳурот бо мушкилоти бегонашавӣ, ки К. Маркс тавсиф карда буд, монандӣ дорад. Аҷиб он аст, ки ҳувияти сегментивӣ, ки инсон худро ба дин, миллат ва давлати муайян мансуб медонад, чунин тамоюлҳои афзояндаро ҳамчун миллатгароӣ ва боз аз нав афзудани рағбат ба динро шарҳ медиҳад.

Инсоне, ки робитаро бо анъана гум кардааст, ба вазъияти душвор рӯ ба рӯ мешавад. Аз маҳдудиятҳои гузашта озод гардида, ба ӯ лозим меояд мустақилона қарор қабул намояд. Дар инсон мушкилоти вобастагӣ аз зуҳуротҳои ҳаёти муқаррарӣ ба вуҷуд меояд. Қатъшавии робита бо анъана ба аз байн рафтани суннатҳои анъанавии ҷомеа вобастагӣ

дошта, ин раванд ба он оварда мерасонад, ки дар инсон эҳсоси шахсияти худ аз байн меравад ва ӯро лозим аст, ки дар бораи худ ғамхорӣ намояд, ҳувияти худро ҳифз ва аз нав созад.

## АДАБИЁТ


1. Ассман Я. Культурная память. Письмо, память о прошлом и политическая идентичность в высоких культурах древности / Я. Ассман. -М.: Языки славянской культуры, 2004. -368 с.
2. Бауман З. Индивидуализированное общество / З. Бауман. -М.: Логос, 2002. -390 с.
3. Гидденс Э. Ускользающий мир: как глобализация меняет нашу жизнь / Э.Гидденс. - М.: Весь мир, 2004. -120 с.
4. Куренной В. Персональная идентичность / В. Куренной. [Электронный ресурс]. URL: https://postnauka.ru/faq/10442 (дата обращения: 10.09.2013).
5. Малахов В. С. Неудобства с идентичностью / В. С. Малахов // Вопросы философии. 1998. -№ 2. -С. 43-53.
6. Николаев В. Г. Идентичность / В. Г. Николаев // Культурология. XX век: энциклопедия: в 2-х т. / гл. ред., сост. и автор проекта С. Я. Левит. СПб.: Университетская книга; ООО «Алетейя», 1998. -Т. 1. -С. 238-239.
7. Романовская Е. В. Идентичность и коммеморация / Е. В.Романовская, Н. Л. Фоменко // Власть. 2015. -№ 7. -С. 81-84.
8. Фрейд З. Забывание впечатлений и намерений / З.Фрейд // Хрестоматия по общей психологии. Психология памяти; под ред. Ю. Б. Гиппенрейтер, В. Я. Романова. -М.: Изд-во МГУ, 1979. -С. 134-148.
9. Хаттон П. История как искусство памяти / П. Хаттон. -СПб.: Владимир Даль, 2003. - 423 с.
10. Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис / Э.Эриксон.-М.: Прогресс, 2006. -352 с.


## ҶОЙГОҲ ВА НАҚШИ АНЪАНА ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТ


Дар мақола таҳлили фарҳангӣ-фалсафии ҷойгоҳ ва нақши анъана дар ташаккули ҳувият дар шароити ҷаҳонишавӣ ба амал бароварда шудааст. Таъкид карда мешавад, ки ҷаҳонишавӣ равандҳои бисёрҷонибаи рушди фарҳангро ба вуҷуд оварда, тартиби устувори ташаккули ҳувиятро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Ин ба пайдоши мушкилотҳои зерин оварда мерасонад: а) афзудани мухторияти шахс: шахсе, ки робитаро бо анъана гум кардааст; ба вазъияти душвор дучор мешавад. Қатъшавии робита бо анъана ба аз байн рафтани суннатҳои анъанавии ҷомеа вобастагӣ дошта, ин раванд ба он оварда мерасонад, ки дар инсон эҳсоси шахсияти худ аз байн меравад ва ӯро лозим аст, ки дар бораи худ ғамхорӣ намояд, ҳувияти худро ҳифз ва аз нав созад; б) аз байн рафтани марзҳо миёни фарҳангҳои гуногун: фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, чунин арзишҳои умумибашарӣ, мисли некӣ, ҳақиқат адолат ва ғайраро нигоҳ дошта, имконият намедиҳад ба хотири сустиродагии яклаҳзаинаи инсон арзишҳо ва анъанаҳое, ки дар тамоми таърихи мавҷудияти инсоният ҷамъ шудаанд, аз байн раванд; в) ҷаҳонишавии амалияи иҷтимоӣ ба раванди худмуташаккилии ҳувият мусоидат намуда, ҳувияти муқовимат ва ҳувияти нақшавиро ба вуҷуд меорад. Афзоиши шиддатнокӣ, ки асоси аз байн рафтани шаклҳои собиқаи айнияти худ мегардад, ба фард имконият медиҳад, ки мустақилона ҳамон ҷанбаҳои ҳувияти иҷтимоӣ- фарҳангиро, ки қаблан бо таъсири анъана муайян карда мешуданд, мустақилона ташаккул диҳанд.



**Калидвожаҳо:** анъана, ҳувият, ҷаҳонишавӣ, фарҳанг, арзиш, умумиинсонӣ, ҳақиқат, некӣ, адолат, иҷтимоӣ-фарҳангӣ.


## МЕСТО И РОЛЬ ТРАДИЦИИ В ФОРМИРОВАНИИ ИДЕНТИЧНОСТИ


В статье производится культурно-философский анализ роли и места традиций в становлении идентичности в глобализирующемся обществе. Отмечается, что ситуация глобализации, порождающая разнонаправленные процессы культурного развития, существенно трансформирует устойчивые механизмы построения идентичности. Это приводит к появлению следующих проблем: а) возрастание автономии личности. Личность, потерявшая связь с традицией, попадает в сложную ситуацию. Разрывы в традиции, связанные с разрушением традиционной основы общества, приводят к тому, что ощущение себя как личности у человека ослабляется, он заботиться исключительно о себе, стремясь сохранить и воссоздать свою идентичность; б) стирание границ между различными культурами; материальная и духовная культуры, которая консервирует такие общечеловеческие ценности, как добро, истина, справедливость и другие, не позволяя из-за сиюминутных человеческих слабостей разрушать те ценности и традиции, которые были накоплены за всю историю существования человечества; в) глобализация общественных практик стимулирует процесс самоорганизации идентичности и вызывает к жизни два ее типа: идентичность сопротивления и идентичность проектную. Рост рефлексивности, детерминирующий потерю прежних форм самоотождествления, позволяет индивидам самостоятельно формировать те аспекты социокультурной идентичности, которые прежде предопределялись влиянием традиций.



**Ключевые слова:** традиция, идентичность, глобализация, культура, ценность, общечеловеческий, истина, добро, спараведливость, социокультурный.


## THE PLACE AND ROLE OF TRADITION IN THE FORMATION OF IDENTITY


The article makes a culture-philosophical analysis of the role and place of traditions in the formation of identity in a globalizing society. It is noted that the situation of globalization, which generates multidirectional processes of cultural development, significantly transforms sustainable mechanisms for building identity. This leads to the following problems: a) increasing autonomy of the individual; A person who has lost touch with tradition falls into a difficult situation. Gaps in tradition associated with the destruction of the traditional foundations of society, lead to the fact that the sense of self as a person disappears from a person, he must take care of himself, preserve and recreate his identity; b) blurring the boundaries between different cultures; Material and spiritual culture, which conserves such universal human values as good, truth, justice and others, not allowing, due to momentary human weaknesses, to destroy the values and traditions that have been

accumulated over the entire history of mankind; c) the globalization of social practices stimulates the process of self-organization of identity and brings to life two of its types: identity of resistance and project identity. The growth of reflexivity, which determines the loss of the former forms of self-identification, allows individuals to independently form those aspects of sociocultural identity that were previously predetermined by the influence of traditions.

**Keywords:** tradition, identity, globalization, culture, values, human, reality, kind, justice, socioculture.

**Сведения об авторе:** ***Пиров Аламшо Каримович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат философских наук, старший научный сотрудник Управления науки и инновации. Телефон: **918895352, E-mail: pirov.alamsho@mail.ru**, г. Бохтар, ул. Айни 67.

**Information about author:** ***Pirov Alamsho Karimovich*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Ph.D candidate on philosophy, senior scientific staff of Department of Science and Innovation of the, Tel: **918895352, E-mail: pirov.alamsho@mail.ru**, Bokhtar city, 67 Aini Street.

**УДК 314/316**

# МУБОРИЗА БО КАМБИЗОАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ПЕШГИРИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

***Маҳмадиев Н. Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Пешгирӣ ва бартарафнамоии зуҳуротҳои экстремистӣ дар ҳамоҳангии ҷомеа ва сохторҳои иҷтимоӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми дилхоҳ давлат боқӣ мемонад. Барои чӣ одамон ифротгаро мешаванд? Ин саволе мебошад, ки то ба ҳол ҷавоби ниҳоии худро пайдо накардааст. Яъне, омилҳои иҷтимоии пайдоиши ифротгароӣ ва терроризм дар баробари дигар омилҳо, ба монанди идеологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ муҳим ва душворҷавоб боқӣ мемонад. Қашшоқӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ–иқтисодӣ дар ин ё он сатҳ хосси дилхоҳ ҷомеа аст, аммо равишҳои фаҳмишу дарки он вобаста ба давраҳои инкишофи қашшоқӣ дар кишварҳои алоҳида фарқ мекунад. Новобаста аз сохтори ҷамъиятӣ ва инкишофи иқтисодӣ қашшоқӣ вуҷуд хоҳад дошт, танҳо шакл, сарҳад ва аломатҳои он тағйир меёбанд [1].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки дар марҳилаҳои буҳронҳои иқтисодию сиёсӣ масъалаи қашшоқӣ тезутунд гашта, метавонад фалокати иҷтимоиро ба миён орад. Қашшоқии аҳолӣ, махсусан шаклҳои ниҳоии он, монанди гуруснагӣ, надоштани манзил ва ҷойи зист, бекории сартосарӣ, надоштани имконият барои гирифтани маълумоти базавӣ ва умуман ба соҳаи маорифу тандурустӣ, моҷароҳои ҳарбию байниқавмӣ, ки дар натиҷа одамон аз манзил ва моликияташон маҳрум шуда, гуреза мегарданд. Ин равандҳо ва омилҳо норозигии аҳолиро ба вуҷуд оварда, боиси пайдоиш ва заминаи асосии унсурҳои эътирозӣ шуда, аз доираи қонунҳои амалкунанда берун мебароянд ва заминаи пайдоиши экстремизму терроризм мегарданд [2, с. 76].

Камбизоатӣ яке аз омилҳои пайдоиши терроризми фардӣ мебошад. Терроризми фардӣ вақте сар мезанад, ки инсон наметавонад бо роҳҳои осоишта сарчашмаҳои зарурирo ба даст орад ва зиндагии худро хуб ба роҳ монад. Терроризми гурӯҳӣ шакли моҷарои байнигурӯҳӣ буда, ба таври пинҳони бар зидди сохторҳои давлатӣ бо усулҳои террор мубориза мебаранд.

Воқеияти пуртазоди иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии инкишофи ҷаҳони муосир яке заминаҳои инкишофи терроризм шуда истодааст. Пешгирии терроризм бо бартарафнамоии камбизоатӣ дар ҷомеа сахт алоқаманд аст. Чи тавре ки маълум аст, камбизоатӣ ва нобаробарӣ радифи тағйирнаёбандаи ҷомеаҳои мураккаб мебошад. Ҳамин тавр, камбизоатии нисбатан ҳам дар ҳолати баланд шудани сатҳи иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеа низ вуҷуд дорад.

Камбизоатӣ ва нобаробарӣ омилҳое мебошанд, ки бо якдигар алоқамандии зич дошта, натиҷаи онҳо ҳама вақт эътироз аст. Нобаробарӣ дар натиҷаи тақсими нодурусти сарчашмаҳои ҷамъиятӣ, ба монанди пул, ҳокимият, маориф байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба вуҷуд меояд, ки онро дар маҷмӯъ нобаробарии иҷтимоӣ мегӯянд. Гуфтан мумкин аст, ки нобаробарӣ дар тамоми сатҳҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад, аммо камбизоатӣ фарогирандаи як қисми аҳолӣ мебошад. Қишрҳои алоҳидаи аҳолӣ вобаста ба қонеъ нашудани талаботҳои рӯзмарраашон нобаробариро зиёдтар эҳсос менамоянд. Талабот ин ниёз доштан ба ашёҳои муайян буда, қонеъ кардани онҳо зарур мебошад. Дар ҳолати қонеъ накардани онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароию терроризм пайдо мешаванд.

Нисбати масъалаи камбизоатӣ дар ҳисоботи Бонки Аврупоии Азнавсозӣ ва Рушд бо

номи «Стратегия барои Тоҷикистон» чунин ибрози назар шудааст: «Тоҷикистон ҷумҳурии аз ҳама камбизоати собиқ Иттиҳоди Шӯрави буд ва яке аз кишварҳои камбизоати минтақа боқӣ мемонад. Васеъ паҳн гаштани камбизоатӣ, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи пасти музди меҳнат дар якҷояги бо номукаммал будани системаи судӣ, гардиши ҳаҷми зиёди маводи мухаддир, ришвахӯрӣ шароити мусоид барои пайдо шудани экстремизм мебошад. Бинобар ин, рафъи камбизоатӣ афзалияти муҳимтарини кишвар гардидааст» [3, с.44-50]. Дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гашт.

Мувофиқи маълумотҳои омории солҳои 1999 – 2009 - ум сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 81% то 47% поин рафтааст. Мувофиқи маълумотҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2015 сатҳи камбизоатӣ новобаста аз бухронӣ иқтисодии ҷаҳонӣ 31,3% - ро ташкил медиҳад [4, с.5-13]. Яъне, назар ба солҳои қаблӣ дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст. Гуфтан мумкин аст, ки Тоҷикистон ба гурӯҳи 10% кишваре дохил мешавад, ки 15 соли охир сатҳи камбизоатӣ дар он бо суръати тез паст шуда истодааст. Аммо новобаста аз ин дастовардҳо камбизоатӣ яке аз хатарҳои асосии рушди иҷтимоӣ – иқтисодии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Камбизоатӣ вазъияти иқтисодии оила ё фард буда, дар натиҷаи он бойигарӣ ва воситаҳои ҳаётгузаронӣ, ба монанди ғизо, манзил, либос, маишат ва таълим барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни зиндагӣ дар ҷомеаи мазкур қонеъкунанда нест. Аз нуқтаи назари талаботҳо, қонеъ нагардидани талаботҳои минималии инсонро камбизоатӣ мегӯянд.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва як қатор ҳуҷҷатҳои расмии ташкилотҳои сиёсии байналхалқӣ, ба монанди СММ истилоҳи «камбизоатӣ» ва «қашшоқӣ» айният дода шуда, ҳамчун синоним истифода бурда мешаванд. Мутахассисон ва ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ, ки ба ин масъалаи ҳирфаӣ сару кор доранд, қайд менамоянд, ки истилоҳи «камбизоатӣ» ва «қашшоқӣ» сифатан ва миқдоран аз ҳамдигар фарқ доранд. Истилоҳи «камбизоатӣ» зиёдтар нисбати кишварҳои тараққикарда истифода шуда, маънои сарчашмаи даромади пасти инсон ё оиларо дорад, истилоҳи қашшоқӣ бошад, нисбати кишварҳои рӯ ба тараққӣ истифода шуда, маънои умуман мавҷуд набудан ё норасоии сарчашмаи даромадро дорад [5, с.152-164].

Аз назари сифатӣ, норасоии маҷмӯи сарчашмаҳо ва манбаъҳо барои қонеъ намудани талаботҳои асосӣ дар сатҳи зарурӣ камбизоатӣ мебошад, умуман ва мутлақан норасоии сарчашмаю манбаъҳо барои қонеъ намудани талаботҳои асосӣ, ки инсонро дар сатҳи поёнии ҷомеа қарор дода, инсонро ба таназзули иҷтимоӣ ва ҷисмонӣ мувоҷеҳ менамояд, қашшоқӣ мебошад. Сабабҳои асосии камбизоатиро номбар менамоем, ки ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд:

1. **иқтисодӣ** (самараи пасти меҳнат, маоши паст, бекорӣ, вуҷуд надоштани рақобат дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот, мавҷудияти ҷойҳои кории маошпаст);

2. **иҷтимоӣ – тиббӣ** (маъюбӣ, пирӣ, саломатии бад, сатҳи баланди касалшавӣ, маргинализатсия, беназоратию бепарастории кӯдакон, ки метавонанд ба зоҳиршавии қашшоқӣ алоқаманд дониста шаванд);

3. **демографӣ** (оилаҳои серфарзанд ва нопура, оилаҳои бесаробон);

4. **иҷтимоӣ – иқтисодӣ** (сатҳи пасти кафолатҳои иҷтимоӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ бе дарназардошти сатҳи зиндагии аҳолӣ);

5. **таълимӣ – тахассусӣ** (сатҳи пасти соҳаи маориф, дараҷаи пасти тайёрии касбӣ, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани сатҳи ихтисосмандии хатмкардагони донишгоҳҳо);

6. **сиёсӣ** (канда шудани робитаҳои иҷтимоӣ – фарҳангии байни минтақаҳою кишварҳо, моҷароҳои ҳарбӣ, муҳоҷирати маҷбурӣ);

7. **минтақавӣ – ҷуғрофӣ** (инкишофи номутаносиби қувваҳои истеҳсолкунанда; фарқияти калони потенсиали иқтисодии минтақаҳо, вобастагӣ доштан аз ёрии захираҳои марказ).

Дар таҳқиқи масъалаи камбизоатӣ тақсиму ҷудонамоии аҳолии қашшоқ вобаста ба гурӯҳҳои демографӣ ва иҷтимоӣ – иқтисодӣ нақши муҳимро мебозанд.

Таҳаввулоти камбизоатиро дар Тоҷикистон аз нуқтаи назари хислати иҷтимоӣ – демографии аҳолӣ ва алоқамандии он ба шуғли аҳолӣ метавон чунин шарҳ дод. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи камбизоатӣ ва қашшоқӣ Тоҷикистонро низ фаро гирифтанд. Ҳамчун анъана ҷавҳари қашшоқонро қисмати осебпазири аҳолӣ пенсионерҳо, маҷрӯҳон, оилаҳои серфарзанду нопурра ташкил медоданд, аммо бо оғоз шудани ҷанги шаҳрвандӣ гурезагони иҷборӣ низ ба қатори онҳо дохил шуданд. Нимаи дуюми солҳои 90 – ум ба гурӯҳи осебпазир шахсони шоғил низ дохил шуданд, ки вобаста ба хосияти шуғлашон даромади паст доштанд ва

наметавонистанд худ ва оилаи худро таъмин намоянд [2, с.73].

Дар замони муосир омилҳои вобаста ба шуғл дар бозори меҳнат барои тафриқабандии оилаҳо мувофиқи сатҳи зиндагӣ нақши муҳим доранд. Модели қашшоқие, ки дар ҷумҳурӣ ташаккул ёфтааст, пеш аз ҳама, натиҷаи сатҳи пасти даромади аҳолӣ мебошад.

Мувофиқи омори расмӣ, камбизоатӣ байни аҳолӣ дар чунин сатҳ қарор дорад: дар дувоздаҳ соли охир аниқтараш аз 2003 то 2015 сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 73% то 31% паст шудааст. Аммо 31% какмбизоат ҳам барои Тоҷикистон хеле зиёд мебошад. Мувофиқи ахбори расмии Бонки Ҷаҳонӣ 13% аҳолии Тоҷикистон дар ҳолати қашшоқӣ зиндагонӣ менамоянд ва аз соли 2009 – ум ин тараф, ин нишондод тағйир наёфтааст. Дар баробари ин, 81% камбизоатон дар деҳаҳо зиндагӣ менамоянд. Инчунин, сатҳи камбизоатӣ вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон низ фарқ дорад. Масалан, аз 20% - то 22% дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд, 39% дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон умр ба сар мебаранд. Бонки Ҷаҳонӣ сарҳади камбизоатиро 3 доллару 10 сент дар як рӯз муайян кардааст. Онҳое, ки хароҷоташон аз маблағи зикршуда камтар аст, камбизоат шуморида мешаванд, онҳое, ки дар як рӯз 1 доллару 10 сент сарф менамоянд, қашшоқ эътироф карда мешаванд. Мувофиқи ахбори Кумитаи омори назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар кишвар сафи камбизоатон 1% кам мегардад [6].

Вақте ки ба камбизоатии давրони иқтисоди бозоргонӣ, ки сабаби асосиаш механизмҳои ғайрисамараноки бозори меҳнат аст, камбизоатии демографию тиббӣ (маҷрӯҳӣ, серфарзандӣ, саломатии суст) илова мешаванд, камбизоатӣ хосияти кумулятивӣ касб менамояд. Камбизоатии кумулятивӣ яке аз шаклҳои мураккаби камбизоатӣ мебошад. Камбизоатии кумулятивӣ дар натиҷаи якчанд амалҳою омилҳои ғайримусоид ба миён меояд, ин омилҳо дар алоҳидагӣ ба намуди муайяни камбизоатӣ бурда мерасонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки зоҳиршавии шаклҳои гуногуни экстремизм ба хусусияти хосси инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Ин равандро бо якчанд далел метавон шарҳ дод. Якум, камбизоатӣ, ки мо онро то ҳозир бартараф накардаем ва ҳалли ин масъала вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва ҳукумат мебошад. Дуюм, коррупсия ҳамчун душвории системавӣ ба амнияти миллӣ хатар эҷод карда, некуаҳволии ҷомеаро халалдор менамояд. Барои пешгирии коррупсия ва нигилизми ҳуқуқӣ бояд системаи судӣ ва ниҳодҳои қудратӣ мустаҳкам карда шаванд. Вақте ки системаи судӣ, ва сохторҳои давлатӣ суст амал менамоянд, дар ҷомеа гурӯҳҳои марказгурез сар боло менамоянд. Гурӯҳҳои ифротию террористӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои вайронкоронаи худ ин ҳолатро ба нафъи худ истифода менамоянд. Муайян шудааст, ки гурӯҳҳои ифротию террористӣ барои пур кардани сафҳои худ ва бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бар зидди давлату ҷомеа аз қишри камбизоату қашшоқи ҷомеа истифода менамоянд. Гуфтан мумкин аст, ки мубориза бо камбизоатӣ, ин пешгирии сабабҳои паҳншавии ифротгароию терроризм мебошад.

Сиёсати муваффақи иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои назаррас ба миён овардааст. Масалан, мувофиқи иттилоотӣ хабаргузории "eadaily.com", Тоҷикистон дар рутбабандии (рейтинг) терроризми ҷаҳонӣ ба гурӯҳе аз кишварҳое, ки дорои сатҳи поини нуфузи терроризм мебошанд, дохил мешавад. Ҳамин тариқ, аз ҳама дараҷаи баланди таъсири нуфузи терроризм дар Ироқ, Афғонистон ва Нигерия ба мушоҳида расидааст [7]. Ин тадқиқот аз он далолат медиҳад, ки сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии Тоҷикистон дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва қашшоқии аҳолӣ натиҷа дода истодааст. Яқинан маълум аст, ки омилҳои бавуҷудоварандаи экстремизм ва терроризм пурра баратараф карда намешаванд ва инро таҷрибаи илмӣ исбот кардааст, аммо сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии давлат бояд ба баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ – иқтисодии аҳолӣ равона карда шуда бошад. Танҳо бо ҳамин роҳ мо метавонем омилҳои ба вуҷудоварандаи экстремизмро дар ҷомеа дар ҳолати пайдоишашон пешгирӣ намоем.

Рушди устувори иқтисодиёт шарти зарурии паст кардани камбизоатӣ мебошад. Дар баробари ин, дар шароити болоравии иқтисодиёт камбизоатӣ метавонад паст нашавад. Ба ҳамин хотир, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мувофиқати инкишофи иқтисодӣ ва тақсимоти натиҷаҳои он зарур аст, то ки инкишофи иқтисодӣ дар баландравии сатҳи некуаҳволии на танҳо синфи миёна ва болоӣ, балки умуман тамоми қишрҳои аҳолӣ хизмат намояд.

Сиёсати иҷтимоии давлатии пастнамоии сатҳи камбизоатӣ бояд аз маҷмӯи усулҳою равишҳои танзимнамоӣ ва таъсиррасонӣ ба шаклҳои гуногуни зоҳиршавии камбизоатӣ иборат бошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, сиёсати санҷидашуда дар бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ омилҳои муҳим ва самараноки мубориза бо камбизоатӣ ва пешгирии паҳншавии экстремизм дар ҷомеа ба ҳисоб.

## АДАБИЁТ

1. Разумов А.А. Бедность в современной России / А.А. Разумов, М.А. Ягодкина. - М.: Формула права, 2007.
2. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. - Душанбе, 2013. – 173 с.
3. Стратегия барои Тоҷикистон // Ҳуҷҷати Бонки Аврупоии Азнавсозӣ ва Рушд [манбаи электронӣ]: http: // nafaka .tj / images / zakoni / new/ strategiya_2030_en.pdf (санаи муроҷиат ба сайт 1.11.2018).
4. Круговорот бедности в Таджикистане: число богачей растет?
[Электронный ресурс]: http: // www. Vsemirnyjbank. org /ru, www.dw.com/ru (дата обращения 1.11.2018).
5. Профилактика (предупреждение) экстремизма и терроризма.
6. Методическое пособие для пропагандистов /Под общей ред. Л.Н.Панковой, Ю.В.Таранухи. - М., Университетская книга,2010. – 312 с.
7. ВБ: уровень бедности в Таджикистане сократился более чем в 2 раза. [Электронный ресурс]. http: // ru. sputnik-tj. Com / country /20170623/1022655701 / tadzhikistan-bednost-uroven.html (рӯзи муроҷиат ба сайт 20.10.2017).
8. Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти нуфузи терроризм шомил шуд [манбаи электронӣ]. http://millat.tj/news/4811-to-ikiston-ba-gur-i-kishvar-oi-doroi-sat-i-pasti-nufuzi-terrorizm-vorid-shud.html (рӯзи муроҷиат ба сайт 13.12.2018).

## МУБОРИЗА БО КАМБИЗОАТӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ ПЕШГИРӢ ВА МУБОРИЗА БО ЭКСТРЕМИЗМУ ТЕРРОРИЗМ.

Камбизоатӣ яке аз омилҳои пайдоиши терроризми гурӯҳию фардӣ ба ҳисоб меравад. Терроризми фардӣ вақте сар мезанад, ки инсон наметавонад бо роҳҳои осоишта сарчашмаҳои зарурирo ба даст орад ва зиндагии худро хуб ба роҳ монад. Терроризми гурӯҳӣ шакли моҷарои байнигурӯҳӣ буда, террористон ба таври пинҳонӣ бар зидди сохторҳои давлатӣ бо усулҳои террор мубориза мебаранд. Воқеияти пуртазоди иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсии инкишофи ҷаҳони муосир яке заминаҳои паҳншавии терроризм шуда истодааст. Пешгирии терроризм бо бартарафнамоии камбизоатӣ дар ҷомеа сахт алоқаманд аст. чи тавре ки маълум аст, камбизоатӣ ва нобаробарӣ радифи тағйирнаёбандаи ҷомеаҳои мураккаб мебошанд. Ҳамин тавр, камбизоатии нисбӣ дар ҳолати баланд шудани сатҳи иҷтимоӣ – иқтисодии ҷомеа низ вуҷуд дорад. Камбизоатӣ ва нобаробарӣ омилҳое мебошанд, ки бо якдигар алоқамандии зич дошта, натиҷаи онҳо ҳама вақт эътироз аст. Нобаробарӣ дар натиҷаи тақсими нодурусти сарчашмаҳои ҷамъиятӣ, ба монанди пул, ҳокимият, маориф байни қишрҳои аҳолӣ ба вуҷуд меояд, ки онро дар маҷмӯъ нобаробарии иҷтимоӣ мегӯянд. Гуфтан мумкин аст, ки нобаробарӣ дар тамоми сатҳҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад, аммо камбизоатӣ фарогирандаи як қисми аҳолӣ мебошад. Ҳамин қишри аҳолӣ вобаста ба қонеъ нашудани талаботҳои рӯзмарраашон нобаробариро зиёдтар эҳсос менамоянд. Талабот, ин ниёз доштан ба ашёҳои муайян буда, қонеъ кардани онҳо зарур мебошад. Дар ҳолати қонеъ накардани онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи ифротгароию терроризм пайдо мешаванд.

**Калидвожаҳо:** терроризм, идеология, фарҳанг, арзишҳои фарҳангӣ, Ғарб, Шарқ, этносҳо, бегонашавӣ, шахсият, терроризми давлатӣ.

## БОРЬБА С БЕДНОСТЬЮ КАК ФАКТОР ПРОФИЛАКТИКИ ЭКСТРЕМИЗМА И ТЕРРОРИЗМА

Бедность как социальная проблема является одним из факторов, на котором рождаются экстремистские и террористические течения. Индивидуальный терроризм проявляется в том случае, если индивид не может легальными путями приобрести ресурсы для своей жизнедеятельности. Групповой терроризм является одним из видов межгрупповых конфликтов, который тайно и всеми средствами борется против государственных структур, используясь при этом террористические методы. Противоречивое развитие социально – экономических основ современного мира является базисом распространения терроризма. Профилактика терроризма, прежде всего, связана с нейтрализацией бедности в обществе. Как известно, бедность и неравенство является основными проблемами современного времени и тормозят социально – экономическое развитие общества в целом. Известно, что бедность существует даже в развитых обществах. Бедность и неравенство тесно связаны между собой, их следствием всегда выступает недовольство населения. Неравенство появляется вследствие неравномерного распределения общественных ресурсов типа деньги, власти и образование среди различных слоев общество. И все эти факторы в конце образуют социальное неравенство. Можно сказать, что неравенство существует во всех слоях общества, но бедность характерна только части населения. Бедные слои населения в связи с неудовлетворением жизненных потребностей реагируют на неравенство очень остро. Необходимость в чем-то и неудовлетворенная потребность рождают протестные настроения в обществе, и это в свою очередь является фактором распространения терроризма в обществе.

**Ключевые слова:** Терроризм, экстремизм, неравенство, бедность, потребность, общество, Таджикистан, профилактика терроризма.

## THE FIGHT AGAINST POVERTY AS A FACTOR IN THE PREVENTION OF EXTREMISM AND TERRORISM

Poverty as a social problem is one of the factors on which extremist and terrorist currents are born. Individual terrorism is manifested in the case if the individual can not legally obtain resources for their livelihoods. Group terrorism is a type of intergroup conflict that secretly and with all means fights against state structures using terrorist methods. The controversial development of the socio - economic foundations of the modern world is the basis of the spread of terrorism. Prevention of terrorism is primarily associated with the neutralization of poverty in society. As it is known, poverty and inequality are the main problems of the modern time and hamper the social and economic development of society as a whole. It is known that poverty exists even in developed societies. Poverty and inequality are closely related to each other, and the result is always discontent of the population. Inequality appears due to the uneven distribution of public resources such as money, power, and education among various strata of society. And all these factors in the end form social inequality. It can be said that inequality exists in all strata of society, but poverty is characteristic only of a part of the

population. The poor segment of the population, due to the lack of satisfaction of their vital needs, reacts to inequality very sharply. The need for something is a need and an unmet need give rise to protest moods in society and this in turn is a factor in the spread of terrorism in society.

**Key words:** Terrorism, extremism, inequality, poverty, need, society, Tajikistan, prevention of terrorism.

**Сведения об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры онтологии и теории познания факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, Рудаки, 17. **E-mail:** nozim2985@mail.ru Телефон **93.932.59.42.**

**Information about the author:** ***Mahmadiev N.D.*** - Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor at the Department of Ontology and Theory of Knowledge, Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: nozim2985@mail.ru Phone: **93.932.59.42.**

**УДК:1/14.2:891**

# МУНОСИБАТИ ДИН ВА ДУНЁ ДАР ТАЪЛИМОТИ НОСИРИ ХУСРАВ

***Шомуқим Саидброимов***
**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Бо боварии комил, зеҳни фитрӣ, дониши қавӣ ва истеъдоди баланд, метавон ба тадқиқу таҳқиқи осори гузаштагони худ даст дод.

Яке аз шахсиятҳо ва чеҳраҳои намоёне, ки бо осори гаронбаҳои худ дар миёни халқи форсу тоҷик ва инчунин берун аз он дар дигар манотиқ низ шуҳрати зиёд дорад, Абӯмуъин Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад. Дар бораи тавонмандии ин марди хирад андешаҳои бисёр мавҷуданд ва бештари онҳо тақрибан бо як мазмун ҷамъбаст мешаванд. Андешаи муҳаққиқи ҷавон Шоҳзодаиброҳим Саидиброҳим чунин аст: “Носири Хусрав қомуси илму маърифати замони худ буд. Вай дар ҷодаи илмҳои математика, мантиқ, фалсафа, ҷуғрофия, ситорашиносӣ, тиб ва амсоли инҳо дониши лозимиро касб намуд. Ҳамаи инҳо дониш бисёрҷанба ва ҳаматарафаи энсиклопедӣ доштани мутафаккирро тасдиқ мекунанд” [9, с. 111]. Ин аст, ки асарҳои Носири Хусрав аз масъалаҳои рангину баҳсталаб иборат буда, барои муҳаққиқони дохилу хориҷ ҳамчун заминаи бунёдӣ ба кор низ меоянд.

Масъалаи аз ҳама баҳсталаб, мубрам ва мушкилтарин дар эҷодиёти Носири Хусрав, ин дин ва дунё мебошад. Дар бобати мавзӯи мазкур тақрибан дар ҳар як нусхаи асарҳои мутафаккир ақидаҳои кофӣ ва баҳсҳо мавҷуданд, вале ҳадафи мо боз ҳам аён ва равшантар кардани баъзе андешаҳои Носири Хусрав мебошад, ки дар зери парда пинҳон ҳастанд. Ин ба он маъно аст, ки баъди нузули дини ислом донишмандони форсу тоҷик бештар такя бар Китоби осмонӣ дошта, тарзи навишти хешро дигар карданд. Зеро дини ҳақ ҷавон буд ва Қуръони карим барои ҳар як шахс муқаддас ба ҳисоб мерафт. Маҳз аз ҳамин сабаб донишмандон, файласуфон ва ҳакимон бештар такя бар Қуръони карим карда, инчунин ҳар масъаларо нахуст ба Офаридгор вобаста намуданд. Вале, Носири Хусрав масъалаи зикршударо ҳам аз нигоҳи дин ва ҳам аз нигоҳи фалсафа мутоила намуд.

Муҳаққиқ ва носиршиноси муосир Рамазон Назариев бар ин ақида аст: “ Таҳлили масъалаи дин ва дунёи инсонро дар таълимоти Носири Хусрав на ҳамчун мавзӯи алоҳида ва мустақил, балки дар доираи назариёт ва маҷмӯи ақоид аз асарҳои фалсафию динии гуногуни ӯ дарёфтан мумкин аст. Ба андешаи мо, моҳияти ин мавзӯъро, қабл аз ҳама, дар таъвили масъалаи маърифати олам ва сохтори он бояд ҷуст, ки дар таълимоти Ҳаким нуқтаи олии ҳудуди маърифат ба шумор меравад” [5, с. 53].

Носири Хусравро донишмандон ва муҳаққиқон ҳамчун як идеалисти босубот мешиносанд. Зеро тамоми асарҳои мутафаккир инчунин масъалаи диниро доро ҳастанд. Аммо, ба андешаи мо, Носири Хусравро тамоман ба идеалист ҳам нисбат додан ғайриимкон аст. Азбаски мутафаккир дар бисёр мавридҳо бар зидди бархе аз рӯҳониён баромад карда, ҳатто онҳоро зери танқид қарор додааст, ӯро ба идеализм нисбат медиҳанд. Ин ба он маъно ҳам омадааст, ки мутафаккир идеалисти холис набудааст, балки як муҳаққиқи даврон ба ҳисоб мерафт. Вале набояд гуфт, ки Носири Хусрав як инсони бедину оин ва худоношинос будааст, балки мутафаккир ҳар масъаларо аз нигоҳи мантиқ ва фалсафаву дин баррасӣ менамудааст. Инчунин, дунёро, яъне олами ҳастиро қароргоҳи инсонҳо меҳисобад ва пайдоиши одам дар рӯйи олам якҷоя бо дину оин будааст. Ин аст, ки дин бе дунё ва дунё бе дин арзи ҳастӣ нахоҳанд дошт, вале дарки дину оин ва дунёву ҳастӣ вазифаи рӯзмарраи инсонҳо мебошад.

Дар “Девони ашъор” Носири Хусрав дар бобати бузургӣ ва шарафи дин чунин баён

кардааст:

*Бар сари дин рав, ки сӯи оқилон,*
*Иллати нодониро дин шифост.*
*Ҷони ту бе илм чи бошад, суруб,*
*Дин кунадат зарр, ки дин кимиёст.*
*Дар раҳи дин ҷомаи тоат бипӯш,*
*Тоат хуш неъмату неку ридост.*
*Роҳ сӯи дин-т намояд хирад,*
*Аз паси дин рав, ки муборак асост [4 , с. 141-142].*

Бояд тазаккур дод, ки Носири Хусрав дар мадди аввал шууру малака ва имони инсонро ба дин вобаста кардааст. Аммо мутафаккир инсонро водор мекунад, то нахуст аз илму дониш баҳраманд бошад, то ба маънии дину оин ва тоат бирасад. Вагарна дар олами ҷаҳлу нодонӣ ба мисли ҳайвони беақлу фаросат хоҳад монд. Дар ин ҷо Носири Хусрав ишора ба илму дониш мекунад, ки натиҷаи бузургии инсон низ аз улум аст. Ба андешаи мутафаккир, то даме ки инсон аз илму маърифат, донишу заковат баҳраманд нагардад, ҳаргиз ба шинохти дин ҳам намерасад. Ва макони илму дониш дар олам ва гирду атроф аст, ки инсонро метавонад омӯзонад ва баҳраманд низ гардонад.

Ё ин ки дар ҷойи дигар Носири Хусрав такроран ишора ба дунё ва дин мекунад. Ба андешаи мутафаккир, дунёро Офаридагор офарид аз барои мардум, то ҳаёт ба сар барад ва мардумро офарид барои тоату ибодат ба дин. Инчунин, тан ба дунё зинада буда, ҷон ба дин ва ҳар ду бошанд, ба илму амал зиндаанд:

Дунё зи баҳри мардуму мардум зи баҳри дин,
Чун хатти доира, ки бар анҷом-ш ибтидост.
Илм аст кори ҷон- ту амал кори тан ки дин,
Аз илму аз амал чу тану ҷони ту дутост [4, с. 186].

Ҳаким ҳаёти инсонро дар рӯйи олам аз илму амали неку бади ӯ дониста, ишора бар он дорад, ки илму амалро на ҳама кас дар роҳи рост истифода мебаранд, балки қисмати дигар онро бар зарари ҷомеа барқарор хоҳанд кард. Ба ин нуқтаи назар, порчаи иқтибос аз панҷсад ҳадиси Пайғамбари акрам (с) мувофиқ аст: “ Бидонед: дунё манзилест, ки ҷуз бо зуҳду порсойӣ наметавон аз офаташ солим монд ва ҳарчи туъмаи он шавад, аз он наҷот наёбад” [6, с. 8].

Инчунин, дар дигар маврид Носири Хусрав арбобони динро зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. Ба андешаи мутафаккир дин набояд шахшуда бошад, балки мутаҳаррик ва дар таҳаввулоту ҳамқадами замона бошад. Мутафаккир дар “ Ҷомеъ–ул–ҳикматайн” ҳукамои динро “фуқаҳолақабон” ном гуфта, рӯирост танқид мекунад. Ва чунин овардааст: “Ва имрӯз фуқаҳолақабони дини ислом ҳамегӯянд: “ Агар касе гӯяд, имрӯз ҳаме аз омадани Офтоб падид ояд, ё ман бидонам, ки кадом ситора раванда аст ва кадом собит аст, ӯ кофир аст. Ва чаҳлро бар илм гузиданд ва ҳамегӯянд: “ Моро бо “ чуну чароӣ”-и офариниш кор нест”. Ва расул алайҳиссалом гуфт: “Андар офариниш андеша кунед ва андар Офаридагор андеша макунед” [ 3, с. 27].

Ин аст, ки Носири Хусрав ҳамчун донишманди нуқтасанҷ ва тезбину хаёл дар баробари файласуфони машшоъ арзиш дорад. Зеро машшоиён ягона мактабу равияе буданд, ки дар баробари худошиносӣ ва илми илоҳиёт, инчунин табиатро омӯхта, ба офариниш низ сару кор доштанд. Аммо ногуфта намонад, ки аз ин ҳаракатҳои бепарвонавори машшоиёни ислом- Форобӣ, Ибни Сино ва дигарон бархе аз чеҳраҳо ва донишмандони дигари исломиро ба норозигӣ кашиданд. Ҳатто машшоиёнро ҳамчун аҳли бидъат муаррифӣ мекарданд.

Носири Хусрав дунёро гузаргоҳи инсонҳо меҳисобад ва мардумро қабилаи корвон, ки аз дунё раванда ҳастанд. Аммо инсон бояд дар ин олам нахуст худшиносӣ кунад, то дар натиҷа ба худошиносӣ пайваст хоҳад гашт. Ба андешаи Ҳаким, инсон он вақт комил мегардад, агар аз олоишоти дунё тоза шавад. Мутафаккир такя бар баъзе аз аҳкомҳои динӣ карда, роҳи охиратро нуқтаи охирини ҳаёти инсон дар олам мешуморад. Адабиётшиноси маъруф Худоӣ Шарифов чунин нигоштааст: “Даъват ба сӯйи шинохтани худ аз роҳи донишу маърифат дар иддаи касире аз қасоиди Носири Хусрав ба назар мерасад. Инсони ормонии Хусрав шахси бомаърифати донишманд мебошад. Агар одам ба хӯрдан мудом машғул бошад, аз ҳайвон ҳам поёнтар қарор ёфта, ба набот монанд мешавад, ки ба ҷуз дарёфти ғизо мояи такмиле надорад” [ 8, с. 81].

Агар ба ҳар нуқтаи назар ва андешаи Носири Хусрав таваҷҷӯҳ кунем, маълум мегардад, ки мутафаккир ягона мақсад дорад. Яъне, инсон бояд дин ва дунёро баробар қадр кунад. Инчунин, бо роҳи илму хирад, фаросати инсон, одобу ахлоқ, донишу маърифат ва худшиносиву худошиносӣ метавонад ба як мартабаи баланди инсоният

расида, ки ба нафъи худи инсонҳо ҳам дар дунё ва ҳам дар охират мегардад. Чунин ақидаҳо ва андешаҳои некбинонаи Носири Хусравро дар тамоми осори назмӣ ва насрии ӯ метавон даст дарёфт.

Хотиррасон бояд намуд, ки Носири Хусрав дар тамоми тӯли ҳаёташ аз доираи одобу ахлоқ набаромада, ҳамеша талоши онро дошт, ки ҳар масъалаеро ҳам аз нигоҳи фалсафаву мантиқ ва ҳам аз нигоҳи дин ҳал намояд. Масалан, мавзӯи "офариниши осмону замин", ки худ савол аз тарафи ал – Ҷурҷонӣ барои Носири Хусрав буд, чунин оғоз мешавад:

*Раво бувад, ки нахуст осмон падид омад,*
*Ки ӯ қавитар в-он гаҳ замину кӯҳу биҳор?*
*Ва ё нахуст замин буд, кӯст маркази давр.*
*Ва доира набвад ҷуз ба нуқтаи паргор?*
*Пас, ар чунин шуморӣ, чун биистод замин.*
*Ва гирд- гирдаш холӣ зи доираи даввор? [ 2, с. 115 ].*

Носири Хусрав байтҳоро савол дониста, аввал аз нигоҳи фалсафӣ шарҳ медиҳад ва баъд андешаҳои диниро ирсол мекунад. Ба андешаи Носири Хусрав замин ин марказ аст ва осмон атрофи заминро иҳота кардааст. Мутафаккир бар ин ақида аст, ки замин аз ҳаво гаронтар аст дар меҳвар истодааст ва ҳаво бошад, берун аз замин ҷой гирифтааст. Ин аст, ки Носири Хусрав мисол меорад: " Агар мо муште хокро бо лахте об андар шиша кунем, андар он шиша се табиат ҷамъ шавад: яке хок ва дигар об ва се дигар ҳаво. Он гоҳ мар он шишаро сахт биҷунбонем, то ҳар се табиат андар ӯ бар ҳам овезанд ва чу хафӣ шаванд, он гоҳ он шишаро биниҳем. Чӣ гӯяд, ки оқил нахуст кадом табиат ба ҷой истад ва сипас аз ӯ кадом? Ва боз шудани ин се табиатро, ки андар шиша омехта бошад, то ҳар яке ба ҷойи хеш боз шаванд, ҳеҷ пешӣ ва пасӣ набошад, албатта, аз баҳри он ки хок андар зер нишинад ба шиша пайваста ва об бар сари ӯ ва ҳаво бар сари об" [2, с. 117]. Дар ин мисол мутафаккир заминро фоидапазир дониста, осмонро фоидадиҳанда меҳисобад. Яъне, борони борида барои замин нафаовар ва фоидабахш мебошад, зеро ҳаёти зинда ниёз ба обу хок дорад.

Инчунин, аз нигоҳи дин Носири Хусрав масъалаи марбутро бо дигар марому мақсад шарҳ медиҳад. Ба андешаи мутафаккир, олами динро осмон ин расул аст, васии ӯ замини олами дин ва бороне, ки аз осмон ҳар лаҳза меборад, китоби муқаддас, яъне Қуръони карим ва ояҳои он мебошанд. Ва наботе, ки дар замин аст, ҳама муъминонанд ва Қуръон ин борони раҳмат барои ҳамаи ташнагони рӯйи олам, яъне аниқтараш худоҷӯён мебошад. Ба андешаи Носири Хусрав, ҳар инсоне, ки соҳиби ақлу хирад ва тоату ибодат бошад, ӯ аст, ки дар замини пок, осмони соф ва аз борони раҳмат ҳамеша сероб хоҳад буд. Бадбахт он кас аст, ки аз дину оин худро дур гирифта, инчунин баръакс, ба худоношиносӣ бештар худро гирифтор низ мекунад. Ва натиҷаи мардум ин биҳишт ва дӯзах мебошад. Дар ин нуқтаи назар мутафаккир биҳишту дӯзахи рӯҳониро дар назар гирифта, балки расидани мардумро ба камолот низ аз ҳисоби аклу дониш медонад.

Ба ақидаи таърихнигорни муосири тоҷик чунин аст: "Носири Хусрав дар ин ҷо ба масъалаи биҳишту дузах мурочиҳат намуда чунин фикрро ошкор баён мекунад, ки азоби оташи дӯзах мебоист ба маънои фақат ҷисмонӣ нафаҳмид, зеро аслан дарду пушаймонӣ нафсонӣ аст аз бадкорӣ, ки дар зиндагӣ рӯй додааст. Ӯ чунин мешуморад, ки баъди марги ҷисмонӣ инсоне, ки аз илму амали хайр даст кашидааст, дар оташи рӯҳонии ақлӣ месӯзад" [7, с. 844]. Ба андешаи Носири Хусрав, одамон ба воситаи ақли худ "чуну чароӣ"-и табиатро меомӯзанд, вале он чи дар зери ин табиат аст ё аз он бартар, дар олами дигар аст, нахоҳанд донист.

Носири Хусрав беҳтарин абёте аз " Девони ашъор" мисол меорад:

*Сухан дар раҳи дин хирадмандро,*
*Сӯи саъд раҳбартар аз Муштарист.*
*Гуле ҷуз сухан дид ҳаргиз касе,*
*Ки бе обу бе нам ҳамеша тарист?*
*Биёмӯз гуфтору кирдори хуб,*
*К-ат ин ҳар ду бунёди некахтарист [4, с.144].*

Хулоса, Носири Хусрав аз донишмандони тозахаёл ва нуқтасанҷе аст, ки ҳар як масъаларо дақиқназарона шарҳ додааст. Ин аст, ки дар мавзӯи марбут мутафаккир динро аз дунё ҷудо нафаҳмида, балки онро дар мувозинат барои инсон қарод додааст. Агар инсон якеро тарафдорӣ кунад ва дигарро инкор, он гоҳ вазифаи бандагии худро дар пеши Худованд ва табиати зинда аз даст медиҳад. Ва барои ҳамин ҳар як фарди соҳибақл бояд аз рӯи ақлу дониш, имону эътиқод ва заковати худ дунё ва динро пеш барад.

## АДАБИЁТ


1. Носири Хусрав. Куллиёт // Осори фалсафӣ. -Душанбе, 2003. -Ҷилди 3. – 353 с.
2. Носири Хусрав. Ҷомеъ – ул – ҳикматайн. -Душанбе, 2011. – 312 с.
3. Носири Хусрав. Девони ашъор. Рушноинома. Саодатнома. Душанбе, 2009. – 640 с.
4. Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз, фардо // Назариев Р. Дин ва дунёи инсон аз нигоҳи Носири Хусрав // Хуҷанд – 2005, - 682 с.
5. Панҷсад Ҳадис. – М., 1991. – 94 с.
6. Таърихи фалсафаи тоҷик (аз қадим то асри XX). Ҷилди 2. Муҳаррири масъул: А.Шарипов. Душанбе, 2016. – 894 с,
7. Худоӣ Шарифов. Рози ҷаҳон (нақд ва баррасии шеъри Носири Хусрав) / Х. Шарифов. – Душанбе, 2016. - Чопи дуввум. – 352 с.
8. Шоҳзодаиброҳим С. Системаи дидактикии Носири Хусрав. – Душанбе, 2014. – 174 с.


## МУНОСИБАТИ ДИН ВА ДУНЁ ДАР ТАЪЛИМОТИ НОСИРИ ХУСРАВ


Масъалаи муносибати дин ва дунё, муҳимтарин ҷанбаи таълимоти Носири Хусрав аст, ки раванди умумии афкори фалсафӣ ва динии ӯро муайян мекунад. Албатта, дар таъбири истилоҳоти маъмулии Шарқи асримиёнагӣ ва мазмуни имрӯзаи он, ки дар Ғарб сурат гирифтаанд, тавозуни баробар ва воҳидро ҷустан ғайриимкон аст. Носири Хусрав кӯшидааст, ки ба воситаи бо ҳам “оштӣ додани дин ва дунё” таваҷҷуҳи мардумро ба дарки моҳияти олами воқеӣ, инсон ва фарди алоҳида бештар ва амиқтар ҷалб намуда, нақши инсонро нишон диҳад. Таҳлили масъалаи дин ва дунёи инсонро дар таълимоти Носири Хусрав на ҳамчун мавзӯи алоҳида ва мустақил, балки дар доираи назариёт ва маҷмӯи ақоид аз асарҳои фалсафию динии гуногуни ӯ дарёфтан мумкин аст. Ба андешаи мо, моҳияти ин мавзӯъро, қабл аз ҳама, дар таъвили масъалаи маърифати олам ва сохтори он бояд ҷуст, ки дар таълимоти Носири Хусрав нуқтаи олии ҳудуди маърифат ба шумор меравад. Ин аст, ки масъалаи мазкур барои ҷавонони муосири тоҷик ҳамчун панду андарз, ҳикмату маърифат ва одобу ахлоқ намуна буда, инчунин як заминаи муфид ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** муносибати дин ва дунё, таълимоти Носири Хусрав, ҷанбаи таълимоти Носири Хусрав дарки моҳияти олами воқеӣ, таҳлили масъалаи дин ва дунёи инсон.


## СООТНОШЕНИЕ РЕЛИГИИ И МИРА В УЧЕНИИ НАСИРА ХУСРАВА


Проблема соотношения религии и мира, является важнейшей стороной учения Насира Хусрава, которое определяет философско- религиозное течение его мыслей. Нельзя конечно находить его мыслям и терминам, которые он использовал, значение в терминах современности и в религиозно- философских идеях которые исходят из сегодняшнейй Европейской цивилизации, т.к., истечение обстоятельтств в средневековом Востоке было совсем иное и различается оно и по повседневным условиям жизни, быта и времени. Насир Хусрав старался “смирить религию и мир”, отвлечь внимание людей к смыслу реального мира и обозначить роль человека в материальном мире и обосновать реальный смысл его существования. Анализ проблем религии и мира Насира Хусрава можно найти в мыслях, высказанных им в многочисленных его произведениях. На наш взгляд, смысл данной тематики скорее всего можно соотносить скорее всего к нравственности мира и его строению, которое в учениях Насира Хусрава соотнесены к рамкам высшей категории нравственности. Все это является для современной молодежи неким наставлением, моральным кодексом и нравственностью и считается эффективной основой миропонимания человека.



**Ключевые слова:** соотношение религии и мира, аспекты учения Насира Хусрава, познание сущности реального мира, анализ проблем религии и мира.


## RELIGION AND WORLD FROM NOSIRI KHUSRAV POINT OF VIEW


The mission relationship of religion and world is the most important properties in the teaching of Nosiri Khusrav. That shows his general direction of philosophical and religious apprehension. Certainly in popular investigation reform of mediaeval and it’s today meaning occurred in east, to research equal balance and unity is not exactly precept, because between them were, further time distance and existed different condition life. Nosiri Khusrav tried together “reconciled religion and world” people attention to realization substance of real world, human and most particular individual and deep involved, the role of people during sensual life and showed his general essential existence. Analyzed religion task and human world in the discipline of Nosiri Khusrav not as individual and independent but limit theory ideas can find from his different philosophical and religious creations, from our point of view in this theme first of all wee mast search acquirement and structures of the world which regarded admirable limit point in the teaching of Nosiri Khusrav in summary this task for nowadays tajik youth as advice and edification, wisdom and behavior, breeding as example and also considered useful basis.



**Key words:** the relationship between religion and the world, aspects of the teachings of Nasir Khusraw, knowledge of the essence of the real world, analysis of the problems of religion and the world.



**Сведения об авторе:** ***Саидиброимов Шомуким*** – Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода, соискатель. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6. Телефон: **934 – 15-11- 13.**

УДК 177.1

# ИНСОНИ КОМИЛ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

*Ашурзода Наврӯза*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи сӯфиёни пайрави равияи нақшбандия буд. Ҷомӣ ҷаҳонбинии мазҳабиро бо ҳикмат устувор намуда, худшиносии маънавию ҳиссиро бо андешаҳои фалсафаи ишроқ оро додааст. Бояд қайд намуд, ки бештари мутафаккирон ва файласуфони замони зиндагии Ҷомӣ ҷараёни тасаввуфро пайгирӣ намуда, дар мавзӯъҳои гуногуни ирфонӣ асарҳои зиёде аз худ боқӣ гузоштаанд.

Масъалаи инсони комил ва мақоми он дар ҷомеа яке аз масоили ҷолиби диққат буда, таваҷҷуҳи файласуфону адибони давраҳои мухталифро ба худ кашидааст. Масъалаи инсон чун асли назарияи антропологӣ дар фалсафаи машшоъ, ишроқ мавқеи муайяне дошта бошад ҳам, он дар тасаввуф мақоми хосе пайдо кардааст, алалхусус назарияи «инсони комил», моҳияти антропологияи сӯфизмро ифода мекунад. Идеяи сӯфизм инсони комилро, агар ҷиҳати мистикии он сарфи назар карда шавад, дар се ҷиҳат: фиқҳӣ, дарки фалсафӣ ва ахлоқӣ ба назар мегирад. Моҳияти инсон дар партави ақоиди ахлоқӣ, яъне амалҳое, ки инсон анҷом медиҳад, тарзи ҳаёт ва зиндагӣ, муносибат бо одамон ва ҷомеа, ҳамчунин дар асоси креатизми маърифатии ваҳдат-ул-вуҷуд ва назарияи антологии моҳияти инсон, ки одатан барои шуури диндорон қариб бетаъсир аст, ифода меёбад. Вале дар муҳите, ки меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, яъне таълимоти фиқҳӣ амал мекунанд ва арзиши умумӣ доранд, шакли дарки фалсафӣ-антропологӣ аҳамияти зиёди илмӣ пайдо мекунад. Дар ақоиди Абдураҳмони Ҷомӣ ду чиз ба таври ошкоро намудоранд ва омезиш ёфтаанд, ин ақоиди фиқҳӣ доир ба қонунмандии рафтори инсон ва назарияи тафовути инсони комил аз «инсони комил», ки ба ахлоқи созанда ва гуманистӣ такя мекунад. Ҷомӣ аз доираи маҳдуди таълимоти фиқҳӣ берун рафта, озодӣ, ихтиёрдории инсонро барои дарёфти ҳақиқат, моҳияти худ нишон медиҳад.

*Ҳар кӣ чун рангинкамон бинад муқаввас тоқҳош,*
*Ҷуз зиҳе чун тир н-ояд дар даҳонаш з-он камон.*
*Ғурфааш чашм асту тоқаш абрувон болои чашм,*
*Бод равшан чашми ӯ аз талъати шаҳ ҷовидон!*

Инсон дар он вақт озод аст, ки аз ғароизи моддии худ, ба қавли Абдураҳмони Ҷомӣ, озод шавад. Дар инсон ду ҷанба: табиӣ ва рӯҳонӣ дар тазоданд ва инсони наку онест, ки ба сиришти маънавии худ такя дорад, пай дар пай неру ва тавоноии худро сарфи он месозад, ки аз побандӣ ба ғароизи табиии худ раҳоӣ ёбад ва ба камолоти инсонӣ бирасад. Роҳе, ки инсон дар ин маврид тай мекунад, аз ду марҳила иборат аст. Марҳилаи аввал, наздикшавӣ ба ваҳдати мутлақ (худ) аст ва дар ин марҳила инсон худро дар оинаи тадбир мебинад ва бо кайҳон айният дорад, микрокосмос ва макрокосмос якдигарро такрор мекунанд, ки аз рӯйи сохт ва аз ҷиҳати таркиб инсон дар ин марҳила зоҳиршавии зебоии ваҳдати мутлақ ва нусхаи олам аст.

*Ин хона чи хона-ст? Парихонаи Чин аст,*
*Пурҳур яке ғурфа зи фирдавси барин аст.*
*Дар обу гил ин лутф тасаввур натавон кард,*
*Аз торами чарх омада бурҷе ба замин аст.*
*Қасри Ирам он, к-аш ба ҷаҳон мисл наёбанд,*
*Гӯянд чунин аст, валекин на чунин аст.*
*Ин буқъа нигин, даври уфуқ ҳалқаи ҳотам,*
*В-ин хонаи пурнақш дар ӯ нақши нигин аст.*
*Пайдост дар ӯ сурати ҳар маънии пинҳон,*
*Гӯё дили равшаншудаи аҳли яқин аст.*
*Аз нури дарун ҳоҷати хуршед надорад,*
*Хуршед буруни вай аз он хокнишин аст [3, с.207].*

Марҳилаи дуюм иборат аз иртиқои инсон ба «инсони комил» ба воситаи зуҳду эътиқод, озодшавии комил аз ғароизи табиӣ ва интиқол ёфтан ва худро дидан дар ваҳдат аст. Дар ин ҷо маҷмӯи зарурияти амалиёти эстетикӣ-халлоқӣ вуҷуд дорад. Халлоқиятӣ сӯфиён, ҳамчунин назари Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам, ба халлоқияти Афлотун монанд аст ва инсони комили Афлотун назарияи инсони комили аҳли тасаввуф мебошад ва роҳи тайкардаи инсонро метавон ин тавр муайян кард: расидан аз инсон ба мусулмон аз

мусулмон ба диндори ҳақиқӣ ва аз диндори ҳақиқӣ ба шахсе, ки аз ғароизи табиии худ озод шудааст. Ба қавли Ҷомӣ, инсони комил ҳусни комил дорад. Ҳусни инсон зебоии зоҳирии ӯ нест, балки нури ботинии ӯст.

*Наълайн ҳар ду кавн кашида зи пои саъй,*
*Мӯсосифат ба Тӯри муноҷот меравад.*
*Моро тавофи кӯи муғон ёд медиҳад,*
*Ҳар ҷо сухан зи сайри мақомот меравад.*
*Ҳар дам балои нафъ сӯи баҳри нестӣ,*
*Дил баҳри шустушӯи изофот меравад.*
*В-он гаҳ даруни завраҳи илло гирифта ҷой,*
*Пок аз ҳама ба соҳили исбот меравад.*

Дар тасаввуф яке аз пояҳои идеявии он таълимоти ваҳдати шуҳуд буд. Яке аз намояндагони аҳли ирфон, ки дар таълимоти ваҳдати шуҳуд ва шохаҳои гуногуни ин таълимот асоси мустаҳакам гузоштааст, ин Боязиди Бастомӣ мебошад. Боязиди Бастомӣ дар оғози суфигарии худ пайрави ваҳдати вуҷуд буд, ки он аз маърифати Ҳақ ва ишқи илоҳӣ бархостааст. Он ки ба маърифати Ҳақ расидааст ва ишқи Ҳақ ӯро фаро гирифтааст, дар ҳама офоқу анфӯс таҷаллии зоти илоҳӣ ва акси ҷамоли худро мебинад.

*Аз мондагон ба зери фалак хӯй боз кун,*
*Беҳҷатсарон унс бурун з-ин мухайям аст.*
*Тадбири кори хеш кай ояд зи одамӣ,*
*Бечора мубталои қазоҳои мубрам аст.*
*Фардои ӯ мувофиқи дӣ хоҳад уфтод,*
*Унвони мо таахара ав мо тақаддам аст.*
*Хоҳӣ сафои сина, вурӯ шӯй лавҳи дил,*
*З-он нақшҳо, ки бар рухи динору дирҳам аст.*
*Майдони мулку мол аҷаб тангарса аст,*
*Ҷастан бурун зи тангии ӯ кори Адҳам аст.*
*Хоҷа ба садри маҷлису муфлис фуруди ӯ,*
*Ин вазъи божгуна ба олам мусаллам аст.*

Ҷомӣ дар ин масъала бо Боязид ҳамфикр аст. Боязиди Бастомӣ акс ва ҷилваи Ҳақро на танҳо дар мавҷудоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии олам мебинад, балки ин ҷилваро дар шахси инсон ҳам пайдо мекунад. Ин ҷилваи Ҳақ дар инсон ба дараҷае мерасад, ки иттиҳоди ошиқу маъшуқ, холиқу махлуқ ба миён меояд. Дар ин иттиҳод «Ман»-и инсон аз байн меравад ва ин «ман» ба ҳақ чунон ҳулул мекунад, ки дар миёна шахси ҷисмонӣ чун мешавад ва шахси илоҳӣ, осмонӣ ба вуҷуд меояд:

*Шояд бубинӣ, он чи бубинад аҳли дил,*
*Бикшо зи пеши дидаи ҷони худ ин ҳиҷоб.*
*Дар касби илм кӯш, ки қалб аз муаллимӣ,*
*Ояд бурун зи мунқазати соири килоб.*
*Беҳтар зи кунҷи мадраса набвад туро паноҳ,*
*З-ин даҳри пурҳаводису чархи пуринқилоб.*
*Масти шароби кибр шудӣ аз хаёли илм,*
*То дар ту оқибат чи хумор орад ин шароб.*
*Гум кардаӣ ба масъалае чанд хешро,*
*Даркаш ба ҷайби фикр сару хешро биёб!*
*Хоҳӣ, ки тавсани фалак роӣ ба зери рон,*
*Исосифат барор хари худ аз ин халоб [7, с.135].*

Инсон махлуқест, ки дар олами мавҷудот, шарифтар ва рӯҳонитар аз ҳама аст. Азбаски Ҳақ таоло рӯҳи худро ба инсон дамидааст, сухан гуфтани ӯ худ як муъҷизаест, ки ӯро болотар аз мавҷудоти ҳайвонӣ мегузорад. Танҳо қудрат ва эъҷози офариниши Худованд аст, ки инсон сухан мегӯяд ва ин сухани ҳақ аст:

*Чун сарири фатҳи авбобаш ҳамеояд ба гӯш,*
*Зоиронро хайрамақдам, сайилонро марҳабост.*
*Сояи Яздон дар ӯ, то зад қадам ҳар бомдод,*
*Меҳри гардун бар ҳарими остонаш чеҳрасост.*
*Дида чарх ин давлат аз вай, бар дараш з-он то саҳар,*
*Дӯхта сад дида ҳар шаб бар умеди тӯтиёст.*
*Ҷомӣ аз ҳад рафт итноби сухан, бигсил таноб,*
*Хаймаи нутқовариро з-он ки ҳангоми дуост.*

Ба ақидаи Азизи Насафӣ, инсони комил касест, ки ҳам қавлаш ҳам феълаш ва ҳам ахлоқаш некуст ва аз лиҳози маърифат ба ҳадди камол расидааст. Чунин шахс ҳам дар

шариату ҳам дар тариқат ва ҳам дар ҳақиқат марди тамом аст ва дар талаби ҳақиқат назар ба тариқати тасаввуфӣ кӯшиши бештаре дорад. Шариат дар назари солик гуфтани анбиёст ва тариқат амалу рафторашон. Ҳар фарде, ки гуфтаи анбиёро тасдиқ кунад, аҳли тариқат аст ва дараҷаи камолоти маънавияш болотар аз ҳар ду бошад, аҳли ҳақиқат ё инсони комил ё худ валист. Пас инсони комил ғояти вуҷуд аст ва ҳама чиз аз вуҷуди ӯ вобастагӣ дорад [8, с.77].

*То бувад нишебат майл чун об аз фароз,*
*Аз гудозиш фориғӣ чун шамъи рӯзи зиндагӣ.*
*Чун расад рӯзат ба шаб, тарсам, ки афти дар гудоз.*
*Гар наёрӣ тоби он к-аз силки мискинон шавӣ,*
*Ҷаҳд кун то баҳри мискинон шавӣ мискиннавоз.*
*Ҳамчу шоҳи комрон мискиннавозӣ кас накард,*
*Ҷои фидои ӯ, ки аз мискиннавозӣ бас накард!*

Ҳамин тавр, солики роҳи тариқат зимни зиндагии иҷтимоиаш ба камолоти ахлоқию маънавӣ расида, вақте ба тафаккури абстрактиаш вуҷуди насабашро чун олами сағир дарк мекунад, ки аз ҷиҳати мантиқию маънавӣ олами кабир ва худро низ дарк намояд. Ан ин рӯ, амали ҳамаи мавҷудотро инсони комил медонад.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар зиндагӣ мушоҳида мекард, ки бархе аз шайхону зоҳидон ва сӯфиён дар зоҳир худро диндору худоҷӯй нишон дода, дар амал танҳо бо гӯшанишинӣ шуғл варзида, ҳунар омӯхтан ва меҳнат карданро барои худ ор медонанд. Шоир фақат он касро инсони комил мешуморад, ки меҳнат мекунад ва бо меҳнати ҳалоли худ зиндагӣ мекунад. Ӯ пайваста талқин мекунад, ки қадри инсон аз рӯйи меҳнатдӯстӣ ва ҳунармандияш бояд муайян карда шавад:

*Қимати мард на аз симу зар аст,*
*Қимати мард ба қадри ҳунар аст.*
*Ай басо банда, ки аз баҳри ҳунар,*
*Қадраш аз хоҷа басо бештар аст.*

Ба андешаи шоир, шахси комил касе шуда метавонад, ки шариат, тариқат ва ҳақиқатро омӯхта, фозилу соҳибҳунар гардад. Пиндори нек, ахлоқи нек, гуфтори нек ва маърифати шахсияти комил хос буда, дар худ нишонаҳои беҳтарини ҳастиро таҷассум менамояд. Мувофиқи таълимоти фалсафии сӯфия, ки яке аз намояндагони номдори он Ҷомӣ мебошад, инсони комил дар зери таъсири муносибатҳои иҷтимоӣ қарор дошта, бо шууру тафаккури худододаш имкон дорад, ки дониши илмиашро сайқал дода, ба камол бирасад ва ба инсон ду навъи комёбӣ хос аст. Аввал ин ки, мисли ҳама ба камоли ҷисмонӣ мерасад, дувум, комёбии махсусе, ки танҳо хосси шахси буда, ба ҳақиқату тариқат комёб шуда метавонад.

Абдураҳмони Ҷомӣ инсон, мақоми волои ӯро, неруи ахлоқ ва зиндагисозии вайро эҳтироми зиёд намуда, кору фаъолият, фикру андеша ва умеду орзуҳои ӯро дар маркази эҷодиёти худ қарор додааст. Дар мероси илмиву адабии ин устод муҳимтарин масоили илмӣ, адабиву динии замони зиндагиаш инъикос ёфтаанд. Ҳангоми мутолиаи ин асар яке аз мавзӯъҳое, ки таваҷҷуҳро бештар ба худ ҷалб мекунад, масъалаи инсондӯстӣ, ғамхорӣ ба инсон, мақоми инсон ва ниҳоят, зарурияти тарбия ва камолоти маънавии он мебошад. Афкори инсодӯстии Ҷомӣ бештар дар маснавиҳои «Ҳафт авранг», «Баҳористон» инъикос ёфтаанд.

Ҷомӣ дар ҷараёни баёни ин мавзӯъ чун тасдиқи дурустии қавлу андешаи хеш ба тарзи тамсил ҳикоёте аз адолат пайравӣ ва инсонпарварии шоҳони гузашта монанди Ардашери Бобакон, Анӯшервон, Искандари Мақдунӣ ва амсоли ононро оварда, диққати шоҳон ва ҳукуматдорони замонро ба мавзуи адлу адолат ҷалб намудааст.

Мутафаккири бузург бар он андеша аст, ки агар вуҷуди маънавии инсон бо зевари хирад ва ахлоқи ҳасана пероста ояд, тан ба бадӣ нахоҳад дод ва саъй хоҳад кард, ки ба сӯйи накуӣ ва хайру саховат хешро раҳсипор гардонад. Абдураҳмони Ҷомӣ чун омӯзгори ботаҷриба оғози омӯхтани илму дониш, касбу ҳунарро аз даврони хурдсолӣ судманд медонад. Ҷомӣ, ҳангоме ки дар бораи инсон ва мавқеи он дар зиндагӣ сухан меронад, ӯро бе дӯстиву рафоқат, пайванд ва ҳамбастагии байни ҳам тасаввур намекунад. Дӯстии пок ва самимиро гарави истеҳкоми ҷамъият, яке аз омилҳои асосии бақои насли инсон ва муҳимтарин меъёри одамият меҳисобад. Ӯ дар таълимоти худ дар бораи пайвандҳои дӯстӣ, шартҳои дӯстӣ, интихоби ёрон, оини вафо ва вафодорӣ як силсила гуфторҳои ҳакимона дошта, назарияи хешро роҷеъ ба чигунагии ёрону дӯстон возеҳ ва равшан баён кардааст. Одамон бо дараҷаи фаҳму дониш, сатҳи огоҳӣ, тарбия, рафтору кирдор, ҷаҳонбинӣ, муносибати ҷамъиятӣ, ҳисси инсондӯстӣ, меҳру отифа ва дигар хислатҳои

инсонӣ гуногун мебошанд, ҳама дар як сатҳ ва дар як вазъу ҳоли қарор надоранд ва бо хусусиятҳои хосси худ аз ҳам тафовут доранд. Масъалаи дигаре, ки дар таълимоти гуманистии шоир ба назар мерасад, ин накуӣ ва накукорӣ мебошад. Накуӣ, накукорӣ ва некномӣ аз сифоти ҳасанаи инсон, ҷавҳари одамият, ба ҳисоб меравand. Ҷомӣ чун муаллими ахлоқ, омӯзгори ростқавл одамонро ба касби номи нек даъват намуда, махсус таъкид месозад, ки ягона ёдгорие, ки баъд аз марг боқӣ ва зинда хоҳад монд, ҳамин номи нек мебошад. Инсоне, ки Ҷомӣ дар парвариши вуҷуди маънавии ӯ ин қадар саъю кӯшиш ба харҷ додааст, бояд ҳақшинос, сипосгузор бошад. Чун шахси пешқадам, мутафаккири инсондӯст ва муаллими ахлоқи ҳамида ва одоби писандида Абдураҳмони Ҷомӣ қабоҳатҳои ҷомеаи ситамгар ва нуқсонҳои маънавии афроди башариро ҳамчун сарчашмаҳои бадӣ, ки вахшонияти иҷтимоиро меафзуданд, дарк карда, одамонро бо роҳи насиҳат, тарғиби сифатҳои хуб ва мазаммати хислатҳои бад мехоҳад, ки дар тарғиби ахлоқи ҳамида ва баркандани решаи ахлоқи разилаи одамон кӯмак расонад. Ҷомӣ ба василаи парвардани сифатҳои нек ва барҳам додани хислатҳои зишт дар вуҷуди шахс мехост инсони комилро ба воя расонад.

Хулоса, ба андешаи шоир, инсон бояд гавҳари худ, қадру қимати худро бишиносад ва ҳифз намояд. «Қадршиноси гуҳари хеш бош» гуфтани Ҷомӣ даъват ба гиромидошти номи баланди инсонӣ ва эҳтироми шаъну шарафи одамӣ мебошад. Инсон аз назари ӯ чун зубда ва хулосаи офариниш аст, кибояд дар зиндагӣ мақоми волои инсонии худро ба ҳар васила қадр ва ҳимоят намояд ва ҳамвора дар такомули хеш ҳушёр бошад, то мақоми инсони комилро дарёбад. Чунин таваҷҷуҳ ба олами маънавии инсон, саъю кӯшиши такмил ва ободонии ҷаҳони ботинии он яке аз нишонаҳои дигари инсондӯстӣ ва инсонпарварии ин шоири бузургвори мост. Ба қавли Ҷомӣ инсон илова бар дигар фазилатҳо, бояд дили бедор, замири огоҳ дошта бошад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. – Душанбе: Адиб, 1987.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз 8 ҷилд. Ҷилди 3. –Душанбе, 1985.
3. Абдураҳмони Ҷомӣ. Фотиҳат-уш-шубоб.– Теҳрон, 1479. Девони 1. Қисми аввал.
4. Абдураҳмони Ҷомӣ. Замони зиндагӣ, ҳаёт ва эҷодиёт. – Душанбе: Ирфон, 1965.
5. Алишер Навоӣ. Хамсат-ул-мутаҳайирин. – Душанбе: Адиб, 1989. -96 с.
6. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989.
7. Расул Ҳодизода Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1999.
8. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. – Душанбе: Маориф, 1988.


## ИНСОНИ КОМИЛ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ


Масъалаи инсони комил ва мақоми он дар ҷомеа яке аз масоили ҷолиби диққат буда, таваҷҷуҳи файласуфону адибони даврахои мухталифро ба худ ҷалб намудааст. Масъалаи инсон чун асли назарияи антропологӣ дар фалсафаи машшоъ, ишроқ мавқеи муайяне дошта бошад ҳам, он дар тасаввуф мавқеи хосе пайдо кардааст, алалхусус назарияи «Инсони комил», моҳияти антропологияи суфизмро ифода мекунад. Дар мақола таълимоти "инсони комил"-и Ҷомӣ аз нуқтаи назари ирфонӣ матраҳ шудааст, ки асоси онро таълимоти тасаввуф ташкил медиҳад. Идеяи суфизм-инсони комилро, агар ҷиҳати мистикии он сарфи назар карда шавад, дар се ҷиҳат; фиқҳӣ, дарки фалсафӣ ва ахлоқӣ ба назар мегирад. Моҳияти инсон дар партави ақоиди ахлоқӣ, яъне амалҳое, ки инсон анҷом медиҳад, тарзи ҳаёт ва зиндагӣ, муносибат бо одамон ва ҷомеа, ҳамчунин дар асоси креатизми маърифатии ваҳдат-ул-вуҷуд ва назарияи онтологии моҳияти инсон, ки одатан барои шуури диндорон қариб бетаъсир аст, ифода мешавад. Вале дар муҳите, ки меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, яъне таълимоти фиқҳӣ амал мекунанд ва арзиши умумӣ доранд, шакли дарки фалсафӣ-антропологӣ аҳамияти зиёди илмӣ пайдо мекунад. Дар ақоиди Абдураҳмони Ҷомӣ ду чиз ба таври ошкоро намудоранд ва омезиш ёфтаанд, ин ақоиди фиқҳӣ доир ба қонунмандии рафтори инсон ва назарияи тафовути инсони комил аз «инсони комил», ки ба ахлоқи созанда ва гуманистӣ такя мекунад.



**Калидвожаҳо:** Абдураҳмони Чомӣ; инсони комил, тасаввуф, антропология, Нақшбандия, мақом, Ваҳдати вучуд, ирфон.


## СОВЕРШЕННЫЙ ЧЕЛОВЕК В ФИЛОСОФСКОМ УЧЕНИИ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ


Джами является одним из последователей суфизма и в свое время был последователем накшбандии Ходжа Баховид-Дин Мухаммед Бухари. Однако он не был простым последователем ордена Накшбандия и внес огромный вклад в его развитие. Абдурахман Джами сделал всё, чтобы орден накшбандия не выходил за рамки религии ислама. Проблема "совершенного человека" сегодня является одной из основных проблем современности и привлекает к себе взгляды многих философов и политических деятелей. Проблема человека как основная теория антропологии перепатетизма, мистики занимаеть особое место и в учении суфизма, в том числе в теории "совершенного человека". В статье учений Джами о "совершенном человеке" рассматривается с точки зрения мистики, которая является основой учения суфизма. Идея суфизма о совершенном человеке, если не иметь в виду мистическое учение, включает три вида философское, этическое и социальное учений (фикх). Сущность человека на основе этического учения теории "совершенного человека"- е понимается Джами как креатизм познания "вахдат-ул-вуджуд" и онтологическая теория человека. По мнению Джами, для определения сущности человека существует два понимания: человек как часть общества, который действует по законам "фикх"-а, и как совершенный человек.



**Ключевые слова:** Джами, орден, Накшбандия, суфизм, совершенный человек, мистицизм, «Вахдат-ул-

вуджуд», антропология.


**THE PERFECT MAN IN THE PHILOSOPHICAL DOCTRINE OF ABDURRAHMAN JAMI**

Jami is among the followers of Sufism, and at one time profit follower naḱshbandiya and Hodge Bahoviddin Mohammed Bukhari. However, it does not profit a simple follower of the Order Naḱshbandiya and made a huge contribution to its development. Abdurahmon Jami did everything to Order naḱshbandiya not part of the scope of the religion of Islam. The problem of "perfect man" currently is one of the main issues in modern world and grasps several philosophers and educators' attentions. Human problem as a main part of reverence philosophy and mysticism takes the special part in sufizm doctrine, as well as in the theory of " perfect man ". The scientific article of Jami about " perfect man" is focused on mystical point of view, which is considered the main issue of sufizm doctrine . The idea of sufizm about perfect man if we don't take into consideration mystical doctrine, is devided in three forms: philosophical, ethical and social studying . The essence of human being in the bases of ethical studying in the theory of " perfect man " by Jami focused on creatism of noesis " vahdat-ul-vujud " and ontological theory of a person. In Jami's opinin there are two comprehensions exist for defining human essence: human as a part of society who acts through " fiq's " law, and as a perfect man.



**Key words**: Jami, orden, Naqshbandiya, Sufizm, perfect man, mysticism, "Vahdat-ul- vujud", anthropology.



**Сведение об авторе:** ***Ашурзода Навруза*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры онтологии и теории познания философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935879111**

**Information about the author**: ***Ashurzoda Navruza*** – Tajik National University, graduate student of the department of ontology and knowledge theory of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel **.: 935879111**



**УДК : 1/14 : 159.9(575.3)**


# СОБЫТИЙНАЯ СТРУКТУРА СУБЪЕКТИВНОЙ КАРТИНЫ ЖИЗНЕННОГО ПУТИ ЛИЧНОСТИ


***Шахнозаи Саъди Табари***

**Таджикский национальный университет**


Как показывают многолетние исследования в этой области психологии, субъективная картина жизненного пути – это сложное и многоаспектное психическое явление, которое все еще требует изучения его сущности. Изучая базовые источники данной темы, которые традиционно рассматриваются в работах большинства ученых, можно обнаружить фундаментальные структуры СКЖП. Одной из важнейших структур и источником формирования и отражения картины жизненного пути являются события. Прибавление опыта и навыков, активное действие субъекта жизни, взаимодействие двух миров (внешнего и внутреннего мира), изменения внутреннего состояния и внешнего обстоятельства формируется на основе жизненных событий, которые в свою очередь способствуют иному отражению жизненного пути в будущем.

По мнению С.Л. Рубинштейна, событие – это «…узловые моменты и поворотные этапы жизненного пути индивида, когда с принятием того или иного решения на более или менее длительный период определяется жизненный путь человека»[6, с.684].С.Л. Рубинштейн связывает события жизни с собственной активностью человека. Но бывают события, происходящие по не зависимым от самого субъекта причинам. С событиями связаны коренная перестройка характера, изменения направления или темпа развития личности. Понимание сущности событий во многом определяет понимание природы самого жизненного пути в целом [4].

Вся человеческая жизнь запечатлена в виде каких-либо событий, то есть, если мы воспроизводим в памяти происходящие в прошлом моменты нашей жизни, то определенно проявляется картина зафиксированных в ней событий. Используя прошлые произошедшие события как жизненный опыт, мы создаем наше настоящее и обусловливаем ход своей жизни. Таким же образом, события затрагивают и наше будущее. Будущее всегда присутствует в нашем настоящем, так как мы строим его с предварительными представлениями о нем. В наше представление входят те запланированные цели, планы, идеи и транспективы будущего, которые формируются на основе прошлых и настоящих событий и образуются в качестве событий будущего.

Понятие «событие» в общефилософском понимании имеет широкий спектр толкований: как природное явление, событие историческое, психобиографическое, мировое, как событие в статусе происшествия или случая (событийность повседневного опыта) [5].

По хронологии события можно разделить на прошлые, события настоящего и будущие.

По жизненным сферам, к которым могут принадлежать события: события деловой, семейной, дружеской сферы, досуговые события и события, относящиеся к внутреннему миру человека и его здоровью. В зависимости от выраженности последствий события разделяются на имеющие позитивные и негативные последствия. По степени значимости события можно разделить на значимые (значительные), события малой и умеренной значимости (Коржова Е.Ю. 2007.). По времени протекания выделяются мгновенные, средние по продолжительности и долго текущие события (либо короткие и длительные) [1; 6].Предварительное планирование, транспективы и антиципации, создание образов будущего образуются за счет жизненных событий. То есть, можно считать, что события является основанием для построения предстоящий жизни. Если личность переживет события негативного характера (которая была для нее важна), картина жизненного пути воспринимается смутно и неясно, ориентация будущих планов и надежд теряет свое значение. В том случае, когда событие имеет позитивный характер, личность станет активно планировать дальнейшую жизненную программу.

В основном в памяти человека сохраняются те события, которые по степени значимости являются важными и в свою очередь может стать источником формирования дальнейшего жизненного пути. События, которые особо воздействуют на ценностные черты личности, могут заметно изменить представления личности об образе жизненного пути. События, имеющие малую и умеренную значимость, долго не сохраняются в памяти и могут служить для построение недалекого будущего образа жизни. По времени протекания события бывают длительными и короткими, с одной стороны, с причинно – объективными положениями, с другой стороны, длительные события могут быть связаны с негативным характером события, то есть периодически человек воспринимает и переживет негативные ситуации долговременно, из-за того что оно носит не- приятное и отрицательное свойство.

Е.И. Головаха и А.А. Кроник выделяют семь сфер событий жизни: природы, общества, семьи, работы и учебы, внутреннего мира (чувств, переживаний), досуга, здоровья. При выделении событий сферы общества и природы в СКЖП, имеются в виду, события, которые относятся к событиям общества или природы и одновременно являются личными событиями в жизни человека. Например, «война», «землетрясение» и т.д. В разных исследовательских целях можно выделить и другие более детализированные сферы событий. По нашему мнению, в этих семи сферах выделены основные сферы жизнеосуществления человека [8]. С рождения до смерти человек окружен событиями, имеющими отличительный характер, и эти отличия в основном связаны с тем, что личность в процессе жизни имеет отношения с разными сферами жизнедеятельности. С момента формирования у человека структуры личности (развитие сознания и самосознания) он начинает посещать общественные места, вступает в различные социальные отношения и занимается определенной деятельностью в процессе чего окружается и сталкивается с различными по характеру событиями. События, происходящие во внешнем мире, воздействуют на внутренний мир и пробуждают в нем определенные чувства и впечатления и зарождают внутренние события.

Логинова Н.А., определяет события как «случай, факт жизни, имеющий существенные последствия для ее дальнейшего хода, кладущий начало новому образу жизни, перестройке внутреннего мира и социального поведения личности, иначе говоря, переломный момент в ней» [3]. Автор характеризует событие как изменяющее и придающее новое значение образу жизни, в ходе которого человек приобретает жизненный опыт, формируется более глубокое осмысление жизни и открываются новые стороны обоснования жизненной программы.

Но можно отметить и то, что в процессе жизни иногда происходят события, которые заумедляют или приостанавливают процесс построения будущих жизненных планов, целей, надежд и т.п. То есть, происходящие в жизни события являются не только фактором насыщенности, но и фактором регресса построения жизни.

Ш. Бюлер выделила элементарную структурно-функциональную единицу жизненного пути личности - жизненное событие –«единичное изменение, происходящее в обстоятельствах жизни человека» [2].

Со стороны кажется, что жизненный путь отражается отдельными событийными явлениями, но он безусловно отражается целостным изображением, то есть каждое проявляющееся событие связано с предыдущими событиями, опытом, с временными (прошлое, настоящее и будущее) представлениями о самой жизни. Сама жизнь состоит из ряда событий, в которых реализуются или не реализуются запланированные цели, надежды и планы. Поэтому человеку необходимо заранее установить для себя возможность или исключение их реализации. Во многих случаях события разрушают многолетние планы и надежды, что несомненно отражается на личностных особенностях. И наоборот, иногда событие дает возможность

достичь жизненных целей и планов.

Согласно М.Ё. Шариповой, события принадлежат к различным сферам, но иногда одно событие может принадлежать сразу к нескольким сферам. События могут принадлежать к различным временным периодам жизни человека, репрезентируя в индивидуальном сознании прошлое, настоящее, либо будущее (предполагаемые, конструируемые события) [9].

С физиологической и с психологической точки зрении, в зависимости от возраста человек склонен к особым потребностям, желаниям и целям, занимается ведущей деятельностью, присущий определенному возрастному периоду, имеет различные понятия и отношения об окружающей действительности. Эта закономерность показывает на то, что жизнь личности во многих случаях составляют отличающие по характеру события, детерминированные возрастом, социальным развитием и индивидуальным сознанием и в то же время они могут быть связаны друг с другом.

world civilization and presented their didactic ideas and pedagogical views on the harmonious development, training and education of the individual, which are relevant to this day. The author of the article, analyzing socio-philosophical and historical-pedagogical sources, argues that many universal ideas about justice, humanism, a perfect person, put forward by them, have retained their relevance and to this day the legacy of Tajik-Persian thinkers has become not only a part of Tajik pedagogical thought but also the world. Also, the article presents specific examples of didactic ideas, pedagogical thought, and moral and ethical teachings of Tajik-Persian thinkers, and the author of this article proves the necessity of connecting generations and reviving past experiences and traditions in educating and educating the young generation and their educational process. in modern educational institutions.

**Keywords:** national tradition, historical connection, didactic ideas, pedagogical thoughts, harmonious development, moral and ethical views, morality, spirituality, intellectual potential, individual teaching method, educational process, individual characteristics.

**Сведения об авторе:** ***Каримзода Мирзо Бадал*** – Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, кандидат филологических наук, заместитель директора. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. Телефон. **(992) 90 085 35 35**, E.mail: **takmil-bbk@mail.ru**

**Information about the author:*Karimzoda Mirzo Badal*** - Institute for Educational Development named after Abdurahmon Jomi of the Academy of Education of Tajikistan, Candidate of Philology, Deputy Director.
**Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 45 C. AiniSt.. tel:. **(992) 90 085 35 35**, E.mail: **takmil-bbk@mail.ru**

**УДК: 811.161.1**

# ФОРМИРОВАНИЕ РЕЧЕВОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ЮНОШЕСТВА КАК УСЛОВИЕ СОЦИАЛИЗАЦИИ

***Пирожкова М. А.***
**Челябинский государственный институт культуры**

Важнейшую роль в жизнедеятельности человека играет речь, которая выступает способом изучения окружающего мира, передачи активного мышления личности, формирования и развития ее взглядов, принципов и убеждений. Речь является средством коммуникации, связи поколений, определения степени развития духовности и общей культуры личности, а отсутствие речевой деятельности влечет набор определенных трудностей во всех сфера жизнедеятельности человека: экономической, социальной, политической, трудовой, духовной и т. д.

Одним из условий успешной социализации юношества необходимо считать не просто владение речью, знание звуков, слов и словосочетаний, а грамотное, продуктивное использование речевых возможностей, которое соответствует требованиям, предъявляемым к высокообразованному и компетентному представителю современного общества.

К актуальным проблемам современного общества в целом и образовательной системы в частности М. П. Манаенкова относит формирование речевой компетентности. Проблема, сформулированная исследователем, состоит в том, что изучением языка как средства общения ученые и практики занимаются на протяжении многих лет, в то же самое время процессу общения юношества с использованием этого средства практически нигде не обучают [3, с. 31]. Известно, что школьная образовательная система, а также система средне-специального и высшего образования по многим специальностям не включают такие учебные предметы как «Основы коммуникативной культуры», «Культура речи» и т. д. В учебной деятельности это приводит к сложностям в написании сочинений, умении выражать свои мысли, формулировать предложения, а обучение периодически сводится только к освоению орфографии и пунктуации.

Особенно актуальна данная проблема в отношении юношества. Как отмечает В. С. Русанова, юношество, являясь завершающим этапом первичной социализации личности, выполняет главную социальную задачу данного возраста – формирование психологической готовности человека к вступлению во взрослую жизнь. Данному возрастному периоду свойственно определение будущей профессии, потребность в трудовой деятельности, владение трудовыми навыками, способность ориентироваться в разных формах человеческого сознания, а также необходимость в общении и поиск способов его выстраивания [4, с.5].

Успешная социализация в период юношества возможна, в первую очередь, при качественном включении личности в коммуникативно-информационный процесс. Следует отметить, что формирование коммуникативно-речевых качеств личности в период юношества происходит в условиях сложной культурно-речевой ситуации, сложившейся в современной России. К данным условиям мы относим:

1. Существенные, а порой и резкие перемены в социальной и культурной

жизнедеятельности населения способствуют кардинальной трансформации в языке, особенно в его лексическом составе, появлению новых слов и словообразований, фразеологизмов, которые выражают отношение к современным явлениям и событиям в стране и обществе. Одной из черт, характерных современному русскому языку является архаизация или историзация слов, демонстрирующие исчезновение из нашей жизни реалии (передовик, агитбригада, лагерь социализма, битва за урожай и т. д.). Также к характеристикам современного речевого содержания юношества можно отнести семантические сдвиги, выражающиеся в расширении значения некоторых слов; слова-заимствования; высокий уровень жаргонизации; изобилие сленга; эвфемизация речи.

2. Низкий уровень общей культуры общества в целом и отдельных его представителей, обладающих определенным авторитетом у юношества, в частности, демонстрирующих словесные штампы, неясность, невнятность, невыразительность, неточность речи. Отсутствие речевой компетентности медийных и публичных людей, которые должны выступать ориентиром для молодежи в формировании лексикона личности, способствует развитию невысокого уровня культуры общения юношества. Примером этому может, служить популярный сейчас феномен блоггерства, при котором становится нормой использование популярными личностями фамильярно-разговорной речи.

3. Одним из наиболее популярных среди юношества способом времяпрепровождения на протяжении последнего десятилетия является посещение сети Интернет, социальных сетей и т.д., которая изобилует речевыми «вирусами»: от жаргонизмов и американизмов до нецензурных выражений и неоправданных сокращений («ок», «спс», «имхо» и т. д.). Несомненно, данные обстоятельства способствуют снижению качества речи, появлению речевых затруднений юношества при общении на официальном, деловом уровне и в разных сферах жизнедеятельности (учебной, трудовой, личной и т. д.).

4. Важнейшим условием социализации людей юношеского возраста является и их досуговое общение. Исследуя методологию, теорию, технологии досугового общения, Т. П. Степанова утверждает, что досуговые контакты, предметные поводы общения субъектов в свободное время характеризуется разнообразием, имеющим как конструктивную, так и деструктивную направленность. Ценностная неопределенность досугового общения, с одной стороны, и исключение жестких указаний, давления со стороны педагога на участников данного процесса – с другой, обусловливают необходимость решения вопроса об основаниях связи человека с человеком, а также поиска оптимальных способов организации досугового общения. Досуговое общение людей юношеского возраста опосредуется его культурным наполнением, которое в контексте исследования конкретизируется дефиницией культурный смысл, наиболее адекватно отражающей плюральность предметных поводов общения, ставящей перед теорией и практикой социально-культурной деятельности педагогическую задачу возвышения культурных потребностей, развития и консолидации участников данного процесса [5, с. 16].

Наличие этих проблем делает задачу формирования речевой компетентности юношества еще более актуальной, требует обновления подходов, содержания, форм и методов. Становится необходимой организация упорядоченных, систематизированных действий, направленных на развитие данного качества юношества в современных условиях.

Речевой компетентностью мы называем комплекс глубоких, основательных знаний, умений, навыков успешного, беспроблемного речевого действия в различных коммуникативно-информационных условиях.

Очевидно, что одним из условий достижения данной компетентности является грамотно сформированная речевая деятельность, которая обусловливает развитие личности, способствует успешной социализации юношества.

Для решения данной проблемы целесообразно рассмотреть составляющие и критерии речевой компетентности, педагогические условия, способствующие повышению эффективности процесса формирования речевой компетентности, выбор методов формирования речевой компетентности и разработку инструментов формирования речевой компетентности.

К составляющим речевой компетентности А. В. Косенко относит:

- языковые знания – владение и понимание человеком необходимых знаний языковой системы, структуры современного русского языка, понимания существующих в русском языке и реально действующих норм и правил;

- речевые умения и навыки, демонстрирующие уровень владения человеком речевых ресурсов в зависимости от обстоятельств и сфер деятельности, от бытового до официально-делового, профессионального и научного [2, с. 127].

К критериям сформированной речевой компетентности юношества Л. А. Волкова относит:

- общая речевая развитость («правильная речь»);
- высокий уровень речевой толерантности и контроля, способность разрешать конфликты;
- способность ведения вербального и невербального обмена информацией;
- способность организации и включения в речевой процесс других сообществ, ведения эффективных диалогов и полилогов;
- способность включения в речевое содержание предметных речевых средств [1].

К педагогическим условиям формирования речевой компетентности юношества как условия социализации в обществе мы относим:

- индивидуальный подход;
- создание положительной речевой среды;
- профессионализм педагога и высокий уровень его речевой культуры.

Обращаясь к детализации исследуемого вопроса, нами уточнено, что личность в юношеском возрасте должна обладать следующими навыками:

- навык формулирования вопросов;
- навык формулирования определения чего-либо;
- навык формулирования аргументов;
- навык составления текстов, различающихся по типу (справочного, инструкционного характера, резюме, договоров и т. д.), используя речевые средства предметного и межпредметного характера;
- навык этичного ведения диалогов и полилогов;
- совершенствование ранее сформированных умений.

Не менее важным в формировании речевой компетентности являются методы. Метод личностно-ориентированного обучения можно считать ведущим из методов, его ключевыми характеристиками является то, что объект и форма деятельности, а также форма демонстрирования полученной информации определяется самим учащимся. К важнейшим методам обучения при формировании речевой компетентности мы относим и стимулятивно-мотивационный метод. Вышеназванные методы формируют основание для третьего метода формирования речевой компетентности – проектно-исследовательского, к функциям которого относится формирование речеведческих навыков.

К относительно новым, но популярным сегодня методам мы относим методы с применением информационных технологий. В современном образовательном пространстве данные методы становятся неотъемлемой частью образовательного процесса, в том числе при формировании речевой компетентности. IT-технологии применяются при реализации таких методов как иллюстративно-наглядный (учащийся могут обсуждать, комментировать увиденное, предлагать дополнения и варианты исправления недочетов; происходит понимание личностью текста, вычленение главного, планирование и проектирование) и создание индивидуального электронного продукта. При реализации второго метода самостоятельная работа учащегося требует не только знаний технических программ, но и наличие различных речевых умений для поиска и сбора информации, ее систематизации и представления.

Среди многообразия форм образовательной и социально-культурной деятельности, направленной на формирование речевой компетентности выделим ряд форм, наиболее эффективно используемых в данном процессе. К ним относятся: заочные экскурсии, skype-конференции, составление вопросов для интервью и интервьюирование, подготовка публикаций для средств массовой информации, защита работ, составление викторин, кроссвордов, подготовка речи-представления и т. д. Данные формы деятельности требуют от личности юношеского возраста развития навыков поиска и наблюдения, формулирования и записывания результатов своей деятельности, оценки своего состояния и чувств, что позволяет им не только четче разобраться в собственных ощущениях, но и увидеть и проанализировать ошибки, навыки коммуникации. Поскольку устную и письменную речь как типы речевой деятельности характеризует реализация и воспроизведения высказывания, которые обуславливает ситуация общения.

К инструментам формирования и развития речевой компетентности юношества Л. А. Волкова относит:

- коллективное речевое взаимодействие (совместная работа по написанию текстов различных типов, подготовка аргументации «за» и «против», составление материалов описательного характера и т. д.) беседа, обсуждение дискуссионного характера;
- эффективная информационная работа по подготовке, редактированию, анализу, интерпретированию, оценке материалов информационного характера (публикации), подготовка информационных материалов к изданию;
- проведение публичных презентаций, экскурсий, социально значимых событий с целью развития коммуникативных навыков, навыка информационных, протокольно-этикетных, развлекательных, убеждающих выступлений.
- проведение интеллектуальных тренировочных занятий: головоломок, интеллектуальной игры «Квиз-плиз», логических задач, проектирование и реализация культурно-досуговых событий, программ, акций, направленных на развитие воображения, фантазии, оригинальности мышления, творческих способностей, способности к преобразовательной деятельности и т. д. [1].

Применение данных инструментов при формировании речевой компетентности способствует развитию таких качеств юношества, как:

- мобильность – способность к краткой, но конкретной передаче информации о чем-либо; краткому изложению определенной задачи или закономерности;
- навык критического мышления – способность формировать суждения, которые требуются для того, чтобы анализировать происходящие события и окружающие личность вещи, с учетом обоснования выводов и формулирования их оценки и интерпретации;
- способность к творчеству, креативности мышления и речи;
- способность к системному анализу – научному методу познания, который способствует установлению связей между различными структурными элементами исследуемого предмета;
- способность к аргументированию;
- стремление к саморазвитию.

Современный этап развития российского общества требует от образовательной системы и социокультурной сферы профессионализма педагога, деятельность которого должна способствовать развитию креативности, гибкости мышления, лидерства, коммуникативной ответственности юношества, а также направлена на их профессиональное становление, налаживание и поддержание личных контактов, что, несомненно, невозможно без сформированной речевой компетентности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Волкова, Л. А. Развитие и тренировка речевых компетентностей старшеклассника средствами учебных предметов [Элект. ресурс] / Л. А. Волкова. – Режим доступа: http://www.lms.eduportal44.ru/NewKoiro/obrazov_det/DocLib6/Развитие%20%20и%20тренировка%20речевых%20компетентностей%20средствами%20предмета.pdf (Дата обращения: 09.11.2018 г.)
2. Косенко, А. В. Речевая компетентность как условие социализации человека в современном обществе / А. В. Косенко // Материалы IX Междунар. науч.-метод. конф. «Современная языковая ситуация и совершенствование подготовки учителей-словесников». – Воронеж, 2012. – С. 126-130.
3. Манаенкова, М. П. Речевая компетенция в контексте личностно-профессиональных компетенций студента / М. П. Манаенкова // Гаудеамус. – 2014. – № 1 (23). – С. 28-32.
4. Русанова, В. С. Детство. Отрочество. Юность / В. С. Русанова. – Челябинск, ЧГАКИ, 2004.- С.126
5. Степанова, Т. П. Диверсификация досугового общения: методология, теория, технологии / Т. П. Степанова; Челяб. гос. акад. культуры и искусств. – Челябинск, 2011. – 379 с.


## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТНОКИИ НУТҚИИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ШАРТИ ИҶТИМОИШАВӢ


Дар мақола муносибатҳо нисбати муайянсозии мафҳуми «салҳиятнокии нутқӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Вазифаи асосии иҷтимоии ҷавонон пешниҳод гардидааст. Муаллиф маҷмӯи шароитҳоеро, ки барои ташаккули м салоҳиятнокии нутқии ҷавонон зарур аст, асоснок кардааст. Дар мақола архаизатсияи калимаҳо ба сифати яке аз хусусиятҳо, ки барои забони муосири русӣ хос аст, баррасӣ мегардад. Муаллиф сатҳи пасти салоҳиятнокии нутқии ҷавононро ошкор намудааст, ки бо бартарии қолибҳои калимавӣ, номуайяниҳо ва нофаҳмиҳои нутқ исбот карда шудааст. Истифодабарии шабакаи Интернет ба сифати шакли асосии вақтгузаронӣ ҳамчун омили асосие, ки ба пастравии сифати нутқи ҷавонон мусоидат менамояд, муайян карда шудааст. Муоиширати фароғатӣ ҳамчун шарти иҷтимоишавӣ дар ҷомеа баррасӣ гардидааст. Муаллиф таркибдиҳандаҳои салоҳиятнокии нутқиро мухтасар ифода намудааст. Ба онҳо муаллиф донишҳои забонӣ ва маҳорату малакаҳои нутқиро нисбат медиҳад. Тавсифоти ҳолати муосири фарҳангӣ – нутқӣ дар Россия дода шудааст. Шартҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии нутқӣ тавсиф гардидаанд. Маҳоратҳое номбар гардидаанд, ки шахсият дар синну соли ҷавонӣ бояд дорои онҳо бошад. Дар мақола маҳакҳои ташаккулёбандагии салоҳиятнокии нутқии ҷавоно муайян карда шуда, фишангҳои рушд ташаккул ва инкишофи салоҳиятнокии нутқии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.



**Калидвожаҳо**: салоҳиятнокии нутқӣ, ҷавонон, муносибат, салоҳиятнокӣ, ташаккул**,** метод, методи таълими

шахсиятӣ – тамоюлнок, методи ҳавасмандгардонӣ - ангезавӣ методи лоиҳавӣ – таҳқиқотӣ, методҳо бо истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ, қобилият, маҳорат, иртиботнокӣ, фишанг, муошироти фароғатӣ..

**ФОРМИРОВАНИЕ РЕЧЕВОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ ЮНОШЕСТВА КАК УСЛОВИЕ СОЦИАЛИЗАЦИИ**

В статье рассмотрены подходы к определению понятия «речевая компетентность». Дано определение понятия «юношество». Представлена главная социальная задача юношества. Автором сформулирована совокупность условий, необходимых для формирования речевой компетентности юношества. В статье рассматривается архаизация (или историзация) слов в качестве одной из черт, характерных современному русскому языку. Автором выявлен низкий уровень речевой компетентности юношества, доказанный наличием словесных штампов, неясностей, невнятности, невыразительности, неточности речи. Определено посещение сети Интернет в качестве ведущего времяпрепровождения юношества как ведущего фактора, способствующего снижению качества речи юношества. Рассмотрено досуговое общение как условие социализации в обществе. Автором сформулированы составляющие речевой компетентности. К нам автор относит языковые знания и речевые умения и навыки. Дана характеристика современной культурно-речевой ситуации в России. Охарактеризованы педагогические условия формирования речевой компетентности. Перечислены навыки, которыми должна обладать личность в юношеском возрасте. В статье определены критерии сформированности речевой компетентности юношества. Изучены инструменты формирования и развития речевой компетентности юношества.

**Ключевые слова:** речевая компетентность, юношество, подход, компетентность, формирование, метод, метод личностно-ориентированного обучения, стимулятивно-мотивационный метод, проектно-исследовательский метод, методы с применением информационных технологий, способность, навык, коммуникативность, инструмент, досуговое общение.

**THE FORMATION OF SPEECH COMPETENCE OF YOUTH AS A CONDITION OF SOCIALIZATION**

The article discusses approaches to the definition of the concept of “speech competence”. The definition of the concept of "youth" is given. The main social problem of youth is presented. The author has formulated a set of conditions necessary for the formation of youth speech competence. The article deals with the archaization (or historization) of words as one of the features characteristic of the modern Russian language. The author identified a low level of speech competence of the youth, proved by the presence of verbal cliches, ambiguities, slurredness, inexpressiveness, inaccuracy of speech. It has been determined to visit the Internet as the leading pastime of the youth as the leading factor contributing to the decline in the quality of speech of the youth. Considered leisure communication as a condition of socialization in society. The author formulates the components of speech competence. We are the author refers to the language skills and speech skills. The characteristic of the modern cultural and speech situation in Russia is given. The pedagogical conditions of the formation of speech competence are characterized. Lists the skills that a person should have in adolescence. The article defines the criteria for the formation of youth speech competence.

**Key words:** speech competence, youth, approach, competence, formation, method, method of personality-oriented learning, motivational method, design and research method, methods using information technology, ability, skill, communication, tool, leisure communication.

**Сведения об авторе**: ***Пирожкова Марина Анатольевна*** - Челябинский государственный институт культуры, старший преподаватель кафедры социально-культурной деятельности. **Адрес:** 454091 город Челябинск, улица Орджоникидзе, 36 А, E-mail: **pirozhkova.m@mail.ru**

**Information about the author**: ***Pirozhkova Marina Anatoljevna*** **-** Chelyabinsk State Institute of culture, Senior Lecturer, Department of socio-cultural activities. **Adress:** 454091, the city of Chelyabinsk, Ordzhonikidze Street, 36, E-mail: **pirozhkova.m@mail.ru**

**УДК 802.0**

# КОРИ МУСТАҚИЛОНА – ВОСИТАИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ҲАМАҶОНИБАИ ДОНИШҶӮЁН (ДАР МИСОЛИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ)

***Гадоев К.Х., Аҳлиддини А.***

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Пешрафти технологияи муосир дар аввали асри XXI аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз инсоният аз донишҳои андӯхтаю таҷрибаи чандинасрааш самаранок истифода карда истодааст. Таҳлилҳо низ нишон медиҳанд, ки рушди технологияҳои инноватсионӣ дар оянда низ суръат гирифта, дигаргуниҳои куллиро дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, алалхусус, дар самти илму маориф ба бор меоранд. Ин дигаргунӣ ҳар яки моро водор месозад, ки нигоҳ ва муносибати худро ба омӯзиши илмҳои муосир тағйир диҳем. Аз муассисаҳои томактабӣ сар карда то ба мактабҳои олии касбӣ ҷараёни таълим навгонӣ талаб мекунад.

Таҳияи консепсия ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба рушди зинаҳои гуногуни таҳсилот аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи онҳо аз

ҷониби Ҳукумати мамлакат шаҳодати он аст, ки соҳаи маориф ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки мамлакат эътироф ва ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор мегирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи низоми кредитии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурии соҳаи маориф ба роҳ монда шудааст. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар назди муҳассилине, ки илм меомӯзанд, тахассус мегиранд ва дар оянда худро ҳамчун мутахассиси босалоҳияту касбӣ нишон доданианд, талаботҳои худро пеш мегузорад. Ҳар як донишҷӯ ин талаботҳоро аз рӯйи дарку фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва тафаккураш ба таври инфиродӣ қабул намуда, онҳоро иҷро мекунад ва дар асоси ин талаботҳо таҳсили илм менамояд. Ҷавобгӯ будан ба ҳама талаботҳои мактаби олӣ кафолат медиҳад, ки шахс ҳамчун мутахассиси касбӣ тайёр шуда, дар бозори меҳнат рақобатпазир мегардад.

Яке аз талаботҳое, ки низоми таҳсилоти олии замони муосир рӯйи кор овардааст, дар баробари таълим гирифтан, мустақилона омӯхтани маводи таълимӣ ба шумор меравад. Яъне, донишҷӯён бояд илова бар иштироки фаъолона ба дарсҳо, омӯзиши мавзӯъҳои дарсӣ, мустаҳкам намудани мавзӯи гузашташуда, васеъ намудани доираи мавзӯи дарсиро мустақилона анҷом диҳанд.

Дар доираи як ва ё якчанд дарс баъзе мавзӯъҳоро аз худ кардани донишҷӯён мушкил аст, аз ҳамин сабаб онҳо бояд ба омӯзиши мустақилонаи мавзӯъҳои дарсӣ пардозанд. Мустақилият дар ҷараёни таҳсил на танҳо ба донишомӯзии донишҷӯён, балки ба ташаккул ёфтани хислатҳои гуногуни онҳо, аз ҷумла малакаҳои эҷодкорӣ, истифодабарии сарчашмаҳои илмию адабӣ, фарҳангӣ, оммавӣ, дарёфт намудани маълумоти зарурӣ ва таҳлил намудани инҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

«Бо ташаккул ёфтани мустақилияти тафаккур, маҳорати фикррронӣ, баркашидани хулосаҳо, имконияти пешбинӣ намудани оянда, рушди стратегияи фаъолияти ҳаётӣ ва дигар омилҳо алоқаманд мебошанд» [12, с.129].

Мақсади мақолаи мазкур таҳлилу баррасии омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён, алалхусус кори мустақилонаи донишҷӯён ба шумор меравад.

Мақола фарогири таҳқиқи мушкилотҳо дар таҳияву пешниҳоди мавзӯъҳои кори мустақилонаи донишҷӯён, риояи талаботҳои таҳияи мавзӯъҳо, иҷрои корҳои мустақилонаи аз ҷониби донишҷӯён ва масъалаҳои мавриди ин мавзӯъ мебошад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус забони англисӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба ихтисосҳо, шакли таълим ва дигар унсурҳои муассисаи таълимӣ хусусиятҳои хосси худро дорад. Дар мактаби олӣ ихтисосҳое вуҷуд доранд, ки дар баробари фанҳои тахассусии худ, инчунин аз курси аввал то хамт кардани муассисаи таълимӣ донишҷӯён тибқи барномаи намунавии таълимӣ забони англисиро меомӯзанд. Ихтисосҳое низ вуҷуд доранд, ки танҳо як ё ду сол забони англисӣ меомӯзанд. Барои чунин ихтисосҳо соатҳои таълимии фанни мазкур камтар ҷудо шудаанд. Барои дар вақти кӯтоҳи муқарраргардида ҳадди ақали қисматҳои гуногуни забони англисиро ба донишҷӯён омӯзонидан, омӯзгорро мебояд маҳорату малакаи касбӣ ва таҷрибаи хуби омӯзгорӣ дошта бошад. Аксар вақт кӯшишу заҳмати омӯзгор, истеъдод ва маҳорату малакаи касбии ӯ барои ба натиҷаи зарурӣ ноил гаштан басанда нест. Истифодаи роҳу усулҳои муосир, технологияҳои инноватсионӣ, маводҳои асосию иловагии таълимӣ ва баргузории эҷодкоронаи дарсҳо аз ҷониби омӯзгор низ, метавонад ба ҷараёни омӯзиши забони англисӣ таъсир расонанд. Аммо, агар донишҷӯён худ барои омӯзиши илмҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, технологияҳои инноватсионӣ, касбомӯзӣ кӯшиш ба харҷ надиҳанд, омӯзгор наметавонад дар танҳоӣ ба ҷараёни таълим таъсир расонад.

Яке аз омилҳое, ки дар замони муосир ба донишомӯзии ҷавонон метавонад таъсири мусбӣ расонад, ҳавасманд намудани онҳо ба омӯзиши мустақилона, иҷрои супоришу

корҳои мустақилона ба шумор меравад. Яке аз талаботҳои низоми кредитии таҳсилот ҷалб намудани донишҷӯён ба иҷрои супоришу корҳои мустақилона ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки дар нақшаҳои таълимӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯ соатҳои таълимӣ ҷудо шудаанд. Тибқи нақшаҳои таълимӣ ҳар як мавзӯи дарс барои кори мустақилонаи донишҷӯ бояд супориш дошта бошад. Ҳангоми таҳияи силлабуси (барномаи кории) фанни таълимӣ низ ин қисмати нақшаи таълимӣ ҳатман ба инобат гирифта шуда, иҷрои он аз ҷониби устоди фаннӣ назорат карда мешавад.

Кори мустақилона дар рушду ташаккули тафаккури эҷодӣ ва фаъолнокии донишҷӯён нақши муассир мебозад. Дар сурати дуруст ташкил намудани корҳои мустақилона донишҷӯёнро метавон ба хондани асарҳои аслии забони англисӣ ҷалб намуд. Асарҳои бадеии аслии ҳар як забон таҷассумгари ҳаёти дирӯзу имрӯзи миллат мебошанд, аз ин лиҳоз пешниҳоди хондани қиссаву ҳикояҳо ҳамчун кори мустақилона бамаврид мебошад. Дар оғоз метавон асарҳои хурду осонфаҳми англисиро ба донишҷӯён ҳамчун кори мустақилона барои хондану тарҷума кардан, ёфтани калимаю ибораҳои алоҳидаи он пешниҳод намуд.

Супориши кори мустақилона, ки дар асоси матн ё асари бадеӣ пешниҳод мешавад, бояд бо мавзӯи дарсҳои назариявию амалӣ алоқаманд бошад. Иҷрои машқҳои пешинҳодшуда дарки мавзӯи гузашташударо мустаҳкам менамояд. Илова бар ин, донишҷӯён аз иҷрои машқҳои вобаста ба матнҳо на танҳо мавзӯи дарсиро хуб дарк менамоянд, балки ҷаҳони маънавии худро рангин месозанд. Матну асарҳои бадеӣ асосан маълумоти пурғановати тарбиявӣ ва фарҳангию таърихиро дар бар мегиранд. Аз хамин лиҳоз, ин гуна супоришҳо дар илмомӯзии донишҷӯён нақши муассир доранд.

Вобаста ба моҳияти кори мустақилонаи донишҷӯ олимони соҳа, аз ҷумлаи Архангелский С.И., Белоносова В.В., Гелашвили Н.И., Грекова Н.П., Иванова М.А., Пидкасистий П.И. ва дигарон корҳои илмӣ анҷом дода, афзалияти онро таъкид намудаанд. Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёнро бошад, Г.Е. Рамашова, А.Г. Чуйкова, В.А. Казакова ва дигарон дар рисола ва корҳои илмии худ баррасӣ намудаанд.

Бо вуҷуди он ки дар атрофи мавзӯи мазкур тадқиқотҳои зиёди илмӣ ва амалӣ анҷом ёфта бошанд ҳам, ҳамоно масъалаи мазкур то ҳол мубрам боқӣ мемонад. Пешрафти илму техника ва тағйирёбии талаботҳои имрӯзаи таълиму тарбия ҳар як шахсро водор месозад, ки берун аз дарс ба омӯзиши мустақилонаи мавзӯоти дарсӣ бипардозад.

Иттилоот дар замони муосир нисбат ба сад соли охир чандин маротиба афзудааст ва онро дар доираи мавзӯъҳои дарсӣ аз худ намудан ғайриимкон мебошад. Дар ҷодаи таълим ва илмомӯзии шогирдон ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки роҳҳои гуногун ва самараноки пешниҳоди ҳарчи бештари маълумотро вобаста ба фанни таълимии худ пайдо намоянд. Бо охирин навгониҳои илму техника ошно намудани шогирдон, бо донишҳои фаннӣ таъмин намудани онҳо, ғанӣ гардонидани дунёи маънавии шогирдон низ масъалае мебошад, ки масъулияташ ба дӯши ҳар як омӯзгор вогузор аст.

Ба ақидаи И.А. Зимняя, мустақилона кор кардани хонанда натиҷаи дуруст ташкил намудани фаъолияти таълимии хонанда дар вақти дарс мебошад, ки ӯро ба омӯзиши иловагии мустақилонаи дарс, мустаҳкам намудани он ва идома додани омӯзиши мавзӯи дарсӣ дар вақти холигӣ, ҷалб намояд [4, с.27].

Мавриди зикр аст, ки «кори мустақилона» яке аз компонентҳои ҷараёни таълим буда, ҳамчун шакли ташкили омӯзиш (кори берун аз аудиторияи донишҷӯён), ҳамчун методи таълим (истифодаи корҳои мустақилона дар ҷараёни дарс) ва ҳамчун воситаи таълим (системаи супоришҳо барои корҳои мустақилонаи аудиторӣ ва берун аз аудиторя) шуморида мешавад. Дар кадом шакл, бо кадом роҳу усул ва ё ҳамчун воситаи таълим дуруст ташкил намудани корҳои мустақилона дар ҷараёни таълим аз муносибати инфиродии ҳар як омӯзгор вобаста мебошад. Танҳо технологияи истифодаи дурусти корҳои мустақилона, новобаста аз шакл ва роҳу усули истифодаи онҳо метавонад ба

раванди омӯзиши фанни таълимӣ таъсири мусбат расонад.

Агар ҷараёни омӯзиши забони англисиро ба ду қисм, машғулиятҳои аудиторӣ - (дарсҳои назариявӣ, амалӣ, кори мустақилонаи донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор (КМДРО) ва машғулиятҳои берун аз аудитория -(кори мустақилонаи донишҷӯ (КМД) ҷудо намоем, метавон мушоҳида намуд, ки ин ду қисм бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд. Нодуруст ташкил намудани қисмати аввал метавонад ба қисмати дуюми ҷараёни омӯзиш таъсири манфӣ расонад. Дар сурати иҷро накардани супоришҳои корҳои мустақилона, донишҷӯ метавонад мавзӯи дарсиро ба таври зарурӣ дарк накунад.

Дар кадом зинае, ки забони англисиро дарс надиҳем, бояд мавзӯи дарс ба донишҷӯ хеле хуб фаҳмонида шавад. Истифодаи роҳу усул ва воситаҳои таълим тарзе ба роҳ монда шавад, ки мафҳумҳои алоҳидаи асосии дарс, лаҳзаҳои дарс ва муҳтавою мақсади дарс дар зеҳни донишҷӯ нақш банданд. Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс низ дар асоси машқу вазифаҳои вобаста ба масъалаҳои таълимии омӯхташаванда амалӣ гардонида шавад. Дар ҷамъбасти дарс омӯзгор бояд таҳлил намуда, муайян созад, ки то кадом андоза шогирдон мақсади дарсро дарк намуданд. Агар таҳлили устод нишон диҳад, ки донишҷӯён мавзӯъро каме ҳам бошад дарк намудаанд, пас дар иҷро кардани кори мустақилона мушкилӣ намекашанд. Мақсади пешниҳоди корҳои мустақилона низ аз он иборат аст, ки донишҷӯён мавзӯи дарсро ба таври мустақилона омӯхта, дар бораи мавзӯъҳои дарсӣ маълумоти бештар пайдо намоянд.

Дар мавриде, ки дарси забони англисӣ аз тарафи устод хуб ташкил карда шавад, донишҷӯ мавзӯи дарсро хуб дарк намояд, вале супоришҳое, ки вобаста ба мавзӯъ ҳамчун кори мустақилона ба донишҷӯ пешниҳод мешаванд ба иҷро нарасанд, ба раванди омӯзиши забони англисӣ таъсири манфӣ расонад. Вақте ки донишҷӯ танҳо ба иштирок дар дарсҳо, омӯзиши масъалаҳои фанни таълимӣ дар доираи мавзӯъҳои дарсӣ ва иҷрои баъзе машқу супоришҳои вазифаи хонагӣ қаноат менамояд, ӯ фанни таълимиро хеле маҳдуд меомӯзад ва ҳамчун мутахассис дар истифода намудани забони англисӣ метавон ба мушкилот рӯ ба рӯ шавад. Фонди хурди луғавӣ, истифодаи нодурусти калимаю ибораҳо, ҷумлабандии нодуруст, ташаккул наёфтани рукнҳои фаъолияти муоширатӣ аз маҳдудияти дониши шахс метавонанд дарак диҳанд.

Сатҳи эҷодкорӣ бо рушди маҳорату малакаи ҷустуҷӯ ва ҳалли вазифаҳои мураккаби муоширатӣ ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар нутқи хаттӣ алоқаманд мебошад. Масалан, омода намудани маълумот дар бораи дилхоҳ мавзӯъ, маълумотро гӯш карда, вобаста ба мундариҷаи он ақидаи худро иброз доштан, ҳикояеро хонда, ба саволҳои проблемавии он посуххои мантиқан дуруст пешниҳод кардан, матраҳ сохтани идеяи асосии матн ва дигар супоришҳое, ки муҳассилинро ба фикрронӣ, таҳлилкунӣ ва хулосабарорӣ водор месозанд, сатҳи эҷодкории онҳоро боло мебаранд [8, с.205].

Мусаллам аст, ки такмил додани роҳу усул ва технологияи истифодаи корҳои мустақилона дар омӯзиши ҳамаи фанҳои таълимӣ, аз ҷумла забонҳои хориҷӣ (англисӣ) дар мактаби олӣ талаботи таҳсилот дар низоми кредитӣ ба шумор меравад. Дар сурате ки ҳар як фанни таълимӣ аз донишҷӯён иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаро талаб мекунанд, дар назди шогирдон ду роҳ пеш меояд:

а) иҷрои супоришҳои корҳои мустақилонаи ҳама фанҳои таълимӣ дар сатҳи миёна ё паст;

б) ба пуррагӣ ва бо шавқу завқ иҷро кардани супоришҳои корҳои мустақилонаи баъзе (як гурӯҳ) фанҳои таълимӣ.

Омилҳое, ки вобаста ба онҳо донишҷӯён супоришҳои корҳои мустақилонаро аз фанҳои таълимӣ дар сатҳи миёна ё паст иҷро менамоянд, зиёд мебошанд. Номукаммал будани супоришҳо, мавҷуд набудани китобҳои таълимӣ ва адабиёти илмӣ вобаста ба фанни таълимӣ, талаб накардани супоришҳо аз ҷониби устодон, таваҷҷуҳ зоҳир накардани устодону донишҷӯён ба натиҷаи иҷрои кори мустақилонаи фанни таълимӣ ва

амсоли инҳо, сабабҳои асосии иҷро нагаштани ин қисмати ҷараёни таълим мебошанд.

П.К. Пидкасистий чунин қайд менамояд: «Кори мустақилона шакли ташкил намудани дарсҳои таълимӣ ва усули муошират нест. Онро мебояд комилан ҳамчун воситаи ҷалб намудани муҳассилин ба фаъолияти идрокии мустақилона, воситаи ташкили мантиқию психологии вазифаю супориши кори мустақилонаи дорои мақсаду вазифаҳои дақиқ шарҳ дод. Мушаххас муайян намудани вазифаҳо дар ҳама гуна супоришҳои кори мустақилона метавонад идора намудани фаъолияти идрокиро дар муҳассилин бедор созад» [7, с.162].

Барои ҷалби донишҷӯён ба иҷрои корҳои мустақилона бо самимияти том ва шавқу завқ, омӯзгор бояд ба интихоби супоришҳои корҳои мустақилона, асоси илмӣ доштани онҳо диққати махсус дода, хусусиятҳои синнусолӣ, шавқу завқи донишҷӯён, фазою муҳити таҳсилот, шароити таҳсил, мавҷуд будани махзани илмию таълимӣ ва ихтисоси онҳоро ба инобат гирад. Омили дигаре, ки донишҷӯёнро метавонад ба иҷрои корҳои мустақилона ҷалб созад, муҳиммияти забондонӣ ва талаботи бозори имрӯзаи меҳнат ба мутахассисони забондонро дарк намудани донҷишҷӯён ба шумор меравад. Агар донишҷӯён ин нуктаро дуруст дарк намоянд, худи онҳо дар интихоби мавзӯъҳои мубрам, супоришҳои мустаҳкамкунандаи мавзӯи дарсӣ ташаббус нишон дода, иҷрои саривақтии онҳоро амалӣ менамоянд.

Дар ҷараёни иҷрои корҳои мустақилона донишҷӯён ба таври хеле фаъол маълумотро қабул ва дарк менамоянд, доираи донишҳои андӯхтаи худро боз ҳам васеъ намуда, дар бораи дигар фанҳои таълимӣ маълумоти тоза пайдо мекунанд. Дар иҷро намудани супоришаҳои амалӣ, бо алоқаманд намудани назария ва амалия давра ба давра муваффақ гашта, дорои маҳорату малакаи муоширатии касбӣ бо забони англисӣ марбут ба тахассусашон мегарданд. «Ташаккул додани чунин тафаккури донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, аз ташкил намудани тарбия ва эҳтиёҷ доштани ӯ ба азхудкунии донишҳои алоҳидаи эҷодӣ, муносибати эҷодкорона ба мушкилоти пешомада ба амал меояд.» [11, с.30].

Хусусият ва моҳияти мафҳуми «кори мустақилона» фаъолнокии субъект мебошад, ки он дар эҳёи худшиносии шахсият, қобилияти ӯ дар мақсадгузорӣ, дар интихоби озоди мақсади фаъолият, роҳу воситаи амалӣ намудани он зоҳир мегардад. Яке аз омилҳои муҳимми он бошад, мавқеи корҳои мустақилона дар сохтори ҷараёни педагогӣ ва натиҷагирӣ аз он ба шумор меравад.

Ҳангоми муайян намудани мавқеи кори мустақилонаи донишҷӯён дар рафти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва пешниҳод намудани он ба донишҷӯён мебояд функсияҳои алоҳидаи онро, ки хос ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошанд, ба инобат гирифт. Функсияҳои кори мустақилонаи донишҷӯёнро метавон ба таври зайл пешниҳод намуд:

- Ҳавасмандгардонии муҳассилин ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ; донишҷӯён бояд аҳамияти омӯзиши забонҳои хориҷиро дар ҷомеаи муосир, ниёзи бозори меҳнат ба мутахассисони донандаи забонҳои хориҷиро дарк намоянд.
- Мукаммал намудани донишҳои назариявӣ: истифодаи забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи омӯзиши илмҳои муосир, технологияҳои инноватсионӣ; муқоиса намудани сохтори забони тоҷикӣ бо сохтори забонҳои хориҷӣ метавонад донишҳои назариявии донишҷӯёнро вобаста ба илми забоншиносӣ мустаҳкаму васеътар намояд.
- Ташаккул додани фаъолияти таълимии донишҷӯён. Дар ҷараёни иҷрои корҳои мустақилона маҳорату малакаи зерини донишҷӯён ба хубӣ ташаккул ва рушд меёбанд: малакаи таълимӣ-муошират; таълимӣ-ташкилотчигӣ, таълимӣ-интеллектуалӣ, таълимӣ-ахборотӣ ва ғ. Иҷрои корҳои мустақилона ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар доираи донишҳои тахассусии худ маҳдуд намонда, малакаю маҳоратҳои зарурие, ки барои фаъолияти касбиашон дар оянда хеле зарур хоҳанд буд, соҳиб мешаванд.
- Рушди муҳимтарин сифатҳои касбӣ. Мустақилият, масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ, устувории эмотсионалӣ, муносибати касбӣ бо дигарон, ҳамдигарфаҳмӣ

ва эҳтироми ақидаи дигарон ва монанди инҳо сифатҳое мебошанд, ки шахсияти комил ва мутахассиси касбӣ доро мебошад. Иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои мустақилона ҳар як донишҷӯро метавонад бо сифатҳои зикргашта мусаллаҳ намояд.

Кори мустақилона ҳамчун як шакли ташкил намудани таълим бо мақсади тайёр намудани донишҷӯён ба дарсҳои амалию семинарӣ, дарсҳои санҷишӣ ва имтиҳонҳо роҳандозӣ мегардад. Илова бар ин, алоқаи байни мавзӯъҳои корҳои мустақилона бо фаъолияти таълимию илмии донишҷӯён хеле суст ба роҳ монда шудааст. На ҳама мавзӯъҳо ва супоришҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ки дар силлабуси фаннӣ нишон дода шудаанд, ба мавзӯъҳои дарсҳои назариявию амалӣ ва кори мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор (КМДРО) мувофиқат менамоянд. Супориши кори мустақилона бояд дониши дар рафти дарс гирифтаи донишҷӯро комил созад, аммо, мутаассифона, мавзӯъҳои кори мустақилонаи донишҷӯён мувофиқи мақсад пешниҳод намегарданд. Ҳамин аст, ки бештари вақт донишҷӯён ба пуррагӣ нақш, мақсад ва вазифаи кори мустақилонаро дарк намекунанд. Дар сурати ба моҳияти масъала сарфаҳм нарафтан, онҳо ба иҷро намудани кори мустақилона низ кӯшиш ба харҷ намедиҳанд.

«Ҳаёт имрӯз талаб мекунад, ки дар баробари гирифтани донишҳои алоҳида, онҳоро мебояд дар амал истифода намуд. Яъне, донишҷӯёнро зарур аст, ки пайдо намудани маълумоти заруриро омӯзанд, онро таҳлил карда тавонанд ва баъд донишҳои андӯхтаи худро дар фаъолияти ояндаи касбияшон истифода намоянд» [2]. Ба андешаи мо кори мустақилонаи донишҷӯён набояд масъалаҳоеро дар бар гиранд, ки фарогири мавзӯи дарсии забони англисӣ, аз қабили омӯзиши калимаю ибораҳои нав, истифодаи онҳо дар ҷумла, пешниҳоди тарҷумаи матнҳои таълимӣ ва амсоли инҳо бошанд. Илова бар мавзӯъҳои дарсӣ масъалаҳое низ пешниҳод карда шаванд, ки ба маҳорату малакаи фикрронӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ, водор намудани онҳо ба омӯзиши мустақилона, ҳисси масъулиятшиносӣ ва рушди шахсияти донишҷӯён тавассути омӯзиши забони англисӣ таъсир расонанд.

**Хулоса.** Дар низоми муосири таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯ ҳамчун як воситаи муҳим дар ҷараёни таълим мавқеи худро дорад. Гарчанде солҳои пешин, ҳатто дар асри гузашта масъалаи мазкур диққати мутахассисони соҳа, олимону методистонро ба худ ҷалб намуда буду барои вусъат бахшидан, пиёда намудани он дар ҷараёни таълим корҳои зиёди илмию тадқиқотӣ ва назариявию амалӣ ба анҷом расонида шуда бошанд ҳам, имрӯз низ масъалаи мазкур мубрамияти худро гум накардааст.

Фазои ягонаи таҳсилот, ки дар асоси низоми кредитии таҳсилот дар тамоми ҷаҳон амалӣ гашта истодааст, кори мустақилонаи донишҷӯёнро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷараёни таълим дар назар дорад. Дар пешрафти илми муосир, рушди босуръати илму технологияҳои инноватсионӣ, кашфиётҳои беназири илмӣ ва беҳтар шудани вазъи зиндагии инсоният низоми таҳсилот, муносибати аҳли илму маориф ба таҳсилоти замони муосирро метавон омилҳои асосии ин раванд шуморид. Талқин намудани донишҷӯён ба омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ ва маҳдуд нагаштани онҳо дар доираи мавзӯи дарсӣ низ, яке аз принсипҳои низоми кредитии таҳсилот мебошад

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар замони муосир диққати ҳар як ҷавонеро, ки мехоҳад дар оянда мавқеи худро дар ҷомеа пайдо кунад, ҷалб намудааст. Дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода мешавад. Дар мамлакаи мо низ аҳли ҷомеа, масъулини соҳа, Ҳукумати мамлакат муҳиммияти донистани забонҳои хориҷиро ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дарк намуда буданд. Татбиқи «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки оғозаш ба соли 2004 рост меояд, шаҳодати гуфтаҳои боло мебошад.

Барои дар сатҳи зарурӣ аз худ намудани забони хориҷӣ шахс бояд аввалан, забони модарии худро хеле хуб донад.

**АДАБИЁТ**

1. Абдуллаева Ш.А. Педагогические технологии / Ш.А. Абдуллаева. – Навои, 2005. – 89с.
2. Бордовский Г.А. Революция образования / Г.А. Бордовский // Газета Ученого совета РГПУ им. А.И. Герцена «Педагогические вести». – 2006. – № 22-23 [2491/92]. – С.2.
3. Гадоев К.Х. Организация и проведение самостоятельной работы студентов неязыковых специальностей при интегрированном обучении иностранному языку / К.Х. Гадоев // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – №3/5 (173). – С. 227-231.
4. Зимняя И.А. Психологический анализ урока иностранного языка / И.А. Зимняя, Е.С. Ильинская // ИЯШ. – 1985. – №4. – С. 25-30.
5. Ковалевский И. Организация самостоятельной работы студента / И. Ковалевский // Высшее образование в России. – 2000. – №1. – С. 114-115.
6. Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 21 с.
7. Пидкасистый П.И. Самостоятельная подготовительная деятельность учащихся / П.И. Пидкасистый. – М.: Педагогика, 1980. – 184с.
8. Рогова Г.В. Методика обучения иностранным языкам в средней школе / Г.В. Рогова. – М.: Просвещение, 1998. – 287 с.
9. Соколова Л.Б. Формирование культуры педагогической деятельности будущего учителя / Л.Б. Соколова. – Оренбург. – 1999. – 280с.
10. Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – 21 с.
11. Шайденко Н.А. Совершенствование учебно-воспитательного процесса в педвузе / Н. А. Шайденко; Тул. гос. пед. ин-т им. Л. Н. Толстого. - Тула: Приок. кн. изд-во, 1991. – 144 с.
12. Шиянов Е.Н. Развитие личности в обучении: Учеб. пособие для студ. пед. вузов / Е.Н. Шиянов, И.Б. Котова. – М.: Академия, 1999. – 288с.

## КОРИ МУСТАҚИЛОНА – ВОСИТАИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ҲАМАҶОНИБАИ ДОНИШҶӮЁН (ДАР МИСОЛИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ)

Раванди таълиму тарбия, омӯзиши илмҳои муосир, забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои инноватсионӣ масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Беҳтар гардонидани раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, татбиқи яке аз талаботҳои мактаби олӣ, роҳнамоӣ намудани донишҷӯён ба омӯзиши мустақилона, иҷрои вазифаю супоришҳо ва корҳои мустақилона, дуруст ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён, масъалаҳое мебошанд, ки дар мақола мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Низоми кредитии таҳсилот хусусиятҳои хосси худро дошта, аз низоми анъанавии таҳсилот ба куллӣ фарқ мекунад. Ҷараёни баргузории дарсҳо, давомнокии онҳо, хусусияти фанҳои таълимӣ (ҳатмӣ ва интихобӣ), тарзи баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён ва фазои таҳсилоти мактаби олӣ дар умум тағйир ёфтаанд. Ин тағйиротҳо на танҳо аз устодон, балки аз донишҷӯён низ талаб менамояд, ки муносибати худро ба таълим ва илмомӯзӣ тағйир диҳанд. Низоми нави таҳсилот аз устоди мактаби олӣ масъулияти баланд, касбият, худтакмилдиҳӣ ва ҷустуҷӯи ҳамешагии эҷодиро талаб менамояд. Талаботҳо нисбат ба донишҷӯён низ бештар шуда, аз онҳо талаб карда мешавад, ки бештар ба омӯзиши мустақилона пардозанд. Дар мақола қайд гардидааст, ки иҷрои саривақтии супоришҳо ва кори мустақилонаи донишҷӯён аз омӯзгори фаннӣ вобастагии зиёд дорад. Омилҳои ба таври бояду шояд иҷро нашудани корҳои мустақилона ва ё баръакс, корҳои мустақилонае, ки диққати донишҷӯёнро ба худ ҷалб намуда, ба онҳо на танҳо донишҳои фаннӣ, балки маълумоти зиёди таълимӣ ва илмӣ медиҳанд, дар мақола инъикос ёфтаанд. Муаллифон дар бораи афзалияти корҳои мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми омӯзиши забони англисӣ маълумоти мушаххас пешниҳод намуда, таъкид менамоянд, ки дар сурати дуруст ва тибқи талаботи замони муосир таҳия ва пешниҳод шудани кори мустақилона, донишҷӯён дониши худро такмил медиҳанд.

**Калидвожаҳо:** низоми таҳсилот, кори мустақилонаи донишҷӯён, супориш, омӯзиш, супоришҳо, вазифаҳо, забонҳои хориҷӣ, забони англисӣ, мактаби олӣ, афзалият, маҳорату малака, мустақилият.

## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА КАК ОДНА ИЗ ПРИОРИТЕТНЫХ ФОРМ ВСЕСТОРОННЕГО РАЗВИТИЯ СТУДЕНТОВ (НА ПРИМЕРЕ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ)

Учебно-воспитательный процесс, изучение современных наук, в том числе иностранных языков и инновационных технологий, являются актуальными вопросами. В статье рассматриваются вопросы по улучшению процесса обучения иностранным языкам, как одно из требований высшей школы, привлечения студентов к самостоятельному изучению, выполнению заданий, упражнений и самостоятельных работ, правильного и на должном уровне выполненния студентами самостоятельной работы. Кредитная система образования, в которую за последние десятилетие перешли все высшие учебные заведения страны, имеет свою специфику и коренным образом отличается от традиционной системы образования. Процесс проведения занятий, их продолжительность, специфика учебных дисциплин (обязательных и выборочных), способ оценивания знаний студентов изменили пространство образования высшей школы. Эти изменения требуют не только от преподавателей, но и от студентов изменить своё видение образования и изучения современной науки. Новая система образования требует от преподавателей высших учебных заведений огромной ответственности, профессионализма, самосовершенствования и творческого поиска с целью удовлетворения требований сегодняшнего студента. Также увеличилось требование к студентам: от них требуется уделять больше времени самостоятельному обучению. В статье отмечается, что своевременное выполнение самостоятельных работ студентов в большей степени зависит от преподавателя учебной дисциплины. Также в статье отражено, что причинами неверно выполненных самостоятельных работ, или наоборот, заданий и упражнений самостоятельных работ, привлекших внимание

студентов, говорит о том, что им даются не только знания по предмету, но и обширная информация об образовании и науке. Авторы статьи дают конкретную информацию о преимуществах самостоятельной работы студентов при изучении английского языка и отмечают, что на основе современных требований подготовки и предоставления самостоятельных работ, студенты получают не только знания по языку, но и развивают такие качества, как мыслительные навыки, мировоззрение, чувство ответственности и совершенствуют всестороннее развитие своей личности.

**Ключевые слова:** система образования, самостоятельная работа студентов, обучение, задания, упражнения, иностранные языки, английский язык, вуз, преимущества, навыки и умения, самостоятельность.

**INDEPENDENT WORK AS ONE OF THE PRIORITY FORMS OF COMPREHENSIVE DEVELOPMENT OF STUDENTS (ON THE EXAMPLE OF LEARNING ENGLISH)**

Дар Консепсияи миллии тарбия вобаста ба тарбияи гуманистӣ чунин омадааст: “Зери ин мафҳум дар шаҳрванд ба вуҷуд овардани эҳсоси дӯст доштан, эҳтиром кардан ва раҳму шафқат фаҳмида мешавад. Тарбияи гуманистӣ аз ғояҳои синфият ва инсонбадбинӣ орӣ аст. Он ба шаҳрванди кишвар имконият медиҳад, ки худро яке аз ҷузъҳои таркибии ҷомеа, миллат ва аҳли башар эҳсос кунад”[2, с.7].

*Бани Одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ [4, с.86].*

Ин гуфтори Саъдӣ бо фикру зикри одамони пешқадами асри мо ҳамсадост ва он ба чандин забон дар пештоқи бинои ЮНЕСКО (Париж) сабт гардидааст.

Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ шахсиятҳое ҳастанд, ки номи онҳо абадуддаҳр зиндаву ҷовид мемонад. Яке аз онҳо суханвари бузурги адабиёти форсу тоҷик Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозист. Аз замони зиндагии Саъдӣ асрҳо сипарӣ гардида бошад ҳам, мероси адабии ӯ аҳамияти худро гум накардааст. Афкору андешаҳои гуманистии Саъдӣ имрӯз ҳам барои тарбияи маънавии инсоният, пойдор гардондани сулҳ, таъмин намудани иттиҳоду иттифоқи халқу миллатҳои сайёраи мо хизмат мекунанд. Сабаби шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Саъдӣ, пеш аз ҳама, дар ҷозиба, ғояҳои амиқи фалсафӣ, инсондӯстиву инсонпарварӣ ва истеъдоди баланди шоирист. Қимати ғоявию бадеии эҷодиёти ӯ инсондӯстиву инсониятпарварии онҳост, ки тараннуми ҳаёт, озодфикрӣ, тасдиқи озодии шахсӣ, боварӣ ба ғалабаи ақлу хирад ва тантанаи ҳақиқат аст, ки ин ҳама талаботи муҳимми ҷаҳони имрӯза мебошад. Ин аст, ки андешаҳои инсондӯстонаи Шайх Саъдии Шерозӣ бо вуҷуди гузашти қарнҳо аз ҷумлаи таъсиргузортарин осори адабиёти ҷаҳонӣ дониста мешаванд.Инсондӯстӣ, башардӯстӣ яке аз ҳадафҳои эҷодиёти Саъдӣ мебошад. Ин ғоя яке аз рукнҳои асосии осори бузургони қарнҳои пешин ва бахусус дини мубини ислом аст. Саъдӣ бошад, ҳамин гояро инкишоф додааст.

Оре, гуманизми олии Саъдӣ аз сафарҳояш сарчашма мегирад. Ӯ сафари тӯлонӣ кард, дунёро дид, бо мардуми табақаҳои гуногун вохӯрд, суҳбат кард, бо мардуми одӣ ҳамкоса

шуд, асир афтод, аз замонаю зимомдорон ранҷу озори зиёд

Воқеан, ғами бенавоён, дарвешон қалби адиби нсонпарварро ба дард меовард. Зеро хешро як узви онҳо медонист. Ба ҳамин гуна гуфтанҳои ошкор, ифшои дарду алами хеш шоир қаноат намекунад, балки болотар меравад ва шоҳони бедодгар, золимони зулмпарварро, ки дар чунин роҳ гом задаанд ё гом мезананд, ҳушдор медиҳад, аз хашму ғазаби халқи бечора огоҳашон месозад. Ин гуфтаҳо дар ҳикояҳои "Гулистон" зиёдтар ба назар мерасанд, ки дар он шахсони мардумзор, шоҳону ҳокимони ҷабборро сахт накуҳиш менамояд ва хари боркашро аз онон болотар мегузорад:

*Мискин хар агарчи бетамиз аст,*
*Чун бор ҳамебарад, азиз аст.*
*Говону харони борбардор*
*Беҳ з-одамиёни мардумозор! [4, с.109]*

Ё дар ҳикояте меорад, ки: «Ғофилеро шунидам, ки хонаи раият ҳароб кардӣ, то хазинаи султон обод кунад. Бехабар аз қавли ҳакимон, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ Худойро, азза ва ҷалла, биозорад, то дили халқе ба даст орад, Худованди Таъоло ҳамон халқро бар ӯ гуморад, то димор аз рӯзгораш барорад.

*Оташи сӯзон накунад босипанд,*
*Он чи кунад дуди дили дардманд,*
*Хоҳӣ, ки Худой бар ту бахшад,*
*Бо халқи Худой кун накуӣ.*
*Намонад ситамгори бадрӯзгор,*
*Бимонад бар ӯ лаънати пойдор»! [4, с.110]*

Ҳикоёти «Бӯстон»-ро метавон ифшогари дарду зиндагии инсонҳо номид. Саъдӣ лавҳаҳои ҳаёти воқеии инсонҳоро бисёр одилонаву оқилона, бисёр табииву ҳақиқатнигорона ба риштаи назм даровардааст. Чунин тасвирҳо, чунин нигоришоти воқеии пурмуҳтаво, ки маҳз эҷодиёти Саъдиро фаро гирифтаанд, ҳамин инсондӯстӣ – гуманизми олии ӯст.

Ба мо маълум аст, ки замони Саъдии Шерозӣ яке аз давраҳои пурошӯбтарини ҳаёти халқамон ба шумор меравад. Мамлакат аз дасти чингизиён хароб ва бисёр шаҳрҳои калон ба хок яксон гардида буданд. Саъдӣ дар ҳамин замона зиндагӣ карда ва ин ҳодисаву воқеаҳо бо чашмони худ дида, ҳаргиз дар канор истода наметавонист. Махсусан дар эҷодиёти хеш ба воситаи ҳикоятҳои хурди пандомез ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии даврашро нишон додаву бо ин роҳ мардуми дардмандро дилбардорӣ ва ба ояндаи дурахшон роҳнамоӣ карда ва бо ин роҳ мардумро ба инсондӯстӣ ва хайрхоҳӣ даъват кардааст. Шоир орзу дошт, ки агар дар ҷамъият адолат барқарор карда шавад, зиндагии мардум хуб хоҳад шуд, он вақт хурсандона ва хушбахтона зиндагӣ хоҳанд кард.

Ин аст, ки зиёда аз 750 сол аҳли маънӣ сайру тафарруҷе дар "Бӯстон"-и Шайх Саъдӣ анҷом дода, аз суханҳои ширинтар аз қандаш лаззат мебаранд ва аз бӯстони маонӣ гулҳои муаттар мечинанд. "Бӯстон" беҳтарин маснавии ахлоқии адабиёти форс- тоҷик мебошад. Бесабаб набуд, ки устод Садриддин Айнӣ аз миёни китобҳои муҳимми адабиёти форс-тоҷик писандид ва онро дар радифи "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ гузошта, суҳанони донишманди турк Зиёпошшои Усмониро, ки "Бӯстон"-ро аз "Шоҳнома" арзишмандтар медонад, чунин овардааст: "Фирдавсӣ барои ба вуҷуд овардани "Шоҳнома" 30 сол ранҷ кашид, дар ҳақиқат як асари номурданӣ ба вуҷуд овард. Тулӯи офтобро дар 120 ҷой 120 ранг тасвир кард, ки яке бар дигаре монанд нест. Аммо бо ҳамаи ин "Шоҳнома" ба омма он манфиатеро намедиҳад, ки "Бӯстон"-и Саъдӣ медиҳад. Саъдӣ дар "Бӯстон" ҷаҳонро, ҷаҳони зиндаро тасвир кардааст. Агар мақсад аз меҳнати адабӣ нафъи омма бошад, ҳар сухани "Бӯстон" як дурри ноёб - як гавҳар ва ҳар байташ як хазина аст" [6, с.103].

Одамият чист, худро дур аз шарр доштан,
*Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар доштан [7, 62].*
*Таълимоти Саъдӣ таълимоти ахлоқии исломист, таълимоти исломии инсонист.*

Метавон гуфт, ки Саъдӣ дар “Бӯстон” ҷомеаи ормониро бо инсонҳои адолатпарвару инсондӯст ва парҳезгору ҳақиқатшинос матраҳ кардааст. Дар ҳамин ҷо ҳадафи аслии Саъдӣ, ки мехоҳад ҷомеаи инсонӣ чи самту ҳаракате надошта бошад бояд низому тартиби адолатпарварона дошта бошад, то ки ба қадри инсонӣ расанд. Ҳадафи олии Саъдӣ ҳам ҳамин аст, ки инсонҳо, бояд ба қадри ҳамдигар бирасанд.

Ба назари Саъдӣ, эҳсон зевари адлу дод аст ва фитрати шахси инсондӯсту адолатпешаро лутфу марҳамат ташкил медиҳанд. Бинобар ин, дар боби дувум, ки меҳрубониву эҳсон ва караму бахшандагӣ мавзӯи он мебошад, бисёр масъалаҳои ахлоқиро фаро гирифтааст:

*Чу ин кохи давлат бипардохтам,*
*Бар ӯ даҳ дар аз тарбият сохтам.*
*Яке боби адл асту тадбиру рой,*
*Нигаҳбонии халқу тарси Худой [1, с.9]*

Саъдӣ бо истифода аз суханони орифони дилсӯхта ва фарзонагон ҷанбаҳои ҳунариву таълимии ин китобро неруманду муассир ва ибратбахш кардааст. Аз ин лиҳоз Саъдӣ хирадмардиву ҳикматро асли гавҳари инсонӣ медонад, ки нафсу ҷисми одамӣ бояд дар итоати он бошад:

*Вуҷуди ту шаҳрест пур неку бад,*
*Ту султону дастури доно хирад.*
*Ризову вараъ- некномони ҳур,*
*Ҳавову ҳавас- раҳзану кисабур.*
*Чу султон иноят кунад бо бадон,*
*Куҷо монад осоиши бихрадон?*
*Туро шаҳвату ҳирсу кину ҳасад,*
*Чу хун дар рагонанду ҷон дар ҷасад.*
*Ҳавою ҳавасро намонад ситез,*
*Чу бинад сари панҷаи ақл тез (11).*

Саъдӣ ахлоқи неки инсонӣ ва роҳбариро дар он дидааст, ки подшоҳ аз таҷаммули худнамоӣ дур бошад ва зиндагие пеш бигирад, ки бо зиндагии мардуми одии қаламрави ӯ мувофиқ ояд, ҳамчунин хирадмандӣ, парҳезкорӣ худотарсӣ, инсоф, ҷавонмардиро аз муҳимтарин унсурҳои шахсияти подшоҳи ормонии худ медонад.

Бо мақсади тақвият бахшидани андешаҳои худ достонҳои ҷолибе аз рӯзгори Ҷамшед, Фаридун, Доро, Нӯшервони одил, Хусрави Парвиз, Умар ибни Абдулазиз, Ҳотами Той ва подшоҳону амирони дигар фаро гирифта, аҳволу рафтори онҳоро намунаи ибрат донистааст. Чунончи, Нӯшервони одил ба писараш Ҳурмуз насиҳат мекунад:

*Ки хотирнигаҳдори дарвеш бош,*
*На дар банди осоиши хеш бош.*
*Бирав, поси дарвеши муҳтоҷ дон,*
*Ки шоҳ аз раият бувад тоҷдор.*
*Раият чу беханду султон дарахт,*
*Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.*
*Макун, то тавонӣ, дили халқ реш,*
*В-гар мекунӣ, меканӣ бехи хеш.*
*Дигар кишвар обод бинад ба хоб,*
*Ки дорад, дили аҳли кишвар хароб.*
*Мурооти деҳқон кун аз баҳри хеш,*
*Ки муздури хушдил кунад кор беш.*
*Мурувват набошад бадӣ бо касе,*
*К-аз ӯ неки дида бошӣ басе (22).*

Яъне, таъкиди Саъдӣ ин аст, ки “бирав мардуми муҳтоҷро навозиш бикун, ки ба шарофати онҳо ту подшоҳ ҳастӣ, мардумони одӣ ҳамчун решаи дарахт ҳастанд ва шоҳ танаи он дарахт мебошад. Эй писар, бидон ки дарахт бо решааш мустаҳкам аст. То ҷое, ки

имкон дорӣ, дили мардум ба даст ор, дилҳои одамонро бо рафтори нописанди худ ғамгину маҷруҳ масоз, аммо агар дили халқро реш мекунӣ, бидон, ки решаи худро меканӣ. Касе, ки дили мардуми кишвари худро озурдаву хароб кардааст, ободии он кишварo танҳо дар хоб метавонад дид. Агар хоҳӣ, ки мамлакат обод ва хазина пур бошад, марди деҳқонро меҳрубониву лутф бикун. Бидон, ки мардикори хушдил бештар аз дигарон кор мекунад. Шарти ҷавонмардӣ он набошад, ки дар ҳаққи одамони хайрхоҳи худ бадандеш бошӣ ва бар онҳо бадиро раво бинӣ".

Шарти аслии ободии мулк адолат ва накукорӣ ба аҳли кишвар аст. Адолату накукорӣ аз ҷониби ҳамаи инсонҳо писандида аст, аммо аз ҷониби подшоҳ писандидагии бештар дорад, чунки файзи он бар ҳамаи мардумони кишвар хоҳад расид.

*Шунидам, ки Хусрав ба Шерӯя гуфт,*
*Дар он дам, ки чашмаш зи дидан бихуфт:*
*"Бар он бош, то ҳар чӣ ният кунӣ,*
*Назар дар салоҳи раият кунӣ.*
*Ало, то напечи сар аз адлу рой,*
*Ки мардум зи дастат напечанд пой.*
*Гурезад раият зи бедодгар.*
*Кунад номи зишташ ба гетӣ самар.*
*Басе бар наёяд, ки бунёди х(в)ад*
*Биканд, он ки бинҳод бунёди бад.*
*Харобӣ кунад марди шамшерзан,*
*Начандон, ки дуди дили тифлу зан.*
*Чароғе, ки бевазане барфӯрухт,*
*Басе дида бошӣ, ки шаҳре бисӯхт.*
*Аз он баҳравартар дар офоқ кист,*
*Ки дар мулкронӣ ба инсоф зист?!*
*Чу навбат расад з-ин ҷаҳон ғурбаташ,*
*Тарраҳум фиристанд бар турбаташ.*
*Баду неки мардум чу мебигзаранд.*
*Ҳамон беҳ, ки номат ба некӣ баранд" (25).*

Хусрави Парвиз дар нафасҳои вопасини умри худ, ки чашм аз ҷаҳон мепӯшид, ба Шерӯя гуфт: "Дар он мақсад пойдору устувор бош, ки азму нияти коре бикунӣ, ҳатман фоидаву хайрияти мардумро ба назар бигир. Эй писар, ҳаргиз тарки адолату инсоф макун, ки боиси нороҳатии мардум ва аз хидмат рафтани онҳо хоҳад шуд. Мардум аз бедодгарон безор ва дар гурез ҳастанд ва онҳоро дар саросари дунё ба бадномӣ машҳур хоҳанд кард. Ҳар кӣ зулму бедод ва ахлоқи бадро ҷорӣ кард, зуд бошад, ки бунёди мамлакатро хароб гардонад. Аз дуди дили занону кӯдакон ва оҳу нолаи ҳасратбори онҳо ҳушёр бош, ки он кореро мекунад, ки харобкории душманони шамшерзан онро натавонад кард. Чароғе, ки аз оҳи пиразани мазлум афрӯхта мегардад, бисёр иттифоқ афтода, ки шаҳреро бар оташ кашидаву хароб кардааст. Сарватмандтарини подшоҳон дар саросари ҷаҳон ҳамон аст, ки бо инсоф мулкро идора кардааст. Вақте ки ҷаҳонро тарк ва азми сарои ҷовидон мекунад, ҳамаи мардум бар оромгоҳи ӯ раҳмат мефиристанд ва ба некномӣ хотираашро пос медоранд. Дар ин дунё чизе ҷовидонӣ нест, ҳам мардуми бад, ҳам мардуми нек аз дунё хоҳанд гузашт, ҳамон беҳтар аст, ки некном бошӣ ва номатро ба некуӣ ёд кунанд" [1, с.25].

Некномиву инсоф зевари аслии инсонҳост, махсусан зинати подшоҳону сарварону сарватмандон аст, ки вуҷуди он мамлакатро шоду обод месозад. Камбудии он боиси харобии мулк аст. Аз сӯзӣ дили ятимону бечорагон дар ғафлат будан шарти инсонӣ нест.

Шоир мегӯяд: "Соле дар Димишқ қаҳтие омад ва мардум чунон дар азобу машаққат гирифтор шуданд, ки аз қаҳтии зиёд ҳатто ишқу меҳрубонӣ аз дилҳо рабуда шуда буд, ки дар дилҳои мардуми осоишта ба ҷойи меҳр кина зам шуд, ҳатто онҳо бо ҳам салом

карданро аз ёд баровარданд. Осмон дар нисбати замин бахилӣ кард, бороне намеборид. Киштзорҳову дарахтон аз беобӣ пажмурда мегаштанд. Чашмаҳое, ки дар ин иқлим буданд, хушк шуданд ва танҳо обе, ки боқӣ монд, оби чашми ятимон буд. Мардум чизе надоштанд, ки дар оташдони худ бипазанд, дуде, ки аз равзанаи хонаҳо берун мешуд, дуди одӣ набуд, он дуди оҳи бевазанҳову ятимон буд. Дарахтон ҳам монанди дарвешони мискин бенавову дастхолӣ буданд, аз ноилоҷӣ паҳлавонони қавидаст низ сусту дармонда гардиданд. На дар кӯҳ сабзае мерӯид, на дар боғ шохе гул мекард, киштзорҳоро малах хӯрда буд ва мардуми бечора аз ноилоҷӣ малах мехӯрданд. Дар чунин вазъи фоҷиабор яке аз дӯстони деринаам пеши ман омад. Дидам, ки аз беҳолӣ пӯсти ӯ бар устухонаш часпидааст. Медонистам, ки ӯ сарватманд ва соҳиби мақому мансаб ва молу пули бисёр аст:

*Ба ӯ гуфтам:”эй ёри покизахӯй,*
*Чӣ дармондагӣ пешат омад, бигӯй”.*
*Биғуррид бар ман, ки:”Ақлат куҷост,*
*Чу дониву пурсӣ, суолат хатост?!*
*Набинӣ, ки сахтӣ ба ғоят расид,*
*Машаққат ба ҳадди ниҳоят расид.*
*На борон ҳамеояд аз осмон,*
*На бармеравад дуди фарёдхон” (44).*

Ба ӯ гуфтам: “Охир, аз ин ҳама азобу сахтӣ тарсе барои ту нест, заҳр одамонеро мекушад, ки позаҳре надошта бошанд. Дигарон аз нестиву гуруснагӣ ҳалок мешаванд, ту, ки доро мебошӣ, чӣ тарсе дорӣ, чунонки ҳар қадар борону тӯфон зиёд гардад, мурғобӣ аз он биме надорад”. Он марди донишманд бар ман бо хотири ранҷида нигоҳ кард, нигоҳи ӯ ба навъе буд, ки шахси олим бо тааҷҷуб ба марди аблаҳу нодоне чашм медӯзад.

*Ки: “Мард арчи бар соҳил аст, эй рафиқ,*
*Насояд ӯ дӯстонаш ғариқ.*
*Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,*
*Ғами бенавоён рухам зард кард.*
*Нахоҳад, ки бинад хирадманд реш,*
*На бар узви мардум,на бар узви хеш.*
*Яке аввал аз тандурустон манам,*
*Ки реше бубинам, биларзад танам (45).*

Айши он инсони тандурусте, ки дар паҳлуи ӯ бемори заиф оҳу нола мекунад, ҳамеша хираву ногувор аст. Вақте мебинам, ки дарвешони мискин луқмаи ноне барои хӯрдан надоранд, луқмаи таоме, ки ба даҳон андохтаам, монанди заҳр ва дард талху ҷонкоҳ мегардад.Он якеро, ки дӯстонаш дар зиндон ҳастанд, орзуву ҳаваси айшу ишрат дар боғу бӯстон боқӣ нахоҳад монд” [1, с.47].

Инсонҳои рӯйи замин, чи бечораю чи сарватманд, аз як падару модар ҳастанд, ҳама одамизода мебошанд. Пас, инсони комил он аст, ки ба ғаму кулфати дигарон шарик ва ҳамдилу ҳамдард ятимону бечорагон бошад.

*Яке хори пойи ятиме биканд,*
*Ба хоб андараш дид Садри Хуҷанд.*
*Ҳамегуфту дар равзаҳо мечамид,*
*К-аз он хор бар ман чӣ гулҳо дамид.*
*Машав, то тавонӣ, зи раҳмат барӣ,*
*Ки раҳмат барандат, чу раҳмат барӣ.*
*Чу инъом кардӣ, машав худпараст,*
*Ки ман сарварам, дигарон зердаст.*
*Агар теғи давронаш андохтааст,*
*На шамшери даврон ҳанӯз охтааст.*
*Чу бинӣ дуогӯи давлат ҳазор.*

*Худовандро шукри неъмат гузор.*
*Ки чашм аз ту доранд мардум басе,*
*На ту чашм дорӣ ба дасти касе.*
*Карам хондаам сирати сарварон,*
*Ғалат гуфтаам, ахлоқи пайғамбарон (60).*

Шахсе ятими озурдадилеро дид, ки бар пояш хор халида буд, ба ятим раҳмаш омад, хори пойи ӯро берун оварда, навозиш кард ва ҳамон шаб дар хоб Садриддини Хуҷандӣ (Садриддин Абдулатиф ибни Муҳаммади Хуҷандӣ, ки аз ҷумлаи пешвоёни илми Исфаҳон дар асри XI буд) ҳаким ва донишманди машҳурро бидид. Он мард дар боғҳои биҳишт сайр мекард ва бо шукру сипос мегуфт, ки бар ивази хореро аз пойи ятим берун кашиданаш ин қадар гулҳои зебову муаттар насиби ӯ шудааст. То тавонӣ аз раҳму шафқат ва лутфу меҳрубонӣ дур нашав, ки ҳар қадар меҳрубону бошафқат бошӣ ҳамон қадар бар ту бо раҳмату лутф муомила хоҳанд кард. Агар меҳрубониву лутфи худро ба дигарон нисор созӣ аз он мағруру худпараст нашав, ки ту сарвар ҳастиву дигарон зердасти туанд. Агар рӯзгор теғи интиқоми худро ба сӯе гузоштааст, оё чунин нест, ки шамшери худро аз ғилоф берун кашидааст ва аз пайиситонидани кини худ аст. Вақте ки мебинӣ ҳазорҳо нафар дуогӯи давлати ту ҳастанд, Худоро шукр кун, ки чунин неъмати бузурге ба ту додааст. Боз шукр ба ҷой овар, ки мардум ба сӯйи ту бо чашми умед нигоҳ мекунанд, на ту бо эҳтиёҷ ба дасти дигарон нигоҳ мекунӣ, беҳтарин хислати сарварон лутфу меҳрубониву саховат аст, зоҳиран ғалат гуфтам, балки ин фазилатҳо ҷузви ахлоқи пайғамбарон аст.

Меҳрубониву навозиш ва ғамхорӣ дар ҳаққи ятимон аз беҳтарини хайру эҳсонҳост, кӣ мукофоти он бисёр бузург ва берун аз тасаввури инсонист. Ҳар ки ба инсонҳои афтодаву гирифтор раҳм оварад, бар беҳтарини раҳмат мушарраф мегардад. Меҳрубониву саховат намунае аз ахлоқи пайғамбарон аст, ки дар вуҷуди ҳар инсоне парвариш ёбад, ӯро шарофатманд мегардонад.

Дар як ҳикояти дигар Саъдӣ меоварад, ки агар инсони босаодату покизадил ҳастӣ, қиссаеро аз рӯзгори мардони нек гӯш кун, ки Абӯбакр Шиблӣ (орифи машҳури асри IX, ки аз дӯстони Мансури Ҳаллоҷ буд) аз дӯкони гандумфурӯше халтаи гандумро ба деҳа бурд. Вақте сари халтаро боз кард, дар дохили он мӯрчаи саргаштаеро дид, ки бо ташвиш ва такутоз буд. Дар ҳоли он мӯрча раҳм овард ва тамоми шаб натавонист, ки хоб кунад, субҳи барвақт он мӯрчаякро ба ҷоЙи худаш оварда, раҳо кард ва гуфт:

"Мурувват набошад, ки ин мури реш,
*Пароканда гардонам аз ҷоЙи хеш".*
*Даруни парокандагон ҷамъ дор,*
*Ки ҷамъиятат бошад аз рӯзгор (86).*

Агар хоҳӣ ки дар зиндагӣ осудагиву субот ҳамроҳи ту бошад, дили одамони бечораҳолро ҳаргиз маранҷон, балки шод гардон:

*Маёзор мӯре, ки донакаш аст,*
*Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст (86).*

Дар ҷаҳони андешаи Саъдӣ ҳатто озор додани ҳайвон ҳам писандида нест. Шахсе, ки ба мӯрчаи заиф ин қадар раҳму шафқат дорад, оё метавонад инсонро, ки шарифтарини мавҷудот аст, ба ранҷу азоб гирифтор намояд. Раҳму шафқатро аз Шиблӣ ва аз гуфтори Саъдӣ бояд омӯхт. Боз як бахши ормони Саъдӣ, ки раҳму шавқатро дар дили инсонҳо парвариш мекунад, дар ин ҳикоёт зоҳир шудааст. Инсони ормонӣ ва орзукардаи Саъдӣ шахсест, ки ҳатто бар тамоми махлуқот раҳм мекунад.

Инсонҳои оқибатандеш нигоҳе ҳакимона ва ибратпазир доранд. Хурдтарину ҳақиртарин ҷонварон ва ҳашароту набодот дар дунёи маърифати онҳо мақому манзалат ва арҷмандӣ пайдо мекунанд ва он равшандилони ҳикматшинос дар мисоли онҳо дарсе аз боби одамият барои кулли инсонҳо медиҳанд. Инсон метавонад бо ахлоқи нек мисли фариштагон ороста бошад ва боз имкони он ҳам мавҷуд аст, ки бар асари гуноҳҳои бисёр аз саг ҳам хору залилтар гардад:

*Худоро бар он банда бахшоиш аст,*
*Ки халқ аз вуҷудаш дар осоиш аст (91).*

Саъдӣ вобаста ба дӯстӣ мегӯяд, ки агар ғарази ту аз дӯстӣ танҳо бахшоишу эҳсони дӯст бошад, пас бидон, ки ту гирифтори ҳавову ҳаваси худ ҳастӣ, нагирифтори меҳру муҳаббати ҳақиқӣ:

*Гар аз дӯст чашмат бар эҳсони ӯст,*
*Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст (120).*

Дунёпарастӣ ва ҳирсу тамаъ чангу ғуборест, ки чашми дилро тира мегардонад ва батадриҷ боис мегардад, ки дил зангор бандад. Дӯстиву меҳру ихлоси ҳақиқӣ басо болотар аз гирифторӣ бар молу ашё ва ҷоҳу мансаб аст.

*Тавон кард бо нокасон бадрагӣ,*
*Валекин наояд зи мардум сагӣ (134).*

Имкон дорад, ки дар посухи нокасон бадкорие анҷом ёбад, аммо одамизод набояд сагӣ пеш гирад ва сагвор инсонҳоро бигазад. Аз саги газандаи дандонҳояш заҳролуд манзури Саъдӣ одамони бадзабон ва бефаросат аст, ки бо заҳри сухан ва гуфтори аблаҳонаи худ инсонҳоро азият мекунанд. Некон ҳатто сагро рому ором мекунанд, саги Асҳоби Каҳф бо солеҳон нишаста, ба ахлоқи онҳо пайрав шуд. Ҳайф бошад, ки инсонҳои солим рафтору кирдори сагона ихтиёр намоянд.

Зиндагӣ бузургтарин ва беҳтарин устоди инсонҳост. Танҳо одами боақлу фаросат аз ин мактаби бузург метавонад ҳикмат омӯзад. Муҳим нест, ки санҷишҳои онро дар худамон таҷриба кунем, муҳимтар он ки бар атрофиёни худ бо андешаву тафаккур нигоҳ кунем, ки зиндагӣ бо онҳо чӣ корҳое кардааст.

### АДАБИЁТ


1. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. - Хуҷанд: Хуросон, 2013. -Ҷ.4. -584 с.
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 3 марти соли 2006. 11 с.
3. Мусулмонқулов Раҳим. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмоқулов. - Душанбе: Маориф, 1990. –334 с.
4. Обид Шакурзода. Шарҳи “Гулистон” – и Саъдӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. -540 с.
5. Садрӣ Кишоварз. Мактаби Саъдӣ. - Теҳрон: Ковиён, 1338ҳ. -138с.
6. Садриддин Айнӣ. Куллиёт. - Ҷилди ёздаҳ, китоби якум.- Душанбе, 1963. -С. 103.
7. Саъдии Шерозӣ. Бӯстон. – Душанбе: Маориф, 1977. -138 с.
8. Саъдӣ Муслиҳиддин. Куллиёт. - Чопи ҳаштум / Ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. - Теҳрон: Амири Кабир,1349ҳ. - 450 с.


### ТАРБИЯИ ГУМАНИСТӢ ДАР “БӮСТОН”-И САЪДӢ


Дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ шахсиятҳое ҳастанд, ки номи онҳо абадуддаҳр зиндаву ҷовид мемонад. Яке аз онҳо суханвари бузурги адабиёти форсу тоҷик Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозист. Аз замони зиндагии Саъдӣ асрҳо сипарӣ гардида бошад ҳам, мероси адабии ӯ аҳамияти худро гум накардааст. Афкору андешаҳои гуманистии Саъдӣ имрӯз ҳам барои тарбияи маънавии инсоният, пойдор гардондани сулҳ, таъмин намудани иттиҳоду иттифоқи халқу миллатҳои сайёраи мо хизмат мекунанд. Сабаби шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани Саъдӣ, пеш аз ҳама, дар ҷозиба, ғояҳои амиқи фалсафӣ, инсондӯстиву инсонпарварӣ ва истеъдоди баланди шоирист. Қимати ғоявию бадеии эҷодиёти ӯ инсондӯстиву инсониятпарварии онҳост, ки тараннуми ҳаёт, озодфикрӣ, тасдиқи озодии шахсӣ, бовари ба ғалабаи ақлу хирад ва тантанаи ҳақиқат аст, ки ин ҳама талаботи муҳимми ҷаҳони имрӯза мебошад. Ин аст, ки андешаҳои инсондӯстонаи Шайх Саъдии Шерозӣ бо вуҷуди гузашти қарнҳо аз ҷумлаи таъсиргузортарин осори адабиёти ҷаҳонӣ дониста мешаванд. Инсондӯстӣ, башардӯстӣ яке аз ҳадафҳои эҷодиёти Саъдӣ мебошад. Ин ғоя яке аз рукнҳои асосии осори бузургони қарнҳои пешин ва бахусус дини мубини ислом аст. Саъдӣ бошад, ҳамин ғояро инкишоф додааст.



**Калидвожаҳо:** тарбияи гуманистӣ, афкору андешаҳои гуманистии Саъдӣ гуманизми олии Саъдӣ, адиби инсонпарвар, қимати ғоявию бадеии эҷодиёти ҳикояҳои “Гулистон”.


### ГУМАНИСТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ В “БУСТАН”-Е СААДИ


В истории мировой цивилизации есть личности имя которых навсегда запечетлено на страницах всемирной истории. Одним из таких великих представителей персидско-таджикской литературы является Шайх Муслихиддин Саади Ширази. С времён жизни Саади прошли столетия, но его литературное наследие не потеряло своей значимости. Его гуманистические идеи до сегодняшнего дня служат для духовного воспитания, установления мира, обеспечения единства и сплоченности народов и наций нашей планеты. Причиной приобретения мировой славы Саади, прежде всего, является привлекательность, глубокие философские идеи, гуманизм и высокое

поэтическое искусство. Идейно-художественная ценность его творчества состоит в их гуманизме и человеколюбии воспевания жизни, свободомыслия, утверждения свободы личности, веры в победу разума и торжества истины, и все это является важным требованием сегодняшних реалий. Поэтому, гуманистические идеи Шейха Саади Ширази, несмотря на прошедшие столетия, являются самым действенным мировым литературным наследием. Человеколюбие и гуманизм являются одним из основных целей творчества Саади. Эта идея является одним из основных элементов наследия выдающихся представителей прошедших столетий, особенно исламской религии. Саади и развивал данную тематику в своих произведениях.

**Ключевые слова:** гуманистическое воспитание, гуманистические мысли и идеи Саади, высший гуманизм Саади, литератор – гуманист, идейно-художественная ценность рассказов Саади, адиби инсонпарвар, ќимати ғоявию бадеии эҷодиёти ҳикояҳои “Гулистон”.

**HUMANISTIC EDUCATION IN “BUSTAN” -E SAADI**

In the history of world civilization, there are personalities whose name is forever on the pages of world history. One of such great representatives of Persian-Tajik literature is Shaykh Muslihiddin Saadi Shirazi. Centuries have passed since the life of Saadi, but his literary heritage has not lost its significance. To this day, his humanistic ideas serve for spiritual education, peace, unity and solidarity of the peoples and nations of our planet. The reason for the acquisition of world fame Saadi, above all, is the attractiveness, deep philosophical ideas, humanism and high poetic art. The ideological and artistic value of his work consists in their humanism and love of humanity of chanting life, freedom of thought, assertion of individual freedom, belief in the victory of reason and the triumph of truth, and all this is an important requirement of today's realities. Therefore, the humanistic ideas of Sheikh Saadi Shirazi, despite the past centuries, are the most effective world literary heritage. Philanthropy and humanism are one of the main goals of Saadi's work. This idea is one of the main elements of the heritage of prominent representatives of the past centuries, especially the Islamic religion. Saadi and developed this theme in his works.

**Keywords:** humanistic education, humanistic thoughts and ideas of Saadi, Saadi’s higher humanism, humanist writer, ideological and artistic value of Saadi’s stories, adibi insponvar, Kimmati boyaviyu bidei ҷikoity ҳikoyaҳoi “Guliston”.

**Сведения об авторе:** ***Абдулманнонзода Мухаммадсиддик*** - Дангаринский государственный университет, соискатель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 985-29-74-74**

**Information about the author:** ***Abdulmannonzoda Muhammadsdiddik*** - Dangara State University, applicant for the Tajik language and literature department. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, ul. Sharifova, 3.
Tel.: **(+992) 985-29-74-74**

**УДК:372.881 (575.3)**

# ҲАДАФҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Иқболова Зарангез***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Тоҷикистон**

Дар ибтидои асри XXI моҳияти иҷтимоию фарҳангии омӯзиши забони англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ комилан тағйир ёфт. Функсияи таълимӣ ва худтаълимии забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ дар мактаб ва донишгоҳ ба маротиб афзуд, бозори меҳнат дар маҷмӯъ ба ҳавасманд намудани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамчун забони муошират байналмилалӣ заминаи мусоид гузошт.

Тағйироти геополитикӣ, коммуникатсионӣ (иртиботӣ) ва технологӣ дар ҷомеа ҳам ба муошират бевосита ва ҳам ба таври ғайримустақим (масалан, тавассути интернет) теъдоди зиёди одамони касб, синну сол ва шавқу завқи гуногунро ворид сохт. Албатта, талабот ба истифодаи забони хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, рӯз ба рӯз зиёд гардида истодааст. Аз ин рӯ, самти муҳимро омӯзиши забон ҳамчун воситаи муошират ва шиносоӣ бо мероси маънавии мамлакат ва халқҳои дигар кишварҳо касб кардааст. Хусусан, ҳамгироӣ, яъне раҳёфт дар омӯзиши забонҳо дар асоси робитаи мутақобилаи такмили малака дар тамоми шаклҳои фаъолияти гуфторӣ: гӯш кардан, суханварӣ, хониш.

Ҳадафҳои асосии таълими забони англисӣ ҳамчун яке аз забонҳои муошират байналхалқиро инҳо ташкил медиҳанд:

1. Ташаккули коммуникативӣ (иртиботӣ) ва иҷтимоию фарҳангии шахсияти таълимгиранда, омода намудани ӯ ба иртиботи байнифарҳангӣ, ки ҳадафҳои мазкурро фаро мегирад:

- ташаккул ва рушди салоҳиятҳои биолингвистикии коммуникативӣ (забонӣ, гуфтугӯӣ, мутоилоти забонӣ, забоншиносии иҷтимоӣ) барои муошират дар раванди таълим, дар фаъолияти ҳаррӯзаи маишӣ ва корҳои умумӣ, самтҳои истироҳат ва фароғат;

- такмили фарҳанги дарк кардани матнҳои аслӣ (бадеӣ, матни рӯзномаву маҷалла, рекламакунӣ - маълумотдиҳӣ );

- шинос намудани хонандагон бо фарҳанги кишварҳое, ки забони онҳо омӯхта мешавад.

2. Шиносоии хонандагон бо технологияи омӯзиши забони англисӣ ва ташаккули нерӯи худомӯзии онҳо баҳри қаноатмандгардонии шавқмандии шахсӣ дар омӯзиши забони мазкур дар ин ё он самти муошират, соҳаҳои дониш.

Ҳадафи дуюм равона мешавад:

- ба омӯзиши техникаи кор бо адабиёти иттилоотии ватанӣ ва хориҷӣ;

- ба омӯзиши роҳҳои тарҳрезии иттилооти коммуникативӣ-дарккунӣ (сохтори тарҷума, алгоритм, таблитса, схемаҳои забонӣ ва коммуникативӣ);

- ба такмили малакаи кор бо китоб, аудио ва маводи видеоӣ (видеотасвир, барномаҳои компютерӣ);

- ба омӯзиши шаклҳои худназорати самарабахши фаъолияти таълимӣ, коммуникативӣ-дарккунӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ) бо забони англисӣ;

3.Ҳадафҳои тарбиявӣ:

- ташаккули ҷаҳонбинӣ, эътиқоди идеявӣ, ватандӯстӣ, ахлоқӣ, масъулият барои худ ва ҳодисаҳои гирду атроф, инчунин инкишофи эстетикӣ ва маънавии шахсиятро пешбинӣ менамоянд;

4.Ҳадафҳои таълимӣ дар назар доранд:

- азхудкунии дониш дар бораи фарҳанги кишваре, ки забони он омӯхта мешавад, аз ҷумла адабиёт, мусиқӣ, санъати меъморӣ, наққошӣ, таърих ва ғайра, инчунин дониш дар бораи забон, сохтори он, характер, хусусият, монандӣ ва фарқияти он аз забони модарӣ; қаноатмандгардонии шавқмандии шахсии дарккунӣ дар ҳама гуна соҳаи фаъолият.

5. Ҳадафҳои рушдёбанда:

- дарккунии воситаҳои ибрози андеша: тарзи талаффуз, истифодаи калимаҳо барои номгузории ашё, муқоисаи ҳодисаҳои забони модарӣ ва забони англисӣ; ташаккули ҳисси эҳтиром ба забон, хушфаҳмии забонӣ, хотира, мантиқ (таҳлил, синтез, муқоиса, хулоса), маҳорати ба хатоҳо роҳ надодан, меҳнатдӯстӣ, фаъолнокӣ, маҳорати омӯзиш ва ғайра).

3. Равандҳои муосир дар рушди таҳсилоти забонӣ. Имрӯз методҳои гуногуни таълими забони англисӣ вуҷуд доранд. Ҳамаи онҳо дар замонҳои гуногун ба хотири қонеъ намудани талаботи шумораи васеи одамон ба омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурда мешуданд. Дар байни доираи васеи тамоюлҳои муосири таҳсилоти забонӣ метавон тамоюлҳои зеринро қайд кард:

*Тамоюлҳое, ки ба бозори технологияи таҳсилот тааллуқ доранд.* Барои азхудкунии забони англисӣ шаклҳои бешумор пешниҳод карда мешаванд. Айни замон курсҳои зиёд омӯзиши гурӯҳӣ ва инфиродии забон, машғулиятҳо бо соҳиби забон ва инчунин методикаи воридшавӣ ба муҳити забониро пешниҳод мекунанд. Дар баробари ин, мустақилона омӯхтани компютер дар шароити кунунӣ амри зарурист. Ба шарофати рушди технологияҳои мултимедӣ ёрдамчиёни (репититорҳои) бешумори шаклан нави электронӣ пайдо гардидаанд. Тақлиди муоширати озод, техникаи дарккунии нутқ, машғулиятҳои интерактивӣ, хусусиятҳои асосии курсҳои компютерӣ мебошанд.

*Тамоюлҳо дар методҳои таълим.* Таълими забон аллакай характери амалӣ касб намудааст. Вазифаи омӯзгори имрӯза дар раванди таҳсилот хеле тағйир ёфтааст. Дар замони муосир ҷойи омӯзгор-мушовир, омӯзгор-ҳукмфарморо омӯзгор - мушоҳидакор, омӯзгор - миёнарав гирифта истодаанд. Пешравӣ ва тағйиротҳои ҷиддии методҳои омӯзиши забон бо навгониҳо дар соҳаи психологияи шахсият ва гурӯҳҳо алоқаманд мебошанд. Талабот ба худтатбиқкунӣ пайдо мегардад. Омили психологии омӯзиши забони англисиро ба мавқеи пешсаф будан дар таълим пешниҳод мекунанд. Дар системаи «омӯзгор - хонанда» қоидаҳои нонавиштаи зерини сохтори муносибатҳо - муошırати аутентӣ, талаботи андешашуда ва эътироз, манфиатҳои тарафайн, эҳтироми озодии шахсони дигар амал мекунанд.

*Тамоюлҳои таъсиррасон ба сифати таҳсилоти забонӣ аз ҳисоби истифодаи технологияи инновастсионӣ.*

*Арзишҳои шахсӣ-тамоюлии таҳсилоти забони англисӣ ба омилҳои зерин вобастагӣ доранд:*

- сатҳи дарккунии муҳиммияти омӯзиши ҳар як забони ғайримодарӣ ҳамчун воситаи гуфтугӯ дар дунёи муосири бисёрзабона ва гуногунҷанба;

- тасаввуроти дақиқ доштан дар бораи талаботе, ки ба сатҳи омодагии забонии хонанда дар ҳар як давраи таҳсилот ва технологияҳои дорои имконияти муайянкунии ин дараҷа нигаронида мешаванд;

- қонеъ намудани эҳтиёҷоти шахсӣ дар омӯзиши забонҳои муосири ғайримодарӣ ва истифодаи амалии онҳо.

Демократикунонӣ, ки дар ягонагии ҷузъҳои мактабии мундариҷаи таҳсилоти забонӣ, вариантнокии таҳсилот оид ба омӯзиши забони англисӣ ва озодӣ дар интихоби восита, шаклҳои ноил гардидани ба ҳадафҳои таҳсилот ифода мегардад.

*Мундариҷаи методии дарси забони англисӣ.* Хусусияти дарси забони англисӣ дар он аст, ки он воҳиди мустақили раванди таълим набуда, як ҷузъи занҷираи дарсҳо ба ҳисоб меравад. Талаботи асосии психологӣ, педагогӣ ва методӣ ба омӯхтани забони англисӣ, пеш аз ҳама, риояи талаботҳои коммуникативӣ, инфродии раванди таълим, тамоюлҳои забонии супоришҳо, лаҳзаҳои таълимӣ, навоварӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

*Коммуникативӣ.* Агар ташаккули маҳорати муошират ба инсон бо забони англисӣ зарур бошад, дар ин ҳолат омӯзондани онро ба роҳ мондан лозим аст. Яъне, таълим бояд чунон ташкил карда шавад, ки он робитаи коммуникативиро устувор гардонад. Танҳо дар ин ҳолат, имконияти ташаккули малака ва маҳорати хонанда имконпазир мегардад ва толибилм метавонад дар шароити воқеӣ амал кунад.

*Инфиродикунонӣ.* Ҳар як инсон бо тамоми хусусиятҳои ба ӯ хосси инфиродӣ пазируфта мешавад. Дар раванди фаъолияти гуфторӣ инфиродикунонӣ аҳамияти фавқулода пайдо мекунад, зеро муоширати бемантиқ вуҷуд надорад, нутқ ҳамеша дар шакли инфиродӣ вуҷуд дорад. Он ба шуур, тамоми самтҳои психологии инсон ҳамчун шахсият алоқаи зич дорад. Фаъолияти омӯзиши самарабахши гуфториро бе муроҷиат ба хусусиятҳои инфиродии хонанда таъмин кардан ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, ба омӯзгор зарур аст, ки хонандагони синф, шавқу завқ, характер, муносибати тарафайн, таҷрибаи ҳаётӣ, ҳавасмандии онҳоро омӯзад. Мушкилот дар он зоҳир мегардад, ки дониши мазкурро дар раванди муайянкунии мундариҷаи супоришҳо ва ташкили онҳо истифода бурдан зарур аст. Масалан, гурӯҳи корӣ ягон кори самарабахшро анҷом намедиҳад, агар “ҳамсуҳбат”-и ҷуфти мазкур ба ҳамдигар муносибати хуб надошта бошанд; ба хонандаи синф супориш пешниҳод намудан мантиқ надорад, агар сатҳи суханронии ӯ дар коллектив дар сатҳи паст қарор дошта бошад.

*Тамоюли гуфторӣ.* Тамоюли гуфторӣ, пеш аз ҳама, моилкунӣ ба самти амалии дарс мебошад. Маҳз ба фаъолияти суханронии амалӣ бахшидани қариб тамоми вақти дарс аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ҳар як дарс бояд масъалаҳои мушаххаси амалиро ҳаллу фасл намояд ва хонандаро ба ҳадафҳои ӯ наздик созад, на танҳо омӯзгор, балки толибилм низ донад, ки ба кадом малакаҳо ё маҳоратҳо онҳо то охири дарс бояд ноил гарданд.

*Вазъиятпазирӣ.* Таълими вазъиятпазирии забони англисӣ талаб мекунад, ки тамоми алфози талаффузшаванда дар раванди дарс бояд ба ҳамсуҳбат-хонанда ва омӯзгор, хонанда ва хонандаи дигар, муносибати онҳо тааллуқ дошта бошад. Вазъиятпазирӣ, ин тааллуқ доштани иборaҳо ба он муносибатҳое, ки дар он ҳамсуҳбатон қарор доранд. Вазъиятпазирӣ – шароити ҳаётан муҳим барои таълими маҳорати сухангӯйӣ. Вазъият ин ҳавасмандӣ ба сухангӯйист. Моҳияти вазъиятпазирӣ нишон медиҳад, ки татбиқи он бе инфиродикунонӣ ғайриимкон аст, зеро ташкили вазъият дар дарс ҳамчун системаи муносибатҳои мутақобила танҳо дар сурати хуб донистани имконоти ҳамсуҳбат, таҷрибаи шахсӣ, фаъолияти дақиқ, шавқу завқ, ҳиссиёт ва мавқеи шахсияти онҳо дар коллектив имконпазир мегардад.

*Навгонӣ.* Навгонии забони англисиро танҳо бо роҳи қориазёдкуниҳои мунтазам таълим додан ғайриимкон аст, зеро ин тарзи таълим, *аввалан,* ғайрисамарабахш ба ҳисоб меравад; муколама ва матнҳои зиёдро аз ёд кардан мумкин аст, вале он имконияти суҳангӯйиро ба забони англисӣ таъмин карда наметавонад, *баъдан,* ин роҳи самаранок ва шавқовар пазируфта намешавад. Дар раванди таълим дар дарсҳои забони англисӣ принсипи навгонӣ вариантнокии мунтазами лаҳзаҳои гуфториро тақозо мекунад, ки он барои омода намудани хонандагон ба «воҳӯрӣ» бо ҳама гуна лаҳзаҳои нав ва на танҳо бо онҳое, ки дар дарсҳо воҳӯрдаанд, пешниҳод карда мешавад. Навгонӣ ҳамчун ҷузъи методии мундариҷаи дарси забони англисӣ яке аз далелҳои муҳиму таъмингари шавқмандии хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо, аз ҷумла, навгониҳои мундариҷаи маводи таълимӣ, навгонии шакли дарсҳо (дарс-экскурсия, дарс-намоиш, дарс-чӣ? кай? дар куҷо? ), навгонии шакли корҳо, умуман, навгониҳои мунтазами (дар доираи хирад) ҳамаи ҷузиётҳои раванди таълим дар назар дошта мешавад.

*Принсипҳои таълими забони англисӣ.* Аз рӯйи талаботи умумии қабулшуда ҳамаи принсипҳои таълими забони англисӣ ба принсипҳои умумидидактикӣ ва методӣ ҷудо

мешаванд.

*Принсипҳои умумидидактикии таълими забони англисӣ.*

*Принсипи шахсӣ-тамоюлии таълим.* Самти принсипи шахсӣ- тамоюлии таълими забони англисӣ дар назар дорад:

- мусосидат намудан ба дарк намудани таҷрибаи иҷтимоӣ аз ҷониби хонандагон, яъне дониш, малака ва маҳоратҳое, ки барои ҳаёти муътадил дар ҷомеа, сотсиуми мушаххас заруранд;
- ҳавасмандгардонии қобилияти хонанда нисбат ба тафаккури озод ва эҷодӣ;
- ташаккули ҷаҳонбинии хонанда, ташкили тасвири якпорчагии дунё дар тамоми гуногуншаклии он;
- инкишоф додани қобилияти огоҳона таҳррезӣ намудани рушди шахсӣ, дарки пешрафти пайдарҳам ва мустақилонаи хеш, аз ҷумла, азхудкунии мустақилонаи фарҳанги нави забоншиносӣ;
- дар хонанда ташаккул додани системаи хусусият ва сифатҳои шахсии худташаккулдиҳии мусоидаткунанда: ҳавасмандӣ, дониши системавӣ ҳамчун воситаҳои назорати ташаккулёфтаи тасвири дунё ва ғайра.

*Принсипи шуурнокӣ.* Мундариҷаи принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон аз амалиёти азхудкунӣ аз рӯйи маводи забонӣ (пеш аз ҳама грамматикӣ) огоҳанд.

Муносибати ҳамаҷониба ба ҳавасмандгардонии хонандагон дар самти ташаккули онҳо равона шудааст:

- ба ҳассосият ва шавқмандӣ ба беназирии қобилиятҳои фикрии ғайр ва фарҳанги бегона;
- ба қобилияти шинохти ин зуҳурот ва фаҳмидани онҳо, муқоиса карда тавонистани онҳо бо ҷаҳонфаҳмии шахсӣ ва таҷрибаи фарҳангӣ, дарёфти умумият ва тафовутҳо дар байни онҳо;
- ба ташаккули маҳорати самтгирӣ карда тавонистани қобилияти интиқоли падидаҳои тарзи дигари ҳаёт, тарзи дигари шуурнокӣ ва ҳиссиётҳои дигар, арзишҳои дигар, ворид шудан ба муколама бо онҳо;
- маҳорати ба таври танқидӣ дарккунӣ ва ҳамин тавр бою ғанӣ гардонидани ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии хеш.

*Принсипи тамоюли эҷодӣ* дар раванди таълими забони англисӣ. Раванди азхудкунии забони англисӣ ҷараёни эҷодии омӯзиши забон ба шумор меравад, ки аз доираи фаъолияти маҳдуди таълимӣ кайҳо берун баромадааст. Вобаста аз синну сол, маводи таълимӣ ва дигар далелҳо таълим, таҳия ё басаҳнагузории афсона, коркарди лоиҳа, ҳалли масъалаҳои проблемавӣ, мубоисаҳо ва ғайра ба нақша гирифта мешаванд.

*Принсипи чоруми* дидактикӣ бо характери фаъолиятии таълим ба таври умумӣ ва забони англисӣ алоқамандии махсус дорад. Мундариҷаи он ба таълими забони англисӣ равона шудааст, ки ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ ва умумифарҳангии хонандагон нигаронида шудааст ва он бояд характери фаъолиятӣ дошта, дар ҷидду ҷаҳди беруна ва дохила (ақлӣ) ифода ёбад. Асоси принсипи мазкурро идеяи назарияи фаъолиятнокӣ ташкил медиҳад, ки мувофиқи он фаъолият ҳамчун таъсири самарабахши инсон ба муҳити воқеии атроф шинохта шудааст.

*Принсипи дидактикии охирон* тавсифи бештарро тақозо дорад. Мундариҷаи асосии таълими забонҳои хориҷӣ ба ташаккули худмухтории хонанда дар фаъолияти таълимӣ роҷеъ ба азхудкунии забони омӯхташавандаи мушаххас равона шудааст.

Принсипи мазкур бо сабаби зарурати навсозии чунин самти омӯзиш - фаъолияти хонанда оид ба азхудкунии забони хориҷӣ дар раванди таълим мавриди амал қарор дорад. Дар ин ҳолат интизом ва кӯшиш муҳим ҳисобида нашуда, фаъолнокии хонанда (ақлонӣ, гуфторӣ, гуфторӣ-фикрӣ), ҷидду ҷаҳд, мавҷудияти хушнудӣ ва қаноатмандӣ аз муоширати субъектони раванди таълим бо якдигар, аз маводе, ки дар раванди машғулиятҳо бояд омӯхта шавад, бештар муҳиммият пайдо мекунанд. Вазифаи асосии омӯзгор дар аснои татбиқи принсипи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бояд ҳар як хонанда роҳи инфиродии пешравии худро дар дарккунии забон дар раванди таълим дарёфт намояд.

**АДАБИЁТ**

1. Бойматов А. Методикаи таълими забони англисӣ, 2009, Барномаи омӯзиши забони англисӣ / А.Бойматов; мураттибон П.Н. Сатская ва П. Джамшедов. –Душанбе: Сарпараст, 2003.

2. Бим И. Л. Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника / И. Л. Бим. - М., 1977.
3. Ведель. Г.Е. К вопросу о научных основах метода обучения / Г.Е. Ведель. -М.,1962.
4. Гальскова Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам. Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. – М.: АРКТИ, 2004.
5. Грузинская. И.А. Методика преподавания английского языка / И.А. Грузинская. -М.,1938.
6. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2003.
7. Миролюбов А.А. Майкл Уэст и его методика обучения чтению / А.А. Миролюбов //ИЯШ. – 2003. - №2.
8. Настольная книга преподавателя иностранного языка: Справочное пособие/ Е.А. Маслыко, П.К. Бабинская, А.Ф. Будько, С.И. Пеирова. – Минск, 1998.
9. Пассов Е.М. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению / Е.М. Пассов. – М.: Просвещение, 1991.
10. Усмонов К. Методикаи таълими забони англисӣ / К. Усмонов, А. Бойматов. - Душанбе-Хужанд, 2009.
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014». Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. –Душанбе, 2003. - №3.
12. Гордеева Е. Amerika the Beautiful: грамматический справочник / Е.Гордеева. – М, 1999. – Москва, Ленинградский пр-т,17(стр.62)

## АСОСҲОИ ЛИНГВИСТИИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Муаллиф дар мақолаи мазкур зарурат, ҳадаф, асосҳои лингвистии таълими грамматикаи забони англисиро шарҳу эзоҳ додааст. Гузашта аз ин, дар мақола ҳадафҳои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои коммуникативӣ барои муошират дар раванди таълим, фаъолияти ҳаррӯза, истироҳат ва фароғат, такмили фарҳанги дарк кардани матнҳои аслӣ (матнҳои бадеӣ, матни рӯзномаву маҷаллаҳо, реклама - маълумотдиҳӣ) равшан ва возеҳ нишон дода шудаанд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз онҳо истифода карда метавонанд. Муаллифи мақола инчунин раҳёфти асосҳои лингвистии таълими грамматикаи забони англисиро дар системаи таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тавассути таъмини фаъолияти пурсамари илмӣ, бахусус омӯзиш, вижагиҳои фаъолияти таҳқиқотӣ, ибтикорӣ (инноватсионӣ) ва муайян сохтани асосҳои илмии таълими грамматикаи забони англисӣ ва роҳҳои таҳким бахшидан ба он ба таври назарӣ ва амалӣ тибқи талаботи замон ҷустуҷӯ ва дарёфт намуда, онҳоро ба омӯзгорону устодон, донишҷӯёну падару модарон тавсия намудааст.Ҳамзамон, дар мақола ба маҳорати касбии омӯзгорон, фаъолияти онҳо дар татбиқи технологияҳои инноватсионӣ аҳамияти хосса зоҳир гардида, баҳри ноил гардидан ба сатҳи баланди тайёрии назариявӣ ва амалии омӯзгор, истифодаи шакл ва усулҳои инноватсионии таълим, тамоили коркарди масъалаҳои эҷодӣ, маҳорати истифодаи технологияҳои нави педагогӣ тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд, ки истифодаи онҳо методикаи таълими грамматикаи забони англисиро самаранок мегардонад.

**Калидвожаҳо:** лингвистика, грамматика, коммуникативӣ, ҳамгироӣ, худомӯзӣ, худназораткунӣ, синтез,муқоиса, раванд, вазъиятпазирӣ.

## ЦЕЛИ ПРЕПОДАВАНИЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ

Автор статьи, поясняя необходимость, цель и основу преподавания грамматики английского языка, даёт некоторые предложения по ключевым аспектам и направлениям обучения в контексте существующих проблем в этой области. Наряду с этим в статье определены цели, обеспечивающие формирование компетентностных коммуникативных навыков в ходе общения в учебном процессе, повседневной жизни, работе и досуге. Здесь же предложено совершенствование культуры понимания содержания основных текстов (художественные, газеты и журналы, рекламы - информация), позволяющие учителям общего, начального и среднего профессиональных учреждений образования успешно использовать их в процессе обучения английского языка. Автор статьи в ходе поиска эффективного преподавания грамматики английского языка, исследовательско-инновационной деятельности, а также определения научных основ обучения грамматики английского языка, повышения теоретических и практических сторон уроков обобщает полученные результаты и рекомендует их заинтересованным сторонам. Данные рекомендации положительно могут помочь учителям и преподавателям общих, начальных, средних и высших учереждений в реализации эффективного преподавания грамматики английского языка. В то же время, в статье даны ценные рекомендации учителям, преподавателям по необходимости роста методического мастерства учителей, достижения высокого профессионализма, а также высокого уровня теоретической и практической подготовленности учителей, использования инновационных форм и методов обучения, использование новых педагогических технологий, разработки творческих задач, что способствует их эффективной реализации на практике.

**Ключевые слова:** лингвистика, грамматика, коммуникативные навыки, интеграция, самоанализ, самоанализ, синтез, сравнение, процесс, ситуация.

## THE OBJECTIVES OF TEACHING A FOREIGN LANGUAGE AT THE MODERN TIME

The author of the article, explaining the need, purpose and basics of teaching English grammar, gives some suggestions on key aspects and areas of study in the context of existing problems in this area. In addition, the article identifies clear goals that ensure the formation of companion communicative skills in the course of communication in the educational process, everyday life, work and leisure; Improving the culture of understanding the content of basic texts (art, newspapers and magazines, advertising - information) allows teachers of general, primary and secondary vocational education to successfully use them in the process of teaching English. The author of the article by finding ways to effectively teach English grammar, research and innovation, as well as determine the scientific basis for teaching English grammar, find ways to improve the theoretical and practical aspects of lessons to bring them to the attention of interested parties. The recommendations given in the article can help teachers and teachers in general, primary, and secondary and higher education institutions to ensure effective teaching of English grammar. At the same time, the article provides

valuable recommendations to teachers, teachers on the need for the growth of methodological skills of teachers, teachers' high professionalism, as well as achieving a high level of theoretical and practical preparedness of teachers, the use of innovative forms and teaching methods, the use of new pedagogical technologies, the development of creative tasks that contributes to their effective implementation in practice.

**Keywords:** linguistics, grammar, communicative, integration, introspection, introspection, synthesis, comparison, process, situation.

**Сведения об авторе:** ***Икболова Зарангез*** – Институт развития образования им.А.джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45.
Телефон: **918-24-88-83**

**Information about the author*: Ikbolova Zarangez*** - Institute of Educational Development named after A. Djami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. S. Aini, 45. Phone: **918-24-88-83**

**УДК:372.800.8:378(575.3)**

# ЗНАЧЕНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННО - ПРАВОВОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТОВ В УСЛОВИЯХ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОСТРАНСТВА СОВРЕМЕННОГО КОЛЛЕДЖА

***Идрис Окилов***
**Институт развития образования им.Абдуррахмана Джами**

Роль и значимость овладения правовыми знаниями в условиях современной социокультуры приобретают особую актуальность, обусловленную коренной трансформацией общественной жизни, накладывающей свой отпечаток на сознание людей. В этой связи, провозглашение Республики Таджикистан правовым государством и продвижение правовой реформы, осуществляемой в целях модернизации законодательства, выстраиваемого на основе принципов, устанавливающих верховенство закона, создает приоритет прав личности путем осознания новой, гуманистической роли права и всей юридической системы, поиска мирных путей в разрешении выдвигаемых проблем и конфликтов.

Однако, с развитием процессов, связанных с обновлением законодательства, разрыв между положениями и принципами нового демократического законодательства и низким уровнем правосознания и нравственно-правовой культуры населения, особенно молодежи, проявляется особенно остро. Ибо значительной частью обучающихся и студентов право рассматривается лишь в контексте средства, используемого в экстремальных условиях при разрешении собственных социальных проблем, тогда как владение нравственно - правовой культурой представлено позитивным отношением к праву, которое осознается как фактор нравственного регулирования отношений на основе определенного уровня конкретных знаний, умений, навыков в области права, путем возможности по их реализации через практическую деятельность, а также формирования нравственно - правомерного поведения.

Все это ставит проблему формирования нравственно-правовой культуры в ранг государственной политики и это, прежде всего, основные задачи профессионального образования, которые требуют системного исследования сложившихся процессов образования специалистов в учреждениях среднего профессионального образования, а также процессов становления личности специалиста.

Проблемы в трансформации политического и экономического строя, предусматривающие решение задач в изменении общественных структур республики, в том числе и в структуре образования, конкретизировались со вступлением Республики Таджикистан на путь построения демократического общества. Для придания этим изменениям конкретной направленности в целях изменения структуры и содержания обучения и воспитания в соответствии с требованиями демократического общества, были приняты нормативно - правовые документы.

Проблемы формирования нравстенно - правовой культуры молодежи в контексте ориентиров в современном образовательном процессе, определяемых социальным заказом общества, стали главным звеном в реформировании сферы образования. Формирование устойчивой нравственно -правовой культуры подрастающего поколения становится важнейшей задачей образовательных учреждений, ибо глубокие идейные убеждения, рождаемые на основе нравственно-правовой культуры, находят свое подтверждение через поступки и конкретные дела молодежи. Высокий уровень нравственно-правовой культуры молодежи возникает лишь на основе продуманных, прочувствованных человеком поступков, подтвержденных его личным

опытом, в связи с чем, особую значимость приобретает разъяснение конкретных норм в специально созданных условиях, в которых обучающимися могут быть апробированы и проверены собственные взгляды, и в этом процессе огромная роль отводится современному колледжу.

Актуальность проблемы нравственно-правовой культуры студентов современного колледжа, необходимость ее совершенствования у обучающихся обосновывается принятием в последние годы ряда государственных нормативных документов и актов в Республике Таджикистан: Конституцией (Основной закон Республики Таджикистан) [3], Законом РТ «Об образовании» [1], «Концепцией национальной школы» [4] , «Национальной концепцией воспитания Республики Таджикистан» [5], Национальной концепцией молодежной политики в РТ [6]. Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за воспитание детей» [2] и т.д.

По результатам участия в этих соревнованиях таджикские спортсмены: С.Рахимов, З.Рустамова, Ю.Лобанов, Н.Суравицкий, В.Кабиров, С.Хусайнов, А.Тихонов и др. были включены в состав сборной СССР и в дальнейшем многие из них стали чемпионами мира и призёрами Олимпийских игр.

Благодаря независимости, спорт в республике стал развиваться, ежегодно в дни празднования Навруза, Мехргона и Сада соревнования по различным видам национального спорта: гуштин (национальная борьба, козлодрание, закидывание аркана, перетягивание каната, метание копья, канатоходство, катание на качелях, прыжки через костёр, метание ядра, поднятие тяжести, прыжки в высоту и длину, верховая езда, бег и др.)

На современном этапе перед физкультурными организациями республики стоят важные задачи по использованию исторического опыта в деле совершенствования системы физического воспитания. В изучении культурного наследия, в том числе истории физической культуры предков таджикского народа, в возрождении национальных видов спорта и народных игр и использовании их для развития современных видов спорта ведущая роль принадлежит вузам республики.

Анализ исторических источников и научной литературы приводит к выводам о том, что вопросы изучения сущности и содержания национальных средств физического воспитания находят широкое освещение и привлекают внимание исследователей.

Изучение сущности этого вопроса позволило нам определить наиболее важные подходы к его пониманию:

- национальные средства физического воспитания выступают как образ жизни, как способ и характер жизнедеятельности личности, социальной группы, всего сообщества, детерминированной их собственной природой, общественно-экономическим и естественно-географическими условиями;

- ключевое понятие национальных средств физического воспитания составляют особенности формы существования, развития и преемственности передачи исторического содержания духовно-физической деятельности данной общности, а также специфические особенности содержания национальной культуры;

- национальные средства физического воспитания составляют взгляды, идеи, навыки и приёмы, нашедшие своё выражение в народной культуре;

- дальнейшее развитие национальной культуры, особенно национальных средств физического воспитания, связывают с тем, что, сохраняя определённую преемственность с прогрессивными спортивными традициями прошлого, они вырабатываются, формируются новыми жизненными условиями как определяющими новый облик физической культуры;

- педагогическое осмысление изучаемой проблемы формирования национальных средств физического воспитания неразрывно связано с национальной культурой, которая на протяжении нескольких столетий отражала и утверждала единство телесности и нравственности.

В связи с этим возникает необходимость теоретического осмысления и обоснования педагогических условий эффективности, учитывающих специфику профессиональной деятельности учителя физической культуры на современном этапе.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бабаджанов А.К. История физической культуры Таджикистана / А.К. Бабаджанов. – Душанбе, 2002.
2. Бахриддинов С. Становление физической культуры у народов Центральной Азии / С. Бахриддинов. – Душанбе, 2014. – 24 с.
3. Бахридинов С. Физическая культура таджикского народа в древнем мире (04.09.2014): автореферат диссертации. Библиотека авторефератов и тем диссертаций DiBase.ru.
4. Гафуров Б.Г. Таджики / Б.Г. Гафуров. – Душанбе, 1989. -Кн. 1.
5. Кун Л. Всеобщая история физической культуры и спорта / Л. Кун. - М., Радуга, 1982. -С. 27-60.
6. Материалы IV республиканской научной конференции и VIII педагогических чтений по вопросам физического воспитания молодежи. – Ташкент, 1974.
7. Махмадрасулов С. Правила соревнования по борьбе гуштингири / С. Махмадрасулов. - Душанбе, 1993.
8. Таджикская советская энциклопедия. - Т.3. Камон.

**ДАВРАБАНДӢ ВА ТАСНИФИ ВОСИТАҲОИ МИЛЛИИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНИИ ТОҶИК**

Муаллиф дар мақолаи худ воситаҳои тарбияи ҷисмониро даврабандӣ ва тасниф намудааст. Таъкид шудааст, ки воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ ҷузъи муҳимми фарҳанги халқӣ мебошанд, ки дар таърихи халқи тоҷик нақши муҳимро бозидаанд. Онҳо, аввалан, як қисми фарҳанги халқӣ, сониян, қисми низоми фарҳанги ҷисмонӣ буда, хислатҳо ва сифатҳои беҳтарини инсонӣ: ҷавонмардӣ, ҷасорат, инчунин ҳалолкорӣ, хайрхоҳӣ, поквиҷдонӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайраро тарбия менамоянд.

**Калидвожаҳо**: даврабандӣ, тасниф, воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ, тоҷик, фарҳанг, машқҳо, педагогика.

**ПЕРИОДИЗАЦИЯ И КЛАССИФИКАЦИЯ ТАДЖИКСКИХ НАЦИОНАЛЬНЫХ СРЕДСТВ ФИЗИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ**

В своей статье автор осуществляет периодизацию и классификацию средств физического воспитания. Подчеркивается, что национальные средства физического воспитания являются одним из основных компонентов народной культуры, сыгравших важную роль в истории таджикского народа. Они как часть народной культуры, и системы физической культуры, отражают лучшие человеческие черты и качества: благородство, смелость, а также добропорядочность, доброжелательность, воспитанность, честность, толерантность и т.д.

**Ключевые слова**: периодизация, классификация, национальные средства физического воспитания, таджик, упражнения, педагогика.

**DIVISION INTO PERIODS AND CLASSIFICATION OF THE TAJIK NSTIONAL MEANS OF PHYSICAL EDUCATION**

The author in his article reviews the division into periods and classification of the Tajik national means of physical education. It is underlined that the national means of physical education are an important component of the people culture, which played an important role in the history of the Tajik people. They, first, are a part of the people culture, secondly, a part of the physical culture. They expressed the best human characters and qualities, such as: bravery, courageousness, good mind, good willingness, tolerance, etc.

**Keywords**: division in periods, classification, means of physical education, Tajik, exercises, pedagogic.

**Сведения об авторе:** ***Бободжонов Мухаммадмурод Шомахмадович*** **-** Институт физической культуры Таджикистана им. С.Рахимова, соискатель кафедры педагогики. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Лучоб, 53. E-mail: **bobojon_msh@gmail.ru.** Телефон: **+(992) 903-03-37-27**

**Information about the author:** ***Bobojonov Muhammadmurod Shomahmadovich*** -Institute of Physical Culture of Tajikistan after S.Rahimov, PhD student. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Luchob, 53.
E-mail: **bobojon_msh@gmail.ru.** Phone: **+(992) 903-03-37-27**

**УДК 373.24**

# ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ҲАЁТИ ХУРДТАРАКОН

***Ҷалолова Г.***
**Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе**

Тарбияи одоби муоширaт аз айёми хурдсолӣ ё кӯдакӣ оғоз мегардад. Минбаъд зимоми тарбия дар пайвастагӣ бо оилаву волидайн ва муассисаи тарбиявии томактабӣ ва миёнаи умумию ҷомеа дар умум ҷараён мегирад. Тарбияи одоби муошират вазифаи мушаххаси худро дорад. Агар волидайн дар баробари нисори муҳаббат ба фарзанд аз хурдсолӣ илм биомӯзонанд, бовар аст, ки бача аз ҳар нигоҳ рушд мекунаду камол меёбад. Ин маъниро суханвари бузург Абӯшакури Балхӣ чунин ба қалам додааст:

*Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,*
*Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.*
*Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон,*
*Бигардонад ӯро, чу хоҳад чунон.*
*Чу гардад калон, боз натвонадаш,*
*Ки аз кажжию хамӣ бигардонадаш.*

Ҳадафи муҳимми тарбия ташаккули шахсият мебошад. Одоби муошират тартибу қоидаҳоеро дорост, ки бояд дар муносибат бо дигарон ва рафтор дар муҳити мухталиф риоя карда шаванд. Одоби муошират як қисми муҳимми тарбияи ахлоқӣ аст. Он яке аз шаклҳои асосии танзими меъёрии рафтори одамон дар ҷомеа буда, афкору эҳсосот, мақсад ва шаклҳои гуногуни муносибатҳоро дар асоси тасаввуроти инсон оид ба некию бадӣ, адолату беадолатӣ, шарафу виҷдон ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Одоби муошират аз тасаввуроти ахлоқии инсон замина мегирад.

Муошират ба эҳтиёҷи инсон ба инсони дигар асос ёфта, гуфтугӯ, суҳбат, робитаи забонӣ воситаҳои асосии муошират байни шахсон ба ҳисоб мераванд. Вале, дар

баробари ин, дар муошират нақши имою ишора ва тарзи рафтори шахс низ муҳим аст.

Муошират дар ҳаёти инсон вазифаҳои муайянеро иҷро мекунад. Аз ҷумла, муошират метавонад воситаи расонидан ё гирифтани ахбори тоза, фориғшавии инсон аз асабоният ва амсоли он гардад. Инсон тавассути муошират имкон пайдо мекунад, ки аз дигарон арзишҳои ахлоқию фарҳангии навро биомӯзад. Аз ин рӯ, ибораи «ҳаёт ин муошират аст» асос дорад.

Дар кӯдакон тарбия намудани одоби муошират ва рафтори маданӣ, ин маҳорат ва қобилияти иҷро намудани талаботҳои калонсолон тарзи гуногуни рафтор ва гуфтор, ки дар муносибат ҳамчун намуна қабул шудаанд, истифода бурда мешавад. Дар натиҷа, кӯдакон ин талаботҳоро мунтазам аз худ менамоянд. Бояд қайд кард, ки тарбияи одоби муошират дар кӯдакон, риояи одоби муошират вобаста ба синну соли онҳо ташаккул меёбад. Масалан, дар гурӯҳҳои хурдсолон дар натиҷаи мунтазам таъкид ва ёдрас кардани мураббӣ кӯдакон кӯшиш менамоянд оромона аз ҷой хеста курсичаҳоро ҷо ба ҷо гузоранд, бозичаҳоро ғундоранд ва ғайра. Дар натиҷа кори мунтазами мураббӣ доир ба одоби муносибату муошırати синни кӯдакони калони томактабӣ писарону духтарон, духтарону духтарҳо, писарону писарҳо метавонанад амалу рафторҳои худро идора карда, ибрози ақида намоянд. Маслан, кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки мураббии худро гӯш карда, супоришҳои ӯро иҷро кунанд, чунки ин амалҳо нишонаи одоби муошırати байни ҷинсияти кӯдаконро инъикос менамояд, яъне «лозим», «намехоҳам», «даркор» ин нишонаҳои эҳтиром нисбати якдигарро пайдо мекунад.

Маданияти рафтори кӯдак дар иҷрои қоидаҳои муайяне ифода мегардад, ки вобаста ба синну сол ва ҷинсияти онҳо тарбия карда мешавад.

Одоби муошират ичрои қоидаҳои муайянеро дар назар дорад. Одоби муошират дар муносибати кӯдакон, писарон бо духтарҳо дар истифодабарии арзишҳои фарҳангӣ, боодобию хушмуомилагӣ дар хона, дар кӯдакистон ва ҷойҳои ҷамъиятӣ хуб зоҳир мегардад.

Одоби муошират дар нутқ, иҷрои амалу рафторҳои хуб ифода гардида, меъёри анъанавии «кӯдаки боадаб»-ро дар худ таҷассум месозад. Масалан, салом додан, хайрухуш кардан, ёрӣ расонидан ба хурдсолон ва муҳтоҷбудагон, бахшида тавонистани якдигар, эҳтиёткорӣ нисбати молу ашёи худ ва дигарон то ба охир гӯш карда тавонистани сухани калонсолон ва ҳамсолон, оромона ба саволҳо ҷавоб гуфта тавонистан ва ғайра.

Тарбияи одоби муошират дар кӯдакон ва риояи он дар ин бахш раванди мураккабу давомнок буда, таъсиррасонии муштараки оила ва кӯдакистонро талаб менамояд. Аз ин бармеояд, ки кӯдак ҳассос буда, ҳама вақт дар симои калонсолон, хусусан, падарону модарон ва мураббиён намунаи беҳтарини одобу рафтор, маданияту гуфтор ва арзишҳои маънавиро мебинад ва ба онҳо тақлиду пайравӣ менамояд. Одоби муошират хислатҳои хушгуфторӣ, самимият, латофату нозукии суханронӣ, тозагию покизакориро дарбар мегирад. Барои мисол, мо ин ҷо якчанд бозиҳои муошırати кӯдаконаро меорем, ки аз фоида холӣ нестанд.

**Бозиҳои муоширатӣ:** Дар муассисаҳои тарбиявии томактабӣ мураббияҳо аз бозиҳои муоширатие, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии хурдтаракон мусоидат менамоянд, фаровон истифода мебаранд. Бозиҳои муоширатӣ дар навбати худ ба радифи машғулиятҳо шомил буда, онро мураббияҳо вобаста ба донишу маҳорат ва қобилияти касбиашон ва истифодаи маводи мавҷуда метавонанд ҳархел баргузор намоянд. Албатта, ҳоло мо дар ихтиёри худ маводи бештаре дорем ва метавонем бозиҳои муоширатиро дар сатҳи баланд гузаронем. Кӯшиш кардан лозим, ки бозиҳо хастакунанда набошанд. Мо ба ин машғулиятҳо пешакӣ омодагӣ мебинем ва маводи мавҷудбудаи **тақсимшавандаро, ки иборат аст аз в**арақаҳо, шаклҳои геометрӣ, мавод барои ҳисоб, коғази сахт, қайчӣ, ширеш, қалам, хаткашак ва ғайраҳо, барои бачаҳо тақсим карда медиҳем.

**Рафти машғулият:** Мураббия ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд: «Дар ҷангал рӯбоҳи маккор ба шикори харгӯшон оғоз кардааст. Биёед бачагон барои харгӯшакон хонача месозем, то ки онҳо аз дасти рӯбоҳи фиребгару айёр пинҳон шуда, наҷот ёбанд.

Бачаҳо, барои он ки хонача созем, мо бояд маводи сохтмониро тайёр намоем ва ҳисоб кунем. Барои ин, ба мо рақамҳои арифметикӣ мадад мерасонанд».

Мураббия маводҳои аёнии пешакӣ тайёркардаи худро болои миз гузошта, дар назди бачаҳо устокорона хонача месозад, сипас, бачаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, ба онҳо маводи сохтмониро тақсим намуда, мегӯяд: «Бачаҳо ҳоло бошад, шумо ба хоначаи сохтаи ман бодиққат назар карда, шумо низ хонача созед. Аввалан, дар болои саҳифаи коғаз бо

қалам ва хаткашак шаклҳои геометрӣ, чоркунҷа, росткунҷа, секунҷа кашед, баъд бо қайчӣ онҳоро бурида, ба воситаи ширеш бо ҳам васл намоед ё часпонед ва хулоса, хонача созед».

Мураббия ба кори бачаҳо назорат карда, ба онҳое, ки мушкилӣ мекашанд, кумак менамояд. Акнун хоначаҳои мо тайёр шуданд, мураббия ба кори бачаҳо баҳо гузошта мегӯяд: «Хуш биёед бачаҳо хоначаи аз ҳама зебoро ба харгӯшакон тақдим мекунем».

Мураббия чистонеро дар шакли шеърӣ ба бачаҳо пешкаш намуда, мегӯяд: «Ҳоло мебинем, ки кадоме аз шумо бодиққаттар аст».

**Мураббия мехонад:**

*Саҳар назди хонача,*
*Нишаста ду харгӯшча.*
*Месуруданд суруде,*
*Дӯстона, хушҳолона.*

*Як харгӯшак гурезон,*
*Дигараш монда ҳайрон.*
*Менигарист аз пасаш,*
*Канӣ гӯед бачаҳо, чаққон.*

Чанд харгӯш назди хона монд? (**Ҷавоб: яктояш** монд).

Мураббия ба бачаҳо расмеро нишон медиҳад, ки дар он чанд намуд барги дарахтон, гулҳо, гамбусакҳо тасвир ёфтааст.

-Хуб, бачаҳои ширин, акнун ба ин расм нигаред ва гӯед, ки ҳамаи ин ашё ба ҳам монананд? Бо чӣ фарқ мекунанд? Чандто баргҳои калон ва хурд доранд? Чандто барги тӯс аст? Чандто барги сафедор? Чандто гул аст? Чандто гамбусак? Ранги гул ва гамбусакҳо чӣ гунаанд?

Мураббия дар ҷамъбасти машғулият ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд: «Биёед бачаҳо ҳамаи хоначаҳои сохтаамонро аз назар мегузаронем ва аз ҳама зеботаринашро ба харгӯшакон тухфа мекунем, то ки онҳо аз рӯбоҳ паноҳ баранд. Харгӯшакҳо аз ҳамаи шумо бачаҳо миннатдоранд».

**Бозии муоширатӣ: Хурдтаракон ва табиат. Мақсад:** маводҳои зинда ва ғайризиндаи табиатро фарқ ва онҳоро номбар карда тавонистан, суҳбати дукаса ё нутқи гуфтугӯйӣ, дар нутқ синонимҳо ва антонимҳоро истифода бурдан, иҷро карда тавонистани машқҳои ҷисмонӣ дар вақти додашуда, аз рӯйи мазмуни асари бадеӣ расм кашида тавонистан.

**Маводи тақсимшаванда:** Варақаҳо бо тасвири табиати зинда ва ғайризинда, рангҳои обӣ, гуаш, коғазҳои ранга, варақи коғазӣ ва ғайра.

**Равиши машғулият:Мураббия:** Бачаҳо, моро ҷангалбон ба меҳмонӣ даъват мекунад. Барои ба меҳмонӣ рафтан мо бояд ягон тухфае ба ӯ барем. Биёед якҷоя ҳама он чизеро, ки дар бораи табиат медонем, якҷоя такрор мекунем, пас аз он расми ҷангалро мекашем ва онро ба ҷангалбон туҳфа мебарем.

Хуб, бачаҳои азиз, кадоме аз шумо дар ҷангал будед? Кӣ дар соҳили баҳр буд? Кӣ дар соҳили дарё буд? Дар бораи таассуроти худ ҳикоя кунед. Шумо ба шаҳпаракҳо, парандаҳо, мӯрчаҳо аҳамият додаед? Ҳама он чизҳое, ки мо мебинем ва мушоҳида мекунем ин табиат аст. Акнун фикр кунед, чӣ тавр табиатро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем? Табиати зинда ва ғайризинда. Табиати зинда - дарахтон, парандагон ва ҳайвонот. Ғайризинда - ҳаво, об ва сарватҳои зеризаминӣ. Биёед, хислатҳои табиати зиндаро номбар мекунем: (таваллуд шудан, нафас кашидан, сабзидан, афзоиш ёфтан, хӯрок хӯрдан, ҳаракат кардан); намунаҳоиҳои табиати зинда: одам, шаҳпарак, гул, гурба ва ғайра. Ғайризинда: офтоб, ҳаво, сангҳо. Бачаҳо оё хона, миз, курсӣ ва чумчаро ҷузъи табиат номидан мумкин аст? Не, инҳо ашёе мебошанд, ки онро аз маводи табиат месозанд. Одамон барои сохтани маҳсулот ашёро аз куҷо мегиранд? Аз табиати зинда ва ғайризинда. Мисол: аз дарахтон чӯб тайёр мекунанд, аз чӯб бошад, миз, курсӣ, кат. Аз қум, гил, рег, об ва чӯб хона месозанд. Хулоса, табиат одамро мехӯронад, мепӯшо**над** ва истиқоматгоҳ медиҳад.

**Бозӣ:** Ҳоло бошад бачаҳо, мо бо шумо дар бораи тобистон шеъре мехонем ва шумо бо ҳаракатҳо мазмуни шеърро ифода намуда, лаҳзаи дамгириро иҷро намоед.

*Мо бачаҳои беқарор,*
*Тобистонро интизор.*

(дастҳоро ба пеши бар **қ**ат намуда, ба ду тараф тоб медиҳем).

*Тобистонро интизор, вақти бозӣ,*
*Тобистон оббозию тоз-тозӣ.*

(дастҳоро ба пеш ёзонда, аз чап **ба** рост ҳаракат медиҳем **ва** дар ҷоямон метозем).

*Дар лаби рӯду дарё,*

*Истироҳат мекунем мо*
*Офтобу қуму дарё,*
*Қувват бахшад ба мо.*
*Пас солиму боқувват,*
*Ба мактаб баргардем мо.*

Мураббия ба бачаҳо муроҷиат намуда, мегӯяд: «Бачаҳо, ҳоло шумо таассуроти хешро оид ба фасли тобистон дар соҳили рӯду дарё, дар ҷангал, таътили тобистонаи худро бо қаламҳои ранга рӯйи коғаз тасвир кунед».

Мураббия ба кӯдакон маводро тақсим карда медиҳад ва аз рӯйи кори бачаҳо назорат мебарад. Расмҳои кашидаи онҳоро аз назар мегузаронад, дар хотимаи машғулият бачаҳо тухфаҳои худро ба ҷангалбон дода, ӯро шод месозанд, ҷангалбон ба онҳо баҳри ин тухфаҳо ташаккур мегӯяд.

**Бозии муошилатии тасвирӣ: Меваҳо ва миқдори онҳо. Мақсад:** тартиб дода тавонистани ашё аз рӯйи намуна, муқоиса карда тавонистани ҷисмҳо аз рӯйи ҳаҷм, ҳисоб карда тавонистан то адади 10, ҳал намудани ҷавоби чистонҳо, аз гил ва пластилин сохта тавонистани ашёҳои гуногун.

**Маводҳои тақсимшаванда:** варақаҳо, маводҳои геометрӣ, ашё барои ҳисоб, гил ё пластилин, банан, себ, нок ва дигар меваҳо.

**Рафти машғулият**: Мураббия ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд: «Ба хонаи хирс ҷӯраҳояш ба меҳмонӣ омадаанд, биёед барои зебу оро додани дастархон ба ӯ мадад мерасонем. Аз гилу пластилин мева месозем. Мураббия маводҳоро ба бачаҳо тақсим карда, мефаҳмонад. Бачаҳо ҳар меваеро, ки месозед, аз рӯйи ченаки муайян ва боэҳтиётў зебо созед, то ки хирс дар назди рафиқонаш шарманда нашавад.

Акнун бачаҳо ба ин расм нигаред. Канӣ гӯед дар паси миз киҳо нишастаанд? Хирс, гург, гурба, хар ва харгӯш. Кӣ дар курсии аз ҳама калон нишастааст? **(Хирс)** Кӣ дар курсии аз хама хурд? (Харгӯш). Аз ҳамаи ҳайвонҳо кадомаш калонтар аст? Хирс. Акнун бачаҳо, гӯед, ки пиёлаҳо бештаранд ё меҳмонҳо? **(Пиёлаҳо).**

Мураббия ба бачаҳо чӯбчаҳоро тақсим карда, супориш медиҳад: хуш бачаҳо ба воситаи чӯбчаҳо аз рӯйи намуна шакли хона, моҳича ва гамбусакро бисозед. Барои сохтани хона чандто чӯбчаро истифода бурдед, барои моҳича чӣ? Барои гамбусак чӣ? Барои сохтани кадом шакл чӯбча бештар лозим шуд? (Барои хона 10 чӯбча). Ҳоло бошад, мо бо шумо сурудеро дар бораи себ мехонем, шумо бо ман якҷоя такрор кунед:

*Себаки сурхи сероб,*
*Ширин асту хӯрданбоб.*
*Себак хеле хушрӯй аст,*
*Хушмазаву хушбӯй аст.*

Акнун, бачаҳо шумо аз байни ашёи сохтаи худ ба ман себро нишон диҳед. Шакли себ чӣ хел аст? (лунда) Мазааш чӣ хел аст? (ширин) Ранги себ чӣ хел аст? (сурх). Бачаҳо бо меваҳои сохтаи худ дастархони хирсро пур намоед, хирс-амак аз шумо миннатдор мешавад. Ҳоло бошад, бачаҳо ҷавоби чистонҳоро меёбем:

Беруни вай ягона,
Дарунаш дона-дона. (Анор)

Ин бузи мо тар шудааст,
Сурх чун шакар шудааст. (Тарбуз)

**Бозии муоширатии математикӣ: миқдор ва ҳисоб. Мақсад:** муайян карда тавонистани рақам аз рӯйи адади ашё. Аниқ кардани мавқеъ дар фазо ва ҳамворӣ. Ифода карда тавонистани байни ҳам ҷойгиршавии **ашё** ва самти ҳаракати онҳоро омӯхтани Гулмонӣ бо чанд усул, баҳо додани кори ҳамгурӯҳон, фикри худро бо да**лелҳо** тасдиқ карда тавонистан ва ғайраҳо.

**Маводи тақсимшаванда:** варақаҳо, шаклҳо ё фигураҳои геометрӣ, чӯбчаҳои ҳисобкунӣ, чоркунҷа аз коғази зарди паст ва сафед, коғази ранга барои буридани гулҳои ородиҳии қолин.

**Рафти машғулият:** Бачаҳо, биёед ба Зебоҷон барои бофтани қолини сеҳрнок ёрӣ мерасонем.Мураббия ба бачаҳо муроҷиат карда мегӯяд: «Ҳозир бошад ҳар кадоми шумо ба назди миз омада, яктогӣ варақаҳои нуқтадорро мегиред. Ман савол медиҳам, шумо дар ҷавоб ҳамон варақаҳоро нишон медиҳед, ки ҷавоби дуруст аст.

а) Гурба чанд пой дорад?
б) Харгӯшак чанд гӯш дорад?
в) Велосипед чандчарха мешавад?

Акнун, бачаҳо ба ин расм нигаред ва нақл кунед, ки чӣ дар куҷо ҷойгир шудааст, дар нақл ин калимаҳоро истифода баред (аз чап, аз рост, дар байн, дар пеш, дар қафо).

Ба яке аз хоначаҳо роҳ баред, барои дуруст бурдани роҳ барои шумо ин нома ёрӣ мерасонад. Дар нома чизе навишта нашудааст, фақат хатчаи роҳнамо ҳаст, аз рӯйи он аз поён ба самти боло ҳаракат карда, ба тарафи рост гаштан лозим».

Мураббия диққати бачаҳоро ба худ ҷалб карда мегӯяд: «Бачаҳо, ҳоло бошад, мо аз коғазҳои ранга гулҳо мебурем ва онҳоро бо ширеш ба рӯйи чоркунҷа мечаспонем. Мураббия моҳирона якчанд гул бурида, ба бачаҳо мефаҳмонад, ки чӣ тавр аз коғазҳои дуқаткардашуда, гул буридан лозим аст. Бачаҳо ба кори мураббия нигоҳ карда, гул мебуранд ва ба коғази чоркунҷа бо ширеш мечаспонанд. Акнун бачаҳо биёед корҳои аз ҳама зебо ва бодиққат иҷрошударо аз назар мегузаронем. Зебои соҳибҷамол барои ёриатон ба шумо ташаккур мегӯяд».

**Хулоса,** ҳамин тавр, бозиҳои муоширатӣ дар тарбияву одоби муошрати хурдсолон нақши муассир доранд. Ҳамчунин, агар тарбия дар пайвастагӣ бо волидайн ва муассисаи тарбиявӣ ҷараён гирад бештар натиҷабахш хоҳад шуд. Ин боис мегардад, ки кӯдакони гурӯҳ дар давоми соли хониш бисёр чизҳоро аз худ мекунанд: ба ҳаёт ва фаъолияти атрофиён, ба ҳодисаҳои табиат аҳамият дода, хулосабарориҳои одиро зоҳир менамоянд. Ғайр аз ин, ба онҳо ҳар гуна ҳикояҳо хонда ва он ҳикояҳо таҳлил карда мешаванд. Ҳар гуна бозиҳоро ёд гирифта, мустақилона амал мекунанд. Бо қаламҳои ранга расм кашиданро меомӯзанд ва аз пластилин сохтани ҳар гуна шаклҳо (фигураҳо)-ро ёд мегиранд. Ин дар ҳаёти кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб таъсири мусбат мерасонад.

Агар волидайн дар баробари меҳрубониашон ба фарзанд аз хурдсолӣ илм биомӯзонанд, бовар аст, ки кӯдак ҳаматарафа рушд мекунаду камол меёбад. Дилсӯзӣ, меҳрубонӣ, мададу дастгирӣ намудан ва дигар рафторҳои наҷиби инсониро кӯдакон маҳз аз калонсолон, пеш аз ҳама, аз аъзоёни оилаи *худ, аз* волидайн ва мураббияву омӯзгорон ва муҳити атроф меомӯзанд.

## АДАБИЁТ

1. Юнусов Ю. Педагогика. Китоби дарсӣ / Ю. Юнусов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2005.
2. Ҳакимова С. Илму ахлоқ ва одоб / С. Ҳакимова, М. Мирраҳим. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010.
3. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ / Б. Маҷидова. – Душанбе: Ирфон, 2011.
4. Раҳмонзода А. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ / А. Раҳмонзода, Х.Зиёев, Н.Содиқова [ва диг.]. – Душанбе: Маориф, 2017.

## ОДОБИ МУОШИРАТ ДАР ҲАЁТИ ХУРДТАРАКОН

Муаллиф масъалаи тарбияи одоби муошрати кӯдаконро мавриди таҳқиқ қарор дода, паҳлуҳои гуногуни онро баррасӣ намудааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти пешниҳоднамудаи муаллиф тарбияи томактабиро дар пайвастагӣ бо оилаву волидайн ва муассисаи тарбиявии томактабӣ ва ҷомеа дар умум инъикос менамояд. Бо назардошти ин, тарбияи одоби муошират, вазифаи мушаххаси худро дорад. Агар волидайн дар баробари меҳру муҳаббати зиёд ба фарзанд аз хурдсолӣ илм биомӯзонанд, бовар аст, ки бача аз ҳар нигоҳ рушд мекунаду ба воя мерасад.

**Калидвожаҳо:** тарбия, бозиҳои муоширатӣ, муошират, меваҳо ва миқдори онҳо, миқдор ва ҳисоб, нутқ, хурдтаракон ва табиат, забон, фарҳанг, урфу одат.

## ЭТИКА ОБЩЕНИЯ В ЖИЗНИ ДЕТЕЙ

Проблема воспитанности детей является основополагающей проблемой исследования автора, он рассматривает многогранные стороны этой проблемы. Вместе с тем представленное исследование в сфере дошкольного воспитания осуществляется совместно с семьёй и родителями детскими дошкольных учреждения и всего общество. С учетом воспитанности, манер поведения, так и другие проблемы имеют свои решения. Если родители любящие своих детей, изначально, с детства занимались воспитанием своих детей, уверенно можно сказать, что они вырастут всесторонне и развитыми.

**Ключевые слова:** воспитание, манера, поведение, речь, язык, словарь, обычай.

## ETHICS OF COMMUNICATION IN THE LIFE OF CHILDREN

The problem of raising children is a fundamental problem of the author’s research. He considers the many-sided sides of this problem. At the same time, the presented research in the field of preschool education is combined, jointly with family and parents, kindergartens and the whole society. With regard to good breeding, behavior makers, as well as other parenting processions, have a swap immediate task. If parents as loving their children, initially from childhood provided the knowledge of their children, we can confidently say that they will fully grow and develop.

**Keywords:** education, manner, behavior, speech, language, vocabulary, custom.

**Сведения об авторе:** ***Джалолова Гулчехра*** – Главное управление образования города Душанбе, заведующая детским садом №50.

**Information about the author:** ***Jalolova Gulchehra*** - Main Department of Education of Dushanbe, head of kindergarten №50.

УДК: 372.817.818 (575.3)

# ИСТИФОДАИ МАВОДИ КИШВАРШИНОСИИ МАҲАЛЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАҲОИ МУҲИММИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

*Саидзода Бибишамсия Саид*
**Коллеҷи омӯзгории ш. Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар низоми фаъолияти амалӣ ва муфиди ҷамъиятии хонандагон кишваршиносӣ мавқеи муҳим дорад. Дар тарбияи ахлоқии насли наврас аҳамияти зиёд доштани кишваршиносӣ дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъкид гардидааст.

Чунончи, дар Консепсияи мазкур қайд мегардад, ки самти муҳимтарини фаъолияти кишваршиносии мактаббачагон кор дар самти ҳифзи табиат буда метавонад. Масъалаҳои ҳифзи табиат, истифодаи оқилонаи захираҳои он, ки аз ҳалли онҳо иҷрои бомуваффақияти нақшаҳои хоҷагии халқ, некуаҳволии наслҳои имрӯза ва оянда вобастагӣ дорад, дар маркази диққати на танҳо олимон, балки табақаҳои васеи аҳолӣ, аз ҷумла мактаббачагон қарор дорад.

Масъалаи истифодаи маводи маҳаллии кишваршиносӣ дар тарбияи ахлоқии мактаббачагон дар як қатор корҳо инъикоси худро ёфтааст. Масалан, доктори илмҳои филология Ҳ. Муродов, дар монографияе, ки ба таҳқиқи рушди масоили кишваршиносии адабӣ бахшида шудааст, қайд мекунад: «Соҳибназарон анвои гуногуни кишваршиносиро нишон додаанд, ки яке аз намудҳои маъмулаш кишваршиносии адабист. Бартарии кишваршиносии адабӣ дар он аст, ки на танҳо дониш, маънавиёт ва маърифати хонандагонро ғанӣ месозад, инчунин дар тинати онҳо эҷодкореро ривоҷ дода, нутқашонро сайқал медиҳад» [3, с. 4].

Чи тавре маълум аст, дар раванди татбиқи таълим ва тарбияи кишваршиносӣ дар амалӣ намудани принсипи ягонагии назария ва амалия, алоқа бо ҳаёт хусусияти муҳимтарин ва ба кишваршиносии мактабӣ хос вижагиҳои амалӣ, эҷодӣ, таҳқиқотӣ ва муфиди ҷамъиятии онро асоснок менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки кор бо маводи кишваршиносӣ яке аз роҳҳои рушди фаъолияти фикрӣ буда, барои дар мактаббачагон бедор намудани шавқу рағбат ба омӯзиши ғояҳои ахлоқии мутафаккирони бузурги форсу тоҷик имкон медиҳад.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло аз имкониятҳои тарбиявии фаъолияти кишваршиносӣ дар тарбияи ахлоқии шахсияти наврасон гувоҳӣ медиҳанд.

Дар мамлакати мо доир ба кишваршиносии мактаббачагон таҷрибаи фаровоне андӯхта шудааст. Дар вилояти Хатлон 512 осорхонаи сайёҳӣ-кишваршиносӣ, 1176 хонаҳои Шуҳрати меҳнатӣ ва ҷангӣ, 1327 маҳфилҳои сайёҳӣ-кишваршиносӣ ва 284 сексия, ки дар онҳо бештар аз 20 ҳазор хонанда фаро гирифта шудаанд, амал мекунанд.

Шакли анъанавии кори кишваршиносии мактаббачагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти отрядҳои АҲПҶ (авангарди ҳарбии пайшиносони ҷӯянда) мебошад, ки бо ташаббуси рӯзномаи «Пионери Шарқ» ташкил шудааст. Чунончи, пайшиносони отряди «АҲПҶ-51»-и МТМУ №6 шаҳри Леваканти вилояти Хатлон солҳои тӯлонӣ шарҳи ҳол, корнамоиву қаҳрамонии аввалин узви комсомоли шаҳр ва муаллими мактаби онҳо Карим Раҳмоновро барқарор намуданд. Бо корҳои пуршарафи меҳнатӣ, ҳаёти наҷибона ва марги қаҳрамононаи ӯ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шинос шуда, 12 пайшиносони наврас узви созмони ҷавонон гардиданд.

Корҳои кишваршиносии мактаббачагон соли 2015, вақте ки тамоми мардуми собиқ ИҶШС ба ҷашни 70-умин солгарди Ғалаба дар ҶБВ тайёрӣ медид, хеле фаъол гардиданд. Дар ҳамаи мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар хусуси он ки ба шарофати қаҳрамонӣ ва меҳнати ҷонфидоёнаи халқи Шӯравӣ дар ин ҷанг ғалаба ба даст омад, суҳбатҳо гузаронида шуд. Ҳамаи отрядҳои ҷустуҷӯӣ супориш гирифтанд, ки дар бораи ҳамшаҳриҳои қаҳрамонашон, ки дар ҶБВ иштирок кардаанд, мавод ҷамъ оваранд, ҳаёти онҳоро дар замони осоишта пайгирӣ намоянд, маълум кунанд, ки корхонаҳои саноатии вилоят барои эҳтиёҷоти фронт кадом маҳсулот мебароварданд, барои шикаст додани душман меҳнаткашони соҳаи кишоварзӣ чӣ гуна саҳм гузоштанд, роҳи ҷангии Артиши Шӯравӣ, ҳаёт ва корномаҳои аскарону афсарони Шӯравиро омӯзанд, хотираи қаҳрамонони ҳалокшударо зинда гардонанд, дар бораи қаҳрамононе, ки ба номи онҳо кӯчаву хиёбонҳо гузошта шудаанд, мавод ҷамъ оваранд, барои сабт кардани хотираҳои иштирокчиёни ҷанг, тартиб додани китобҳои дастнавис, ҷиҳозонидани гӯшаҳо доир ба мавзӯъҳои «Қаҳрамонони мо дар фронтҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ҶБВ», «Онҳо бо ордени Ленин мукофонида шудаанд» ва ғайра ба сомон расониданд. Дар арафаи 70-солагии Рӯзи

Ғалаба соли 2015 дар ш. Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) осорхонаи «Писарбачагони Қӯрғонтеппа» (роҳбар Л.П. Бережних) кушода шуд. Дар он маводҳои нодиртарин дар бораи писарбачаҳои шаҳр-хатмкардагони мактабҳои шаҳр, ки ба фронт рафтаанд, ҷамъоварӣ шудаанд. Осорхона ситоди корҳои ҷустуҷӯӣ, кишваршиносии мактаббачагони шаҳри Бохтар гашт.

Инчунин, таҷрибаи кори Маркази эҷодии наврасони ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ҷолиби диққат аст. Аъзоёни клуби «Пайшиноси сурх»-и ин муассисаи таҳсилоти иловагӣ (роҳбар А.М. Фатоев) дар вақти роҳпаймоиҳо ва экскурсияҳо оид ба таърихи ноҳияи худ мавод ҷамъоварӣ мекунанд, бо куҳансолону собиқадорони меҳнат, иштирокчиёни мубориза барои истиқлолияти ҷумҳурӣ вохӯриҳо мегузаронанд. Хотираҳои собиқадорон ва суҳбат бо онҳоро сабт мекунанд ва баъд ба фонотека интиқол медиҳанд. Наврасон, инчунин аз сарчашмаҳои зерин: китобҳо, маводи бойгониҳо, рӯзномаҳо, осори эҷодиёти халқ истифода мебаранд. Аъзоёни клуб иди Парчами Тоҷикистонро мегузаронанд, бо собиқадорони ҷанг, меҳнат, олимони муаррих мукотиба доранд, экскурсияву роҳпаймоиҳо ташкил менамоянд.

Корҳо доир ба истифодаи маводи маҳаллии кишваршиносӣ дар тарбияи ахлоқии мактаббачагон дар МТМУ №14-и ноҳияи Кӯшониён ба таври ҷолиб ба роҳ монда шудааст. Чунончи, хонандагони синфи 5[а]-и ин мактаб (роҳбари синф К.А. Олимов) дар рӯзҳои омодагӣ ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» мавод ҷамъ карданд. Масалан, аз саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» аз 26.04.2018, №17 (9547) аз хабар, мақолаҳо ва дигар иттилооте, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи мазкур, ба монанди «Пешвои миллат-ғамхори ятимон», «Ҷашни мардумӣ», «Рушди ҷавонон дар замони соҳибистиқлолӣ», «Рушди экотуризм дар Тоҷикистон», «Китоб - тарбиятгари насли ҷавон», «Семинар оид ба бемории ВНМО дар Хатлон», «Шаҳомати гӯштини миллӣ дар Хатлон» ва ғайраҳо ба чоп мерасанд. Аз мавод истифода бурда, мактаббачаҳо банавбат дар бораи навигариҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва вилоят, ки дар давоми ҳафтаи охир рӯй додаанд, хабар медиҳанд ва донишҳои дар дарс гирифтаашонро пурра месозанд. Дар ин мактаб намоишҳои корҳои кӯдакона, аз ҷумла албомҳои махсус аз рӯйи мавзӯъҳои гуногун, масалан, мавзӯи «Солҳои пионерӣ ва комсомолии волидайни мо» ва ғайраро мегузаронанд. Ҳар як мактаббача дар варақҳои албом дар бораи волидайни худ, дар бораи ҳаёту меҳнати онҳо менависад. Баъдан ин варақҳо ба албом дӯхта мешаванд ва нақши зиндаро дар бораи меҳнати калонсолон ва давраи ҷавонии онҳо ташкил медиҳанд. Пайшиносони сурхи ин мактаб барои осорхонаи кишваршиносии худ оид ба таърихи кумитаи шаҳрии ташкилоти ҷамъиятии «Ворисони Сомониён» ва «Сомониён» маводи аҷоиб ҷамъоварӣ кардаанд. Дар назди муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳр мактаби сайёҳ-кишваршиноси ҷавон ва кумитаи ташкилӣ доир ба гузаронидани экспедитсияи ҷумҳуриявии «Ватани ман - Тоҷикистон» ташкил карда шуд. Дар вақти роҳпаймоии санҷишӣ пайшиносони МТМУ №1-и ш. Бохтар оид ба таърихи хоҷагиҳо маводи арзишнок ҷамъоварӣ намуда, бо раиси хоҷагии ба номи В.В, Куйбишев (ҳоло хоҷагии ба номи Ф. Саидов) С. Валиев вохӯрданд.

Яке аз шаклҳои оммавии фаъолияти кишваршиносии наврасон корҳои ҷустуҷӯии онҳо оид ба ташкили гӯшаҳо, осорхонаҳо ва омӯзиши таърихи созмони вилоятии «Ворисони Сомониён» мебошад.

Фаъолияти ҳукуматҳои маҳаллӣ оид ба рушди ҳаракати кӯдакона, бунёди созмони «Ворисони Сомониён» ва роҳбарии бевосита ба он, қисми ҷудонашавандаи ҳамаи азнавсозиҳоро дар мамлакати мо дар бар мегирад. Муҳиммияти бунёди созмони оммавии ҷамъиятии наврасону кӯдакон бо талаботи объективии ташаккули бинокорони ҷомеаи нави демократӣ асоснок гаштааст. Ташкили ҳаракати кӯдакона ва рушди минбаъдаи он зери роҳбарии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва созмонҳои дигари ҷамъиятии ш. Бохтар татбиқ ёфт. Онҳо ҳаракати кӯдаконаро воситаи муҳимми ташаккули инсони нав медонистанд.

Масъалаи омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва мероси мадании он дар шароити муосир, вақте ки ташаккули одами нави ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ амалӣ мегардад, боз ҳам бештар меафзояд.

Дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва мероси мадании он фаъолияти ҷустуҷӯии мактаббачагон оид ба ташкили осорхонаи «Бибихонум» дар ш. Бохтар саҳми муайян гузошт. Корҳоро доир ба бунёди ин осорхона мо дар самтҳои зерин гузаронидем:

–омӯзиши таърихи халқи тоҷик ва мероси мадании он;

–ташкили клуби «Ҷустуҷӯ», ки тамоми корҳои ҷустуҷӯии мактаббачагони шаҳрро доир ба бунёди осорхонаи «Бибихонум» ба роҳ мемонад;

–ташкили корҳои ҷустуҷӯӣ оид ба ҷамъоварии мавод ва бунёди картотекаи шаҳрии мероси мадании истиқоматкунандагони шаҳр;

–бунёди бойгонӣ бо нусхаҳои маводи ҳуҷҷатӣ, суратҳо ҳафриёти археологӣ, дастхатҳо, олоти меҳнат, ороишҳо, маводи ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра;

–тарғиби таърихи халқи тоҷик ва мероси мадании он, инчунин корҳои ҷустуҷӯии мактаббачагон доир ба бунёди осорхона бо роҳи истифода аз матбуоти даврӣ, радио, телевизион, кори лектории аъзоёни клуб ва ғайра.

Ғайр аз корҳои ҷустуҷӯӣ, аз рӯйи нақшаи таълимии наврасон, шиносоии онҳо бо техникаи ҷустуҷӯ, кор аз болои маводи бойгонӣ, методикаи тартибдиҳии саволномаҳо, ба роҳ мондани сабти мусоҳибаҳо бо собиқадорони ҳаракати пионерӣ, пуркунии варақаҳо, коркарду нигоҳдории ҳуҷҷатҳо ва ғайра пешбинӣ шудааст. Барои ҳар як собиқадори ҳаракати пионерӣ варақаи баҳисобгирӣ тартиб дода шудааст. Барои гузаронидани суҳбатҳо бо собиқадорон саволномаи махсус (замима) коркард гардид.

Бояд қайд кард, ки оиди ҳаёт ва фаъолияти комсомолону пионерони солҳои 60-уми асри XX то ҳол дар ягон маъхаз маълумот ҷо дода нашудааст. Аъзоёни клуби «Ҷустуҷӯ» номҳои аксари собиқадорони ҳаракати пионериро, ки дар рушди ташкилоти пионерии ҷумҳурӣ саҳм гузоштаанд, ошкор сохта буданд. Хотираҳои собиқадорон дар китоби дастнависи «Онҳо аввалинҳо буданд» баён ва дар магнитофон барои фонотека сабт гардидаанд.

Бо мақсади абадӣ кардани хотираҳои собиқадорон овози онҳо ба магнитофон сабт карда шуд. Ҳамин тавр, кор доир ба ташкили фонотекаи ҷумҳуриявӣ оғоз ёфт. Дар он, инчунин, суруду таронаҳои пионерони солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX дар иҷрои худи собиқадорон сабт гардиданд. Баъдан зимни гузаронидани экскурсияҳо ба музей, вақте ки он кушода шуд, ин сабтҳо тавассути магнитофон, видеоплейер, ки онҳоро ташкилоти вилоятӣ ба аъзоёни маҳфил тухфа кардааст, шунида мешуд.

Наврасон бойгонии суратҳоро ташкил намуданд. Бо ин мақсад бештар аз 100 суратҳуҷҷат, ки дар Бойгонии ҷумҳуриявии суратҳо ва Осорхонаи таърихии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой доштанд, нусха гирифта шуданд. Ҳамчунин, дар ротопринт рӯзномаҳои пионерии солҳои 60-ум ва 70-ум, ки интихоби онҳо дар бойгонии Китобхонаи оммавии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ амалӣ гашт, маҷаллаҳои пионерӣ, рӯзномаҳо, китоби дастнависҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар, ки аз тарафи собиқадорон ба осорхона тақдим гардидаанд, дубора мавриди нусхабардорӣ қарор гирифтанд. Ҳамаи ин имкон дод, ки фонди мубодилавии ҳуҷҷатҳо бунёд гардад. Чунончи, баъдан мукотиба бо утоқи таърихи Маркази эҷодиёти кӯдакона ва мактаббачагони шаҳри Душанбе ва бо мудири он оғоз ёфт. Дар натиҷа ба он ҷо 58 нусхаи суратҳо ва 17 нусхаи ҳуҷҷатҳои хаттӣ равона карда шуд.

Дар арафаи кушодашавии осорхона мушкилот бо ёфтани роҳбаладони экскурсия ба вуҷуд омад. Бинобар ин, дар шӯро қарор қабул гардид, ки аз ҳисоби аъзоёни клуб роҳбаладони экскурсия тайёр карда шаванд. Зимни таълими гурӯҳи роҳбаладони экскурсия ба омӯзиши ташкилоти пионерии Тоҷикистон диққати калон дода шуд. Дар ин кор ба мо китоби С. Холназаров ва Л.А. Орлова «Кори берун аз синф ва шахсият» (Аз таҷрибаи кори мактабҳои ш. Қӯрғонтеппа (имрӯза Бохтар) кӯмак расонд. Бачаҳо бо манбаъҳо - ҳуҷҷатҳое, ки ба онҳо собиқадорон тақдим намудаанд, кор кардаанд, бо мақсади шиносоӣ бо гӯшаҳои эҷодиёти халқ, табиати зинда ва ғайра ба мактабу муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ташриф овარданд, маводи ояндаи осорхонаро омӯхтанд. Дар натиҷаи он як гурӯҳи наврасон барои кор кардан ба сифати роҳбаладони ҷамъиятии экскурсияҳо шаҳодатнома гирифтанд.

Дар тарғиби корҳои пуршарафи пионерони солҳои 60-уми асри XX, дар омӯзиши таърихи пайдоиш ва рушди эҷодиёти халқии вилояти Хатлон, корҳои ҷустуҷӯии пионерони солҳои 70-ум доир ба бунёди осорхонаи «Бибихонум» чунин шакли кор, мисли гузаронидани маҷмӯи барномаҳои телевизионӣ зери мавзӯи «Эҷодиёти халқ» ва «Мероси халқ» кумаки калон расониданд. Иштироки наврасон, аъзоёни маҳфил дар ташкилу гузаронидани онҳо барояшон шакли махсуси мукофот, ҳавасмандӣ барои фаъолияти минбаъдаи муфиди ҷамъиятӣ мебошад. Ҳамагӣ 15 барномаи телевизионӣ гузаронида шуд ва дар онҳо ғайр аз аъзоёни маҳфил ва аъзоёни клуби «Ҷустуҷӯ» мактаббачагони МТМУ №№5, 7, 9, 11, 12-и ш. Бохтар ва МТМУ №№ 5, 8, 2, 9, 26-и ноҳияи Кӯшониён, дар умум 500 мактаббача ширкат варзиданд.

Аъзоёни клуби «Ҷустуҷӯ» дар ҳамаи корҳои муфиди ҷамъиятии Маркази эҷодиёти кӯдаконаи вилоят иштирок мекарданд. Онҳо, инчунин, бо муассисаҳои таҳсилоти иловагии ноҳияҳои Ҷ. Балхӣ, Вахш, Дӯстӣ, Данғара ва ғайра робитаи зич доштанд.

Тадқиқот нишон дод, ки дар наврасон идеалу эътиқодҳо ташаккул ёфтанд.

Дар ин бора мазмуни се маърўзае, ки мо ба сифати намуна дар поён меорем, шаҳодат медиҳад. Яке аз онҳо ба хонандаи синфи 7, МТМУ №7-и ш. Бохтар Хосият Баротова мансуб аст.

Ба бачаҳо пешниҳод карда шуд, ки дар бораи яке аз собиқадорони ҳаракати пионерӣ, ки бо ӯ шиносанду барои онҳо идеали ахлоқӣ ва намунаи ибрат мебошад, ҳикоя нависанд. Хонандаи синфи 7, МТМУ №7-и ш. Бохтар Хосият Баротова чунин навиштааст: «Идеали ахлоқии ман Собирова Ш.М. мебошад. Ҳанӯз дар мактаб, дар ҷамъомади пионерие, ки ба пионерону комсомолони аввалини ҷумҳурӣ бахшида шуда буд, дар бораи ӯ шунида будам. Ба қарибӣ ба вохӯрии се насл дар Маркази эҷодиёти кӯдакона Собирова Ш. низ даъват карда шуд. Ва дар ин ҷо аз забони худи ӯ дар бораи корҳои наҷиби пионерону комсомолони аввалин шунидам. Ӯ нақл кард, ки моҳи феврали соли 1977, вақте ки ба ш. Қӯрғонтеппа (имрӯза Бохтар) омад, дар театр дар маҷлиси тантанавӣ ӯ сухан ронд. Баъди маҷлис ӯро ба назди Зарипова Г.Н. бурданд ва ӯ гуфт: «Офарин, духтарам. Раҳмат ба ту! Аз қафои ту занони бисёре хоҳанд рафт!» Собирова Ш. узви яке аз аввалин отрядҳои пионерии шаҳр, ки дар назди мактаб-интернати ба номи Ю. Гагарин дар кӯчаи С. Айнӣ, 67 ташкил карда шуда буд, қабул шудааст. Баъд ӯ роҳбаладӣ ин отряд мегардад ва дар назди клуби занона отряди тоҷикдухтаронро ташкил мекунад. Собирова Ш. иштирокчии фаъоли отряди темурчиён ва ҳаракати занонаи «Дастони моҳир», баъдан, корманди ҳизбӣ, ҳоло бошад, нафақахӯр аст. Собирова Ш.М. ба мо гуфт, ки дар Туркистон то инқилоб зан соҳиби ҳурмату эҳтиром набуд. Дар давраи сотсиализм дар баробари мардон зан имконияти меҳнат кардану хонданро соҳиб гашт. Ҳоло зан ҳам олим, ҳам вазир, ҳам геолог, ҳам кайҳонавард мебошад. Ман мехоҳам ба Собирова Ш.М. монанд бошам, поквиҷдонона меҳнат кунам, далеру ҷасур буда, ба халқу миллат ва Ватани азизи худам фоидае оварда бошам».

Реферате, ки аз ҷониби аъзои дигари маҳфил - хонандаи синфи 8, МТМУ №5-и ш. Бохтар Азизулло Ҳомидов навишта шудааст, ҷолиби диққат аст: «Идеали ахлоқии ман яке аз пионерҳои аввалини ташкилоти пионерии ш. Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар), роҳбаладӣ отряди пионерии ба номи М.И. Калинин, ки 70 пионерро фаро мегирифт, К.А. Имомов мебошад. К.А. Имомов, чи тавре ки рафиқони ӯ доир ба корҳои пионерӣ ба хотир меоранд, нотиқи хуб буд ва зуд-зуд дар ҳамоишҳо иштирок мекард. Дар бораи ӯ соли 1965 дар рӯзномае мақола чоп шудааст. Пионерони он солҳо дар ҳамаи воқеоти ҳаёти ҷумҳурӣ иштирок мекарданд. Баъдан рафиқ Имомовро котиби бюро доир ба алоқа бо отрядҳои пионерии Тоҷикистон интихоб менамоянд. Ба назди онҳо намояндагони шаҳрҳои дигар омада, байрақ месупоранд, бо таҷрибаи кориашон шинос мешуданд. К.А. Имомов-профессор, доктори илмҳои филологӣ, ходими шоистаи илм. Ман мехоҳам, ки мисли К.А. Имомов ба халқи худ, ба илм фоида орам, дар худ интизомнокӣ, хоксорӣ, ҳисси масъулиятшиносиро барои кори супоридашуда ва ғайраро тарбия намоям. Ман борҳо мушоҳида карда будам, ки К.А. Имомов дар кор чун аъзои ситоди собиқадорони ҳаракати пионерӣ ва дар муошират бо мо ин сифатҳоро зоҳир мекард».

Дар китоби хулосаву пешниҳодҳо суханони нек нисбати бачаҳо ва роҳбароне, ки дар ташкили осорхона иштирок кардаанд, гуфта шудааст. Ба сифати намуна мо яке аз хулосаҳоеро меорем, ки солҳои 60-70-уми асри гузашта аз тарафи профессори кафедраи педагогика ва психологияи ДДҚ ба номи Носири Хусрав А. Паҳлавонов навишта шудааст: «...Дар арафаи ин иди муъҷизанок ба Шумо табрикоту таманнои хешро баён мекунам. Шумо он чизеро иҷро намудед, ки ба нақша гирифта будед ва он чизеро, ки пешгузаштагони шумо орзу мекарданд. Раҳмати калон ба Шумо!... Намедонам, Шумо тасаввур карда метавонед, ки бо рафиқони худ дар рӯзи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон чӣ гуна тухфаи арзишнок омода сохтаед. Барои ман, омӯзгоре, ки бештар аз 40 сол кор кардаам, фаҳмо ва азиз аст. Ҳоло, вақте ки осорхона кушода шудааст, вақте ки маводи рӯшноидиҳандаи саҳифаҳои ҳаёти шаҳрвандони беҳтарини наслҳои гуногун дар экспозитсияи он мавқеи худро ёфтаанд, ман ба ваъдаи худ вафо карда, дар бораи кӯдакӣ ва наврасии худ хотираҳоямро пешкаш менамоям. Шояд ягон чиз барои шумо шавқовар мегардад».

Дар натиҷаи кори сесолаи роҳбарӣ ба клуби «Ҷустуҷӯ» ва осорхона, доир ба ташкили корҳои ҷустуҷӯии кишваршиносии мактаббачагон, ки дар брошюра инъикос ёфтаанд ва зимни ташкили гӯшаҳо ва осорхонаҳо дар аксари мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагии ҷумҳурӣ истифода шудаанд, тавсияҳои методӣ коркард гардидаанд.

**АДАБИЁТ**

1. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2006. - 18 с.

2. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва масъалаҳои тарбия / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2001. - 50 с.
3. Ҳасани Муродиён. Кишваршиносии адабии тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 2016. - 313 с.
4. Раҳимов А.З. Нақши тарбияи ахлоқӣ дар ташаккули шахсият / А.З. Раҳимов //Классный руководитель. - 2001. - №6. - С. 14-18.
5. Сухомлинский В.А. О воспитании / В.А. Сухомлинский. - 2-е изд. -М.: Политиздат, 1975. - 260 с.



**ИСТИФОДАИ МАВОДИ КИШВАРШИНОСИИ МАҲАЛЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАҲОИ МУҲИММИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН**

Муаллиф, дар мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои умдаи ҷомеаи муосир - маводи кишваршиносии маҳал ҳамчун воситаи тарбияи сифатҳои ахлоқии мактаббачагон таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллиф баа ин ақида аст, ки истифодаи дурусти маводи кишваршиносии маҳал метавонад дар ташаккул ва рушди сифатҳои ахлоқии наврасон нақши боризеро соҳиб бошад.



**Калидвожаҳо:** кишваршиносӣ, маводи маҳал, таҳсилоти иловагӣ, шаклҳои оммавӣ, фаъолияти кишваршиносӣ, омӯзиши таърих, мероси фарҳангӣ, дастхатҳо, ҳунарҳои мардумӣ.



**ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕСТНЫХ КРАЕВЕДЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ КАК СРЕДСТВО НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ ШКОЛЬНИКОВ-ПОДРОСТКОВ**

Автор в данной статье основное внимание уделяет одной из важных проблем современного общества-местным краеведческим материалам как средству нравственного воспитания школьников-подростков. Автор, анализируя данную проблему заключает, что оптимальное использование местных краеведческих материалов в формировании и развитии нравственных качеств личности школьников-подростков играют огромную роль.



**Ключевые слова:** краеведение, местные материалы, дополнительное образование, массовые формы, краеведческая деятельность, изучение истории, культурное наследие, рукопись, народные ремёсла.



**THE USE OF LOCAL LOCAL HISTORY MATERIALS AS A MEANS OF MORAL EDUCATION OF TEENAGING SCHOOLCHILDREN**

The author, in this article focuses on one of the important problems of modern society, local history materials as a means of moral education of adolescent students.The author, analyzing this problem, concludes that the optimal use of local history materials in the formation and development of the moral qualities of the personality of adolescent students plays a huge role.



**Keywords:** local history, local materials, additional education, mass forms, local history activities, the study of history, cultural heritage, manuscript, materials of folk craft.



**Сведения об авторе:** ***Саидзода Бибишамсия Саид*** – Педагогический колледж Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава, соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская обл., г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 917-69-26-93**

**Information about the author:** ***Saidzoda Bibyshamsia Said*** - Pedagogical College of Nosir Khusrav Bokhtar State University, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, st. Aini, 67.
Phone**: (+992) 917-69-26-93**



**УДК:372.800.4 (575.3)**


# НАҚШИ КОЛЛЕКТИВҲОИ ПЕДАГОГӢ, ОИЛА ВА АХЛИ ҶОМЕА ДАР ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСИИ ХОНАНДАГОН


***Ёрматов А. Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Худогоҳию худшиносӣ паҳлуҳои гуногуни ҳастии ҷомеаро дар бар мегиранд. Худшиносию худогоҳӣ аз таърих, аз тамаддуну фарҳанг, аз дину оин, аз урфу одат, забону ахлоқ, Ватан ва кору амали ибратомӯзу боифтихор ва монанди инҳо сачашма мегиранд. Ба насли наврас онро омӯзем ва таъкид намоем, ки маҳз хуб донистани таъриху фарҳанг ба худшиносии мо боис мегардад.

Дар ҳақиқат, худшиносӣ омили асосии арзи вуҷуд доштани халқу миллат мебошад. Халқе, ки худро намешиносад, бақо надорад, зеро дар набардҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, забонӣ ба дигар халқҳои аз худ бузург омезиш меёбад. Аз ҳамин сабаб худшиносӣ бақои халқу миллат аст. Халқе, ки худро мешиносад, мағлубнопазир аст.

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани кишварамон бо назардошти таъсири раванди ҷаҳонишавии илму техника, фарҳангу маданият ва урфу одат, ба омӯзишу парвариш таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Такмили низоми таълиму тарбия яке аз самтҳое мебошад, ки ҳамасола бо дастгирии Ҳукумати мамлакат маблағгузорӣ амалӣ мегардад.

Маҳз бо таваҷҷуҳи хосси волидайн дар зеҳни фарзандон донишандӯзӣ, одобу рафтор арҷгузорӣ ба анъанаҳои неки ниёгон, худшиносию хештаншиносии миллӣ ва садоқат ба Ватану миллати хеш, эҳтиром ва меҳру муҳаббат нисбат ба волидон, атрофиён ва ҷамъият парвариш меёбанд. Дар ин ҷода педагоги барҷастаи шӯравӣ Антон Семёнович Макаренко

ба падару модарон муроҷиат карда гуфта буд: «Агар шумо хоҳед, ки шаҳрванде таваллуд кунед ва муҳаббати худро аз ӯ дареғ надоред, марҳамат карда ҷамъиятро хабар кунед, ки шумо нопокӣ содир накардаед. Одамоне, ки бе муҳаббати падару модар тарбия ёфтаанд, бештар маъюбанд» [1, с.6].

«Барои тарбия ва камолоти чунин насл миллати мо тамоми асосҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва тарбиявиро доро мебошад. Фарҳанги қадим, таърихи бою рангин, ганҷинаи илму адабиётро, ки дар давоми ҳазорсолаҳо ба вуҷуд омадаанд, ниёгони мо офаридаанд. Анъанаю расму русум, ки дар давоми асрҳо суфта шудаанд, барои тарбияи насли оянда пойдевори қавӣ мебошанд. Донишмандони пешин, ба мисли Абӯалӣ Ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Форобӣ, Умари Хайём ва садҳо дигарон илмҳоеро ба миён овардаанд, ки имрӯз моҳияти худро аз даст надодаанд» [2, с.15].

*Одамиро, ки тарбият накунӣ,*
*То ба садсолагӣ харе бошад (Саъдии Шерозӣ)*

Тибқи талаботи педагогӣ дар таълиму тарбияи насли ҷавон иштироки се воҳиди асосӣ: оила, мактаб ва ҷомеа шарти зарурист. Инро Консепсияи миллии тарбия (2006), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) низ тақозо менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомад бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз ҷумла қайд намудаанд: «Дар ҳамаи зинаҳои таълиму тарбия ва такмили ахлоқу маънавиёт масъулияти асосӣ дар дӯши падару модарон аст. Зеро падару модарон дар саргаҳи ташаккули андешаву эҳсос ва рушди ҷаҳонбинии кӯдак қарор доранд» [3, с.3-16].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳар як падару модарро водор месозад, ки ба таълиму тарбияи фарзандон, алалхусус, насли наврас ва ҷавонон аҳамияти аввалиндараҷа диҳанд, зеро тарбияи дурусти фарзандон маҳз аз оила сарчашма мегирад.

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.

Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат ва ҷомеа чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунанд, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи шаҳрвандон мусоидат менамояд.

Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ, худшиносию хештаншиносӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан соҳиби нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.

Ҳамаи шаҳрвандон метавонанд фарзандонро дар рӯҳияи анъана ва арзишҳои миллии худ ва инчунин худшиносию хештаншиносӣ тарбия намоянд, ба шарте ки он хилофи арзишҳои умумидавлатии Тоҷикистон ва манфиатҳои кишвар набошад.

Effectiveness of educational cognitive practice depends from many factors. In the given articles as the same factors is considered educational cognitive co - operation. The author by the method or forming the model reveals the essence, main content and significance of co-operation of teacher with the collective of pupils and the pupils with each other. Proceeding from this gives proof of significance of forming in future teachers moral professional quality of sociability, which is the base of pedagogical intercourse. Professional pedagogical competence of teacher also depends from his ability to introduce pedagogical intercourse and in this base to organize educational cognitive co-operation with the collective of pupils in the first stage and also to organize educational cognitive co-operation of pupils with each other on the second stage. The sociability also is the necessary quality for pupils, as it is the base of interaction of pupils as with teacher so with each other. The special meaning is given to consideration of educational cognitive co-operation in the base of system complex approaches. The educational cognitive co-operation according to system and complex approaches came out as a system –organizing base of educational cognitive practice.

**Key words:** educational cognitive co-operation, educational cognitive practice, forming the model of educational cognitive co-operation, the subject of practice, the object of practice ,consciousness, activity, the functions of education, sociability, pedagogical intercourse, collective of pupils, interaction of pupils.

**Сведения об авторе:** ***Сидикова Парвина Исмоиловна***, преподаватель кафедры общей психологии Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистана, г. Худжанд).Телефон: **92735-10-01**, E-mail:**sidikova88@mail.ru.**

**Information about the author:*Sidikova Parvina Ismoilovna***, a lecturer of the department of general psychology of Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan Republic, Khujand), Email:sidikova88@mail.ru. Pone: **92735-10-01**, E-mail:**sidikova88@mail.ru.**

УДК 378

# ДАРСИ МУОСИР ВА МЕТОДИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

*Ҳомидов Абдурасул, Маҳмудов Олимҷон*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров**

Асри XXI – ро замони пешрафти илмӣ-техникӣ меноманд. Ин вазъият тақозо дорад, ки ҷавонони тоҷик дар оянда пешрафта бошанд. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ роҳу усулҳои беҳтару хубтари таълимро дар ҷараёни дарс истифода бояд бурд.

Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯриҳояшон бо ҷавонону зиёиён таъкид намудаанд: «Маориф ҳамчун соҳаи сарнавиштсози ҷомеа дар низоми сиёсати иҷтимоии давлат яке аз самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои ислоҳоту рушди он аз рӯзҳои аввали истиқлолият пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардад. Ҷавҳари сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф бояд масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил диҳанд» [7, с. 3].

Дар давраи ҷорӣ шудани технологияҳои информатсионӣ дар ташкили чараёни таълиму тарбия лозим аст, ки методҳои муосири таълимро истифода барем, ки аз методҳои гузашта афзалият дошта бошанд ва дар ташаккули умумии малакаю маҳорати хонандагон, методҳои мустақилона аз худ кардани дониш ба онҳо мусоидат намоянд. Муаллим бояд дар байни 45 дақиқа муъҷиза офарида тавонад. Нависандаи рус А.Н.Толстой чунин гуфта буд: «Дар фаъолияти педагогӣ метод не, балки маҳорат ва санъати моҳирона нақши муҳимро мебозад. Истеъдодро муҳаббат номидан мумкин аст. Агар муаллим ба касби худ бо муҳаббат нигарад, ӯ, албатта, муаллими хуб шуда метавонад» [8, с. 21]. Ба таҷрибаи пешқадами педагогӣ такя карда (омӯзгорони эҷодкор Ш. А. Амонашвили, В. Ф. Шаталов, Е. Н. Илин, С. Н. Лисенкова, И. П. Волков) [2, с. 222-223], методи нави таълимро муназзаму босифат ҷорӣ кардан аз манфиат холӣ нест.

Барои педагоги ҳақиқӣ шудан омӯзгор бояд ҳамеша аз пайи бозомӯзӣ шавад. Ӯро лозим аст, ки хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба инобат гирад. Омӯзгори бомаърифат метавонад дар ташаккули шахсият заминаи воқеӣ гузорад.

Дар раванди ислоҳоти муосири маориф ташкили раванди тадрис ҳамчун як омили созанда ва бунёдкор баҳри беҳтар гардидани сатҳи таълиму тарбия вазифаи муҳим ва масъулиятнокро доро буда, дар тамоми зинаҳои таҳсилот татбиқи падидаҳои тоза ва шаклу усулҳои навини ҷараёни муосири таҳсилотро таъмин менамояд.

Дар бунёди ташкили самараноки дарси муосир талаботе ба миён меояд, ки риояи он ба омӯзгор имкони афзун гардонидани дараҷаи фаъолияти манфиатнок ва сифати тайёрии хонандаро дода метавонад.

Дарс қисми муҳим ва реалии фаъолияти омӯзгор мебошад. Яке аз намудҳои дарси муосир, дарси маҳфили ҳозирҷавобон ба ҳисоб меравад.

Муаллим аз фанни таърихи асри миёна дар мавзӯи «Ривоҷу равнақёбии сохти феодалӣ» дар синфи VI дарси маҳфили ҳозирҷавобон мегузаронад. Ин дарс бояд дар доираи 45 дақиқа гузаронида шавад. Нақшаи дарс 1 ҳафта пеш ба хонандагон пешниҳод гардида, хонандагон ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввал «Ҷакерия» ва гурӯҳи дуюм «Уот Тайлер» номгузорӣ карда мешавад.

Нақшаи дарс:

1. Муаррифии гурӯҳҳо.
2. Кор бо кроссворди таърихӣ.
3. Бозии « Оё медонед?» .
4. Бозии «Саволи сеҳрнок».
5. Бозӣ бо сардорони дастаҳо.

Дар асоси шарти якум ҳарду гурӯҳ дар бораи номи гурӯҳашон пурра маълумот

медиҳанд.

Гурӯҳи «Жакерия»

1. Номи гурӯҳи мо «Жакерия»

2. Шиори мо: Адолат доимо ғалаба хоҳад кард!

3.Моҳҳои май-июли соли 1358 дар Франсия шӯриши деҳқонон оғоз гардид. Ин шӯриш дар таърих бо номи Жакерия машҳур аст.

4. Ин шӯриш дорои хусусияти стихиявӣ буда, нақшаи пешакӣ надошт. Дар ин шӯриш зиёда аз 100000 нафар деҳқонон иштирок намуданд [1, с. 146].

5. Роҳбари шӯришчиён Гилом Кал ном деҳқон буд. Дар парчами шӯришчиён нишони подшоҳ - сурати нилуфари сафед акс ёфта буд. Шарҳи муаррифкунии даста чунин тарз идома меёбад, аъзоёни гурӯҳ дар бораи шӯриш маълумот медиҳанд.

Шиносоии гурӯҳи «Уот Тайлер»:

1. Номи гурӯҳи мо: Уот Тайлер.

2. Шиори мо: Адолат ва оромӣ моро ба ғолибият ҳидоят мекунанд!

3. Моҳҳои май-июли соли 1381 дар шаҳри Лондон шӯриши деҳқонон оғоз гардид.

4. Роҳбари ин шӯриш Уот Тайлер буд. Ӯ иштирокчии Ҷанги садсола буд, маҳорати баланди ҳарбӣ дошт.

5. Шиори шӯришчиён чунин буд: «Мо дузд ва роҳзан нестем, мо тарафдор ва муборизи ҳақиқат ва адолат ҳастем».

Ин гурӯҳ ҳам дар бораи шӯриш бо навбат маълумот медиҳанд ва аъзоёни гурӯҳро шинос менамоянд. Баъди ба охир расидани шарти аввал ба ҳарду гурӯҳ кроссвордҳои таърихӣ дода мешавад.

Дар чунин дарс муаллим ҳамчун назоратчӣ фаъолият мебарад ва ба ҳар як шарт баҳо мегузорад.

Шарти II. Кор бо кроссвордҳо

Кроссворди гурӯҳи «Жакерия»

5 1 10 2

П А Р Л А М Е Н Т

1 2 5 5 1

1. Соли 1265 дар Англия кадом маҷлис таъсис дода мешавад (парламент)
2. Роҳбари шӯриш (Уот Тайлер).
3. Номи давлат (Франсия).
4. Палатаи болоии Англия (Лордҳо).
5. Номи шаҳр (Орлеан).
6. Палатаи поёнии парламенти Англия (обшинаҳои умумӣ).
7. Номи подшоҳ (Вилгелм).
8. Калимаи таърихӣ (индулгенсия).
9. Номи қасре, ки подшоҳ дар Лондон пинҳон мешавад (Тауэр).

Кроссворди гурӯҳи «Уот Тайлер».

1 5 3 6

Ж А К Е Р И Я

3 2 6

1. Қаҳрамони халқи франсуз (Жанна д, Арк).
2. Номи яке аз дарёҳои Франсия (Луара).
3. Соли 1415 дар кадом шаҳр ҷанг шудааст (Азенкур).
4. Яке аз синфҳои ҷамъиятӣ (феодалӣ).
5. Номи шаҳр (Париж).
6. Яке аз табақаи ҷамъиятии давлати Франсия (рӯҳониён).
7. Яке аз давлатҳо (Англия) [3, с. 116].

Баъди ба охир расидани кроссвордҳо муаллим хатогиҳои онҳоро ислоҳ намуда, холгузорӣ мекунад.

Бозии «Оё медонед?»

Дар ин шарт ба ҳарду гурӯҳ 10-тогӣ савол дода мешавад. Ба ҳар ҷавоби дуруст 1 хол муайян карда шудааст. Муаллим саволҳоро пайи ҳам медиҳад ва ба ҷавобҳои дуруст хол дода мегузарад.

Саволҳо ба гурӯҳи «Жакерия»:

1. Маънои калимаи феодал чист? (соҳиби замин, чорво, мулк)

2. Маънои калимаи индулгенсия (авф, бахшидан)

3. Табақаи дуюми аҳолии Франсия (феодалҳо)

4. « Еретик» чӣ маъно дорад? (аз дин баргашта, шаккок)

5. Филиппи IV штатҳои генералиро кай даъват кард? (1302)

7. Лашкаркашии якуми салибӣ кай рух додааст? (1096)

8. Роҳбари шӯриши Жакерия кист? (Г.Кал)

9. Дар ҷанги садсола гардиши куллӣ кай шуд? (1429)

10. Жанна д› Арк кист? (қаҳрамони халқи француз)

Саволҳо ба гурӯҳи «Уот Тайлер»:

1. Подшоҳи Франсия Людовики XI кадом солҳо ҳукмронӣ кардааст? (1461-1483)

2. Жанна д› Арк кай ва дар куҷо кушта шуд? (1431 ш.Руан)

3. Соли 1453 баъди шартнома дар Франсия кадом бандар ба англисҳо гузашт? (бандари Кале)

4. Табақаи аввали Франсия киҳо дохил мешуданд? (рӯҳониён)

5. Маънои калимаи парламент чист? (гуфтугӯ, суханронӣ)

6. Подшоҳи Англия Генрихи VII кадом солҳо ҳукмронӣ кардааст? (1485-1509)

7. Герсоги Нормандия Вилгелм кай Англияро забт кард? (1066)

8. Шӯриши Уот Тайлер кай оғоз гардид? (майи с.1381)

9. Маънои калимаи инквизитсия чист? (тафтишот)

10. Салибдорон кай Византияро ба муҳосира гирифтанд? (1024)

Шарти навбатӣ «Саволи сеҳрнок» ном дорад. Дар ин шарт вобаста ба асрҳои миёна барои ҳарду гурӯҳ саволҳои шавқовар дода мешаванд. Кадом гурӯҳ донад, аввал даст бардошта, ҷавоб медиҳад.

Муаллим саволу ҷавобро ба инобат гирифта, холҳоро ҷамъбаст менамояд.

*Саволҳои сеҳрнок:*

1. Ӯ барои ба итоати худ даровардани як қабила зӯран онҳоро ба дини насронӣ даровард. Рӯзе ӯ фармон дод, ки 4500 асирон қатл карда шаванд. Ӯ ба сардори қабила заминҳои калон инъом кард, то ки ба тарафи худ тобеъ намояд. Папа ба сари ӯ тоҷи императориро гузошт. Дигар давлатҳои Европа мехостанд бо ӯ иттифоқ бошанд. Ин инсони машҳур кист? (Ҷавоб: Карли Кабир-Бузург)

2. Ӯ ҷанговари моҳир буд. Дар ҷангҳо маҳорати нотакрори ҳарбии худро нишон дода, душманро дар ҳайрат мегузошт. Дар яке аз ҷангҳо бо фармони ӯ аз сари кӯҳ ба ритсарҳои омадаистода санг ғелонда, ҳамаи онҳоро нобуд сохт. Вай аз ҷое, ки душман номунтазир буд, якбора ҳуҷум мекард. Душманон ӯро «кӯри даҳшатнок» меномиданд. Номи ин шахс чист? [4, с. 60]

(Ҷавоб: Ян Жижка)

3. Дар натиҷаи низоъҳои князҳо қувваи сербҳо суст шуда буд. Баъзе аз князҳо ҳатто ба майдони ҷанг наомаданд. Ҷанговар Милош Обилич маргро ба назар наоварда, ба қароргоҳи Усмониҳо ҳуҷум карда, султони онҳоро бо шамшер мекушад. Баъди ин ҳодиса бесарусомонӣ дар қароргоҳ оғоз мегардад. Ин воқеаҳо кай ба амаломада шуда буд? (Ҷавоб: дар майдони Косово-1389) [5, с. 72].

Шарти навбатӣ бозӣ бо сардорони дастаҳо. Дар ин шарт ба сардорони ҳарду гурӯҳ иҷро кардани се шарт вогузошта мешавад:

Шарти якум: санҷиши хотира.

Шарти дуюм: эзоҳдиҳии расми таърихӣ.

Шарти сеюм: занҷири сухан.

Дар шарти якум ба сардорони ҳарду гурӯҳ аз тарафи муаллим ҳафт ном ва мафҳуми таърихӣ аз фанни таърихи асрҳои миёна пешниҳод мегардад. Сардори гурӯҳҳо бояд ин номҳоро дар хотири худ нигоҳ доранд ва баъди итмоми сухани муаллим онҳоро бо тартиби муаллим гуфта такрор намоянд.

Ба сардори гурӯҳи «Жакерия» чунин саволҳо дода мешаванд:

1. Шӯриш
2. Ҷон Бол
3. Вилгелм
4. Ҳокимият
5. Уот Тайлер
6. Рӯҳониён
7. Бӯҳрон

Ба сардори гурӯҳи «Уот Тайлер» чунин саволҳо дода мешаванд:

1. Жанна д, Арк
2. Парламент
3. Пуате
4. Феодалҳо
5. Новарра
6. Луара
7. Инквизитсия

Сардорҳо бояд дар бораи расми таърихие, ки ба онҳо нишон дода мешавад, маълумот диҳанд.

Дар шарти сеюм сардорони дастаҳо номҳои таърихиро номбар мекунанд. Ба чунин тарз: яке номи таърихӣ мегӯяд, дигаре бо охирон ҳарфи номи таърихӣ онро давом медиҳад. Масалан: парламент-тоифа; Азенкур-рӯҳониҳо ва ғайра.

Бозӣ ҳамин тариқ давом мекунад. Кадом сардор номҳои таърихии бисёр гӯяд, ғолибиятро ба даст меоварад.

Дарси методи фаъоли таълимро муаллим ҷамъбаст менамояд. Вай холҳоро эълон мекунад ва ба гурӯҳи ғолибомада тӯҳфа медиҳад, хонандагони фаъолро бо Ифтихорнома сарфароз мегардонад.

Дар охир вазифаи хонагӣ дода мешавад. Методи фаъоли таълими зикргардида дар ҳар моҳ дар асоси нақшаи тақвимӣ ба ҷойи дарси такрорӣ гузаронида мешавад.

**Ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявии дарс:**

1. Шавқи хонандагонро нисбати омӯхтани фанни таърих боз ҳам зиёд мекунанд.
2. Ба воситаи ин дарс ба хонандагони сустхон низ баҳо гузоштан мумкин аст, чунки онҳо бо ёрии хонандагони фаъол дар дарс иштирок мекунанд.
3. Хонандагон ба фикррронии мустақилона одат мекунанд.
4. Ба воситаи ин дарс дониши хонандагон бори дигар санҷида мешавад, дар онҳо дониш, маҳорат ва малака ташаккул меёбанд.
5. Бо воситаи ин дарс дар замири хонандагон ҳисси дӯстӣ, якдигарфаҳмиро тарбия кардан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Агибалова Е.А. История средней веков. 7 класс / Е.А. Агибалова, Г.М.Донской. -М., 1992. -С 146.
2. Аҳлиллоев Т.А. Педагогика / Т.А.Аҳлиллоев, М.С. Исматов. –Хуҷанд, 2009. -С 222-223.
3. Семёнов А. История средней веков / А.Семёнов. -М., 1976. – С. 116.
4. Семёнов А. История средней веков / А.Семёнов. -М., 1976. – С. 127.
5. Хоназаров Э. Энциклопедия 1 Том / Э.Хоназаров. –Ташкент, 1991. –С. 60.
6. Хоназаров Э. Энциклопедия 1 Том / Э. Хоназаров. –Ташкент, 1991. –С. 72.
7. Маҷаллаи “Маърифати омӯзгор”. -№10, 2017. –С. 4.
8. Маҷаллаи “Масъалаҳои маориф”. -№ 3, 2018. –С. 6.

## ДАРСИ МУОСИР ВА МЕТОДИ ГУЗАРОНИДАНИ ОН

Дар мақола дар бораи усулҳои гузаронидани дарс аз фанни таърихи асрҳои миёна дар синфи 6-ум маълумот дода шудааст. Гузаронидани дарс бо усулҳои фаъоли таълим аз маҳорату малакаи омӯзгор вобаста буда, барои баланд бардоштани дониши хонандагон фаъолнокӣ ва қобилияти фикррониии онҳо аҳамияти зиёд дорад. Қайд мегардад, ки яке аз усулҳои фаъол дар дарси таърихи асрҳои миёна, ин тақсим намудани хонандагон ба гурӯҳҳо ва гузаронидани дарс бо усули ҳозирҷавобӣ мебошад. Ин намуди дарс имкон медиҳад, ки дар он ҳамаи хонандагон иштирок намуда, сатҳи дониши худро нишон диҳанд. Ҷиҳати дигари намунавии дарс, ин тақсим намудани синф ба гурӯҳҳо мебошад, ки байни онҳо мусобиқа гузаронида шуда, хонандагон бо номҳо ва истилоҳоти нави таърихӣ вобаста ба мавзӯи дарс шинос мешаванд. Махсусан охири ҳар моҳ гузаронидани дарс фаъолияти хонандагонро афзун мегардонад.

**Калидвожаҳо**: дарси муосир, инноватсия, дарси маҳфили ҳозирҷавобон, усули фаъоли таълим, маҳорат, технологияҳои информатсионӣ, фаъолнокии хонанда, малака, гурӯҳбандӣ,ислоҳоти муосир.

## СОВРЕМЕННЫЙ УРОК И МЕТОДЫ ЕГО ПРОВЕДЕНИЯ

В данной статье приводятся методы проведения урока истории средних веков в 6-ом классе. Проведение урока с использованием активных методов обучения, направленных на повышения активности учеников и их мышления зависит от мастерства и таланта учителя. Проведение урока с использованием активных методов обучения зависит от мастерства и таланта учителя, активность ученика и его мыслительная способность являются важными факторами. Следует отметить, что одним из активных методов на уроке истории средних веков является работа в группах и урок КВН. Такой тип урока даёт возможность вовлекать в процесс урока всех учеников, активизировать их внимание и определять уровень знания по данному предмету. Следующим положительным моментом урока является групповая работа, когда применяется метод соревнования, во время которого учащиеся знакомятся с историческими названиями и событиями по изучаемой теме. Применение таких методов позволяет лучше усвоить и запомнить тему урока.

Проведение подобных уроков в конце каждого месяца повысит активность учеников.

**Ключевые слова**: современный урок, инновация, урок – КВН, активный метод обучения, мастерство преподавателя, информационные технологии, активность учащихся, навыки, работа в группах, современная реформа.

## THE METHODS OF IEADING THE IESSON IN MODERN HISTORY OF THE MIDDLE AGES

The article dills with the methods of the lesson in history of midolle ages in the 6th form. To lead the lesson using the active learning methods depends on the teacher's skills and ability , and it plays a great roie in inereasing the knouledge, activity and mental ability of the pupils. The auther notes that jne of the active ways in the lesson of history jf the midolle ages is grouping and hololing the lesson with the methool of learned students (pupils) sucly kind of lesson gives the opportunity for all the pupils to show their activity and knowledge. The other advantege of the lesson is that groups are subolevided and in a way of computation they can be introduceod with the names and new terms auording the lesson. Especially holding such lesson at the end of earch month can help to improve the pupil's activity.

**Key words**: The modern lesson, innovation, the lesson of the club jf the learneol students, the active learning methods, ability, informative techology, the pupil's activity, skill, grouping, modern reforms.

**Сведения об авторах:** ***Хамидов Абдурасул Абдукадырович*** **-** Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат исторических наук, доцент кафедры методики преподавания истории и права Телефон: **92-969-99-62;** E-mail: **abdurasul.xomidov@mail.ru**

***Махмудов Олимджон Рахматджонович*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой методики преподавания истории и права. Телефон**:** **92-766-33-27.** E-mail: makhmudov_68@bk.ru

**information about the authers:** ***Homidov Abdurasul Abdukodirovich*** – the candidate of history scinces , the senior teacher of the department the method of teaching history and law, Khujand State University named ather academical B.Gafurov. (Tajikistan-Khujand) Telephone: 92-969-99-62. E- mail: abdurasul.xomidov@mail.ru

***Mahmudov Olimjon Rahmatjonovich*** the dosent of the department of the methool of teaching history and law, Khujand State University named after academician B.Gafurov (Tajikistan,Khujand) Phone**:** **92-766-33-27** E-mail: **makhmudov_68@bk.ru**

УДК: 372.851+378 (575.3)

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ИНТЕГРАЛҲОИ МУАЙЯН

*Солиев М.Н.*
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20.03.2017) махсусан қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди илм, диққати махсус дода, ҷалби наврасону ҷавононро ба ин соҳаи муҳим аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморад.

Аз ин рӯ сохторҳои илмию таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчи бештар ҷалб намоянд. Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ва талаботи ҷомеа равона сохтани неруи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам ҷоннок намоянд».

Бо мақсади мустаҳакам намудани алоқаи илм ва истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илм ва технологияҳои инноватсионӣ дар Паём дастур дода шуда буд.

Бахри баланд бардоштани сатҳи сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорро лозим аст, ки дар дарси муосир аз методҳои анъанавӣ даст кашида, роҳу усулҳои фаъоли таълимро дарёфт намояд, яъне усулҳои фаъоли таълимро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ қарор диҳад.

Фаъолгардонии раванди таълим бо роҳи метод, усулу воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад ва ҳадафи асосӣ он аст, ки хонанда худро танҳо ҳамчун шунаванда эҳсос накунад, балки чун иштирокчии фаъоли дарс тасаввур кунад. Дар зери мафҳуми усулҳои фаъоли таълим фаъолияти омӯзгор ва хонанда фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо дониш, малакаю маҳорат, тафаккуру ҷаҳонбинии хонанда мукаммал мегарданд.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гаштан ба системаи ягонаи таҳсилот моро водор месозад, ки сари ин масъала андеша ронем.

Ҷахони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаёт ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.

Ба андешаи олимон, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба рушди хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилият, фаъолии донишҷӯён таъсири нокифоя мерасонад.

Дар ин мақола мо намунае аз чунин дарсро дар мисоли омӯзиши ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши интеграл ва тадбиқи он пешниҳод менамоем.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз бисёр роҳу усулҳои нави таълим дар соҳаи таълиму тарбия мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки салоҳиятнокӣ намуname аз онҳо мебошад.

Тадбиқи муносибати босалоҳият ба таълим нишон медиҳад, ки шавқи хонандагон ба омӯзиш бештар гардида, онҳо ҳамеша аз пайи омӯзиш шуда, мустақилона кор карданро меомӯзанд.

Албатта, ҳар як падидаи нав дар марҳилаи аввал бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Барои аз худ кардану корбаст намудани низоми таълими босалоҳият, пеш аз ҳама, зарурияти такмили ихтисос, фаъолияти бовусъати мутахассисон, нашри мақола ва дастуру роҳнамоҳо, таъмини таҷҳизоти техникӣ ба миён меояд. Имрӯз бе омӯзгори соҳибтахассус рушди бонизом ва босифати таълиму тарбияро тасаввур кардан нашояд, зеро дар маркази ислоҳоти соҳаи маориф маҳз омӯзгор қарор дорад.

Татбиқи интеграли муайянро дар ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта дида мебароем.

1. Ҳосилнокии меҳнат дар давоми рӯз тағйир меёбад. Фарз мекунем, ки $x$-давомнокии вақти рӯзи корӣ бошад, он гоҳ ҳосилнокии меҳнат $y$ –функсияи вақт мебошад, яъне $y = f(x)$

Фарз мекунем, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргарон, ки дар давоми аз $a$ то $b$ соат истеҳсол шудааст, ҳисоб карда шавад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргаронро, ки дар давоми вақти $(b-a)$ соат истеҳсол карда мешавад, ҳамчун суммаи ҳаҷми маҳсулоте, ки дар фосилаи беҳад хурди беохир, ки фосилаи $(b-a)$ –ро тақсим намудаанд, дидан мумкин аст. Ҳисоб намудан мумкин аст, ки дар ҳар як ин фосилаҳои беҳад хурди беохири $\Delta x$ функсияи $f(x)$ тағйир намеёбад ва аз ин ҷо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшударо, ҳамчун ҳосилаи ҳосилнокии меҳнати $f(x)$дар вақти $\Delta x$ шуморидан мумкин аст. Аз ин ҷо, маҳсулоте, ки дар давоми вақти $b$ истеҳсол карда шудааст, ба

$$\sum_{\substack{a \\ \Delta x\to 0}}^{b} f(x)\cdot\Delta x=\int_a^b f(x)dx \quad (1)$$ баробар мебошад.

2.Миқдори маҳсулоти ба анбор воридшуда дар воҳиди вақтро ҳамчун функсия аз вақти $x$, яъне аз ибтидои воридоти мол ба анбор ҳисобидан мумкин аст, яъне $y=f(x)$.

Чун нишондоди (1) таҳлил карда, ҳосил мекунем:

$$y=\int_a^b f(x)\,dx \qquad (2)$$

3. Агар функсияи $f(x)$-борбардории стансияи барқӣ (кВт/с) буда, $x-$ давомнокии вақти корӣ аз ибтидои шабонарӯзӣ бошад, он гоҳ хароҷоти қувваи барқро дар муддати вақти $a$ то $b$ бо ёрии формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст:

$$y=\int_a^b f(x)\,dx \qquad (3)$$

Ин формуларо ҳам чун нишондоди (1) ҳосил кардан мумкин аст.

4.Фарз мекунем, ки заводи техникаҳои хоҷагии қишлоқро истеҳсолкунанда, як намуди тракторро бо миқдори муайяни доимии N дар як сол истеҳсол менамояд ва $x$ – миқдори соле, ки ин намуд трактор истеҳсол карда мешавад. Дар лаҳзаи t-миқдори тракторҳои ҳамин гуна тамға бо ёрии формулаи зерин ёфта мешавад:

$$y=\int_0^t N dx=[Nx]\big|_0^t=Nt \qquad (4)$$

Агар ҳаҷми маҳсулот афзояд, фарз мекунем, ки аз рӯйи прогрессияи арифметики

$$f(x)=u_0+u_1x,$$

бошад, он гоҳ миқдори тракторҳои истеҳсолшуда ба

$$y=\int_0^t (u_0+u_1x)\,dx=\left[u_0x+\frac{u_1x^2}{2}\right]\Bigg|_0^t=u_0t+\frac{u_1t^2}{2} \qquad (4')$$

баробар аст.

Эзоҳ. Аз ҳалли ин ду масъала чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳолати якум миқдори тракторҳо нисбат ба вақт мутаносибан меафзояд ва дар ҳолати дуюм бошад, аз рӯйи парабола.

5. Фарз мекунем, ки даромади солона $D=f(t)$ функсияи вақт бошад. Меъёри хосси фоиз, ки бефосила пардохт карда мешавад, ба $i$ баробар аст. Ҳаҷми даромад дар $t-$ сол ҳисоб карда шавад.

Маълум аст, ки барои ҳисоб намудани ин бузургӣ, бояд порчаи вақти $t$ –ро ба $n$ порчаи баробари $\Delta t$ тақсим кунем. Дар порчаи беҳад хурди вақти $\Delta t$ даромадро тағйирнаёбанда ҳисоб менамоем ва бинобар он ба $f(t)\Delta t$ баробар мешавад. Ҳангоми бефосила пардохт намудани фоиз даромад ба

$\frac{f(t)\Delta t}{e^{it}}=f(t)\Delta(t)e^{-it}$ баробар мешавад,

Дар фосилаи вақти $[0;t]$ даромад ба

$$\lim_{\Delta t\to 0}\sum_{0}^{t} f(t)\,e^{-it}\Delta t=\int_{0}^{t} f(t)\,e^{-it}dt \qquad (5)$$

баробар мешавад.

Фарз мекунем, ки даромади солона доимӣ бошад: $f(t)=N$, он гоҳ бузургии он ба

$$D=\int_{0}^{t} N\,e^{-it}dt=N\int_{0}^{t} e^{it}dt=N\left[-\frac{1}{i}e^{-it}\right]\Bigg|_{0}^{t}=N(-\frac{1}{i}e^{-it}+\frac{1}{i}e^{0})=\frac{N}{i}(1-e^{-it}).$$

баробар мешавад.

Аз нишондодҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки интеграли муайянро дар бисёр масъалаҳои иқтисодии мазмуни иқтисодидошта татбиқ намудан мумкин аст.

**Мисоли 1**. Ҳосилнокии меҳнати рӯзонаи коргарони заводи мошинбарорӣ тақрибан бо формулаи $y=0{,}004t^2+0{,}09t+20{,}094$, ифода карда мешавад, ки дар ин ҷо $t-$ истеҳсоли маҳсулот дар як соат мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти солона ёфта шавад, агар шумораи рӯзҳои кори 240 ва давомнокии рӯзи корӣ ба 7 соат баробар бошад. Истеҳсоли маҳсулотро дар як рӯз бо саҳеҳии то воҳид ҳисоб намоед.

Ҳал. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргарон дар як рӯз (баст)-ро бо ёрии интеграли муайян меёбем:

$$v=\int_0^7(0{,}00\,4t^2+0{,}09t+20{,}094)dt=\left[\frac{0{,}004t^3}{3}+\frac{0{,}09t^2}{2}+20{,}094t\right]\Bigg|_0^7=$$

$$=\frac{0{,}004\cdot 7^3}{3}\text{дона}+\frac{0{,}09\cdot 7^2}{2}\text{дона}+20{,}09\text{дона}=$$

$$=\frac{0{,}004\cdot 343}{3}\text{дона}+\frac{0{,}09\cdot 49}{2}\text{дона}+140{,}63\text{дона}=143\text{дона}.$$

Ҳаҷми маҳсулот дар як сол 34320 донаро ташкил мекунад.

**Мисоли 2.** Лавҳаи шаклаш секунҷаи асосаш ба 6 см, баландиаш ба 4 см баробарбуда, ба об дар шакли вертикалӣ ғӯтонида шудааст.Фишори обро ба ин лавҳа ёбед, агар қуллаи он ба сатҳи об баробар бошад.

**Ҳал.** Аз рӯйи шарти масъала $a=0$ мебошад, зеро қуллаи он ба сатҳи об баробар мебошад, $b=0{,}04$ м ва асоси секунҷа 0,06 см буда, ғунҷоиши об ба $\rho=9810\text{кг/м}^3$ баробар мебошад.

Аз монандии секунҷаҳои DBF ва ABC истифода бурда (расми 1)

сатҳи об




расми1

$\frac{DF}{AC}=\frac{DK}{BE}$ ва $\frac{y}{0{,}06}=\frac{x}{0{,}04}$ -ро ... . Аз ин ҷо: $y=\frac{0{,}06}{0{,}04}x=\frac{3}{2}x.$

Тавре маълум аст, қувваи ... ҳа P аз рӯи формулаи

ҳисоб карда мешавад, дар ин ҷо -зичии моеъ, -шитоби озодафтӣ, ва -ҳудудҳои интегронӣ, -тарафҳои лавҳа мебошанд.

Қиматҳои ёфташударо ба формула гузошта, P-ро меёбем:

$P=9810\int_0^{0{,}04}\frac{3}{2}x^2dx=4905\cdot x^3|_0^{0{,}04}=0{,}31392.$

**Мисоли 3.** Самолёти реактивӣ дар муддати 20 сония суръаташро аз 240 то 720 км/соат зиёд намуд. Дар мавриди суръати зиёдшавии ҳаракат якхела будан, суръати зиёдшавӣ ва масофаро, ки самолёт парвоз намудааст, ёбед.

**Ҳал.** Аз шарти масъала маълум мегардад, ки

$$v_0 = \frac{240 \cdot 1000}{60 \cdot 60} = \frac{200}{3}\left(\frac{\text{м}}{c}\right);\ v_1 = \frac{720 \cdot 1000}{60 \cdot 60} = 200(\text{м}/c)$$

Суръати ҳаракати мунтазами вобастагии $a$ аз вақт $t$ бо ёрии формулаи зерин ифода карда мешавад: $v = at + v_0$.

Аз ин ҷо: $a = \frac{v-v_0}{t} \approx 6{,}7\left(\frac{\text{м}}{c}\right)$.

Барои ёфтани масофаи тайкардаи самолёт аз баробарии зерин истифода мебарем: $\frac{ds}{dt} = v$.

Аз ин ҷо:

$$\frac{ds}{dt} = v_0 + at, ds = (v_0 + at) \cdot dt;$$

$s = \int_{t_1}^{t_2}(v_0 + at)\,dt = (v_0 + \frac{at^2}{2})\Big|_{t_1}^{t_2} \approx 2{,}7 \cdot 10^3 = 2{,}7$ (км) –ро ҳосил менамоем.

**Мисоли 4.** Воридоти мол дар анбор бо ёрии функсияи

$v_1 = 75 - 0{,}5x + 0{,}008x^2$муайян карда мешавад, содироти он ба ташкилотҳои савдо бо ёрии функсияи $v_2 = 60 - 0{,}6x + 0{,}004x^2$муайян карда мешавад, ки $x$ -миқдори рӯзҳои кории анбор мебошад. Захираи мол дар 60 рӯзи корӣ муайян карда шавад.

Ҳал. Суръати афзоиши захираи мол дар анбор дар лаҳзаи вақти $x$:

$$v_{\text{зах}} = v_1 - v_2 = 15 + 0{,}1x + 0{,}004x^2.$$

Он гоҳ захираи молро дар 60 рӯз меёбем:

$$Q_{\text{зах}} = \int_0^{60} (15 + 0{,}1x + 0{,}004x^2)dx = \left[15x + \frac{0{,}1x^2}{2} + \frac{0{,}004x^3}{3}\right]\Bigg|_0^{60} = 1368(\text{воњ. мол}).$$

**Мисоли 5.** Заводи радиобарорӣ дар як сол 31000 радио мебарорад ва дар ҳар як соли минбаъда 500 донагӣ зиёд истеҳсол мекунад. Пардохти суммаи амортизатсия дар 10 сол муайян карда шавад, агар меъёри амортизатсия 1% аз арзиши маҳсулоти истеҳсолкардашуда бошад. Арзиши аслии як дона радио ба 50 сомонӣ баробар мебошад.

Ҳал. Аз шарти масъала чунин бармеояд, ки истеҳсоли радио бо ёрии функсияи $y = 31000 + 500x$, ки дар ин ҷо $x$ –вақт бо сол мебошад.

Он гоҳ ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулот $v$ дар 10 сол:

$$v = \int_0^{10}(31000 + 500x)dx$$

Пардохти амортизатсия баробар аст ба:

$$\int_0^{10} \frac{1\% \cdot 50}{100\%}(31000 + 500x)dx = 0{,}5\left[31000x + 500 \cdot \frac{x^2}{2}\right]\Bigg|_0^{10} = 167500(c.)$$

**Мисоли 6.** Талаботи фермаи чорводорӣ ба қувваи барқ аз соати 7-и саҳар бо функсияи $y = 300 - 7{,}7x + 0{,}6x^2$ифода меёбад, ки $x$ –миқдори соатҳо мебошад. Арзиши қувваи барқро дар як шабонарӯз, ки фермаи чорводорӣ хароҷот мекунад, ҳисоб намоед, агар арзиши 1кВт/соат ба 16 дирам баробар бошад.

Ҳал. Хароҷоти шабонарӯзии қувваи барқ дар фермаи чорводорӣ ба

$$W = \int_0^{24} ydx = \int_0^{24} (300 - 7{,}7x + 0{,}6x^2)dx = (300x - 7{,}7 \cdot \frac{x^2}{2} + 0{,}6 \cdot \frac{x^3}{3})\Bigg|_0^{24} = 7747{,}2\text{кВт/соат}$$

баробар аст.

Арзиши қувваи барқ ба: 16дирам · 7747,2кВт/соат = 1239,6сомонї баробар мешавад.

**Мисоли 7**. Хароҷотҳои тағйирёбандаи истеҳсолӣ $y$, бо ёрии формулаи $y = 2x$ муайян карда мешавад, ки $x$ –миқдори маҳсулотро ифода мекунад. Хароҷоти миёнаи истеҳсолиро ёбед, агар ҳаҷми истеҳсолот 6-10 воҳидро ташкил намояд.

Ҳал. Қимати миёнаи функсияро бо ёрии формулаи зерин муайян намудан мумкин аст:

$y_{\text{миёна}} = \frac{\int_a^b f(x)dx}{b-a} = \frac{\int_6^{10} 2xdx}{10-6} = \frac{2}{4} \cdot \frac{x^2}{2}\Big|_6^{10} = \frac{1}{2}(50 - 18) = 16$воҳид. Хароҷоти миёнаи истеҳсолӣ ба 16 воҳид баробар мешавад.

## АДАБИЁТ

1. Апанасов Н.Т. Сборник математических задач с практическим содержанием /Н.Т. Апанасов, Н. Н. Апанасов. -М.: Просвещение, 1997.
2. Раҳимов Р.М. Мисолҳои гуногуни шарҳи мазмуни иқтисодии мафҳуми ҳосила ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ / Р. М. Раҳимов, М. Н. Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2014. -№2. -С.131-136.
3. Раҳимов Р. М. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши муодилаҳои якномаълумаи хаттӣ / Р. М. Раҳимов, М. Н. Солиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. -№3/7. -С.286-291.
4. Терешин Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики / Н.А.Терешин. - М.: Просвещение, 1990.
5. Шапиро И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики / И.М. Шапиро. -М.: Просвещение, 1990. -96с.


## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ИНТЕГРАЛҲОИ МУАЙЯН


Аз сабаби аз низоми муқаррарии таълим ба низоми кредитии таълим гузаштани макотиби олӣ, мафҳумҳо ва моделҳои математикӣ дар иқтисод хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта, ки барои ҳалли онҳо интегралҳои муайян истифода бурда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки ба ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён мусоидат менамоянд. Ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён дар раванди ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши интеграли муайян нишон дода мешавад.



**Калидвожаҳо:** тарбияи иқтисодии донишҷӯён,ҷараёнҳо, ҳодисаҳои иқтисодӣ, моделҳои математикӣ, алоқамандии байни фанни математика бо фанҳои иқтисодӣ, интеграли муайян, кам кардани ҳаҷми хароҷотҳо, захираи музди меҳнат, арзиши аслӣ, ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми маҳсулот, ҳаҷми даромад, арзиши қувваи барқ.


## РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ С ЭКОНОМИЧЕСКИМ СОДЕРЖАНИЕМ В РАЗВИТИИ МАТЕМАТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ОПРЕДЕЛЕННЫХ ИНТЕГРАЛОВ


В связи с переходом от обычной системы обучения к кредитной системе в вузах, в экономике широко применяются математические модели и понятия. В данной статье изучается экономическое воспитание студентов в процессе решения математических задач с экономическим содержанием, которые приводятся с применением определенных интегралов. Иллюстрируется развитие математического мышления студентов при решение задач с экономическим содержанием на примере изучения определенных интегралов**.**



**Ключевые слова:** математическое мышление, определенные интегралы, формализация, математическая модель, экономические интерпретации, себестоимость, производительность труда, заработная плата, объём производства, объём прибыли, стоимость электроэнергии.


## DECISION OF TASKS WITH THE ECONOMIC SUBSTANCE IN THE DEVELOPMENT OF MATHEMATICAL THINKING OF STUDENTS IN STUDIFING OF THE DEFINILE INTEGRALS


In connection with the transition from the traditional system to the credit system in the higher educational institutes (HEI), mathematical methods and concepts are widely used in the economy. In this article the author considers that economic education of students in the process of decision of mathematical tasks with economic substance bring them to application of definite integrals. Illustrates development of mathematical thinking of students during decision of tasks with economic substances in example of studying definite integrals



**Key–words:** mathematical thinking, definite integrals, formalization, mathematical model, economic interpretations, price, labor productivity and wages, volume of produce, volume of profits, price of electroenerget .



**Сведения об авторе**: ***Солиев Мирзон Норович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры высшей математики. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Нахимова, 64/14. Телефон. **989.03. 48.42**

**Information about the author: Mirzon Norovich Soliev -** Tajik State Financial and Economic University, Senior Lecturer of the Department of Higher Mathematics. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan Dushanbe Nakhimov Avenue, 64/14. Phone: **989.03. 48.42**

## МУНДАРИҶА -СОДЕРЖАНИЕ

### ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


***Толстиков В.С.*** Деятельность творческой интеллигенции в советской России в 1917- начале 1920-х гг. ***5***
***Аюбов А.Р.*** Этническая основа становления топонимии Согда и Ферганы ……………………………… ***9***
***Сайфуллоев Н.Н.*** Филимонова Татьяна Германовна и основные направления её исследований археологии Таджикистана…………………………………………………………………………………... ***14***
***Инамов С.А.*** Традиции и новаторство в архитектуре Таджикистана………………………………. ***21***
***Турсунов Б.Р .*** Последние годы существования Кокандского ханства…………………………. ***24***
***Собирова К.Д.*** Изучение истории древнейших времён Памира в трудах академика Б.И Искандарова…. ***30***
***Олимов С. М.*** Афганская армия в период правления Мухаммад Дауда-хана и ее влияние на политическую ситуацию в страна 1973-1978 гг…… …………………………………………………….. ***34***
***Абдуалимов А. М.*** Саҳми донишмандони эронитабор дар ташаккули улуми исломӣ............... ***40***
***Мамадалиев И.А.*** Финансовая деятельность русской администрации в Ходженте в 1874 – 1876 годы (отношение власти и народа)………………………………………………………………………………. ***43***
***Собиров Ш.*** Гиссар в годы Великой Отечественной войны (июнь 1941 – 1945 г)……………………… ***52***
***Самадов С. Б.*** Роҳи бузурги абрешим воситаи асосии рушду такомули касбу ҳунар дар замони қадим ва асрҳои миёна................................................................................................................... ***58***
***Алишери Амирхон*** Ҷуғрофияи таърихии Хатлон дар тасвири «Таърихи Ҳумоюн»........................ ***62***
***Аюпов Т.М.*** К вопросу самоорганизации Татаро-башкирской диаспоры Республики Таджикистан……. ***66***
***Муродов С. М.*** Омӯзиши таърихи қадимаи минтақаи Кӯлоб дар солҳои соҳибистиқлолӣ........... ***70***
***Коваленко Г.В.*** “Многовекторность” во внешней политике государств Центральной Азии……………. ***75***
*Салимов Ф.Н.* Масоили муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………….. ***79***
***Ализода Б. П.*** Таҳаввули ташаккули низоми идоракунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ………………………………………………………………… ***84***
***Мирзоева Ф.Б., Мирзоев Н.М., Шарипов А.Н.*** Геополитическое соперничество держав в Центральной Азии……………………………………………………………………………………………………. ***89***
***Файзов Н.Н.*** Аз таърихи ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон дар соҳаи адабиёт ва фарҳанг дар замони шӯравӣ.................................................................................................................................... ***94***
***Холов Х.Х., Наимов И.Н.*** Доктрина внешней политики Ирана: основные векторы, принципы и приоритеты……………………………………………………………………………………………… ***99***
***Абдуллоев Ҷамшед*** Назаре ба таърихи шаклгирӣ ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони истиқлолият.................................................... ***105***
***Мирзоев Ҷ.А.*** Инъикоси ҷанги шаҳрвандии тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ…………………………………………………………………………………………… ***111***
***Фармонова Д.Ж.*** Объявление государственного суверенитета Республики Таджикистан и его историческое значение………………………………………………………………………………………. ***119***
**Зокиров Иброҳим** Равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин…………… ***124***
***Иброҳимзода Фарзонаи Иброҳим*** Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия……………………………………………………………………………………………………….. ***129***
***Суфиев С.Н.*** Робитаҳои Фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар даврони истиқлолият………………………………………………………………………………………………. ***132***
***Меъроҷиддини Насридин*** Ҳамкории ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия дар доираи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ.................................................................................. ***136***
***Холов Ш.И.*** Нақши донишкадаи кӯҳӣ-металлургии тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони соҳаи коркарди металлҳои кӯҳӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ.................................... ***140***
***Рахматова З.Ю.*** Российско-Таджикский (Славянский) университет - образовательный проект Таджикистана и России………………………………………………………………………………… ***143***
***Абдуллоев Ҷ.Ф.*** Нақши шароити ҷуғрофию табиӣ дар рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар Тоҷикистон……………………………………………………………………………………………….. ***146***


### Ф А Л С А Ф А – Ф И Л О С О Ф И Я


***Расулҷон Солиҷонов*** Таҳаввулоти методологияи таълими фалсафа дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон......................................................................................................................................... ***150***
***Морозова И. Н.*** Проблема идеала в российском социогуманитарном познании: контексты актуальной аналитики………………………………………………………………………………………………. ***155***
***Умедов М.Ҳ.*** Афкори иҷтимоии фаридуддини аттор……………………………………………… ***159***
***Шарипов А.М.*** Таълимоти сиёсию иҷтимоии низомулмулк дар асари ӯ “Сиёсатнома”………… ***164***
***Пиров А.К.*** Ҷойгоҳ ва нақши анъана дар ташаккули ҳувият……………………………………… ***167***
***Маҳмадиев Н. Д.*** Мубориза бо камбизоатӣ ҳамчун омили муҳимми пешгирии экстремизм ва терроризм…………………………………………………………………………………………………… ***172***
***Шомуқим Саидиброимов*** Муносибати дин ва дунё дар таълимоти Носири Хусрав................ ***176***
***Ашурзода Наврӯза*** Инсони комил дар таълимоти фалсафии Абдураҳмони Ҷомӣ …………….. ***180***
***Шахнозаи Саъди Табари*** Событийная структура субъективной картины жизненного пути личности…. ***184***

## ПЕДАГОГИКА


*Богдан С. В.* Структурно-функциональная характеристика социокультурного капитала личности……… **188**
***Каримзода М.Б.*** Нравственно - этическое наследие великих таджикских мыслителей - духовная доктрина национального воспитания и обучения молодого поколения...................................................... **192**
***Пирожкова М. А.*** Формирование речевой компетентности юношества как условие социализации…….. **197**
***Гадоев К.Х., Аҳлиддини А.*** Кори мустақилона – воситаи муҳимми ташаккули ҳамаҷонибаи донишҷӮён (дар мисоли омӯзиши забони англисӣ) ............................................................................ **201**
***Минаева Н., Хусайнов С.*** Толерантность с точки зрения Мавлана……………………………………… **208**
***Ситамова Меҳрангез*** Татбиқи принсипҳои дидактикӣ дар машғулиятҳо аз фанни забони хориҷӣ **216**
***Самариддинова З.Н.*** Совершенствование учебно-исследовательской деятельности студентов при применении дидактической модели программирования………………………………………………… **221**
***Аликулова С.Т.*** Признаки подросткового возраста и особенности психологического климата в семье…. **225**
***Каюмова Х.Т.*** Традиции таджикского народа в современной педагогике………………………………… **230**
***Ашурова Ш.К.*** Использование художественных и учебных текстов в процессе практического освоения русского языка…………………………………………………………………………………………… **233**
***Азизов А.А., Алиева М.Н.*** Формирование и развитие творческих способностейй у младших школьников……………………………………………………………………………………………… **236**
***Абдулманонзода Муҳаммадсиддиқ*** Тарбияи гуманистӣ дар “Бӯстон”-и Саъдӣ......................... **240**
***Иқболова Зарангез*** Ҳадафҳои таълими забони англисӣ дар замони муосир...................... **247**
***Идрис Окилов*** Значение формирования нравственно - правовой культуры студентов в условиях профессионально-образовательного пространства современного колледжа……………………………… **252**
***Ёфтаков Х.Ф.*** Сущность понятия «профессиональной компетентности» в педагогике………………… **256**
***Бободжонов М.Ш.*** Периодизация и классификация таджикских национальных средств физического воспитания……………………………………………………………………………………………… **260**
***Ҷалолова Г.*** Одоби муоширата дар ҳаёти хурдтаракон……………………………………………… **265**
***Саидзода Бибишамсия Саид*** Истифодаи маводи кишваршиносии маҳаллӣ ҳамчун воситаҳои муҳимми тарбияи ахлоқии наврасон…………………………………………………………………… **270**
***Ёрматов А. Ҷ.*** Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва ахли ҷомеа дар тарбияи хештаншиносии хонандагон……………………………………………………………………………………………….. **274**
***Исматдинов А., Азизов А.А.*** Экологическое образование студентов специальности «Технология»…… **280**
***Давлатшоева Азиза*** Языковое образование курсантов (слушателей) академии МВД Республики Таджикистан в современных условиях……………………………………………………………………….. **285**
***Давлатзода С., Баротов К.А.*** Ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи низоми кредитии таҳсилот…………………………………………………………………………………………… **288**
***Сидикова П.И.*** Конструирование модели сотрудничества учителя с учениками и учеников друг с другом в процессе учебно-познавательной деятельности…………………………………………………… **294**
***Ҳомидов Абдурасул, Маҳмудов Олимҷон*** Дарси муосир ва методи гузаронидани он **297**
***Солиев М.Н.*** Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши интегралҳои муайян.......................................................................... **303**

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 1.**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,03 усл. п.л. 33,03.
Подписано в печать 31.01.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.